Султони ҲАМАД

# ДАР СӮҲБАТИ СОҲИБДИЛОН











**Султони Ҳамад**

# ДАР СӮҲБАТИ СОҲИБДИЛОН

Душанбе - 2007

ББК 83.3 (2 тоҷик) + 66.3 (2 тоҷик) 6 + 7403
Ҳ - 31

**Муҳаррири масъул**
**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент М. Муродов.**

**Султони Ҳамад. Дар сӯҳбати соҳибдилон.** Душанбе, «Деваштич», 2007. 292 саҳ.

Китоб аз сӯи барномаи «Воситаҳои ахбори омма»-и Шӯъбаи тоҷикистонии Институти «Ҷомеъаи кушода»- Бунёди Мадад ба чоп омода ва маблағгузорӣ шудааст.

Нуқтаи назари муаллифи китоб оиди масоили дар он матраҳгардида метавонад ба мавқеъи Шӯъбаи тоҷикистонии Институти «Ҷомеъаи кушода»- Бунёди Мадад мувофиқ набошад.

ISBN 978-99947-36-55-3

© Султони Ҳамад
©-OSI-Tajikistan

# БА ҶОИ САРСУХАН

Дар журналистикаи замони нав жанри мусоҳиба ба жанри рақами як табдил ёфт. Вай дар ҳамаи мавзӯъҳо навишта шуда, чунон умумияте касб кард, ки гоҳе ҷои мақола ё тақриз ва гоҳе ҳам ҷои очеркро мегирад. Ба назари журналистон менамояд, ки аз номи шахси якум нақл кардан фақат хоси мусоҳиба ҳаст, зеро иштирокчӣ, шоҳид маҳз ҳамин ноқил буда метавонад. Маҳз ҳамин ҳамсӯҳбат (респондент) гапи ҳақро гуфта ва фаҳмонда метавонад. Албатта дар бисёр ҳолатҳо ин ақида дуруст аст. Аммо мешавад, ки ҳамин шахси шоҳид бештар дурӯғ гӯяд, воқеъаро нодуруст маънидод кунад, интерпретатсияаш боғараз бошад. Барои он, ки чунин ҳолат ба амал наояд, аввалин талабот ба журналисти мусоҳибанавис ин аст, ки ӯ бояд мавзӯъро нағз донад ва ҳамсӯҳбаташро нағз шиносад ва ба ӯ чунон саволҳое дода тавонад, ки барои ёфтани ҳақиқат ёрӣ расонад. Маҷмӯъа далолат медиҳад, ки Султони Ҳамад аз чунин хабарнигорон аст, худашро эҳтиром мекунад. Маҳз худро эҳтиром кардан ба нигоранда имконият медиҳад, ки мавзӯъ дошта бошад ва ин мавзӯъро мусалсал дунболагирӣ кунад, худаш фаҳмад ва ба дигарон низ ҳақиқатро фаҳмонда тавонад. Дар ин мавзӯъ ва маврид баҳс нест.

Чизи дигар дар журналистикаи имрӯза он аст, ки ҷавонҳо гумон мекунанд осонтарин жанр мусоҳиба

ҳаст, ҳарчӣ хостӣ мепурсӣ ва ҳарчӣ гуфтанд менависӣ. Ҳамин фаҳмиши ғалат шогирдонро ва ба василаи онҳо воситаи ахборро ба роҳи нодуруст мебарад. Мусоҳибаҳое пайдо мешаванд, ки аз саволҳои дар онҳо гузошташуда шарми кас меояд, зеро равшан шуда меистад, ки журналист аз ҳунари нависандагӣ дур аст ва дар натиҷа ба чунин саволҳо посуххое дода мешаванд, ки ҳеҷ чизе аз онҳо бардошт карда наметавонӣ. Хушбахтона, мусоҳибаҳои Султони Ҳамад аз ин лиҳоз нестанд, балки онҳо мактабанд барои ашхоси ин ҳунарро омӯзанда. Мактабанд гуфтан соҳибмактабии журналистии муаллифро намегӯяд, не ӯ низ ҳанӯз дар ҷустуҷӯй ва роҳёбӣ аст, аммо аз ин пӯиданҳо омӯхтан ва чизи лозима барои худ ёфтан мумкин аст. Намунаҳои ин мусоҳибаҳоро чун мисол дар дарс кор гирифтан имконпазир аст.

Муаллиф маҷмӯаашро ба ду қисмат тақсим кардааст:

1.Мавзӯъҳои сиёсӣ.

2.Фарҳанг, ҳунар ва адабиёт.

Дар мавзӯи аввал 15 мусоҳиба ва дар мавзӯи дуввум 9 мусоҳиба шомил шудааст. Ҳамсӯҳбатони муаллиф дар қисми аввал аксаран шахсиятҳои ба хонандаи тоҷик шиносанд, гарчӣ дар байни онҳо ашхоси ноошнотар низ ҳастанд. Мусоҳибони қисми дуввум аксаран барои хонандаи тоҷик шинос нестанд, гарчи дар ин қисмат шахсиятҳои номи ҷаҳони дошта ҳам шомил шудаанд. Қисмати аввал асосан дар бораи раванди сулҳи тоҷикон аст ва дар он ба иштирокчиёни бевоситаи ин воқеаҳо мусоҳиб шудааст. Аз ҷумла мусоҳибаҳо бо Б. Раббонӣ, С. Нурӣ, А. Азимов, И. Усмонов. З. Икромов, М. Ҳаит, Рашид Ғ. Абдулло, М. Кабирӣ, М. Қонунӣ, Д. Усмон ниҳоят ҷиддӣ ва самимӣ навишта шудаанд. Саволҳои тарҳшуда ва ҷавобҳо ба

онҳо мӯҳтавои мавзӯъро пурра ошкор мекунанд. Проблемаҳо бепардапӯшӣ ва ҷиддӣ баён мешаванд. Матолиби ин қисм аҳамияти муҳими таърихӣ дорад. Муҳим он аст, ки Султони Ҳамад дониста, бетарафона сӯҳбат мекунад ва ҳамсӯҳбатонаш сарфи назар аз он ки ба кадом сангар тааллуқ доштанд, рост мегӯянд. Мусоҳибаҳо гӯё идомаи ҳамдигаранд, онҳо якдигарро пурра мекунанд ва аз он дида мешавад, ки ихтилофи мавзӯъ ва ҳақоиқ нест.

Дар ин қисмат гарчи перомуни сулҳи тоҷикон аст, дар иртибот ба он мавзӯъҳои дигари заминӣ, аз ҷумла вазъи воситаҳои ахбори омма ( дар мусоҳибаҳои О. Панфилов ва И. Усмонов), терроризм (мусоҳибаи М. Кабирӣ), рисолати зиёиён (мусоҳибаи С. Нурӣ), фоҳишагарӣ низ баён шуда, як қисми муайяни матолиб аз муборизоту ҷанг дар Афғонистон, дар навбати аввал аз ҳаёти Аҳмадшоҳи Масъуд аст.

Маҷмӯа ба ман маъқул шуд ва ба чоп тавсия медиҳам, зеро:

1. Тарзи интихоби мавзӯъ, суолгузорӣ ва услуби баён омӯзанда аст.
2. Муаллифи китоб роҳ ва равиши ба худ хосе дорад.
3. Барои мусоҳиба одамонеро интихоб кардааст, ки гапи гуфтанӣ доранд.
4. Саволгузорӣ ва сохти мусоҳибаҳо ҷолибанд. Аксарияти саволҳо ҷиддӣ ва ҷавоби воқеъӣ мехоҳанд, мусоҳибро ба сухан мекашанд. Унвонҳо аз моҳияти аслии мавзӯъ бармеоянд.
5. Иддае аз мусоҳибаҳо иштироки фаъоли мусоҳибро чун оғозкунандаи мавзӯъ, шореҳи мавзӯъ ва муаррификунандаи мавзӯъ ва мусоҳиб таборуз мекунанд.
6. Муаллиф мавзӯяшро нағз омӯхта, сипас қалам

мегирад.

7. Мавзӯъҳо имрӯз ҳам актуалианд.

8. Журналист самимӣ ва беғараз аст. Ӯ тоҷик аст ва аз манфиати тоҷик ҳарф мезанад ва дӯсту душман намесозад.

9. Журналист хонандаро ба худ бовар кунонда метавонад.

10. Аз ин китоб сабақ гирифтан мумкин аст.

**И.К. УСМОНОВ,**
**профессор**

# 1. МАВЗӮЪҲОИ СИЁСӢ

# ИБРОҲИМ УСМОНОВ:
## *«ЯК ТАРАФ СОҲИБИ СУЛҲ ШУДА НАМЕТАВОНАД»*

---

**Усмонов Иброҳим Кенҷаевич 10 сентябри соли 1948 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст.**

**Соли 1971 шӯъбаи журналистикаи Донишгоҳи Давлати Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм карда, соли 1976 аспирантураи факултети журналистикаи Донишгоҳи Давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносовро пеш аз мӯҳлат ба анҷом расонида дар ҳамон ҷо дар мавзӯи «Таърихи ташаккули матбуоти тоҷик» (1917 – 1929) рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Соли 1990 дар мавзӯи матбуоти Тоҷикистон ва Афғонистон рисолаи докторӣ дифоъ кард. Соли 1991 профессор ва соли 1998 Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон шуд.**

**Солҳои 1976 – 1981 муаллим, дотсенти Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ва дар як вақт мухбири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ»; солҳои 1981 – 1984 – мушовири Раиси факултети улуми иҷтимоии Донишгоҳи Кобули Афғонистон; солҳои 1984 – 1988 дотсенти Универиситети Давлатии Тоҷикистон; 1988 – 1992 декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон; 1992 – ташкилотчӣ ва мудири кофедраи таърих ва назарияи журналистикаи ДДТ; 1992 – 1993 ташкилотчӣ ва аввалин декани факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи Давлати Тоҷикистон; 1993 – 1994 – ҷонишини аввали Раиси кумитаи давлатии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 1994 – Раиси Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон; 1995 – Мушовири давлатии Президенти**

**Тоҷикистон оид ба илм ва иҷтимоёт ва аз соли 1995 Раиси Кумитаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналхалқӣ, муносибати байни миллатҳо ва фарҳанг; 1997 – 2000 Раиси зеркомиссияи сиёсии Комиссияи Оштии Миллӣ; аз соли 2000 то соли 2002 Раиси кумитаи намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналхалқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, аз соли 2002 то соли 2004 мушовири Президенти кишвар, аз аввали соли 2004 муовини аввали вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Барои хизматҳояш дар роҳи сулҳ И. Усмонов соли 1998 бо медал ва соли 1999 бо ордени «Дӯстӣ» мукофотонида шудааст.**

**-Мӯҳтарам ҷаноби Иброҳим Кенҷаевич, дар байни намояндагони ҳайатҳои музокиракунандаи гуфтушуниди сулҳи байни тоҷикон, ки беш аз се сол идома дошт, метавон гуфт Шумо ягона шахсе буд, ки қариб дар ҳама давраҳо ба ҳайси муовини раиси ҳайати ҳукуматӣ ва ҳам раиси гурӯҳи корӣ фаъолият кардед. Шуморо дар расонаҳои хабарии ҳамон вақт ҳамчун идеологи ҳукумат ном мебурданд. То кадом андоза Шумо ба ин идаъо розӣ ҳастед?**

-Агар гӯям, ки идеологи вақти Тоҷикистон ман будам, ин ғалат мешавад. Ва агар гӯям, ки ман ба идеологияи Тоҷикистони он замон сару кор надоштам низ, ғалат мешавад. Мавқеи маро аз байни ҳамин ду чиз суроғ кардан даркор аст. Албатта ман аз он ифтихор мекунам, ки барои ташаккули равияи сиёсии ҳукумати навбунёди Тоҷикистон дар авоили солҳои навад, яъне дар солҳои 93-94 ба сифати муовини аввал ва баъдтар раиси кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон саҳм гирифтам. Албатта душвор буд дар он замон кор кардан. Душвор на барои он, ки кор душвор буд, балки барои он ки худи журналистони тоҷик, аз ҷумла, журналистони радио ва телевизиони Тоҷикистон ба гурӯҳҳо тақсим шуда буданд.

Онҳое, ки нерӯи пуркувваттари эҷодӣ доштанд, дар муқобили ҳукумат қарор гирифта буданд. Ба ман лозим меомад, ки як гурӯҳи онҳоро бовар кунонам, ки бо ин ҳукумат ҳамкорӣ кардан даркор аст. Сарфи назар аз он, ки онҳо журналистони радио ва телевизион буданд ё журналистони матбуот. Ба ман лозим меомад, ки дар байни ҷавононе, ки нав ба кор омадаанд, аз байни онҳо бачагонро тарбия кунам, ба самти ҳукумат савқ диҳам. Ба ман лозим меомад, ки як гурӯҳи зиёиёнро, ки Душанберо тарк кардан мехостанд, бовар кунонам, ки дар Душанбе истодан беҳтар аст. Ва ман як ифтихор аз он доштам, ки барои ман на дар он вақт ва на дар ин рӯз зиёии маҳал вуҷуд надошт. Зеро тамоми Тоҷикистон ин маҳалли ман аст. Ҷое, ки ман чашм кушодаму зиндагиро ёфтам, ин Душанбе аст. Сарфи назар аз зодгоҳам ман душанбегӣ ҳастам. Ва ҳар касе, ки дар муҳити Душанбе буд, барои ман онҳо душанбегӣ буданд ва душанбегӣ ҳастанд. Ва ман талош кардам, ки зиёиён пойтахтро тарк накунанд, камтар раванд ва ин ҳам ҷузъи идеология буд. Ман дар матбуот мавқеи ҳукуматро ҳимоя кардам ва ҳимоя мекунам ва ман ин чизро ба ҳайси фаҳми сиёсии худ эҳсос мекунам. Вале ман касеро умуман наҳ назадам, касеро сиёҳ накардам. Ба он маъно, ки барои ман ҳар касе, ки барои Тоҷикистон мубориза бурдан мехоҳад, барои сулҳи Тоҷикистон мубориза бурдан мехоҳад, ба як сатҳ буд. Намедонам Шумо ёд доред, ё не, дар он солҳое, ки замони Шӯравӣ буд, қувваҳои демократӣ нав ба вуҷуд омада буданд, ман бо онҳо ҳамкории баҳси сиёсӣ доштам. Масалан, дар радиои Тоҷикистон ва рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», аз ҷумла баҳси ман ба ҳайси намояндаи ҳизби коммунист бо мӯҳтарам Раҳими Мусулмониён ба ҳайси намояндаи ҳизби демократи вақт аз мавқеҳои гуногун пахш шуд. Ҳатто дар он, вақте ки Майдони Шаҳидон майдони бисёр пурқудрат буд, ман мавқеи худро нисбат ба майдонишиниҳо аз нуқтаи назари ҳукуматӣ баён мекардам. Шояд ҳамин чизҳо буд, ки мардум ба он

андеша бошанд, ки идеологи муайянкунандаи ҳукумат ҳамин одам бошад. Ман дар воқеъ, дар канори ҳукумати Раҳмонов будам. Ҳамроҳи Раҳмонов дар масъалаҳое, ки ба сулҳи Тоҷикистон, ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон робита доштанд, сӯҳбатҳо доштам. Кадоми инҳоро он кас қабул карданд ё истифода бурданд, ин чизи дигар аст. Лекин дар ин мавзӯъҳо албатта ман сӯҳбатҳо доштам. Агар калимаи идеологро касе ба маънои манфӣ истифода карда бошад, дар ҳамин ҳолат ҳам, ман дар идеология шарик ҳастам, агар ин ба маънои мусбат ҳам бошад, ман дар ин идеология шарик ҳастам, чунки ҷузъи зиндагии ман буд. Ман аслан таҳсилам соҳаи идеологӣ ҳаст, ман журналист аз рӯи ихтисос, журналист аз рӯи тадқиқ, журналист аз рӯи фаъолият ҳастам. Ин кори ман ҳаст. Дар ҳар ҳол, агар ба нафақа ҳам, ки бароям, боз ба кори идеологӣ вазифадор ҳастам, ки машғул шавам, агар аз муҳити иҷтимоъ дур рафтан нахоҳам. Як чиз, бояд гӯем, ки идеолог будан ҳеҷ вақт барои одам хубӣ намеорад. Дар тамоми Дуне, вақте ки қуввае ғолиб меояд, идеологи худашро қувваи ғолибомада фаромӯш мекунад. Вақте ки қувва мағлуб мешавад, пеш аз ҳама идеологашро танқид мекунад. Мисол барои шумо оварданам мумкин, худатон низ ин мисолҳоро медонед. Ба замони Шӯравӣ нигоҳ кунед, ба Аврупо нигоҳ кунед, ба Фаронсаву Олмон нигоҳ кунед, ба Амрико нигоҳ кунед. Ҳамеша аз онҳое ёд мекунанд, ки ба масъалаи идеология сару кор доранд. Чаро? Зеро истеҳсолот худ ба худ, бо роҳи худ меравад, чунки мардум хӯрдан ва пӯшиданашон даркор аст. Идеологияро ба кор андохтан даркор аст, онро истифода бурдан даркор аст. Пурқудраттарин ва зӯртарин аз ҷиҳати моддӣ ҳукумат бо идеологияи суст ин ночиз мешавад. Барои ҳамин дар инҷо хизмат кардан душвор аст, лекин пуршараф аст.

**-Мӯҳтарам ҷаноби Иброҳим Кенҷаевич, мехостам нуқтаи назари Шуморо дар бораи он ки чаро баъди анҷоми сессияи 16-уми Маҷлиси Олии кишвар, ки дар охири соли 1992 дар Хуҷанд баргузор гардид ва ба истилоҳ ҳукуматӣ**

**конститутсиониро рӯи кор овард, сулҳу оромиш дар мамлакат барқарор нашуд?**

-Аз саволи шумо бармеояд, ки шумо ба он фикр ҳастед, ки иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ сулҳу оромишро дар мамлакат барқарор карда натавонист. Биёед, ба зиндагии одам, ба бадани одам нигоҳ кунем. Вақте ки ҷароҳат пайдо шуд, он бастан баробар сиҳат намешавад. Ба вай вақт лозим аст. Ва иҷлосияи 16-ум эълон кард, ки дар Тоҷикистон сулҳ ба вуҷуд овардан даркор ҳаст. Мо барои сулҳ мубориза мебарем. Худи ҳамон изҳороте, ки 24-уми ноябр қабул шуд дар бораи авфи он нерӯҳое, ки дар муқовимати сиёсӣ иштирок карданд, ин хости иҷлосияи 16-ум аз сулҳ буд. Вале хостан дигару ҳақиқат дигар аст. Ҳанӯз онҳоеро, ки дар даст силоҳ доштанд, наметавонистем боз дорем, на онҳоеро, ки аз тарафи ҳукумат буданд, на онҳоеро, ки ба муқобили ҳукумат буданд. Ҳанӯз фурсате даркор буд, ки ин гармӣ ҳал шавад. Ҳанӯз дар байни онҳое, ки дар иҷлосия барои сулҳ овоз доданд, сарфи назар аз тарафе, ки онҳо намояндагӣ мекарданд, итминон барои сулҳ набуд дар худи онҳо. Онҳо як қисм маҷбур шуда овоз доданд. Онҳо кам-кам худашонро итминон доданашон даркор буд. Аз тарафи дастаҳои мусаллаҳе, ки дар тарафи ҳукумат буданд, сару садоҳое баланд шуд, ки не ҳанӯз сулҳ намешавад. Бо инҳо сулҳ карда намешавад. Ҳамаи ин эҳсосҳоро, ҳамаи ин суханҳоро фурӯ нишондан даркор буд. Барои ин вақт ба кор мерафт. Худи раҳбарият худашро бовар кунондан даркор буд. Ман мехоҳам таъкидан гӯям, ки хизмати бузургтарини Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар таърихи Тоҷикистон ин сулҳе, ки ин кас ба Тоҷикистон оварданд, ҳаст. Ҳар кори дигаре ҳам, ки анҷом диҳад, аз ин муқаддамтар шуда наметавонад. Лекин як чизи дигарро гӯям, ман аз он андеша дурам, ки танҳо Эмомалӣ Раҳмонов ин сулҳро ба вуҷуд оварданд. Онҳо дар канори худ аз ҷониби ҳукумат одамоне ҳам доштанд, ки дар ин кор ба он кас ёрӣ мерасонданд. Аз тарафи дигар як тараф

фақат зӯр буданаш мумкин, як тараф фақат мағлуб буданаш мумкин. Як тараф соҳиби сулҳ шуда наметавонад, тарафи дигар даркор ҳаст. Тарафи дигар дар шахси нерӯҳои оппозитсиони собиқи Тоҷикистон бо роҳбарии ҷаноби Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин тарафи дигаре, ки ҳамин сулҳро мустаҳкам карданд. Ба дасти дароз кардаи раҳбари Тоҷикистон дасти дигар дароз шуд. Ин дастро гирифт. Гуфт, ки ҳамин дасти сулҳ барои мо даркор ҳаст. Ин дасти ҷаноби Нурӣ буд. Ба ҳамин ду даст сулҳ ба вуҷуд омад. Устувории ин сулҳ дар он аст, ки онро ду тараф хостанд. Лекин як ҷиҳатро ҳатман ману шумо бояд дар назар дошта бошем. Дар Ватан аз он вобаста буд, ки ҳукумат ба ҳамон нерӯҳои дар берун буда рухсат медиҳад, ки бо роҳи оддӣ боз гарданд, ё бо ҷанг онҳо омаданашон  даркор буд. Ин аз ақлу фаросати раҳбари ҳамин ҳукумат вобастагӣ дошт. Эмомалӣ Шарифович дарк карданд, ки ин мардумро бо роҳи сулҳ боз гардондан даркор аст. Дар ҳамин аст он саҳме, ки дар ин ҷо гузоштанд. Барои он ки ҳамин сулҳ шавад, зарур буд, ки Эмомалӣ Раҳмонов ва ҳукумати ин кас он нерӯҳои мусаллаҳе, ки ҳамроҳашон ҷанг карданд, онҳоро мутмаин кунанд ба ин кор. Гӯянд, ки ин даркор аст, бе ин намешавад. Ана ҳамин фурсате буд, ки барои пурра расидани сулҳ вақтро тӯл дод, ҷангро давом дод. Албатта, як чизро бояд гӯем, ки ҳеҷ давлат яку якбора сулҳ накардааст. Албатта, мумкин ҳамин сулҳи мо  ду-се моҳ пештар, ягон сол пештар ҳам шуданаш мумкин буд, агар тарафҳои ҷангкунандаро тезтар мутмаин карда метавонистем, тезтар бовар кунондан метавонистем. Агар аввалин гурезаҳои бозгашта аз омаданашон розӣ мешуданд, лекин дар мо душвориҳо дар ин соҳа буд. Мо наметавонем аз ин сарфи назар кунем, аз ин чашм пӯшем. Вале инро оҳиста-оҳиста пеши роҳашро гирифтан даркор буд. Шумо бинед, ки фурӯ нишондани низоъҳо ё муқовиматҳои одамҳои мусаллаҳ то имрӯз ҳам давом дорад. Гарчи мо сулҳро хеле вақт пеш аз ин дидем ва

воқеаҳои ахир нишон медиҳад, ки чӣ кори душворе буд марҳилаи сулҳро то ба ин ҷо овардан. Одаме, ки одат кардааст, ки рӯзгори худро ба воситаи як калашников хӯронаду пӯшонад, онро одат кунондан, ки ба воситаи меҳнат ҳамин корро кун, чандон кори осон нест. Ва раванди тӯлкашии ҳамин сулҳи мо ҳам  аз ҳамин чиз вобастагӣ дорад.

**-Шахсан Шумо, мӯҳтарам ҷаноби Иброҳим Усмонов дар кадом марҳилаи муқовимати сиёсиву низомии тарафҳои даргир дарк намудед, ки қазияи тоҷикон танҳо бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасли худро пайдо хоҳад кард?**

-Ман рости гап, ба ин чиз итминони пештар доштам, вагарна ба музокирот шарик намешудам. Гарчи ман ба сиёсати амалӣ аз солҳои 89-90 пардохтам, лекин ба назарияи сиёсат барвақттар сару кор доштам, инро таълим ҳам медиҳам. Ман ба он боварам, ки агар одам худаш нахоҳад, ҳеҷ чиз намешавад. Ва вақте ки дар бораи музокироти сулҳи тоҷикон сухан рафт, гуфтам, ки агар ду тарафи тоҷик хоҳад ҳамин чизро, сулҳ мешавад. Агар нахоҳад, аз сарамон тилло ҳам резанд, ин сулҳ намешавад. Ман ба ин мутмаин будам ва барои ҳамин ба раванди музокирот ҳамроҳ шудам. Кай дар раванди музокирот эҳсос шуд, ки ҳа, ҳамин ҳақиқат аст. Ин ҳақиқат буданаш вақте ки дар Теҳрон Созишномаи оташбаси муваққатӣ ба имзо расид. Аввал ин, ки Созишнома дар давраи дуюм тайёр шуд, лекин имзо нашуд. Баъд моҳи сентябри 1994 вақте Созишнома ба имзо расид, ман боварӣ ҳосил кардам, ки ҳа, акнун имконияте ба вуҷуд омаданаш мумкин, ки мо якдигарро ором кунем. Лекин, албатта, ман фаромӯш намекунам, ки агар қувваи беруна ҳам намебуд, сулҳи мо бисёр кашол меёфт, чунки амбитсияҳо, худхоҳиҳои мо кам набуданд. Онҳоро фурӯ нишон додан даркор буд. Аз якдигар бадӣ диданҳои мо кам набуданд. Онҳоро фаромӯш кунондан даркор буд. Албатта чизи бад фаромӯш намешавад. Лекин ба хотири оянда, ба хотири насли оянда онҳоро аз хотирҳо дур андохтан даркор буд.

Дар ин чиз ба мо ёрии беруна даркор буд. Ҳамин ёрӣ, хушбахтона, аз ҷониби Созмони Миллалӣ Муттаҳид, андаке бошад ҳам, аз ҷониби Созмони Амнияту Ҳамкории Урупо, аз ҷониби Россия ва Эрон ба мо расид. Инро мо набояд фаромӯш кунем.

**-Чаро тоҷикон натавонистанд, ки барвақттар аз 5-апрели соли 1994 ба сари мизи музокирот бишинанд? Кадом омилҳо ба онҳо халал мерасонд?**

-Пеш аз ҳама худро мӯътақид кардан даркор буд. Ман барои дарки ҳамин чиз як мисол барои Шумо мегӯям. Аввали соли 1993 вақте ки ман ҷонишини якуми Раиси кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон будам, тасмим гирифтам, ки як барномае дар радиои Тоҷикистон барои гурезагони Тоҷикистон ташкил кунам. Баъдтар ин барнома бо номи «Хоки Ватан» машҳур шуд. Ва аз ин «Хоки Ватан» на танҳо мухолифони собиқ норозӣ буданд, балки сарбозони ҳукуматӣ ҳам норозӣ буданд. Онҳо мегуфтанд, ки хуб, мана панҷ миллион эрониҳо дар хориҷи мамлакат гаштаанд, ними Афғонистон дар хориҷи мамлакат гаштааст, ҳеҷ кас вайро ба Ватан боз гард намегӯяд, зарур аст, ки барои чанд нафаре, ки аз Тоҷикистон берун шудаанд, мо онҳоро ба Ватан боз гард гӯем. Ин хел андешаҳо пайдо шуд. Ман бо раиси Шӯрои Олии вақт ҷаноби Раҳмонов қазияро ба миён гузоштам. Онҳо гуфтанд, ки хайр, шумо чӣ мехоҳед? Ман гуфтам, ки як барномае карданамон даркор, ки ҳамон мардум ба Ватан боз гарданд. Эмомалӣ Раҳмонов гуфтанд, ки ман ба ин фикр розӣ ҳастам, аз ман чӣ даркор? Ман гуфтам, ки шумо як мурожиате ба ҳамин мардум мекардед, ки боз гарданд. Онҳо ҳамин гуна мурожиат карданд. Онҳо як сухане бисёр хубе дар ҳамин мурожиат доштанд. Гуфтанд: «Шумо ҳамватанони азиз, боз гардед. Хонаву ҷойи шумо агар ба шумо насиб накунад, ба каси дигар насиб намекунад. Ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, вале як бурда ноне, ки дорем, ба ҳам мебинем». Ин мурожиати сардори давлати Тоҷикистон ба мардуми

муҳоҷир буд. Мо хато накарда будем. Одамон гурӯҳ-гурӯҳ, даҳ-даҳ, сад-сад ба Ватан бармегаштанд. Аз ноҳияҳои Қумсангир, Панҷ, Шаҳритӯс ба Душанбе омадан осон набуд. Вале одамон меомаданд ва аз тариқи радио хешу ақрабои худро даъват мекарданд. Дар Афғонистон ҳам мардум бо иштиёқи тамом ин барномаро гӯш мекарданд. Инро ман барои он гуфтам, ки ин ҳам як навъ ҷустуҷӯи роҳи оштӣ, роҳи музокирот буд. Аз аввали соли 1993 як гурӯҳи корӣ бо роҳбарии Қозидавлат Қоимдодов, Шукурҷон Зуҳуров ва Баҳодур Абдуллоев ба Маскав фиристода шуданд, ки намояндагони мухолифатро пайдо кунанд, ҳамроҳашон сӯҳбат кунанд. Роҳҳои дигар низ буданд. Ман шунидаам аз ҷаноби Тӯраҷонзода, ки моҳи марти соли 1993 онҳоро дар вазорати хориҷаи Эрон ҷамъ оварда гуфтанд, ки сулҳ кардан даркор аст. Ҳафтуми декабри соли 1993 як изҳороте дар бораи музокирот шумо паҳн кардед, ки ин ҳам як талоши шумо ба ҳамин тараф буд. Лекин барои он, ки ҳамин раванд ҳукми қонунӣ гираду дуруст шавад, як гаҳвораҷунбон даркор буд. Ба сифати гаҳвораҷунбон СММ таборӯз мекард. Аслан Созмони Миллали Муттаҳид дар охирҳои соли 1993 тасмим гирифт, ки тарафҳоро ба курсии музокирот бинишонанд. Барои ҳамин ҳам ин раванд ба ҳамин шакл кашол ёфт. Ва шукр, ки ба ҳар ҳол мо баъди як сол ин корро шурӯъ кардем ва хушбахтона, ба натиҷае расидем, ки тарафҳо мехостанд.

**-Мехостам дар бораи муҳити равоние, ки бар раванди музокироти даври нахустин тасаллут дошт, чанд сухан мегуфтед? Намояндагони ҳайатҳои музокиракунанда чӣ гуна бо ҳам муносибат мекарданд? Ҳиссиёти кинаву адоват нисбати якдигар дар музокиракунандагон мушоҳида мешуд?**

-Ман як чизро чанд дафъа гуфтаам. Аслан ба одаме, ки ба он кас тааллуқ дошт, ваъда кардаам, ки ман дигар намегӯям, лекин чун шумо пурсидед, боз мегӯям. Тарафи мо шабе, ки фардояш музокирот шурӯъ мешуд, дар

Маскав фикр кардем, ки чӣ кор кунем пагоҳ, саломалейк кунем ҳамроҳи ҳамон одамҳое, ки ба музокирот меоянд ё не. Ман, Шукурҷон Зуҳуров, Амирқул Азимов, Баҳодур Абдуллоев, яъне онҳое ки аз тарафи ҳукумат намояндагӣ мекардем. Тасмими ҳар кас ҳар хел шуд, ман гуфтам, ки ман салом намекунам. Тасодуф буд ё хушбахтона, ки тарафи мухолифати собиқ ба ҳамон биное, ки дар он ҷо музокирот шурӯъ мешавад, аз мо вақттар омада буданд. Даромадем дидам, ки марҳум Отахон Латифӣ ва дигарҳо истодаанд, худамро нодида гирифтам. Хушбахтона, журналистон бисёр буданд. Хостам он тараф равам. Садои Отахон шунида шуд. Гуфт, ки «Иброҳим, сиёсат – ку сиёсат, мову ту якдигарро мешиносем. Ман раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон будам, ҳоло ҳам ҳастам. Ту аъзои раёсати он ҳастӣ, бо ман салом намекунӣ?» Хайр, шармам омад, гаштам салом кардам бо ҳар касе, ки дар он ҷо буд, бо Абдунабӣ Сатторов ва дигарон. Аз ман ҳамин хел шуд шурӯъи музокирот. Ин на танҳо дар тарафи мо буд, дар тарафи мухолифат ҳам буд ин гап. Одамҳое, ки дар он ҷо буданд, шахсан бо якдигар ҷанг накарда буданд. Ман шахсан дар умрам силоҳ ба даст нагирифтаам. Ёд доред, дар Комиссияи Оштии Миллӣ гуфтанд, ки силоҳ гиред ё ҷондор гиред. Ман ҳеҷ кадомашро нагирифтам. Ба Худо такя мекардам. Шукурҷон, ки қаблан намояндаҳои мухолифатро мешинохт, ба ӯ осонтар буд. Кинаву адоват нисбати шахсоне, ки дар ин музокирот буданд, шахсан надоштам. Вале нисбат ба он ки ҳамин ҷо нишастаҳо намояндагӣ мекунанд аз онҳое, ки дар муқобили ҳамдигар силоҳ кашидаанд, албатта як чизе буд. Албатта, шахсиятҳое буданд, ки нисбати онҳо андешаи на чандон хуб доштем. Ё мумкин ҳоло ҳам дошта бошем, ё қисме аз мо дошта бошанд байни ҳамдигар. Ин тамоман чизи дигар аст. Агар саҳми ҳамон шахс ё шахсият дар воқеаҳо зиёдтар бошад. Лекин ба шакли умум кина не, лекин як навъ канорагирӣ, ҳирос, тарс, як навъ нописандимонанд, як

навъ хафагӣ буд. Инро мо наметавонем гӯем, ки набуд. Аз ҳама асосӣ ин буд, ки дар музокирот мо бояд оштӣ мешудем. То вақте ки мо оштӣ нашавем, халқро оштӣ кунондан кори душвортар мешуд. Ана ҳамин чизе, ки муҳим буд.

**-Аз рӯи шунидам мизбонон ва миёнҷиҳо барои аз байн бурдани мушкилоти равонӣ миёни иштирокчиёни музокирот дар яке аз рӯзҳои истироҳатӣ «Оши оштӣ» пухтанд. Ва дар сари дастурхон ҷонибҳо аз худ гузашткуниҳои бештар нишон доданд. Оё ин дуруст аст?**

-Воқеан, дар яке аз рӯзҳо, гумон мекунам, ки рӯзи 13 ё 14-апрел буд, баъди он ки ба ҳар ҳол рӯзномаи музокироти сулҳи тоҷиконро тасвиб кардем, ҷаноби Ливию Бота, намояндаи СММ дар Тоҷикистон якто оши тоҷикӣ ташкил кард. Ба гуфти худаш як пиёла чойи тоҷикӣ ташкил кард. Ӯ кӯшиш кард, ки мо аз рӯи тарафҳо нашинему аз рӯӣ маҳал гирди миз нишинем. Фарз кардем дар паҳлӯи Отахон Латифӣ Амирқул Азимовро шинонд. Вай шояд ҳамин тавр мехост, ки ақаллан аз нигоҳи маҳал наздик шаванд инҳо ба як дигар. Агар ин принсипро пеш намегирифт, як тарафи миз тарафи мухолифат нишастанаш даркор буд, тарафи дигар тарафи ҳукумат. Қабули ин чиз дар аввал барои мо осон набуд. Вале баъдтар вақте нишастему камтар сӯҳбат кардем, кор осон шуд, чизи мегуфтагӣ ба миён омад. Барои ҳамин ҳам ин ош як навъ оши оштимонанд барои тарафҳои музокиракунанда буд. Воқеан, СММ ва намояндагони он дар раванди сулҳи мо хизмати бисёре кардаанд.

**-Натоиҷи музокироти даври аввали гуфтушуниди сулҳи байни тоҷикон барои ҷонибҳо оё қаноатмандкунанда ба ҳисоб мерафтанд? Оё мумкин набуд, ки даври аввали гуфтушунид дастовардҳои бештаре дошта бошанд?**

-Пешниҳодҳое, ки барои рӯзномаи музокирот буданд, аслан дар онҳо рӯҳияи ҳар ду тараф ифода мешуд. Ҳаминро нарм карда аввалин бор аз ду чизи ба ҳамдигар муқобил як чизи ба ҳамдигар мувофиқ ба вуҷуд овардан

чун муяссар шуд, мо боварӣ ҳосил кардем, ки чизи дигар ҳам пайдо мешавад. Дар он ҷо таъкид шуд, ки ҳуҷҷати ба имзорасида ҳанӯз қонунӣ нест. Вақте ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои дарназардошташуда имзо шуданд, баъд қонунӣ шудани онҳо шурӯъ мешавад. Ин шубҳаро аз миён мебардошт. Барои ҳамин ҳам он ҳуҷҷатҳо пурра моро қонеъ мекунонд.

**-Дар даври аввали гуфтушунид дар Маскав ҳайати мухолифин иборат аз шаш нафар буд. Аз ин шаш нафар имрӯз ду нафарашон дар қайди ҳаёт нестанд. Отахон Латифӣ ва Ҳабиб Сангинов, (Худованд раҳматашон кунад), ҳини адои вазифа - барқарории сулҳу оштӣ ба шаҳодат расиданд. Имрӯз на танҳо аз ин ду нафар, балки аз онҳое, ки дар қайди ҳаёт ҳастанду барои овардани сулҳу субот ба миллат, ба кишвар ҷонбозиҳо карданд, мутаассифона, ба таври бояду шояд ёд намекунем, онҳоро ба гӯшаи фаромӯшӣ гузоштем. Ман танҳо намояндагони як тарафро дар назар надорам. Аз сӯи дигар тамоили нигаронкунандае дар фаъолияти бархе аз органҳои қудратӣ зуҳур карда истодааст. Яъне барои гуноҳҳои дар солҳои муқовимати низомиву сиёсӣ ба ҷавобгари кашидан. Дар аввалҳо агар ин нисбати размандаҳо татбиқ мешуд, акнун оҳиста-оҳиста бо чунин иттиҳомҳо роҳбарони мухолифини собиқро ба маҳкама мекашанд. Аз нуқтаи назари Шумо, шахсе, ки дар овардани сулҳ ранҷу машаққати зиёдеро таҳаммул кардааст, оё ин раванд ташвишовар нест?**

-Куштори он ду нафаре, ки шумо номашонро зикр кардед, сӯиқасд ба ҷони як тараф набуд. Ин сӯиқасд ба ҷониби ҳамаи онҳое, ки барои сулҳ кор мекарданд, буд. Мутаассифона, дар давоми музокирот аз ҷониби ҳукумат ҳам ду нафар фавтиданд. Яке аз онҳо академик Холдоров ва дигаре муовини раиси Суди Олии Тоҷикистон Сабзалӣ Раҳмонов буданд. Албатта вазифаи мо ниёзу қадри ҳар он касеро, ки дар музокирот иштирок кардааст, барои сулҳи тоҷикон мубориза бурдааст, эҳтиром гузоштан аст. На фақат ману шумо, балки ҳукумат ҳам дар ин кор

вазифадор аст. Дар бораи эътибори онҳое, ки дар музокирот иштирок карданд, онҳое, ки дар КОМ кор карданд, фикр бояд кард. Як савол ҳамеша бояд пахш шавад. Оё натиҷаи сулҳи Тоҷикистон ба ҳукумат, ба мухолифат, ба қувваҳои дигаре, ки дар Тоҷикистон ҳастанд, маъқул ҳаст ё нест? Агар маъқул бошад, эҳтироми ин мардумро ҳам нигоҳ доштан даркор ҳаст. Агар маъқул набошад, ин гапи дигар ҳаст. Ин эҳтиром ба чӣ шакл нигоҳ дошта мешавад, ин тамоман масъалаи дигар. Чизи баландтар аз сулҳ дар Тоҷикистон ба амал омада бошаду масъалаи сулҳ ба ҷойи дуюм афтода бошад, боз масъалаи дигар аст. Лекин агар вазъияти имрӯзаи мо, устувории мо ҳанӯз ба ҳамон сулҳе буда бошад, ки ҳамон чиз ҳаст, ман гумон мекунам, ки эҳтиромро нигоҳ доштан даркор аст ва ин ба ҳар ду тараф дахл дорад. Чунки ин имрӯзи Тоҷикистон ҳаст. Дар дунё дар бораи Тоҷикистон гап зананд, ҳанӯз дар бораи муваффақиятҳои иқтисодии Тоҷикистон касе чизе намегӯяд, ҳанӯз дар бораи муваффақиятҳои пурра демократии Тоҷикистон касе чизе намегӯяд, ҳанӯз дар масъалаи ҳал шудани ҷои кор касе чизе намегӯяд. Лекин дар бораи сулҳ бо эҳтиром сухан мегӯянд. Ҳам дар бораи Президент ва ҳам дар бораи мухолифат, ҳам дар бораи ҳукумат ва ҳам дар бораи ҷомеъаи мо.

Қисмате аз саволи шумо ба он тааллуқ дорад, ки дар бораи онҳое, ки дар мухолифат иштирок карданд, ҳар гуна тавтиъаҳо ба амал меояд. Назари шахсии ман ин аст. Мо баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ду ҳуҷҷат қабул кардем. Яке қарори авф аз 1-августи соли 1997, дигаре боз авфи умумӣ, авфи ном ба ном. Вазифаи ҳамаи мақомҳои Тоҷикистон аст, ки ана ҳамин ду ҳуҷҷатро риоя кунанд. Ҳар кадом гурӯҳи одамҳое, ки дар ин ҳуҷҷатҳо онҳо ба сифати бахшидашуда зикр ёфтаанд, ном ба ном аст ё ба шакли умумӣ, ин чиз бояд риоя шавад. Ман метавонистам ин чизро иқтибос оварам аз номи ҷаноби Нурӣ, вале ман, ки ходими ҳукумат ҳастам, такя

мекунам ба ҷаноби Президент: «Бояд гузаштаро ба ҳамдигар таъна назанем, мо бояд аз гузашта дигар ба ҳам душман насозем, душман накушоем». Мо ҳамин корро карданамон даркор аст. Ҳар қадаре, ки мо гузаштаро суроғ кунему аз қаъри он гунаҳкор ёфтан хоҳем, ҳамон қадар мо ҷомеъаро боз ба ноосудагӣ пеш мебарем. Ин чиз танҳо ба онҳое тааллуқ надорад, ки дар артиши муқовимат буданд, ин ҳатто ба онҳое ҳам тааллуқ дорад, ки дар артиши ҳукуматӣ буданд. Асоси авф ин аст: ҳар он чӣ, ки буд, барои он ки оянда беҳтар шавад, ба фаромӯшӣ бояд дода шавад. Ана ҳаминро мо бояд эҳтиром кунем, ин қонунро Маҷлиси Олӣ қабул кардааст, ин қонунро Президент имзо кардааст, мо имзои Президент, раҳбари давлатро эҳтиром карданамон даркор.

**-Барои пойдор мондани сулҳу субот дар кишвар, таҳкими ваҳдати миллӣ Шумо чӣ гуна пешниҳодҳо доред?**

-Албатта ҳамарӯза дар бораи он ки сулҳу ҷанг аст, гап задан ҳам даркор нест. Чунки ҳар қадар, ки камтар ёд шавад, сулҳ он қадар устувортар мешавад. Вале ин мутлақо маънои ба фаромӯшӣ додани онҳоеро, ки барои он сулҳ мубориза бурданд, он кореро, ки мо барои он мубориза бурдаем, ифода намекунад. Яъне дар Тоҷикистон вақте сулҳ устувор мешавад, ки аҳдофи музокироти сулҳи тоҷикон ва фаъолияти КОМ фаромӯш нашавад. Мо гуфтем, ки барои як давраи гузар аз рӯи пешниҳод кадр қабул мекунем. Ин чунин маъно дорад, ки ин давраи гузар, ки гузашт, минбаъд мо ба таври автоматӣ одамҳоеро, ки арзанда ҳастанд, сарфи назар аз ақида, зодгоҳ ба кори роҳбарикунанда қабул бояд кунем. Мо эҳтиром ба фаъолияти онҳо бояд дошта бошем. Албатта дигар он истилоҳи 30 фоиза нест. Лекин худи истеъдоди шахс, имконияти шахсро истифода бурдан даркор аст. Ба тамоми Тоҷикистон нигоҳ кардан даркор аст. Вақте ки мо тамоми Тоҷикистонро дидем ва вақте ки тамоми Тоҷикистон дар ҳукумат худашро эҳсос кард, ин пояи сулҳ аст. Агар тамоми Тоҷикистон дар ҳукумат

худашро набинаду як қисми Тоҷикистонро бинад ва агар ҳукумат ҳам тамоми Тоҷикистонро набинаду як қисми Тоҷикистонро бинад, ин пояи сулҳ нест. Ман мехоҳам, ки ҳама ҳамдигарро пурра бинем. Ман гумон дорам, ки кӯшиши ҳукумат ба ҳамин равона ҳаст. Инро бояд мардум эҳсос кунад. Кӯшиш хуб аст ва он кӯшиш хуб аст, ки эҳсос шавад, дарк шавад, ки ҳамин чиз ҳаст. Ин пояи сулҳи мо ҳаст. Мо давлати демократӣ ба вуҷуд овардан мехоҳем. Пас мо имконияти он чизеро, ки дар ҷомеъа намояндагони аҳзоби гуногуни сиёсӣ, ақшори гуногуни сиёсӣ, нерӯҳои гуногуни сиёсӣ фаъолият кардан мехоҳанд, онро ба вуҷуд оварем. Матбуоти гуногунро ба вуҷуд оварем. Дар баробари ин аз ҳамаи ин ташкилотҳо, матбуотҳо, ҳизбҳо, одамҳо хоҳиш кунем, ки тарзи гуфтор, тарзи муносибат бояд маданӣ бошад. Эҳтиромдор бошад. Касе чизе мегӯяд ё менависад фикр кунад, ки агар ҳамин чизро дар бораи ман мегуфтанд ё дар бораи ман менавиштанд, ман чӣ гуна ҳаминро қабул мекардам. Ҳаргоҳ, ки ба ҳамин ҷавоб пайдо кард, нависаду гӯяд. Вай зарар намеорад. Агар ҷавоб пайдо накард, вай бар хилофи инкишофи сулҳи ҷомеъаи мо шуданаш мумкин аст. Ана ҳамин аст андешаҳои ман. Раванди сулҳи тоҷикон як чизро нишон дод. Тоҷикистони имрӯза қуввае дорад, ки мамлакатро солим пеш барад. Тоҷикистони имрӯза қуввае дорад, ки мамлакатро обод кунад, Тоҷикистони имрӯза қуввае дорад, ки дар зербиное, ки бо номи сулҳ ба вуҷуд омад, Тоҷикистони дар воқеъ соҳибистиқлолро ба вуҷуд биорад. Тоҷикистони чапучорнигар не, Тоҷикистони ростнигар, Тоҷикистони мӯҳтоҷи касе не, Тоҷикистони ба дигарҳо ҳидояткунандаву бахшандаро ба вуҷуд биорад. Мо ба ин ҳам аз ҷиҳати маънавӣ, ҳам аз ҷиҳати захираҳои иқтисодӣ имконият дорем. Ман замоне ба тадқиқи иқтисодии Тоҷикистон каму беш майл доштам, омӯхтам ва аз ҳамон чизе, ки омӯхтам ба ин натиҷа расидам, ки сарзамини Тоҷикистон 65-80 миллион нафар аҳолиро бегапу калоча

мехӯронаду мепӯшонад. Ва агар заминаи санъатии ин сарзамин фароҳам шавад, ин рақам метавонад дучанд зиёдтар шавад. Ҳудуди моро, имконияти моро ба мамлакатҳои шабеҳи Аврупо муқоиса кунед, ба дурустии ин фикр мутмаин мешавед. Ин вақте мешавад, ки чизи моро давлате duздида набарад, балки аз они мамлакати мо бошад, аз они миллати мо бошад. Тоҷикистони мо вақте ҳақиқатан пеш меравад, ки халқи тоҷик, халқи тоҷик будани худро фаромӯш накунад. Як тоҷик ба тоҷики дигар нагӯяд, ки ту тоҷик нестӣ. Як тоҷик ба тоҷики дигар нагӯяд, ки ин Ватан аз ту нест, ин танҳо аз ман аст. Ва мамлакати мо, халқи мо, миллати мо вақте обод мешавад, ки ҳар касе, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, ҳамчун дӯсти худ, рафиқи худ, ҳамватани худ, ҳамсояи худ қабул кунад, сарфи назар аз забони вай, аз миллати вай, аз дини вай.

**Наҷот, 2004, 11 март.**

# ОТАШНИШОНҲОИ ҶАНГ

***Дар бораи раванди гуфтушунидҳои мусолиматомези байни тоҷикон дар матбуоти мо бисёр менависанду мегӯянд. Онро таҷрибаи бесобиқае дар таърихи ҷангу сулҳи кишварҳои ҷаҳон меноманд, ки ин албатта, ҳақ асту рост. Дар ин навиштаҳо ва барномаҳои родиёиву телевизионӣ бисёртар аз он мегӯянд, ки чи гуна ҳайатҳои музокиракунанда дар давоми моҳҳову солҳо дар гуфтушунидҳо бо душвориҳо пеш мерафтанд. Ва гоҳе, ки ба бунбаст мерасиданд, роҳбарони ҳарду ҷониби сулҳкунанда ба саҳнаи музокирот ворид мешуданд ва кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки ин музокирот маҷрои дурусти худро аз сари нав пайдо намояд. Оре, ҳамин тавр буд роҳҳои асосии ба сулҳ даст ёфтан. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҷанг маънои қатл, куштор, хунрезӣ ва аз байн бурдану харобӣ овардандро дорад. Тӯли раванди музокирот ҳамзамон бо он дар сангарҳо набардҳои хунин низ идома доштанд. Ва касоне лозим буданд, ки ба қиммати ҷони ширини худ мебоист нахуст ана дар ҳамин хатти аввали ҷабҳа оташи ҷангро хомӯш мекарданд. Ин гуна одамон ҳам аз ҷониби ҳукумат, ҳам аз ҷониби мухолифин ва ҳам аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, ки нақши миёнҷиро дар ин муқовимати низомиву сиёсии байни тоҷикон бозӣ мекарданд, хеле зиёд буданд. Ба ёд биёрем ҳайати комиссияи муштараки назорат бар созишномаи оташбас ва ҳайати нозирини низомии намояндагии СММ дар Тоҷикстонро. Оё мардуми Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки хостори омӯзиши таҷрибаи сулҳи тоҷикон хастанд, аз фаъолияти аъзои ин ҳайатҳо бахри ба даст овардани сулҳу субот дар ин кишвар ба пуррагӣ воқифанд? Не, албата! Зеро дар бораи талошҳои онҳо чи дар он давраи***

***фаъолияташон ва чи ҳоло, мутассифона, чизе ба таври бояду шояд нагуфтаанд ва ҳоло ҳам аҳвол чунин аст. Дар бораи ҷаҳду талошҳои онҳо гуфтан танҳо ба хотири таърифу тавсиф кардани онҳо нест. Чаро мо аз рӯи гуфтаи яке аз хирадмандтарин ва машҳуртарин намояндаи миллатамон Одамушшуаро, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ амал намекунем, ки мегӯяд:***

**Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,**
**Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.**

***Биёед аз рӯи инсофу адолат бигӯем, вақте ки мо омӯзиши чунин як таҷрибаи талхро, агар сабуктар карда бигӯем, нодида мегирем, оё дар рафъи ҳодисаҳои мушобеҳе, ки эҳтимоли такрори онҳоро дар ин дунёи буқаламун ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, боз ҳам дар намемонем? Таҷрибаи талх ин ҳамон доруи талх аст, ки метавонад пеши роҳи авҷгирии маризиро бигирад. Баъзеҳо имрӯз бар ин ақидаанд, ки ҷанги шаҳрвандӣ қаҳрамон надорад ва дар бораи ин ҷанг ҳарчи камтар бояд гуфт ва ҳарчӣ камтар бояд навишт. Бо он, ки ҷанги шаҳрвандӣ қаҳрамон надорад, мувофиқам. Вале бо он, ки дар бораи ин ҷанг ҳарчи камтар бояд навишт, не. Баръакс дар барои ин ҷанг чунон бояд навишт, ки нафрати одамонро нисбати он даҳчанд зиёд намоем. Албатта бидуни айбдорикунии ҷонибҳо ва ном гирифтаи аз афроди мушаххаси зидахл дар ин ҷанг, зеро ин мухолифи талаботи яке аз санадҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳу оштии миллӣ дар кишвар «Санади ҳамдигарбахшӣ» мебошад. Мо имрӯз медонем, ки дастони кадом душманони миллати мо бо истифода аз ғафлати мо чи гуна аз остинҳои мо берун шуданд ва мушти ҷафо бар сари худи мо гардиданд. Аз ин рӯ ин ҷангро агар ҷанги шаҳрвандӣ неву ҷанги таҳмилӣ бигӯем, ба назари ман, дурустар мешуд. Ҷангро таҳмилӣ гуфтан ин як навъ масъулиятро барои оғози ин ҷанг ва идомаи он аз дӯши***

*ҷонибҳои даргир гирифтан нест. Бале, ҷанги таҳмилӣ қаҳрамон надошт. Вале ба ақидаи ман сулҳи байни тоҷикон, ки огози раванди таҳкими ваҳдати тоҷикон аст, шахсиятҳо ва фардҳои алоҳидаеро дорад, ки дар барқарории он саҳми арзанда гузоштаанд ва мардум онҳоро бояд бишиносад, эҳтиром ва поси хотирашонро ба ҷо биёрад. Аз ин рӯ дар бораи онҳо ва корномаи онҳо гуфтан ин дар таърих сабт кардани таҷрибаи сулҳи тоҷикон аст ва бо истифода аз ин таҷриба пешгирӣ кардани қатлу куштори ҳазорҳо нафар ҷавонмардон ва одамони бегуноҳ аст, ки имрӯз дар гӯшаву канорҳо мухталифи олам гирифтори балои ҷанг гардидаанд. Дар бораи ашхоси то ба ҳол номаълуми саҳим дар раванди сулҳи тоҷикон гуфтан ин фурсати ҳушдор додан ба онҳоест, ки ҳанӯз ҳам қиммат ва манфиати сулҳро дар ҳаёти ҳар яке мо ба таври бояду шояд дарк накардаанд ва гоҳҳо даст ба амалҳои мезананд, ки хилофи ин неъмати бебаҳои Худовандист. Оё чӣ гуна метавон ин суханони пурҳикмату самимии Президенти кишвар Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро, ки ҳамагӣ чанд соат баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ 27 июни 1997 дар Маскав дар назди издиҳоми ташнаи сулҳу субот дар фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе гуфта шудаанд, фаромӯш кард: «Сулҳ-бахту саодати халқи тоҷик аст. Модарони мо чӣ қадар ашк рехтанд, мо чӣ қадар азизони ҷавонро бой додем… Хунро бо хун не, бо об мешӯянд. Инро ҳар яки мо бояд фаҳмад…». Баъди ин суханон чӣ тавр ба ёди мо масали «Қадри зар заргар бидонад» нарасад? Боре раиси Комиссияи Оштии Миллӣ устоди шодравон С. А. Нурӣ сулҳро ба оксиген ташбеҳ дода буд. Ҳамчуноне, ки бе оксиген инсон наметавонад зиндагонӣ кунад, бе сулҳ низ ҳаёти солими ҷомеъа номумкин аст,- таъкид намуда буд ин меъмори сулҳу ваҳдат. Маъмулан инсонҳо аз нарасидани оксиген замоне ёд мекунанд, ки камбуди онро шадидан эҳсос намоянд. Мо, тоҷикон солҳои ҷанги таҳмилӣ аз нарасидани*

***сулҳ, аз камбуди он ба чи ҳолат расида будем, барои ҳар яке мо бояд, ки равшану возеҳ шуда бошад. Барои ҳамин ҳам, дар бораи душвориҳо, роҳҳо ва усулҳои ба даст омадани ин сулҳ гуфтан даркор аст. Ва мо азм кардаем, ки дар ин самт низ сухане гуфта бошем. Зеро гуфтаниҳо хеле зиёданд.***

***Дар тӯли ҷанги беш аз панҷсолаи таҳмилӣ тибқи маълумотҳои расмӣ 156 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ҷони худро аз даст додаанд. Агар ба ҳисоби миёна гирем, қариб ҳар рӯз 100 нафар инсон қурбонии ин ҷанги бемаънӣ мегардид. Аз ин рӯ сиёсатмадорон мекӯшиданд, ки бо роҳҳои гуногун пеши қатлу куштор ва хунрезӣ гирифта шавад. Яке аз чунин роҳҳо таъсиси як ҳайати баландпояи сиёсиву низомии муштарак буд, ки фаъолияти худро бештар дар байни сарбозони ҳукуматӣ ва размандагони ИНОТ дар сангарҳои ҷанг ба роҳ монд. Аъзои ин ҳайат аз ҷумлаи шахсиятҳое буданд, ки дар байни сарбозон ва размандагони ду тараф обрӯю эътибори баланд доштанд ва сухани онҳо муассир буд. Бояд гуфт, ки ин ҳайат аз моҳи декабри соли 1996 то моҳи сентябри соли 1997 фаъолият кард. Дар ин давра дар сангарҳои муқовимати низомӣ на танҳо касе кушта ва ё захмӣ нагардидааст, балки ду ҷониби даргир ба сӯи ҳам бо мақсади идомаи ҷанг тире накушодаанд. Вале аъзои ин ҳайат худ борҳо бо хатари марг рӯ ба рӯ мешуданд. Бо истифода аз чунин як фурсати муносиб, яъне хомӯшӣ дар хати ҷабҳа ё худ сангарҳо, ҳайатҳои музокиракунанда дар ҳамин давра дар гуфтушунидҳои сулҳ ба пешравиҳои ҳалкунанда ноил шуданд. Дар давраи фаъолияти ҳамин ҳайат роҳбарони ду ҷониб ба бахтномаи миллат- Созишномаи умумии истиқрори сулҳу оштии миллӣ имзо гузоштанд.***

***Ин чӣ гуна ҳайат буд? Он бо ибтикори кӣ таъсис ёфт? Чӣ гуна фаъолият мекард? Дар аз байн бурдани гурӯҳи террористии Ризвон чӣ гуна саҳм гирифт? Тақдири аъзои ҳайати баландпоя чӣ шуд? Ба ин саволҳо, хонандагони азиз,***

***шумо метавонед аз силсиламусоҳибаҳои Султони Ҳамад бо роҳбарон ва аъзои ин ҳайат, шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ Амирқул Азимов, Давлати Усмон, Зафар Икромов ва Муҳаммадалии Ҳайит таҳти унвони «Оташнишонҳои ҷанг», ки танҳо дар ҳафтаномаи мо аз ин ба баъд ба табъ мерасанд, посухи пурра гиред. Аз ин мусоҳибаҳо маълумоти тозаеро дар бораи раванди истиқрори сулҳи тоҷикон дарёфт хоҳед кард, ки то ба имрӯз дар ҳеҷ куҷо ба нашр нарасидаанд. Мусоҳибаи нахустин бо Амирқул Азимов, котиби Шӯрои амнияти ҶТ, дар гузашта раҳбари ҳайати баландпояи сиёсӣ-низомии ҷониби ҳукумат доир шудааст, ки инак манзуратон мегардонем.***

## АМИРҚУЛ АЗИМОВ:
## *«МАН СУПОРИШИ ПРЕЗИДЕНТРО ИҶРО КАРДАМ!»*

---

**-Мӯҳтарам Амирқул Насимович, бешаку шубҳа Шумо шахсияти шинохтае дар ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳастед. Вале ба ҳар ҳол чӣ мешуд, ки сӯҳбатамонро бо шунидани шарҳи ҳолатон аз забони худи Шумо шурӯъ кунем?**

- Марҳамат, бо ҷону дил. Ман дар як қишлоқи кӯҳистон дар оилаи хизматчӣ ва деҳқон ба дунё омадаам. Даврони кӯдакиамро мисли дигар фарзандони деҳоти кӯҳистон гузаронидам. Пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи ҳуқуқшиносии ДДМТ дохил шуда онро соли 1972 хатм кардам. То соли 1979 дар мақомоти прокуратура кор кардам. Аввал дар прокуратураи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, сипас дар прокуратураи ҷумҳуриявӣ дар соҳаи тафтишот. Пас аз ин қариб 9 сол дар шӯъбаи органҳои маъмурии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон кор кардам. Баъдан боз ба Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ баргаштам. Чанд муддат сардори раёсати тафтишоти ҷиноятҳои ниҳоят

муҳим будам. Дар соли 1992 ҷонишини вазири корҳои дохила таъйин гардидам. Баъдтар Президенти кишвар мақоми мушовири давлатии Раиси Ҷумҳурро бароям арзанда донист. Сипас чанде Прокурори генералии ҶТ низ кор кардам. Аз моҳи августи соли 1996 то ҳоло котиби Шӯрои амнияти ҶТ мебошам.

**- Амирқул Насимович, чунин ба назар мерасад, ки маҳз ҳангоми фаъолият дар ҳамин вазифа, яъне вазифаи котиби Шӯрои амнияти ҶТ Шумо ба масъалаи барқарор кардани сулҳу субот дар кишвар ҷиддӣ машғул шудед. Оё ҳамин тавр ҳаст?**

- Не, ин тавр нест. Бо ин масъала ман як каме пештар низ сару кор доштам. Вале нахуст мехостам дар бораи моҳияти ҳамин сулҳи ба дастомада чанд сухан бигӯям, то аҳамияти он чи ки пасонтар гуфта мешавад, рӯшантар бошад. Бузургтарин тӯҳфае, ки Худо ба мардуми тоҷик дод, ин сулҳ буд. Имрӯз бо пуррагӣ ва ҳазор далел гуфта метавонем, ки маҳз ҳамин сулҳи тоҷикон асоси тамоми дигаргуниҳое, ки имрӯз дар Тоҷикистон шуда истодааст, мебошад. Ҳамин сулҳ буд, ки имрӯз, ҳазор бор шукр, роҳи азимеро тай карда истодаем. Он дигаргуниҳое, ки имрӯз ба вуқӯъ пайваста истодаанд, пояи ҳамаи ҳамин, бунёдаш сулҳ аст. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки се омиле ҳаст, ки дар барқарории сулҳ нақш мебозанд. Аввало хоҳиши сарвари давлат. Агар вай дар ҳақиқат хоҳишманди он бошад, ки сулҳ барқарор гардад. Дуюм хоҳиши тарафи дигар. Тарафи дигар агар инро дастгирӣ кунад. Сеюм кӯшиши он ашхосе, ки ҳамин сиёсати сулҳро дар амал бояд пиёда кунанд. Агар ҳамин се омил якҷо набошанд, ба даст овардани сулҳ воқеӣ нахоҳад шуд. Ва дигар чизе, ки мехоҳам иброз намоям ин аст, ки дар бораи роҳҳои дастёбӣ ба сулҳ гуфтан ин, яъне амали савоб кардан аст ва гумон мекунам ин кор ҳарчи зиёдтар карда шавад, ҳамон қадар хуб аст. Насли наврас бояд донад, ки сулҳ чӣ ҳаст, ба чӣ қиммат ба даст омадааст, ягонагӣ чист? Ин ҳама чӣ аҳамият доранд? Онҳо бояд донанд, ки ба ғайр аз

сулҳ, ба ғайр аз ягонагӣ ва иттиҳод дигар ягон чиз моро ба манзилу мақсад намебарад. Дар ин бора далелҳои хеле зиёде ҳаст. Албатта рӯзҳои вазнинтарин ба сари мардум омад. Вақте ки дар мамлакат оромӣ нест, вақте ки дар мамлакат хунрезӣ ҳаст, бо оромӣ фикр кардану як масъаларо ҳаллашро бо оромӣ ёфтан, бисёр мушкил аст. Чунки муҳити ҷангӣ ҷанг мехоҳад. Аз мавқеи муҳити ҷангӣ оштӣ кардан хеле мушкил аст. Ва пеш аз ҳама ман миннатдорам аз роҳбари давлат, ки аз рӯзи аввал он кас роҳи сулҳро пеш гирифтанд. Фақат дар сулҳ ғалабаи мардуми тоҷикро диданд. На дар он, ки як гурӯҳ гурӯҳи дигарро бо воситаи силоҳ мағлуб кунад. Балки бо роҳи сулҳ, бо воситаи дар як ҷо нишаста маслиҳат кардан, ободии давлатро дид. Ва ҳамин буд, ки аз рӯзҳои аввал ҳамаи иқдомҳо амалӣ шуданд. Аммо бо чӣ дўшвориҳое!

**- Нахустин кӯшиши ба ҳам овардани ҷонибҳоро, ки дар он Шумо шахсан ширкат варзидед, албатта дар ёд доред?**

- Бале, албатта. Соли 1993 буд. Сардори давлат Э.Ш.Раҳмонов се маротиба гурӯҳ созмон дода ба минтақаи Тавилдара фиристонданд, аз ҳисоби роҳбарони ниҳодҳои қудратии ҳукумат. Он вақт дар Тавилдара гурӯҳи Мирзо Зиёев ҳанӯз набуд. Дигар гурӯҳҳо буданд дар он ҷо. Дар ҳайати он гурӯҳҳое, ки ба минтақаи Тавилдара фиристода мешуданд, ман низ шомил будам. Тавассути чархбол мо ба деҳаи Лангари Тавилдара мерафтем. Он вақт дар он ҷо кӯшунҳои ҳукуматӣ мустақар буданд. Аз Лангар баландтар дастаҳои мусаллаҳи мухолифин мавқеъ доштанд. Мулоқоти мо бо фармондеҳони мухолифин дар як минтақаи ҳоил, ки қаблан мақари яке аз қисмҳои ҳарбии артиши шӯравӣ буд, сурат мегирифт. Мутаассифона, ҳарчанд кӯшидем он вақт бо он қумандонҳо забон як карда натавонистем.

**- Аз он фармондеҳон мушаххасан ном бурда метавонед?**

- Не. Ба он хотир, ки дар матбуот мушаххасан ёд кардан аз онҳо хилофи талаботи «Санади ҳамдигарбахшӣ» хоҳад буд. Вале ҳамин чизро бояд возеҳ

кунам, ки Мирзо Зиёев он вақт ҳанӯз дар он ҷо набуд.

**- Шумо он вақт дар кадом вазифаи давлатӣ будед?**

- Он вақт ман, муовини вазири корҳои дохилаи кишвар будам. Ҳамроҳи ман Чубарев- муовини вазири дифои кишвар, генерал-лейтенант Катанаев -мушовири давлатии Президент доир ба масъалаҳои ҳарбию амниятӣ буданд. Талаботи мо ҳамин буд, ки бигузор онҳо роҳ диҳанд, то колоннаи автомашинаҳои маводи хӯрока ва дигар чизҳои мавриди ниёзи мардум ба Бадахшон биравад. Ҳарчанд ҳар се маротиба ҳам ба хулосаи муштарак омадем, ки корвонҳо бе мамоният ба Бадахшон бираванд, вале афсӯс, ки корвонҳо ва одамоне, ки онро ҳамроҳӣ мекарданд, аз байн бурда шуданд. Ҳарчанд чунин шикастҳое дар роҳи сулҳ пешорӯи мо меомаданд, вале мо ноумед намешудем. Роҳбари давлат бо вуҷуди ин пайваста дар ҷустуҷӯи роҳҳои даст ёфтан ба сулҳ буд. Ҳамин буд, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав ҳайатҳои ҳарду ҷониби даргир аз ҳисоби шахсиятҳои шинохта аввалин бор дар сари як мизи гуфтушунид нишастанд ва ба музокироти рӯ ба рӯ пардохтанд. Ман низ дар ҳайати гурӯҳи ҷониби ҳукумат ҳамчун музокиракунанда расман шомил будам. Ва ин музокирот дар чанд давр гузашт. Мақсади асосӣ аз ин музокирот ин ҳарчи тезтар хотима додан ба ҷанг буд. Қатъи хунрезӣ буд. Протоколҳои зиёде ба имзо мерасиданд, оиди оташбас ва ғайраву ҳоказо. Вале, мутаассифиона, дар сангарҳо ин протоколҳо риоя намегардиданд. Хунрезиҳо идома меёфтанд. Оташи ҷанг ҳамеша шӯълавар буд. Ҳар рӯз даҳҳо нафар аз ҳар ду тараф талаф мешуданд. Ва ин буд, ки зарурати кор бурдан бо худи фармондеҳон пеш омад. Зарурати мутақоид сохтани фармондеҳони оппозитсион дар қатъ сохтани амалиётҳои ҷангӣ пеш омад. Саволи асосӣ чунин матраҳ буд: Барои чӣ ҳайатҳои музокиракунанда борҳо ба созишномаҳои оташбас имзо мегузоранд, вале ҷанг дар сангарҳо қатъ намешавад? Сабаб чист? Мо зарур донистем, ки бо фармондеҳони дар

минтақаи Ғарм будаи оппозитсион вохӯрем ва дар ин бора сӯҳбат кунем. Роҳбари давлат супориш доданд, ки ин корро мо ҳарчи тезтар анҷом бидиҳем. Ҳамин тариқ аъзоёни гурӯҳе, ки ман ба он роҳбарӣ мекардам, ба Ғарм сафар кардем. Дар Ғарм ба ғайр аз қумандони водии Вахё Мирзо Зиёев дигар қумандонҳои водии Қаротегин ҷамъ омада буданд. Мулоқоти мо бо қумандонҳо се рӯз идома кард. Мо ба фармондеҳони оппозитсион гуфтем, ки чаро роҳбарони онҳо ба Протоколҳои оташбас имзо мегузоранд, вале дар ин ҷо созишномаҳо амалӣ намешаванд? Мо ба онҳо гуфтем, ки фикри роҳбарияти давлати мо ин аст, ки ҳарчи тезтар хунрезиҳо қатъ шаванд. Вохӯрӣ 14-15-16 сентябри соли 1996 баргузор гардида буд.

**- Дар баргузории ин мулоқот киҳо саҳм гирифтанд, аниқтараш иштирокчиёни ин вохӯрии фаромӯшнашаванда киҳо буданд?**

**-** Аз ҷониби ҳукумат ман, Амирқул Азимов – котиби Шӯрои Амнияти ҶТ роҳбари ҳайат, Саидамир Зуҳуров- вазири амният, Чубарев – муовини вазири дифоъ, Мизроб Кабиров – мушовири Раиси Ҷумҳур, Олимов намояндаи Прокуратураи низомӣ, Баҳодур Абдуллоев – ҷонишини вазири амнияти ҶТ, Шовалӣ Саидамиров- фармондеҳи қувваҳои вазорати дохила, Ғаффор Мирзоев фармондеҳи Горди Президентӣ ва дигарон ва аз тарафи қумандонҳои мухолифин Мирзохӯҷа Низомов-роҳбари ҳайат, Маҳмадрӯзӣ Искандаров-фармондеҳи ноҳияи Тоҷикобод, Мирзохӯҷа Аҳмадов-фармондеҳи ноҳияи Ғарм, Сироҷиддин Давлатов-қумондони Ғарм, мулло Қосимҷон аз дараи Ромит ва Эшони Азиз аз ноҳияи Комсомолободи ҳамонвақта, ҳозира Нуробод ба ҷои мулло Абдулло ширкат дошт. Дар ин вохӯрӣ инчунин яке аз чеҳраҳои саршиноси мухолифин Абдунабӣ Сатторзода низ иштирок кард. Аз миёнҷиҳои байналмилалӣ генерал Ҳасан Аббаза – сарвари нозирони низомии намояндагии СММ дар Тоҷикистон ва аъзои Коммисиюни муштараки

назорат бар Созишномаи Оташбас ҳузур доштанд.

Рӯзи 16-сентябр мо, ҳарду ҷониб ба хулосае омадем, ки пеши роҳи хунрезӣ гирифта шавад ва ба Протоколи қатъи ҷанг имзо гузоштем. Дар ҳақиқат аз имзои ин Созишнома чанд муддат гузашт ва хунрезиҳо низ қатъ гардиданд. Дар ин водӣ сулҳ ҳукмфармо гашт. Роҳбари давлат ин протоколро самимона ва қатъиян дастгирӣ намуд. Аъзои ҳайати ҷониби ҳукуматӣ дар ин водӣ бо таблиғу ташвиқи ин созишнома ва зарурати риояи он машғул шуд. Дар ин водӣ то 30 ноябри соли 1996 задухӯрдҳо байни нерӯҳои ҳарду ҷониб қариб, ки набуданд.

**- Вале 30 ноябри соли 1996, ҳамагӣ дуввуним моҳ баъди имзо шудани созишномаи Ғарм, аз сари нав дар ин водӣ оташи ҷанг шӯълавар гардид. Сабаб чӣ буд?**

- Дар ин ҷо, албатта, кор кори дасти хадамотҳои махсуси кишварҳои хориҷ буданд. Омилҳои дохилӣ низ дар ин кор даст доштанд. Яъне гурӯҳе об ба осиёби душманони миллат рехтанд. Ҳоло ҳам барвақт аст, ки аз онҳо мушаххасан ном бигирем. Рӯзи 30 ноябри соли 1996 аз як тараф, гурӯҳи Ризвон Садиров ва Гвардияи Президентӣ – фармондеҳаш Ғаффор Мирзоев ва аз сӯи дигар, гурӯҳи мулло Абдулло, дар деҳаи Чорсада ҷангро аз сари нав шурӯъ карданд. Шурӯъи даргириҳо дар дараи Ҳакимӣ боиси он гардид, ки фармондеҳони мухолифин дар тамоми ин водӣ ва дигар минтақаҳои муқовимат алайҳи нерӯҳои ҳукуматӣ ҳамлаҳои ғофилгирона кунанд. Ҷангҳои шадид ба вуқӯъ пайвастанд, ки садҳо нафар аз ҳарду ҷониб куштаву захмӣ бар ҷой гузаштанд. Даҳҳо нафар ба асорати якдигар даромаданд. Ана дар ҳамин ҳол раҳбари давлат Эмомалӣ Шарифович боз ибтикорро ба дасти худ гирифтанд ва бо роҳбари Иттиҳоди Нерӯҳои Оппозитсиони Тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар шимоли Афғонистон Хустдеҳ вохӯрда ба Протоколи қатъи ҷанг имзо гузоштанд. Оташбас тибқи ин протокол аз соати 00 рӯзи 12 декабр дар тамоми ҷумҳурӣ эълон шуд. Ба хотири таъмини ҳамин оташбаси эълоншуда, як ҳайати бонуфуз

ва баландпояи сиёсиву низомии оппозитсион бо роҳбарии Давлат Усмон ба Душанбе омад. Дар ин ҳайат худи шумо шомил будед, Муҳамадалии Ҳайитов дар онҷо буданд. Инчунин Мирзомуҳаммади Навид ва Неъматулло Билолов низ аъзои ин ҳайат буданд. Бо супориши роҳбари давлат сарварии ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ аз ҷониби ҳукумат ба зиммаи ман гузошта шуд. Ин ҳарду ҳайат дар якҷоягӣ ба минтақаҳои ҷанг сафар карда дар мулоқоту вохӯриҳояшон ба фармондеҳон ва мардуми оддӣ моҳияти риояи оташбас ва қатъи ҷангро мефаҳмонданд.

**- Мӯҳтарам Амирқул Насимович, чи тавре ки Шумо ёдовар шудед, ҳамон вақт як комиссияи муштараки назорат бар Созишномаи Оташбас таҳти миёнчигарии намояндагии СММ амал мекард. Оё мумкин набуд, ки ҳамин кор низ ба ӯҳдаи онҳо супурда мешуд?**

- Комиссияи назорат бар Созишномаи Оташбасе, ки моҳи сентябри соли 1994 дар Теҳрон эълон шуда буд, дар раванди сулҳу оштии кишвар корҳои зиёди шоёнеро ба анҷом расонид. Аъзоёни ҳарду ҷониби ин комиссия дар барқарории сулҳу суботи кишвар ҷонбозиҳо карданд. Вале як чизро бояд гуфт, ки он замон иртиботи фармондеҳони оппозитсион бо роҳбарони сиёсии худ, ки дар хориҷ аз кишвар мезистанд, чандон мустаҳам набуд. Аз ин рӯ на ҳамаи он Созишномаҳои оташбасро, ки онҳо ба имзо мерасониданд, дар дохил фармондеҳони саҳроӣ риоя мекарданд, ба ҷо меоварданд. Лозим буд, ки як ҳайати дар ҳақиқат бонуфузе аз ҳисоби роҳбарияти сиёсиву низомии оппозитсион ба дохил биёяд ва бевосита ба татбиқи созишномаҳои ба имзо расида миёни фармондеҳон машғул шавад. Дар байни фармондеҳони оппозитсион буданд, онҳое, ки аз сулҳ ҷонибдорӣ мекарданд. Вале дар айни замон онҳое низ буданд, ки сулҳу оштиро қабул надоштанд. Аз ин рӯ бо онҳо кори заҳматталабонаи фаҳмондадиҳӣ бурдан даркор буд. Кӣ метавонист сухани роҳбарони мухолифинро ба

фармондеҳонашон хубтар бирасонад? Албатта, намояндагони бонуфузи ин роҳбарият. Ва ин ҳайате, ки ба Душанбе бо роҳбарии Давлат Усмон омад, бояд бигӯям, ки хеле бонуфуз ва обрӯманд буд. Дар байни фармондеҳон ва размандагони мухолифин ҳар яке аз онҳо обрӯю эътибори баланд доштанд. Ман ки роҳбарии ҳайати ҳукуматиро ба ӯҳда доштам, дар ҷараёни кор ҳис кардам, ки то кадом дараҷа ин ҳайат бонуфуз ҳаст ва соҳибэътибор аст. Ҳамин буд, ки ба кадом минтақаҳое, ки якҷоя сафар мекардем, дар вохӯриву мулоқотҳо бо мардум, фармондеҳон моро ба тезӣ дарк мекарданд ва дар густариши сиёсати сулҳ ҳамфикр мегардиданд.

**- Ба ҳайати ҳукуматӣ ба ҷуз Шумо, ки раиси он будед, боз киҳо шомил буданд?**

- Зафар Икромов-мушовири раиси ҷумҳури Тоҷикистон, полковник, шодравон Азиз Рӯзиев аз вазорати корҳои дохила, Баҳодур Наҷмиддинович Абдуллоев-муовини вазири амнияти ҷумҳурӣ, Қадриддин Ғиёсов-муовини сарвазири ҳукумати ҳамонвақтаи Тоҷикистон, Шукурҷон Зуҳуров дар кори ин ҳайат нақши бузург бозиданд. Ҳамин тариқ Николай Каримов-муовини ВКД Тоҷикистон, Саидаҳтам Саидшарифов-сардори Раёсати ВА ҶТ, А. Олимов корманди прокуратураи низомии Тоҷикистон, Алӣ Кулиевич Имомназаров-сардори Раёсати ВКД ҶТ дар ин ҳайат шомил буданд.

**- Кадом кори нахустини ин ҳайатро шумо муҳим арзёбӣ мекунед?**

- Кори муҳимтаринеро, ки ин ҳайати бонуфузи сиёсиву низомӣ ба иҷро расонд, ин дар рӯзҳои аввал озод кардани садҳо нафар асирони ҷанг ва маҳбусон аз зиндонҳо буд. Садҳо нафар аз ду ҷониб, ки дар интизори нохушиҳои бештаре дар асорат ва зиндонҳо ба сар мебурданд, дар як дам ба оғӯши гарми оилаҳои худ баргаштанд ва садҳо нафар фарзандону падарон ва занону модарони бахтбаргашта дар як лаҳза худро ба омадани

наздиконашон хушбахт диданд. Албатта, ин кори хеле муҳим буд. Мардум аз ин ба баъд ба бозгашти сулҳ бештар умед мебастанд.

**- Оё ин ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ дар якҷоягӣ бо ҳукуматҳои ноҳияҳо дар маҳалҳо кор мебурданд?**

- Бояд бигӯем, ки баъди ҷанги 30 ноябри соли 1996 дар водии Қаротегин тамоми сохторҳои ҳукуматӣ, аз идораи ҳукумати ноҳия шурӯъ карда то ниҳодҳои қудратӣ ҳама фалаҷ гардида буданд. Яке аз корҳои аввалини ин ҳайати баландпоя ҳамин буд, ки роҳбарони ин ноҳияҳоро, ки дар пойтахт буданд, ба ноҳияҳо баргардонида аз фармондеҳони оппозитсион хоҳиш карда шуд, ки ба онҳо дар кори аз нав эҳё кардани фаъолияти ҳамаҷонибаи ниҳодҳои гуногуни ин ҳукуматҳо мусоидат кунанд.

**- Фармондеҳи минтақаи Тавилдара Мирзо Зиёев дар вохӯрии дар Ғарм баргузоршудаи қумандонҳои мухолифин бо комиссияи ҳукуматӣ ширкат надошта буд ва ба созишнома низ имзо нагузошта буд. Ин дафъа ин иқдоми оташбасро ӯ чӣ гуна қабул кард?**

- Бояд бигӯям, ки бо мусоидати бевоситаи ҳамин ҳайати баландпояи низомиву сиёсии мухолифин ҳайати ҳукуматӣ бори аввал дар ин қариб ду соли охир ба Тавилдара сафар кард ва бо фармондеҳи нерӯҳои дар ин водӣ будаи оппозитсия Мирзо Зиёев мулоқот намуданд. Бояд бигӯям, ки Мирзо Зиёев низ Созишномаи дар Хустдеҳ аз ҷониби роҳбарони ҳарду ҷониб ба имзо расидаро қабул кард ва ҳамин тариқ дар ин водӣ ва умуман дар тамоми Тоҷикистон оташбас эълон шуд. Эълон шудани оташбас як тарафи кор бошад, риояи ин оташбас, ки маънои қатъи ҷангро дошт, тарафи дигари масъала буд. Тассаввур кунед, ки сарбозону размандагони ду ҷониб солҳо аз сангарҳо ба сӯи ҳам оташ мекушоданд, якдигарро ба қатл мерасониданд, захмӣ мекарданд, дар бисёр мавридҳо мавқеъҳои ҳамдигарро талаву тороҷ намуда, молу амволи ҳамдигарро ба ғорат мебурданд ва

боз бисёр амалҳои нафратовари дигарро содир мекарданд, буғзу кинаҳоро дар дилҳо ҳамеша дар ҳолати ошӯб нигаҳ медоштанд, чӣ гуна онҳо метавонанад дар як лаҳза тағйир биёбанд, бо ҳам дӯсту меҳрубон шаванд ё аққалан якдигарро таҳаммул кунанд. Ин кори осон набуд. Кори ниҳоят душвор буд.

Барои ба ин ҳадаф расидан аввалан хоҳиши беандоза доштан даркор буд, дуввум сабру тоқати бузург доштан даркор буд. Худоро шукр, ки ин ҳайат ҳамин хусусиятҳоро дошт ва дар фаъолияти худ истифода кард. Ҳамин буд, ки ба сулҳи деринтизор расидем ва Созишномаи умумии Истиқрори сулҳу оштии миллӣ дар Маскав аз сӯи роҳбари давлат Э. Ш. Раҳмонов ва роҳбари мухолифин С. А. Нурӣ ба имзо расид.

**- Вале пеш аз он, ки ин ду лидери ҷонибҳои сулҳкунанда дар Маскав ба Созишномаи умумии Сулҳ имзо бигузоранд лозим буд, ки қаблан чанд бори дигар бо ҳам мулоқот намоянд ва роҳҳои даст ёфтан ба сулҳи комил ва одилро баррасӣ намоянд. Ва дар ташкили баргузории ин мулоқотҳо ин ҳайат ва махсусан роҳбарони он саҳми хуб гузоштаанд. Оё метавонед дар ин хусус чанд сухан бигӯед?**

**-** Аз дур истода ҳар чиз гуфтан мумкин аст. Вале вақте ки ду шахси масъул ва муттасадӣ бо ҳам вохӯрда мулоқот менамоянд, парда аз рӯи бисёр масъалаҳои асрорангез бардошта мешавад. Бисёр масъалаҳое, ки муддатҳо наметавонистанд ҳалли худро биёбанд, дар як вохӯрии ин роҳбарон ҳаллу фасл мешуд. Дар ин ҷо бояд ман як гапи хеле муҳимро рӯирост бигӯям. Иҷроиши вазифаҳои дар назди ман ва ҳайати ман гузошта шуда пурра вобаста буд ба он хоҳишу он мавқее, ки роҳбари давлат Эмомалӣ Шарифович доштанд. Агар он кас хоҳиши зиёди сулҳ карданро намедоштанд, агар он кас мавқеи устувори сулҳҷӯёна намедоштанд, ман кушоду равшан мегӯям, ки мо аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои худ намебаромадем. Ҳамин сиёсати оқилонаи роҳбари давлат буд, ки моро барои ба

даст овардани сулҳ ва субот дар кишвар рӯҳбаланд месохт ва Худоро шукр, ки мо дурри гарони мақсадро ба каф даровардем. Ва мо супориши Президентро иҷро кардем!

**- Амирқул Насимович, чаро шумо аз он хавфу хатарҳое, ки ба ҷони шумо ва ҳайати шумо ҳини фаъолиятатон таҳдид мекарданд, чизе нагуфтед? Мо медонем ду бор чархболе, ки шумо савори он будед, аз замин мавриди оташ қарор гирифт. Воқеан, дар як ҳодисаи он ман низ дар дохили ҳамон чархбол будам ва шоҳидӣ дода метавонам. Чаро шумо аз он ҳодисае, ки аз ду метр масофа болои саратон яке аз қумондонҳои оппозитсион як магазин тири Калашниковро холӣ кард, чизе намегӯед? Ва боз чандин мавридҳои дигар низ буданд. Чаро аз онҳо ёдовар намешавед?**

**-** Табиати одамӣ як хусусият дорад. Ҳар чанд дар роҳи ба каф овардани мақсад ранҷу азиятҳои зиёд кашида бошад ҳам, вале вақте ки ба мақсад мерасад, ҳамаи ин ғаму ранҷкашиданҳо пушти сар ва фаромӯш мешаванд. Ман ҳам аз шодии он, ки сулҳро ба даст овардаем, дигар он хавфу хатар ва таҳдидҳо ба ҷони худро фаромӯш кардам. Сулҳ офтобест, ки он ҳама хотираи торикиҳои зиндагӣ, яъне қатлу ғорат, сӯиқасд ва хиёнатҳоро нопадид месозад. Ҳар як инсон дар зиндагӣ рисолати худро дорад. Шояд ҳамин зарурати саҳмгирӣ дар барқарории сулҳу субот буд, ки Худованд маро аз он сӯиқасдҳо ва ҳодисаҳо наҷот дод ва ба ин рӯзи хурсандӣ расонд.

**- Амирқул Насимович, тибқи баъзе хабарҳо дар дохили ҳукумати Тоҷикистон ҳамон вақт буданд нирӯҳое, ки бо омадани ин ҳайати баландпояи сиёсиву низомии оппозитсион аз Афғонистон ба Тоҷикистон мухолифат мекарданд. Оё инро шумо таъйид мекунед?**

**-** Ман ҳаминро гуфтаниям, роҳи пешгирифтаи раҳбари давлат расидан ба сулҳи комил на дар ҳама ҷо дастгирӣ меёфт. Барои чӣ ман такрор ба такрор мегӯям, ки ман миннатдорам аз роҳбари давлат? Чунки дар муқобили ин қувваҳо ӯ моро дастгирӣ мекард. Вақте ки 16 сентябри

соли 1996 дар Ғарм Комиссияи ҳукуматӣ таҳти роҳбарии ман бо қумандонҳои Ғарм ба Протоколи Оташбас имзо гузошт, ин ҳуҷҷат дар ҳукумат на аз сӯи тамоми сохторҳо дастгирӣ пайдо кард. Онро хуш қабул накарданд. Гӯё мо манфиати давлатро фурӯхта бошем. Ҳамин чизро дар бораи роҳбарони оппозитсия низ гуфтан мумкин аст. На ҳамаи онҳо Созишномаи Оташбасро, махсусан ҳамин Созишномаи Ғармро қабул доштанд. Барои он ки ин мухолифони раванди сулҳ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бифаҳманд, ки дар роҳи сулҳ қадамҳои мо ҷиддӣ ҳаст ва он якҷоя бо роҳбарияти мухолифин гузошта мешавад, баъди имзои Созишномаи Ғарм фармондеҳи нерӯҳои дар Қаротегин будаи мухолифин Мирзохӯҷа Низомов, муовини ӯ худораҳматии Сироҷиддин Давлатов ва яке аз лидерони Ҳизби Демократи Тоҷикистон Абдунабӣ Салторзода бо мусоидати ҷониби ҳукумат ба ДИА, ба Толуқон ба назди роҳбарияти оппозитсион рафтанд. Роҳбарияти дар Афғонистон будаи оппозитсион амали онҳоро дар масъалаи имзои Созишномаи Ғарм тайид намуд. Хулоса, дар ҳарду тараф ҳам мухолифони сулҳ зиёд буданд. Барои мисол воқеаҳое, ки дар дохили кишвар соли 1996 рух доданд, нишонгари он буданд, ки на ҳама хоҳони барқарории сулҳ дар Тоҷикистон ҳастанд. Билохира ҳамин қувваҳо вақте фаҳмиданд, ки бо амалҳои хурду кӯчак намешавад пеши роҳи сулҳро гирифт, даст ба амалҳои бузург заданд. Масалан, ошӯби Маҳмуд Худойбердиевро дар дохил мисол овардан мумкин аст. Тарафдорони ин исён на танҳо аскарони ин полковники ошӯбгар, балки бархе аз мансабдороне буданд, ки дар сохторҳои ҳукуматӣ, дар вазифаҳои баланд фаъолият мекарданд. Онҳо бар зидди давлат шӯриш бардоштанд. Давлат маҷбур шуд, ки худро муҳофизат кунад ва онҳо хоки кишварро тарк карданд.

**- Амирқул Насимович, дар ин муддате, ки ба ҳайси раҳбари ҳайати баландпояи сиёсиву низомии ҳукумат фаъолият кардед, оё лаҳзае ҳаст, ки вақте сухан аз боби**

**сулҳ меравад, бехотир он лаҳза ба ёди шумо биёяд?**

- Чунин лаҳзаҳо хеле зиёданд. Магар ашки шодии ба рухсораи зарди падар чакидаро, ки ба муносибати аз асорат озод шудани фарзандаш дар пеши чашми мо рехтааст, мешавад фаромӯш кард? Ё шодии тифлакони чанд муддат аз падар маҳрум, ки баъдан аз сари нав дасти навозиши ӯро болои сари хеш мебинанд, магар аз ёд рафтанист? Бале, чунин лаҳзаҳо хеле зиёд буданд ва онҳо бо баҳонаҳои мухталиф гоҳу ногаҳ ба ёди кас меоянд. Вале ба ҳар ҳол як лаҳзае ҳаст, ки қариб ҳар рӯз бо дидани кӯдаки мактабраве он лаҳза ба ёдам мерасад. Миёнаҳои моҳи сентябри соли 1996, вақте Комиссияи ҳукуматӣ ба Ғарм омад, маркази ин шаҳраки кӯҳистонро холӣ аз одамони мулкӣ ёфтем. Аниқтараш гоҳ-гоҳ ин ҷову он ҷо одамонеро аз ҷумлаи калонсолон медидем, ки серташвиш ба назар мерасиданд ва мо ҳамин, ки ба онҳо наздик мешудем, аз мо ҳазар мекарданд. Аҷаб он буд, ки як кӯдакро бо сумкаи талабагӣ намедидем. Баъдан фаҳмидем, ки мактабҳо дар ин ҷо дер боз фаъолият намекарданд. Баъди бастани Созишномаи оташбас ба фармондеҳони ин минтақа нахуст аз масъулини маориф хоҳиш кардем, ки мактабҳоро фаъол кунанд. Рӯзи дигар шаҳраки Ғармро мисли ҷисми ба рагҳояш ҷондамида ёфтем. Садои хандаву фарёди кӯдакони ба сӯи мактабҳо шитобон шилдирроси оби зулолеро мемонд, ки дар ҷӯй равонаи дашти ташналабест. Гумон кардам, ки ба ин манзараи дилангезу гуворо танҳо ман таваҷҷӯҳ кардаам. Не, дидам, ки дар он тарафи роҳ ду мӯйсафеде ба ин анбӯҳи кӯдакон ба шавқ назар меафкананду ашки шодиро аз рухсораҳои хеш бо кафи дастони аз меҳнат шахшулашон пок месозанд. Ботини маро он лаҳза ҳиссиёте такон дод, ки то ба ҳол бо ба ёд овардани он манзара он ҳиссиёт такрор мешавад. Ҳиссиёти фарахбахше! Ман ҳамон лаҳза бори дигар барои худ маънӣ гирифтам, ки ин талошҳои мо баръабас нест. Месазад, ки барои чунин лаҳзаҳо ҷонфидоӣ кунем. Шукр,

ки ба ин рӯзҳо расидем!

**Амирқул Насимович, шуморо дар ҳукумати қабливу кунунии Тоҷикистон аз ҷумлаи мансабдороне медонанд, ки пойбанди ҳар як нуқтаву талаботи қонунҳои амалкунанда ҳастед. Яъне худ қонуншикан набудед ва намемондед, ки дигарон қонуншиканӣ кунанд. Вале барои мо маълум аст, ки дар давраи фаъолияти ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ баъзе аз ҳамкасбонатон аз ниҳодҳои қудратӣ аз иҷрои баъзе дархостҳои Шумо бо баҳонаи он, ки ин гӯё ин талабҳои Шумо ғайриқонунианд, саркашӣ мекарданд. Оё ин дуруст аст?**

Пӯшида нест, ки он рӯзҳо дар дасти размандагони нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсион аз ҷумлаи сарбозони ҳукуматӣ садҳо нафар дар асорат буданд. Наздик ба ҳамин миқдор намояндагони оппозитсион дар зиндонҳои давлатӣ маҳбус буданд. Вақте ки ин ҳайат дар манотиқе таҳти нуфузи мухолифин ба фаъолият пардохт, шароити аз асорат озод кардани сарбозони ҳукуматӣ низ тадриҷан муҳайё шуд. Вақте, ки мо аз фармондеҳони нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин талаби озод кардани асиронро мекардем, онҳо дар навбати худ аз мо дархости аз маҳбасҳо озод кардани ин ва ё он ҷонибдорони худро мекарданд. Ҳангоме ки ин масъала бори аввал дар назди роҳбари давлат Э. Ш. Раҳмонов матраҳ гардид, он кас ба мо дастур доданд, ки бо ҳар роҳу воситае, ки ҳаст, ҳарчи тезтар мо асиронро озод намоем. Зеро бозгашти як асир ва ё маҳбус ба муҳити оила ин маънои хушбахт кардани на танҳо зан, фарзанд, модар, падар ва ё хоҳару бародарро дошт, балки ин маънои солим гардондани муҳити иҷтимоӣ, ин маънои ба барқарор шудани сулҳ бовар кардани мардумро низ дошт. Аз ин рӯ ба хотири раҳо кардани асирони низомӣ он замон мо як қатор маҳбусонеро озод кардем, ки ба таври судӣ ҷинояти онҳо исботшуда ҳисоб меёфт. Ана дар ҳамин давра баъзе ходимони соҳаи ҳуқуқ ба баҳонаи он, ки озод кардани чунин маҳбусон амали ғайриқонунӣ аст, чунин сару

садоҳо баланд мекарданд ва кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки чунин табодул ба вуқӯъ напайвандад. Вале баъдан чунин мушкилот маъмулан бо дахолати роҳбари давлат Э. Ш. Раҳмонов мусбат ҳаллу фасл мешуданд.

**Ташаккур барои сӯҳбати пурмӯҳтаво.**

**Миллат, 2006, 28 сентябр.**

# ДАВЛАТИ УСМОН:
# *«ҚИССАИ ҚУРЪОНИ ЕЛТСИН, ЗИНДОНИ ДӮСТУМ, СӮҲБАТИ МУЛЛО УМАР БО МУХОЛИФИН»*

---

### *МУАРРИФИНОМА:*

***ДАВЛАТИ УСМОН. Зодаи ноҳияи Қубодиён. Соли таваллудаш 1957. Дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1974 баъд аз хатми мактаби миёна ба ноҳияи Ёвон омада, дар он ҷо то соли 1979 ба ҳайси коргари савхози рақами 3 кор кард. Аз соли 1979 то соли 1981 дар сафи Артиши Шӯравӣ хизмат намуд. Сипас дар базаи фурӯши маҳсулоти пахтагини Душанбе то соли 1985 ба сифати муттахассиси соҳаи барқ ифои вазифа намуд. Соли 1984 ба шӯъбаи шабонаи факултаи ҳуққшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, ҳамзамон фаъолияти худро дар истеҳсолот идома дод. Соли 1986 дар базаи ҷумҳуриявии «Тоҷикселхозкомплект» ба сифати ҳуқуқшинос ба кор даромада, то соли 1989 ин вазифаро ба ӯҳда дошт. Соли 1990 факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлати Тоҷикистонро ба итмом расонид.***

***Аз соли 1990 то сентябри соли 1999 ба ҳайси муовини раиси ҲНИТ фаъолият дошт. Аз моҳи май то декабри соли 1992 дар Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ вазифаи муовини Сарвазири ҶТ-ро ба ӯҳда гирифта буд. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ аз моҳи декабри соли 1992 то моҳи декабри соли 1996 дар хориҷ аз кишвар буд. Дар ин давра вазифаи муовини раиси ҲНИТ ва раиси Ситоди марказии нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТ-ро ба ӯҳда дошт.***

***12 феврали соли 1998 бо пешниҳоди ИНОТ вазири иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ҶТ таъйн шуд ва дар ин вазифа то моҳи марти 2000 кор кард.***

***Соли 1999 дар Анҷумани ҲНИТ номзад ба мақоми Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод гардид. Соли 2002 Академияи хадамоти давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо дипломи аъло хатм кард. Феълан ходими калони илмии Институти фалсафаи Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.***

***Оиладор, соҳиби панҷ фарзанд аст.***

**-Мӯҳтарам Давлати Усмон, чӣ шуд, ки Шумо сардори Ситоди Марказии Артиши НИТ, дар раъси як ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ дар айни ҷӯшу хурӯши ҷанг дохили Тоҷикистон биёеду ба сангарҳои набард рафта ҳар ду ҷониби даргирро ба қатъи ҷанг даъват намоед? Лутфан дар бораи таърихчаи таъсиси ин ҳайати баландпоя чанд сухан мегуфтед?**

**-** Ба номи Худои бахшандаи меҳрубон. Нахуст мехостам дар бораи кӯшишҳои ба сулҳ расидани ҷонибҳо чанд сухан бигӯям.

Гуфтушуниди байни ҳукумат ва оппозитсион, агарчанде дар апрели соли 1994 шурӯъ шуда бошад ҳам, вале заминаҳои он дар тобистони соли 1993 тарҳрезӣ шудааст. Барои оғози гуфтушунид чӣ омилҳо сабаб шуданд?

Тобистони соли 1993 баъд аз воқеаи заставаи 12-и нерӯҳои марзии Русия, яъне посбонгоҳи нерӯҳои марзии Русия, ки аз ҷониби нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин аз байн бурда шуд, расонаҳои хабарии Русия аз он як чизи даҳшатнокро ба тасвир кашиданд. Воқеан ҷанг буд, ҷанги шадид. Аввалин бор русҳо ҳис карданд, ки мухолифини тоҷик баъд аз он, ки аз Тоҷикистон қисмате ба кӯҳистон ва қисмати дигар ба хориҷ ронда шуданд, баъди муддати начандон дароз ба худ омаданд ва қобилияти муқобилияти шадидро доранд. Азбаски русҳо таҷрибаи бисёр талхи Афғонистонро доштанд, хеле зуд ба хулоса омаданд, ки бояд мунокишаи тоҷикон ба роҳи сиёсӣ ҳал шавад. То ин лаҳза нуқтаи назари русҳо ҳамин буд, ки бо

ба сари қудрат омадани ҳукумате, ки онҳо пуштибонашон ҳастанд, нерӯҳои мухолифин маҳор мешаванд ва дар ин ҷо оромӣ ба вуҷуд меояд. Вале диданд, ки масъала ранги дигар гирифт ва ба хулоса омаданд, ки муноқиша бо роҳи сиёсӣ ҳал шавад. Тақрибан ахирҳои моҳи май ва ё аввалҳои моҳи июни соли 1993 яке аз миёнаравҳои нерӯҳои марзбони Русия бо номи Мубориз ба ман, ки он вақт масъулияти фармондеҳии тамоми нирӯҳои низомии мухолифинро дар манотиқи кӯҳистон ба дӯш доштам ва дар Хоруғ будам, хоҳиши фармондеҳии нерӯҳои марзбонии Русия дар минтақаи Бадахшонро барои бо онҳо мулоқот кардан, расонид. Ӯ гуфт, ки фармондеҳи нирӯҳои сарҳадии русҳо сарҳанг Нероев мехоҳад бо ман мулоқоти махфӣ дошта бошад. Ман дарров розӣ шудам. Ман гумон доштам, ки гап сари марзшикании нерӯҳои мо хоҳад рафт.

**- Мулоқоти Шумо бо низомиёни рус дар куҷо баргузор гардид?**

- Мубориз мулоқотро дар 20 километрии шоҳроҳи Хоруғ – Ишкошим дар бӯстонсарои бародараш ташкил кард. Ба мулоқот ба ғайр аз сарҳанг Нероев боз як афсари баландрутбаи хадамоти кашфи нерӯҳои Русия ҳозир шуд. Дар мулоқот ҷаноби Нероев кушоду равшан гуфт, ки ман аз ҷониби Маскав маъмур шудам бо шумо мулоқот кунам ва як масъаларо матраҳ кунам. Аз нуқтаи назари шумо роҳи ҳалли сиёсии қазия вуҷуд дорад ё не? Ман ба ҷаноби Нероев гуфтам, ки роҳбарияти мухолифин аз ибтидо, пеш аз шурӯъи муноқишаҳо дар дохили Тоҷикистон ҳам, ҳатто пеш аз ба вуҷуд омадани Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ ва дар замони Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ низ, ки даргириҳо шурӯъ шуда буданд, танҳо як роҳро медиданд. Аз роҳи сиёсӣ ҳал кардани қазияро. Мухолифини тоҷик ҳеҷ гоҳ ҳадаф надоштанд, ки қазияро бо роҳи низомӣ ҳал кунанд. Аз ин лиҳоз ман, ҳарчанд ки бо роҳбарони мухолифин, аз ҷумла ҷаноби С. А. Нурӣ ва дигарон он замон тамоси мустақим надоштам, вале медонистам, ки

онҳо низ тарафдори ин усули ҳалли қазия буданд. Баъд аз ин мулоқоти мо бо марзбонҳои рус тақрибан ду моҳ пас мулоқоти ҷаноби С. А. Нурӣ ба Раиси хадамоти кашфи берунии Русия ҷаноби Е. Примаков дар Кобул таҳти миёнҷигарии роҳбарони ҳамонвақтаи Афғонистон сурат гирифт. Роҳбари мухолифин дар он вохӯрӣ омодагии ҷониби хешро барои бо роҳи сиёсӣ ҳал кардани қазия изҳор дошт. Инҳо буданд асосан заминаҳои эҷоди шурӯъи гуфтушунид. Баъдан тавассути он роҳбарони оппозитсион, ки муқими Русия буданд, корҳои омодагирӣ сурат гирифт. Аз моҳи апрели соли 1994 дар Маскав музокирот шурӯъ шуд. Ҳукумати Тоҷикистон, ки агарчи таҳти фишори Русия ба сари мизи музокирот омода буд, чун аз лиҳози низомӣ бартарӣ дошт, нуқтаи назараш ҳамин буд, ки ягон гузаште ба мухолифин надошта бошад ва онҳое, ки ба қавли худашон, ҷинояткор ҳастанд, бояд ҷазо бигиранд. Онҳое, ки ҷиноят содир накарданд, метавонанд ба Ватан баргарданд. Ин буд нуқтаи назари ҳукумати ҳамонвақта. Ва таъкидашон асосан рӯи бозгашти муҳоҷирин буд. Ва онҳое, ки гуноҳ кардаанд, бояд ҷазо бинанд ва ё ба Ватан барнагарданд. Мо шоҳиди он будем, ки дар давраҳои музокироти шаҳрҳои Маскав, Теҳрон ва Исломобод бо вуҷуди фишорҳои Русия ва созмонҳои байналмилалӣ ҳукумати Тоҷикистон аз мавқеи худ чандон поён омаданӣ набуд. Дар ҳамин ҳол дар соли 1996 якчанд таҳаввулоте шуд, ки раванди гуфтушунидро тезонд.

**- Лутфан дар бораи ин таҳаввулот мухтасаран чанд сухан мегуфтед?**

**-** Пеш аз ҳама яке аз он таҳаввулот ин буд, ки дар ахирҳои соли 1995 ва аввалҳои соли 1996 дар дохили кишвар тавонмандии нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсион хеле боло рафт. Дар як чанд амалиётҳои хеле калон дар Тавилдара нерӯҳои ҳукуматӣ якҷоя бо нерӯҳои низомии Русия натавонистанд, ки нерӯҳои мусаллаҳи мухолифини Тоҷикистонро аз байн бубаранд ва ё ҳаддиақал шикаст

бидиҳанд. Соли 1994 якбор Тавилдара аз сӯи нерӯҳои мухолифин гирифта шуд, вале боз нерӯҳои мухолифин онро тобистони соли 1994 тарк карданд. Ва аммо соли 1995 баъди гирифтани он дигар мухолифин Тавилдараро тарк накарданд. Ҳарчанд амалиётҳои ҳарбии ҳукумат ҳамарӯза идома дошт, вале бесамар буданд. Тавонмандӣ ва муқовимати нерӯҳои мухолифин дар дохил зиёд шуд ва тобистони соли 1996 ин бартарият эҳсос гардид. Дар дохили Афғонистон, ки он ҷо пойгоҳи низомӣ ва ҳам маркази сиёсии оппозитсион буд ва инчунин муҳоҷирин он ҷо буданд, таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Аз ҷумла пурқувват шудани нерӯҳои Толибон ва беш аз нисфи қаламрави Афғонистон ба тасарруфи онҳо гузаштан ва расидани ин нерӯҳо ба дарвозаҳои Кобул ҳукумати устод Раббониро маҷбур карда буд, ки ба худ як ақибгоҳ пайдо кунад ва бо кишварҳои Русия ва Тоҷикистон ва умуман кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибаташро хуб кунад. Аз ҳамин лиҳоз ман мехоҳам дар ҳамин ҷо чизеро ёдовар шавам, ки хеле муҳим аст.

**- Марҳамат, лутф мекунед.**

- Тақрибан моҳи ҳамал ё худ март-апрели соли 1996 дар Кобул, дар минтақаи Хайрхона, дар як қароргоҳи низомӣ, ки дар дохили як туннел буд, мулоқоти устод Нурӣ бо устод Раббонӣ бо иштироки ман ва шодравон Аҳмадшоҳ Масъуд ва Фаҳим, яъне мо ду нафар мухолифини тоҷик ва се нафар аз ҷониби ҳукумати Афғонистон баргузор гардид. Устод Раббонӣ, ки ҳамон вақт роҳбари давлати Афғонистон буд ва Кобул ҳамон вақт дар дасташон буд, мулоқотро ҳусни оғоз бахшид ва кушоду равшан вазъияти Афғонистонро баррасӣ кард ва ба мо гуфт, ки онҳо дигар роҳ надоранд ғайр аз ин, ки муносибаташонро бо Тоҷикистон ва бо кишварҳои собиқ шӯравӣ дуруст намоянд, чунки вазъият дигар ҳаминро талаб мекунад. Шодравон Аҳмадшоҳ Масъуд ҳам баъд аз устод Раббонӣ хеле кушоду равшан вазъиятро таҳлил кард, яъне воқеъиятро гуфт. Онҳо мехостанд бигӯянд, ки

шумо, яъне тоҷикон ғайр аз мусолиҳа дигар чорае надоред. Агарчанде мо низ дар пайи сулҳ кардан будем бо ҳукумат, вале ин мулоқот барои мо як таконе шуд, ки ҳарчи тезтар бо сулҳ бирасем. Онҳо ба мо мӯҳлат доданд, ки пойгоҳҳои низомии худро то тирамоҳи соли ҷорӣ ба дохили Тоҷикистон интиқол бидиҳем ва ё барҳам бизанем ва ин талаб бо сароҳат ба мо гуфта шуд.

Тобистони соли 1996 тақрибан моҳи июл як ҳайати ихтисосӣ бо сарварии Е. М. Михайлов, намояндаи хоси Раиси Ҷумҳурии Русия Борис Елтсин ба Афғонистон ба Қундуз омаданд. Дар ин ҳайат инчунин ду намояндаи Тоҷикистон, мушовирони Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳанг Зафар Икромов ва сарҳанги амниятӣ Ҳамрохон Зарифов, ки дар замони Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ муовини вазири амният буд, буданд. Мулоқот дар қароргоҳи волии вилояти Қундуз сурат гирифт ва аз ҷониби оппозитсион устод С. А. Нурӣ ва ман ширкат кардем. Дар аввал ҷаноби Михайлов ба мо ду Қуръони бо забони русӣ тарҷумашударо аз номи Раиси Ҷумҳурии Русия Борис Елтсин ҳадя намуд. Сипас танҳо як масъала баррасӣ шуд. Чаро гуфтушунид беш аз ду сол аст, ки идома дорад, вале ягон пешравие нест?

Мо мусоҳибон дар ин ҷо ёдовар шудем, ки Протоколи оташбас, ки соли 1994 ба имзо расидааст, риоя намешавад, оташбас ҳар лаҳза нақз мешавад ва бояд як ҳайати қавитар, баландрутбатар аз ҷониби мухолифин ба дохили кишвар биравад то риояи ин созишномаро дар ҳамоҳангӣ бо як ҳайати ҳукуматӣ қотеъона назорат кунад. Аниқтараш ин пешниҳод аввал аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон дар шахсияти Зафар Икромов ва Ҳамрохон Зарифов ироа шуд. Воқеан ҳам ин ду нафар дар он мулоқот хеле бо як самимият сухан мегуфтанд, хайрхоҳӣ нишон медоданд. Онҳо мегуфтанд, ки дар ҳукумати Тоҷикистон ҳам ҳастанд қувваҳое, ки мухолифи сулҳ мебошанд. Вале онҳое, ки вазъиятро хуб дарк мекунанд ва тарафдори сиёсати Раиси Ҷумҳур ҳастанд,

низ кам нестанд. Баъди ин мулоқот устод Нурӣ тасмим гирифт, ки ман бояд ба дохил биравам. Қарор буд, ки дар моҳи сентябр ман вориди Тоҷикистон шавам. Фарзандони ман дар Исломобод зиндагӣ мекарданд ва бо маслиҳати устод Нурӣ ман пеш аз сафар ба Тоҷикистон бояд аз аҳволи онҳо хабар мегирифтам, ки дар ин вақт Кобул ба дасти Толибон суқут кард. Ман аз роҳи Бадахшон натавонистам вориди Покистон шавам. Зеро дар ин самт ҳам нерӯҳои ҳукумати Афғонистон ва ҳам нерӯҳои ҳукумати Покистон марзро баста буданд. Баъдан маҷбур шудам аз роҳе, ки хатти ҷанг он ҷо буд, ҳаракат кунам. Дар охирин нуқтаи дидбонгоҳи нерӯҳои Дӯстум, дар наздикиҳои Хинҷон, ки баъди он минтақаи Толибон шурӯъ мешуд, аз сӯи нерӯҳои Дӯстум боздошт шудам ва тӯли 18-рӯз дар зиндонҳои Дӯстум будам.

**- Дар бораи боздошт шудани Шумо он замон дар расонаҳои хабарӣ сару садоҳое низ баланд шуда буданд. Мешавад, ки муфассалтар дар ин бора ҳарф бизанед?**

- Ҳамроҳи ман дар ин сафар боз ду нафари дигар низ буданд, ки яке аз онҳоро Қорӣ Шамсуддин мегуфтанд. Дар ин дидбонгоҳ касе моро нашинохт. Аз ду кор яке бояд сурат мегирифт. Ё моро мегузоштанд, ки пеш биравем, ё ба қафо бармегардонданд. Вале дар вақти тафтиши асноди мо яке аз сарбозони Дӯстум сухани таҳвиномез гуфт. Қорӣ Шамсуддин ӯро сарзаниш кард, ки чаро дашном медиҳӣ ва оё медонӣ, ки шумо бо кӣ гап мезанед? Ин одам муовини роҳбари Наҳзати Исломии Тоҷикистон Давлати Усмон ҳаст,- гӯён ӯро сиёсат кард. Ҳамин шуду онҳо мутаваҷҷеҳ шуданд, ки бо мақоми баландрутбаи мухолифини тоҷик сару кор доранд ва бо мухобира бо роҳбарони худ дар тамос шуданд. Баъди ду соат муовини аввали женрол Дӯстум женрол Маҷид Рӯзӣ пайдо шуд ва бо ман нахуст бисёр боадабона сӯҳбат кард. Баъдан байни ману женрол Рӯзӣ мунoқишаи лафзӣ рух дод. Ӯ мегуфт, ки ҳама ҷангу ҷидолҳоеро, ки имрӯз дар Афғонистон мебинем, аз дасти муллоҳо ба вуқӯъ

пайвастааст ва шумо муллоҳо Тоҷикистонро низ ба чунин аҳвол овардед. Ман гуфтам, ки на, аввал ҷангро дар Афғонистон коммунистон шурӯъ карданд. Бо кӯмаки онҳо Довудхон шоҳро сарнагун сохт ва баъдан коммунистҳо худи Довудхонро аз байн бурданд. Ҳамин гуна як баҳс доштем мову женрол Рӯзӣ. Баъдан ӯ ором шуд. Шабро дар ҳамон постгоҳи хаттии аввали ҷабҳа рӯз кардем. Рӯзи дигар моро ба мошин савор карда роҳи Мазори Шарифро пеш гирифтанд. Гумон доштам маро ба пеши Дӯстум мебаранд ва мо масъаларо ҳал мекунем. Вале, ҳайҳот. Моро рост ба зиндон бурданд ва дар маҳбаси Мазори Шариф чанд муддат нигоҳ доштанд. Нахуст муфаттише омад ва хост саволу ҷавоб бикунад. Ба ӯ гуфтам, ки ман танҳо бо Дӯстум сухан мегӯям. Дигар ӯ пешам наомад. Баъди гузашти се рӯз ман бо сардори зиндон, ки як марди кобулӣ будааст, сӯҳбати кӯтоҳе доштем. Ӯ ба ман гуфт, ки қазияи шумо қазияи сиёсӣ ҳаст ва мо коре карда наметавонем. Танҳо худатон метавонед ин қазияро ҳал кунед. Ва танҳо рӯзи чаҳорум ман тавонистам, ки тавассути як сарбоз мактуберо ба Кампи Сахӣ, ки муҳоҷирони тоҷик онҷо буданд, фиристонам. Баъдан фаҳмидем, ки ин мактуб рӯзи ҳаштум тавассути устод Нурӣ ба устод Раббонӣ расидааст. Худи ҳамон рӯз устод Раббонӣ ва шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд бо женрол Дӯстум мухобиравӣ дар тамос шуданд ва аз ӯ талаб карданд, ки моро фавран озод намоянд. Ҳамон Михайлове, ки аз он қаблан ёд кардам, соли 1998 вақте ки дар ҳукумат будам, ба ман гуфт, ки ҳамон рӯзҳо женрол Дӯстум ба ӯ гуфта будааст, ки ман яке аз роҳбарони мухолифинро дастгир кардам, ки ӯ ба назди Толибон ба Кобул барои имзо кардани созишномае мерафтааст, ки тибқи он якҷо барои тасарруфи Осиёи Миёна мубориза мебурдаанд. Албатта, ҳамаи ин чизҳо бӯҳтон буд, ягон созишнома надоштем, ҳатто чунин ҳадаф ҳам надоштем. Рӯзи 18-уми дар зиндон буданам буд, ки моро ба озодӣ баровварда ба як мошини Ландкрузер, ки гуфтанд мошини

женрол Дӯстум аст, савор карда ба назди женрол Дӯстум бурданд. Дар хонаи женрол Дӯстум консули ҶИЭ ҳузур дошт ва женрол Дӯстум изҳор дошт, ки дар робита бо зиндонӣ шудани мо иштибоҳ шудааст ва ӯ расман аз ман маъзарат мехоҳад. Ба гуфтаи женрол Дӯстум гӯё ӯ танҳо ҳамин рӯз фаҳмида будааст, ки мо дар маҳбаси ӯ зиндонӣ ҳастем ва инак фавран моро озод кард.

Дар робита бо ин бояд бигӯям, ки ҳанӯз соли 1998 Раиси Ҷумҳур оғои Раҳмонов ба ман гуфт, ки женрол Дӯстум бо ӯ ҳам тамос доштааст ва аз ҷумла гуфтааст, ки «Давлати Усмонро мехоҳам ба шумо таслим кунам, вале ба ивазаш шумо ба ман кӯмаки низомиву пулӣ кунед». Дар Афғонистон, мутаассифона, ин чиз роиҷ шудааст ва то ҳоло идома дорад. Ҳамин тариқ моро баъди мулоқот бо женрол Дӯстум ва консули Эрон ба қароргоҳи устод Раббонӣ бурданд, ки ҳамон шабу рӯзҳо пойтахт аз Кобул ба Мазор кӯчида буд. Баъдан устод Нурӣ омад ва ҳамроҳ дар як тайёраи хусусӣ ба ҶИЭ рафтем ва чанд муддат дар он ҷо ба табобат машғул шудам, зеро дар зиндон маро сард зада буд.

Бо ҳамин сабабҳо ман натавонистам дар раъси ҳайати низомиву сиёсӣ моҳи сентябри соли 1996 вориди Тоҷикистон шавам. Ин барномаи мо он замон барҳам хӯрд. Вале дар ин байн дар ҷабҳаҳот дар Тоҷикистон як тағйироти куллӣ эҷод шуд. Суқути маркази ноҳияҳои Ҷиргатол ва Тоҷикобод ба дасти нерӯҳои мухолифин ва баъдтар суқути маркази сиёсии водии Қаротегин- Ғарм, суқути Тавилдара ва пешравии нерӯҳои мухолифин ба тарафи Ховалинг артиш ва ҳукумати Тоҷикистонро дар ҳолати ногувор оварда буд. Ҳамин буд, ки фишорҳо сари мо ҳам аз ҷониби Эрон ва ҳам аз ҷониби Афғонистон барои баргузории мулоқоти ду роҳбар хеле зиёд шуд. Қарор шуд, ки аввали декабри соли 1996 дар Афғонистон, дар Толуқон чунин як мулоқот баргузор гардад. Зеро дар дигар манотиқи Афғонистон ин кор ғайриимкон буд. Толибон манотиқи бештареро таҳти контрол доштанд.

Дар дохили роҳбарияти мухолифин дар масъалаи баргузории ин вохӯрӣ дар сатҳи олӣ фикрҳо мухталиф буданд. Масалан, баъзе аз роҳбарони олирутбаи оппозитсиюн бар ин назар буданд, ки алҳол вақти музокирот нест. Зеро нерӯҳои оппозитсион дар ҳоли пешравӣ ҳастанд ва ин кор бояд феълан идома пайдо кунад то сари ҳукумат фишор бештар шавад ва ба гузаштҳои бештаре розӣ шавад ва омода шавад. Вале қисмати дигаре аз роҳбарони мухолифин дар раъси устод Нурӣ тарафдори баргузории ин музокирот ва мулоқот буданд. Ба ин ҳайат боз шодравон Отахон Латифӣ, Худойбердӣ Холиқназаров, Ҷумъабой Ниёзов, Сайид Қиёмуддини Ғозӣ ва банда низ шомил будем.

Ҳамаи мо аз ҶИЭ, аз фурӯдгоҳи Машҳад озими Афғонистон шудем. Ҳамин, ки ба қаламрави Афғонистон ворид гардидем, ҳавопаймоҳои Толибон тайёраи моро маҷбур карданд, ки дар майдони ҳавоии Шиндан фуруд оем. Баъди фуруд омадан дари ҳавопаймои мо боз гардид ва марде баъди аз назар гузаронидани мусофирон бо забони пашту гуфт:

-Раббонӣ ништа, яъне Раббонӣ нест.

Он лаҳза мо фаҳмидем, ки касе ба Толибон хабари нодуруст додааст, ки дар ин тайёра профессор Бурҳониддин Раббонӣ, Раиси Ҷумҳури Афғонистон низ будааст. Ба ҳар ҳол мо гуфтем, ки дар ин ҳавопаймо ҳама тоҷикистонианд, агарчанде баъзеҳо паспортҳои афғонӣ дошта бошанд ҳам. Дар Афғонистон барои осонтар шудани рафту омад ба кишварҳои ҳамсоя роҳбарони муҳоҷирини тоҷик низ маъмулан паспортҳои афғонӣ мегирифтанд. Ба ҳар ҳол он шаб мо дар Шиндан мондем. Рӯзи дигар роҳбари гурӯҳи Толибон Мулло Муҳаммад Умар як тайёраи АН-32-ро ба Шиндан фиристод. Аз мо хоҳиш карда шуд, ки ҳама ба он тайёра савор шуда, ба Қандаҳор парвоз кунем. Тайёраи СММ бошад, бояд холӣ ба он ҷо парвоз мекард. Дар майдони ҳавои Қандаҳор моро истиқбол намуда баъди се соат гуфтанд, ки роҳбари

Толибон Мулло Умар мехоҳад бо ду нафар аз ҳайати мо, бо устод Нурӣ ва ман сӯҳбат дошта бошад. Аз ин рӯ ба мулоқоти Мулло Умар ману устод Нурӣ рафтем. Мулоқот дар хатти парвози майдони ҳавоии Қандаҳор дар дохили як мутари ҷип сурат гирифт. Чаро дар дохили ягон хона не, ин барои ман муаммо монд. Мулоқот хеле ҷолиб буд. Дар аввал сухан аз сулҳи тоҷикон рафт ва вақте савол шуд, ки мо чаро сулҳ мекунем, мо Афғонистонро мисол овардем ва ҳамаи вазъиятро фаҳмондем ва устод Нурӣ ба мулло Умар гуфт, ки шумо низ бояд сулҳ кунед. Дар ҷавоб ба суханони устод Нурӣ мулло Умар автомати калашникови дар дасташ будаашро нишон дода гуфт, ки дар Афғонистон қазияро танҳо ҳамин ҳал мекунад. Устод Нурӣ бо шухӣ ба ӯ гуфт, ки ҳаргоҳ ки хаста шудед, мо омода ҳастем барои миёнҷигарӣ кардан.

**- Дар бораи ин мулоқоти устод Нурӣ ва мулло Умар дар расонаҳои хабарӣ нуқтаназарҳои гуногун нашр шуданд. Ба назари шумо ҳадафи асосии мулло Муҳаммад Умар аз ин мулоқот чӣ буд?**

- Ҳадафи асосӣ ин маъзаратхоҳӣ буд. Мулло Умар аз мо маъзарат хост, ки иштибоҳан ҳавопаймои мо поин шудааст ва ба Қандаҳор даъват кардани мо низ бо ҳамин мақсади маъзаратхоҳӣ будааст. Ӯ гуфт, акнун, ки мо маъзаратро ба ҷой овардем, шумо метавонед ба роҳи худ идома бидиҳед. Агар шаб меҳмони мо мешудед, мо хеле хурсанд мешудем. Мо ин таклифи мулло Умарро рад кардем ва гуфтем, ки мо меҳмони СММ ҳастем. Рӯзи дигар ҳавопаймои мо, ки илали техникӣ пайдо карда буд, омода шуд ва парвозро идома додем. Мулоқоти устод Нурӣ бо ҷаноби Раҳмонов тибқи маслиҳати пешакӣ мебоист рӯзи якуми декабр баргузор мегардид. Вале бо ин сабабҳои маълум он ба таъвиқ афтод ва ҳамин тариқ мулоқоти устод Нурӣ ва ҷаноби Раҳмонов рӯзи 10-уми декабри соли 1996 дар Хустдеҳи вулусволии Фархори вилояти Тахор ба вуқӯъ пайваст. Дар бораи натоиҷи ин мулоқот дар матбуоти он давра, ба хусус расонаҳои

хабарии электронӣ, сару садоҳои зиёде ба нашр мерасид. Ҳатто баъзе аз роҳбарони ИНОТ аз тавофуқоти ба даст омада розӣ набуданд. Вале ман бояд бигӯям, ки нуқтаи калидӣ дар раванди сулҳ ва гуфтушуниди ҳукумати Тоҷикистон бо мухолифинаш ин мулоқоти Хустдеҳ ба шумор меравад.

**- Барои чӣ шумо маҳз ҳамин мулоқотро мулоқоти калидӣ ҳисоб мекунед?**

- Барои чӣ ман ин мулоқотро мулоқоти калидӣ меномам? Аввал ин, ки маҳз дар ҳамин Хустдеҳ ҷониби ҳукумат ба таври воқеӣ омодагии хешро ба пешравӣ дар музокирот нишон дод. Сабаби асосии ба гузашт розӣ шудани ҳукумат дар тангно қарор гирифтани он буд. Аз сӯи дигар ҳукумати Афғонистон низ дар танго қарор гирифта буд. Ҳукумати Афғонистон низ бисёр мехост қазия тезтар ҳал шавад ва аз ин ба манфиати хеш истифода намояд. Яъне ӯ ҳарчи тезтар аз кӯмаки низомӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бархӯрдор шавад ва Тоҷикистон ҳақиқатан ҳам барояш ҳамчун ақибгоҳи қавӣ хидмат кунад. Ҷониби мухолифин, ки пешравиҳое ҳам дар ҷабҳа доштанд, вале бо доштани таҷрибаи талхи Афғонистон медонистанд, ки ин пешравиҳо муваққатианд ва аз паси он ногузир шикастҳое низ ба дунбол хоҳанд омад. Бинобар ин ҷониби мухолифин низ моил ба гузаштҳо буд. Ман наметавонам дар ин ҷо аз талошҳои шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд ҳарф назанам. Худораҳматӣ бисёр мехост, ки ҳарчи тезтар ба Тоҷикистон сулҳ биёяд. Ӯ ба ман гуфт, ки оғои Раҳмонов ҳозир аст шуморо ба ҳайси сарвазири кишвар бипазирад. Ман ба ӯ гуфтам, ки омир соҳиб, ҳадафи асосии мо ин нест. Ҳадафи асосии мо ин аст, ки сулҳ шавад, кӣ нахуствазир мешавад, кӣ не, ин муҳим нест. Чунки мо таҷрибаи талхи Афғонистонро дорем. Муҳим ин бурди миллат аст.

**- Мулоқоти Хустдеҳ чӣ гуна сурат гирифт?**

- Аввалин бор дар шароити хеле вазнин дар як хонаи

хеле танг, ба фикрам, масоҳаташ ду дар се буд, Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов бо Раиси Ҷумҳури Афғонистон устод Бурҳониддин Раббонӣ, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд, собиқ волии Ҳирот Исмоилхон ва аз ҷониби мухолифин устод Нурӣ ва ман то саҳар хоб накарда сӯҳбат намудем ва ба як пешравӣ ноил шудем. Ҳукумат бори аввал изҳор кард, ки омодааст ҷониби оппозитсияро дар қудрат саҳим созад. Ҳайатҳои музокиракунандаи ҳар ду ҷониб то субҳ матни протоколи Хустдеҳро навиштанд ва омодаи имзо сохтанд. Бояд бигӯям, ки Протоколи Хустдеҳ баъзе вокунишҳои мусбат ва манфиро дар дохили оппозитсия эҷод намуд, ки худи шумо шоҳиди он будед. Сару садоҳое буданд, ки гӯё мо бо вуҷуди бартарият доштан хеле гузашт кардем. Вале бояд мукаррараран таъкид кунам, ки маҳз дар ҳамин мулоқот гуфтушуниди тоҷикон аз кӯчаи сарбаста баромад. Вақте ки мо оғои Раҳмоновро гусел мекардем, ҷаноби Раҳмонов дар назди чархбол дубора ва себора ба ман гуфт: «Давлат Усмон, дер накунӣ ҳа, ҳарчи тезтар биё». Ин суханонро оғои Раҳмонов гаштаву баргашта такрор мекард. Дар Хустдеҳ мувофиқа шуда буд, ки гурӯҳе, ки бояд моҳи сентябр ё худ тирамоҳ ба дохили Тоҷикистон мерафт, вале имконият нашуд, бояд ҳарчи сареҳан ба дохили кишвар биравад. Ин 11-декабри соли 1996 буд. Тақрибан баъди 3-4 рӯз гурӯҳи мо озими Тоҷикистон шуд.

**- Ҳайати баландпояи сиёсиву низомиро шумо аз рӯи кадом принсип интихоб кардед?**

Устод Нурӣ ба ман гуфтанд, ки дар интихоби аъзои ҳайат озод ҳастам.

-Ҳар касеро ки мехоҳед, худатон интихоб кунед, чунки бо онҳо шумо кор мекунед,- гуфтанд устод Нурӣ.

Ман ҳам кӯшиш кардам афроди аз ҷиҳати сиёсиву низомӣ варзидаро интихоб намоям. Аз ҷумла худи шуморо, ки афсари ҳирфаии кумитаи амният будед, Муҳаммадалии Ҳаитро, ки дар солҳои ҷанги шӯравӣ дар хадамоти кашфи низомӣ дар Афғонистон фаъолият

мекард, Неъматулло Билолро, ки собиқ дар вазорати дохила дар вазифаҳои муҳим кор карда буд, Мирзо Муҳаммадии Навидро, ки роҳбари бахши фарҳангии НИТ буд, ба хотири ташвиқу тарғиб миёни муҷоҳиддин интихоб кардем. Бисёриҳо ба мо маслиҳат медоданд, ки бо худ нафари зиёд бубарем, нерӯҳои низомӣ бубарем. Ҳама вақт мегуфтам, ки не, нерӯҳои зиёд дар муқобил вокуниши манфӣ ба бор хоҳад овард. Аз ин лиҳоз дар ҳайатамон чор мусаллаҳро ҳамроҳ гирифтему халос. Ин аст таърихчаи созмон ёфтани ин ҳайати баландрутбаи сиёсиву низомӣ, ки баъди тақрибан як сол дар борои он тамоми расонаҳои хабарии ҷаҳон гап мезаданд. Ҳатто дар варақаҳои расмии СММ, қатъномаҳои Шӯрои Амнияти СММ аз фаъолияти ин ҳайат ёдовар мешуданд.

**- Рӯзи ба Душанбе омаданатон оё дар хотиратон мондааст?**

- Бале, рӯзи 16-декабри соли 1996 тавассути чархбол моро ба Душанбе оварданд. Мо тақрибан соатҳои се-чор ба Душанбе расидем. Дар майдони ҳавоии Душанбе ҳайати моро Дабири Шӯрои Амнияти ҶТ Амирқул Азимов ва муовинони вазири ҳамаи вазоратхонаҳо қудратӣ гарм пешвоз гирифтанд. Дар кӯчаҳои шаҳр натанҳо васоити нақлиётӣ кам буд, балки ҳатто рафту омади одамон кам ба назар мерасид. Яъне Душанбе дар ҳақиқат ҳам бо як шаҳри ҷангзада мемонд. Бо ман як воқеаи аҷиб рух дод, ки мехоҳам дар ҳамин ҷо бори аввал аз он ёдовар шавам. Соли 1992 вақте ки ман муовини нахуствазир будам, бо шодравон Ҷӯрабек Аминов, ки муовини аввали вазири амният буданд, чор моҳ дар бӯстонсарои ҳукуматӣ дар бинои рақами 1 зиндагӣ кардем. Аҷиб ҳамин буд, ки вақте ки моро аз Афғонистон ба Душанбе оварданд, дар ҳамон бинои рақами 1 ҷо карданд. Дар ҳамон биное, ки аз он ҷо 24 октябри 1992, баъди шабехуни Сафаралӣ Кенҷаев мо ҷон ба саломат бурда Душанберо тарк карда будем. Ва инак баъди чанд сол боз вориди Душанбе шудам ва аввалин шаби худро

дар ҳамон бино ва ҳатто ҳуҷрае гузарондам, ки чанд сол пеш онро тарк карда будам. Ҳатто ғизои шоми нахустинро дар ҳамон ошхонае хӯрдем, ки қабл аз тарки Душанбе, он ҷо ғизо мехӯрдем.

**- Ҳайати баланпояи сиёсиву низомӣ корро аз чӣ шурӯъ кард?**

- Субҳи рӯзи дигар ҳайати мо ба дафтари намояндагии СММ дар Тоҷикистон омадем. Намояндаи вакили Дабири Кулли СММ ҷаноби Ҳерд Дитрих Мерем ба мо гуфт, ки ҷониби ҳукумат мехоҳад, ки шумо худи ҳамин рӯз ба Ғарм биравед. Он рӯз борони сахт меборид. Чархбол наметавонист парвоз кунад. Аз ин рӯ хоҳиш карданд, ки аз роҳи заминӣ озими Ғарм шавем. Дар ҳамин ҷо ман мехоҳам ибрози миннатдории худ ва ҳайати моро аз роҳбари ҳайати нозирони низомии намояндагии СММ дар Тоҷикистон генерали урдунӣ Ҳасан Аббаза изҳор намоям. Ӯ ҳамон вақт маро ба гӯшае хонду бо забони арабӣ( рӯзи омадан чун фаҳмидам, ки арабтабор аст, бо ӯ бо забони арабӣ ҳарф зада будам) гуфт, ки ба пешниҳоди аз тариқи заминӣ рафтан ба Ғарм розӣ нашавед. Зеро амнияти роҳ таъмин нест ва дар худи ҳукумат низ душманони раванди сулҳ кам нестанд. Аз ин рӯ сабр кунед ва бо чархбол ба Ғарм равед. Гапи генерал Ҳасан Аббаза ҷон дошт. Дар он вақт нерӯҳои Ризвон, ки бо мухолифин дар хусумат буданд, дар мавқеи Оби Гарм мавқеъ доштанд ва чанд рӯз баъд ин гурӯҳи мусаллаҳи табаҳкор як ҳайати намояндагони СММ, коммисияи оташбасро ба гарав гирифтанд.

Рӯзи 17-уми декабр баъди нисфирӯзӣ ҳаво кушода шуд ва мо бо чархбол ба Ғарм рафтем. Дар Ғарм моро ҳайати нозирони низомии СММ ва мардуми маҳал хеле самимона пешвоз гирифтанд. Ман дар он ҷо як саҳнаи аҷиброро дидам. Рӯзҳо рӯзҳои хеле хунук буданд. Мо баъди омадан ба Ғарм аввалин кореро кардем, чор нафар маҷрӯҳи як баталиони вазорати дохиларо, ки дар мавзеи зилзиласанҷии шаҳраки Ғарм дар муҳосира буданд, бо он

чархболе , ки ба Ғарм омадем, ба Душанбе интиқол додем. Маҷрӯҳонро, ки авҳоли хеле вазнин доштанд, бо ду сабаб намешуд аз тариқи заминӣ ба Душанбе интиқол дод. Якум дар муҳосира қарор доштанд ва дуввум ҷароҳаташон вазнин буд. Мо инчунин фаҳмидем, ки ин баталоне, ки дар муҳосира ҳаст, аз ҷиҳати хӯрока танқисӣ мекашад. Дар байни сарбозон камбуди нон шадидан эҳсос мешуд. Бо хоҳиши ҳайати мо худи ҳамон рӯз дар Ғарм мардуми маҳал нон пухта ба сарбозони ин баталон фиристоданд.. Ҳамон бегоҳӣ фармондеҳи ин баталон сарҳанг Нурулло ба назди мо омад. Ва аввалин бор ман дидам, ки ӯ ҳамчун шахсе, ки ба мо эътиқод дорад, ҳарф мезанад. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки бо мухобира бо женрол Сӯҳроб Қосимов дар тамос шавам ва ба ӯ итминон бидиҳам, ки аз сӯи нерӯҳои мухолифин болои онҳо ҳамла сурат намегирад, то онҳо сарбозони худро аз баландии кӯҳҳо, аз дидбонгоҳҳо поин фароранд. Зеро ҳамаро сард задааст. Ҳамон шабу рӯз ҳарорати ҳаво аз 20 дараҷа зиёд хунук буд. Мо албатта ба онҳо итминон додем, ки чунин ҳамла сурат нахоҳад гирифт ва онҳо метавонанд сарбозони худро аз болои кӯҳҳо ба казармаҳо биёранд.

**- Шумо бо генерал Сӯҳроб Қосимов дар тамос шудед?**

- Не, чунки ҳама корҳоро кардем ва итминон ҳам додем, ки ҳамла сурат нахоҳад гирифт.

**- Дар ин сафар ҳайати мухолифинро як гурӯҳи мансабдорони ҳукуматӣ низ ҳамроҳӣ мекард. Дар бораи ин ҳайат чӣ гуфта метавонед?**

- Бояд бигӯям, ки ҳайати ҳукуматие, ки моро ҳамроҳӣ мекард, як ҳайати мукаммал ва баландпоя буд. Сатҳаш хеле боло буд. Дар ҳайат, ки онро Дабири Шӯрои Амнияти ҶТ Амирқул Азимов роҳбарӣ мекард, муовини нахуствазир Қадриддин Ғиёсов, раиси гумруки ҶТ Худойқул Ҳамроқулов, муовинони вазоратхонаҳои қудратӣ, сардори раёсати кадрҳои ВКД шодравон Алӣ Кулиевич Имомназаров, сардори амнияти минтақаи Ғарм Саидаҳтам Саидшарипов ва ғайра шомил буданд.

**Кадом корҳоеро , ки дар рӯзҳои аввал сурат гирифтанд, шумо муҳим арзёбӣ мекунед?**

- Кори аз ҳама муҳиме, ки дар рӯзҳои аввал сурат гирифт, ин озод кардани 135 нафар кормандони ниҳодҳои қудратии дар Ғарм амалкунанда, ки дар як амалиёти нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин асир шуда буданд, ба шумор мерафт. Дар навбати худ бо хоҳиши фармондеҳони оппозитсион наздик ба 30 нафар размандагони ИНОТ, ки ҳамон шабу рӯз дар зиндонҳои ҳукуматӣ буданд, бидуни расмиятчигӣ аз маҳбасҳо озод карда шуданд.

Бояд гуфт, ки дар ин кор аъзоёни ҳайати ҳукуматӣ ва худи роҳбарияти ҳукумат хеле кӯшишҳо ба харҷ доданд, хуб кор карданд, ҳусни тафоҳум нишон доданд.

**- Агар фаромӯш накарда бошед, ҳамон рӯз ҳамроҳи ҳамин ҳайати баландрутбаи низомиву сиёсӣ ба минтақаи Қаротегин боз раисони ноҳияҳои Ғарму Тоҷикободу Ҷиргатол сафар карданд. Ҳайати баландпоя бояд ба онҳо ҳамкорӣ мекард, то ин ки сохторҳои фалаҷгаштаи ҳукуматиро дар он ҷо фаъол кунанд.**

- Бале, бале. Тибқи Протоколи Хустдеҳ дар мадди аввал бояд ҳукуматҳои маҳаллӣ фаъол мешуданд. Аз ин рӯ мо раисони ноҳияҳои мазкурро бо худ бурдем ва дар ҳузури онҳо ба фармондеҳони муҷоҳиддин талаботи Протоколи Хустдеҳро фаҳмонда додем ва гуфтем, ки ҳукумат дар ноҳияҳо бояд таҳти роҳбарии ин шахсиятҳо фаъолият кунад. Ҳамин тариқ талаботи боз як банди Протоколи Хустдеҳро мо фавран иҷро кардем. Талаботи дигар ин фаъол шудани органҳои қудратӣ буд, ки ин ҳам тадриҷан иҷро шуд.

Тақрибан баъди як ҳафта мо ба ноҳияи Тавилдара рафтем. Дар Тавилдара вазъият билкул дигар, хеле ҷиддӣ ва ҳассос буд. Фармондеҳи ин минтақа Мирзо Зиё, агарчи оташбасро риоя мекард, вале дар барқияҳои худ рӯирост, ошкоро аз фармони қатъи амалиётҳои ҷангӣ ва ҳатто имзои Протоколи Хустдеҳ изҳори нохушнудӣ мекард. Аз ин рӯз мо лозим надонистем, ки аъзои ҳукуматии ҳайати

баландпояро ба Тавилдара барем. Танҳо Зафар Икромов, мушовири Раиси Ҷумҳурро бо худ гирифтему халос. Ҳамин, ки дар Чилдара аз чархбол поин шудем, Мирзо Зиё баробари Зафар Икромовро дидан, талаб кард, ки фавран бо ҳамин чархбол ӯ инҷоро тарк намояд.

Касе аз аъзои ҳайат натавонист садди ин амали Мирзо Зиё шавад. Зафар Икромов чизе нагуфта ба чархбол савор шуд ва роҳ ба сӯи Душанбе гирифт. Соат тахминан 4-и бегоҳ буд. Мирзо Зиё моро низ дар аввал чандон хуш қабул накард. Аъзои ҳайатро ба дохили хонае бурданд ва маро барои сӯҳбат ба кӯча даъват кард. Сӯҳбати мо дар кӯчаи марказии Тавилдара ҳини қадамзанӣ сурат мегирифт. Дар аввал Мирзо Зиё талаб кард, ки ба ду саволи ӯ ҷавоб гӯям. Якум, чаро ба Протоколи Хустдеҳ имзо гузоштем? Дуввум чаро мо ба Тавилдара омадем? Ҳамин, ки шурӯъ мекардам ба ҷавоб гуфтан ӯ сухани маро бурида аз мушкилоти ҷабҳа, аз азобҳои кашидааш, аз размандагони шаҳидаш, аз таҳқирҳои дидааш ва ғайраву ғайра сухан мегуфт ва ман маҷбур мешудам ӯро боз сабурона гӯш кунам. Билохира ман тақрибан соатҳои 11-12 шаб тавонистам ба ӯ сабабҳои ба имзо расидани Протоколи Хустдеҳ ва барои чи ба Тавилдара омадани ҳайатро фаҳмонда диҳам. Аз хатари таҷзияшавии Тоҷикистони азиз гуфтам. Хулоса 7-8 соат мо гапзанон мерафтем сари кӯча, меомадем поёни кӯча. Ӯ бисёр бо ҳиссиёти баланд ҳарф мезад. Гоҳҳо ашк мерехт. Ӯ билохира суханони маро маъқул шуморид ва сипас моро ба сари дастархони хеле хуб ороста даъват кард.

Кори ҳайат дар Тавилдара хеле зиёд буд. Чунки дар он ҷо ҷангҳои шадид хеле зиёд шуда буданд. Қурбониҳо ва хисоротҳо аз ҳарду ҷониб хеле зиёд буданд. Аз нуқтаи назари равонӣ дар ин минтақа мардум ҳам дигар буданд, муҷоҳиддин ҳам дигар буданд. Чунки онҳо муқовимати сахт карда буданд. Онҳо ҳеҷ тасаввур намекарданд, ки сулҳ шуданаш мумкин аст. Мушкили асосӣ дар ҳамин буд.

**-Чӣ омилҳое буданд, ки фармондеҳон ва размандагони**

**оппозитсион муттақоид шаванд, ки сулҳ як зарурат аст, сулҳ беҳтар аз ҷанг аст?**

- Афғонистон барои мо дарси аҷиб шуд. Охирҳои феврал ва аввалҳои марти соли 1993 буд. Ман ба Чоросиёб рафтаму ба ҷаноби Гулбиддин Ҳикматёр сӯҳбат кардам, сӯҳбати муфассал ва хеле дароз. Он вақт ӯ нахуствазири Афғонистон буд. Воқеан, ман аз роҳбарони мухолифин нахустин касе будам, ки бо ӯ сӯҳбат кардам ва тамоми қазияи Тоҷикистонро барояш қисса кардам. Ҷаноби Гулбиддин Ҳикматёр баъди шунидани қиссаи ҷанги Тоҷикистон аз ман хоҳише кард, ки ҳеҷ интизораш набудам ва ғайричашмдошт буд. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки байни ӯ ва оқои Аҳмадшоҳи Масъуд ба хотири сулҳу салоҳ миёнҷигарӣ намоям. Ман ба ӯ ҷавоб додам, ки «ҷаноби Ҳикматёр, шумо беш аз 15-20 сол ҳаст, ки дар мубориза ҳастед. Шуморо дар дунё мешиносанд. Шахсияте ҳастед, ки ҳамрадифи шумо раисони ҷумҳури бисёр аз кишварҳо ҳастанд. Онҳо имрӯз байни шумо миёнҷигарӣ доранд. Ман як шахсияти хеле хурд ҳастам. Таҷрибаи кофии сиёсӣ надорам. Ва аз ӯҳдаи миёнҷигарии байни шумо ва Аҳмадшоҳи Масъуд баромада наметавонам».

Ҷаноби Ҳикматёр бо вуҷуди ин суханони ман дубора исрор варзид, ки ин корро ман анҷом диҳам. Шояд ин як тактикаи оғои Ҳикматёр буд. Шояд инро самимона мехост. Ба ҳар ҳол рӯзи дигар ман бо мушкилоте хати ҷабҳаи байни нерӯҳои Ҳикматёр ва Аҳмадшоҳи Масъудро гузашта ба назди Аҳмадшоҳ Масъуд омадам. Байни ин ду лидер ҷанг буд. Аз ду тараф тирпарронӣ буд, мушакпарронӣ буд. Бо машаққатҳои зиёде омадам назди Аҳмадшоҳи Масъуд. Оғои Масъуд дар Кобул набуд, дар Ҷабалуссироҷ буд. Дар Ҷабалуссироҷ як марде моро дар қалъаи кӯҳнае меҳмондорӣ кард. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки оғои Масъуд чи гуна дар торикӣ каждумро дид ва ҷони моро аз неши заҳрогини он наҷот дод. Ӯ ин корро чунон моҳирона бо як қуттии гӯгирд анҷом дод, ки то ҳанӯз дар

ҳайратам. Хона торик буд. Ҳанӯз чароғро дарнагиронда буданд. Ман мехостам, ки ба болои кӯрпачае бишинам, ки Аҳмадшоҳ маро намонд нишастан ва каждумро гирифт ва онро ба ман нишон дода гуфт:

-Оғои Давлат Усмон, ин каждум аст!

Ин мисол бори дигар бароям бузургии он абармардро нишон дод, чи гуна таҷрибаи кӯҳгардӣ андӯхта буд. Шаб то дер сӯҳбат карда бошем ҳам, дар бораи хоҳиши Гулбиддин ба Масъуд чизе нагуфтам. Танҳо дар сари хӯроки субҳона аз мулоқоти худ бо Ҳикматёр ва хоҳиши ӯ сухан гуфтам. Ҳамин, ки гуфтам Ҳикматёр аз ман як хоҳиш кард, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд гуфт, ки Ҳикматёр хоҳиш кард, ки байни ману ӯ миёнҷигарӣ кунӣ ва хандид. Ман ҳам хандидам ва гуфтам: «Оре, ӯ чунин хоҳиш карда буд». Бадеҳатан аввал ӯ гуфт, ки «Афғонистон он гоҳ ором мешавад, ки ё сари ман ва ё сари Ҳикматёр соҳиб, дар гӯр биравад». Вале боз даррав гуфт, ки ман албатта шӯхӣ мекунам. Аҳмадшоҳи Масъуд шахси бисёр оқилу зирак буд. Баъди каме андеша гуфт, ки агар ба шарте ин пешниҳоди оғои Ҳикматёр самимӣ бошад, феълан ман ду пешниҳод дорам , ки чанд бор матраҳ шудааст, ман ҳардуи ин пешниҳодҳоро қабул дорам. Якум мувофақаи Ҷалолобод. Чизе ки дар Ҷалолобод ба тавофуқ расидааст, ман ҳамонро қабул дорам. Дуюм Ҳизби исломӣ, Ҷамъияти исломӣ, Иттиҳоди исломӣ, ки феълан дар Афғонистон нерӯҳои низомии асосӣ дар дасти онҳост, дар гузашта як ҳаракат буданд, Ҳамин се роҳбари ин се ҳизб якҷо бо ҳам биёянд, як роҳбарро интихоб кунанд. Ва ман омода ҳастам, ки фармони он роҳбарро иҷро кунам. Бигзор ӯ Раббонӣ бошад ва ё Ҳикматёр, ё Сайёф. Ҳатто агар фармон шавад, ки Аҳмадшоҳи Масъуд силоҳатро ба замин гузор, ман омода ҳастам.

Баъд аз ин суханон ман рафтам пеши Ҳикматёр ва ба ӯ мӯҳтавои пешниҳоди Аҳмадшоҳи Масъудро гуфтам. Ҳикматёр гуфт, ки бисёр хуб, ман розӣ. Вале қаблан як

интихобот доир кунем ва бубинем, ки кадоме аз аҳзоб райъи бештар касб мекунад. Ман ба Ҳикматёр дар ҷавоб гуфтам, ки дар чунин шароите, ки силоҳ дар дасти мардум аст, оё мешавад интихоботи одилонаро доир кард? Баъдан хулоса кардам: «Ана дидед, Ҳикматёр соҳиб, ман гуфтам ку, аз ӯҳдаи миёнҷигарӣ намебароям ва оқибат гапи ман рост баромад. Инро гуфтаму аз пеши Ҳикматёр бадар рафтам. Ман ин қиссаро барои чи дар ин ҷо нақл кардам? Аслан ҷанг чӣ ҳаст? Ҷанг ин эҷоди нобоварӣ, кина, ғазаб ва беэътиборӣ нисбати ду тараф. Сулҳ чӣ ҳаст? Сулҳ аз байн бурдани ҳамин кина, ғазаб, нобоварӣ ва беэътимодӣ ҳаст. Яъне эҷоди боварӣ, дур кардани кина, ғазаб ва ғайра. Ва ҳангоме ки мо ба Тоҷикистон омадем, бо дарназардошти воқеаҳои Афғонистон дар шуур ва қалби худ ҳамин мақсадро пеш гузошта будем. Ҳайати мо ҳамин принсипҳоро дошт. Фикр мекунам, ки тарафи муқобили мо, яъне ҳукумат низ ҳамин гуна мақсад дошт. Инсофан бигирем ҳарду ҷониби даргири тоҷикон дар вазъияти бисёр ногувор қарор доштанд, ки ба чуз сулҳ кардан илоҷе надоштанд. Ҷониби мо аз сӯи ҳукумати ҳамонвақтаи устод Раббонӣ зери фишор буд, ки сулҳ шавад. Ҳукумати Тоҷикистон бошад аз сӯи нерӯҳои мусаллаҳи дар ҳоли пешравии мухолифин зери фишор қарор гирифта буд. Аз сӯи дигар ҳамон лаҳза қариб ҳамаи қудратҳои зиддахл дар қазия ҳам Русия, ҳам Эрон, ҳам Афғонистон манфиатдор буданд, ки дар Тоҷикистон сулҳ шавад.

Хулосаи ин гуфтаҳо ҳамин аст, то бигӯем, ки вазифаи аввалини аъзои ин ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ иборат буд аз эҷоди бовариву эътимод ва дур кардани кинаву ғазаб аз миёни онҳое, ки силоҳ дар даст дар сангарҳо ҷанг мекарданд.

**- Чи навъе, ки ман каму беш огаҳӣ дорам, як вазифаи дигари ин ҳайат тарбияи дурусти муҷоҳиддин ба шумор мерафт, яъне размандагони артиши Наҳзати Исломии Тоҷикистон. Дар ин самт чӣ корҳоро анҷом додед?**

- Чи навъе қаблан ҳам ёдовар шудам ман маҳз ба ҳамин хотир кормандонеро, ки каму беш дар масоили низомӣ ворид буданд, аз ҷумла ҷаноби шумо, ки афсари баландрутбаи амниятӣ будед, ҷаноби Неъматуллоҳ Билолов, ки афсари баландрутбаи вазорати умури дохила, Маҳмадалӣ Ҳайитовро, ки дар сохторҳои кашфи вазорати дифои Иттиҳоди Шӯравӣ кор мекард, ба ин ҳайат дохил намудам. То онҳо на танҳо дар таблиғи асноди сулҳ, балки дар тарбияи размандагон, ба низом овардани сохторҳои ҳарбии артиши НИТ дар ҷояш корҳои муфидеро анҷом бидиҳанд. То омадани ин ҳайат ҳам артиши НИТ, албатта, як низоме дошт. Вале бояд гуфт, ки ба таври бояду шояд онро ба воҳидҳои низомии хурду бузург танҳо дар ҳамин давра ҷудо кардем. Таъкид мекунам, ки то ин давра низ воҳидҳои низомӣ зери фармони қумандонҳо буданд, вале тарзи амали онҳо як низоми муайян ва ҷиддиро надошт. Ин ҳайат размандагони мухолифинро дар пайравӣ ба низоми артиши шӯравӣ ба отделение, взвод, рота, баталён ва полкҳо ҷудо намуд. Ин ҳама дар асоси амри Фармондеҳи Кулли Артиши Наҳзати Исломии Тоҷикистон устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва фармонҳои банда, Сардори Ситоди Кулли АНИТ Протокол ва аснод шуданд. Масалан, нерӯҳои дар Тоҷикобод бударо дар як баталён муттаҳид сохтем ва бо фармони Фармондеҳи Кулл Муҳаммадрӯзӣ Искандаровро қумандон ва Шайхро ҷонишини он таъин намудем. Ҳамин тариқ дар самти Ҷиргатолу Ҳоит баталён созмон додем ва қумондон Аҳмадбекро фармондеҳ ва Шоҳро ҷонишини ӯ таъйин кардем. Дар худи Ғарм, ки размандагонаш зиёдтар буданд, полк таъсис додем ва оғои Мирзохӯҷа Низомовро фармондеҳ таъин кардем. Ҳамин гуна корро дар дигар манотиқи таҳти нерӯҳои мухолифин кардем. Ин тарзи кор ба мо имкон дод, ки назоратро аз болои фармондеҳон ва размандагони онҳо хубтар ба роҳ монем. Нагузорем, ки онҳо шартномаи оташбасро нақз кунанд.



***Амирқул Азимов***



***Аҳмадшоҳ Масъуд, Сайдамир Зуҳуров,***
***Зафар Икромов, Ҳамрохон Зарифӣ,***
***Шукурҷон Зуҳуров ва Саидмурод Фаттоев***



***Бурҳониддин Раббонӣ ва муаллиф***



***Бозор Собир ва журналистон***
***Рухшона Мирзоширинова***
***ва Султони Ҳамад***



***Давлати Усмон***



***Доктор Абдулло Абдулло***
***ва муаллиф***



***Иброҳим Усмонов***



***Кристоф ду Понфили***



***Муҳаммад Юнуси Қонунӣ ва муаллиф***



***Масъуда Ҷалол ва муаллиф***



***Муҳиддин Кабирӣ***



***Олег Понфилов***



***Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва муаллиф***



***Рашид Ғанӣ Абдулло***



*Ҳамид Мир*



*Чингиз Айтматов ва муаллиф*

**- Боз кадом кори анҷомдодаи ин ҳайатро дар он вақт шумо муҳим арзёбӣ мекунед?**

- Кореро, ки он вақт бо роҳбарони нерӯҳои марзбонии вилояти Ӯши Қирғизистон анҷом додем, фикр мекунам, ки кори хеле муҳим буд. Дар он вақт ташвиши роҳбарони Қирғизистон хеле зиёд буд. Онҳо ҳатто нерӯҳои марзбонии Русияро дар марзи худ мустақар карда буданд, то аз ҳамлаҳои эҳтимолии нерӯҳои мусаллаҳи мухолифини ҳукумати Тоҷикистон ба қаламрави Қирғизистон ҷилавгирӣ намоянд. Бо ин мақсад нерӯҳои низомии Русия ҳатто то чанд километр вориди хоки Тоҷикистон низ шуда буданд. Ба хотири паст кардани ташаннуҷ дар сарҳад байни мо ва мақомоти вилояти Ӯши Қирғизистон, як мулоқоте барпо гардид, ки дар он аксари фармондеҳони оппоситсиони ин минтақа ширкат карданд. Аз ҷониби Қирғизистон муовини аввали вазири умури дохилаи Қирғизистон, муовини губернатори вилояти Ӯш ва ғайра иштирок доштанд. Дар натиҷаи ин мулоқот протоколе ба имзо расид, ки тибқи он ҷониби мухолифин масъулияти таъмини суботу амниятро дар минтақаи марзӣ то лаҳзаи пурра барқарор шудани ҳукумати марказӣ дар минтақа ба ӯҳда гирифт. Ҷониби Қирғизистон ӯҳдадор шуданд, ки дар муносибатҳои ҳамҷаворӣ ҳусни тафоҳум нишон диҳанд.

**- Дар тӯли фаъолияти ин ҳайат, ки тақрибан даҳ моҳ идома кард, шумо ҳамчун раиси ин ҳайат борҳо бо Раиси Ҷумҳур мулоқот доштед ва мутаассифона, расман дар ин бора на он вақт ва на баъдан чизе нашр нашуд. Фикр мекунам, ки ҳоло фурсат расидааст, ки асрори баъзе аз ин мулоқотҳоро кушоед?**

- Боре вақте ки ҳайати ҳукуматӣ навакак аз Ғарм ба Душанбе баргашта буд, дидам, ки роҳбари ин ҳайат Дабири Шӯрои амнияти ҷумҳурӣ Амирқул Азимов бе огоҳии пешакӣ дар Ғарм пайдо шуд. Ин ҳамон даврае буд, ки созишномаҳои моҳи декабри соли 1996 дар Маскав қабулшуда ба кундӣ дар амал татбиқ мегардиданд.

Вазъият дар дохили нирӯҳои ҳукуматӣ чандон солим набуд. Аз симои Амирқул Азимов эҳсос мекардӣ, ки ташвиши ҷиддие дорад. Ӯ мегуфт, ки вазъият муташанниҷ аст ва шумо бояд бо Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов як мулоқот кунед, ки дар пайи он мулоқоти ду роҳбар доир бишавад. Ман ба ӯ гуфтам, ки бояд ин пешниҳодро бо устод Нурӣ ҳамоҳанг бисозам ва рафтам ба дафтари намояндагони СММ, ки дар Ғарм фаъолият мекард ва телефонӣ бо устод Нурӣ дар тамос шудам. Дар сӯҳбат бо устод Нурӣ, ки навакак аз мулоқоти Маскав баргашта буд, раванди музокироти сулҳи байни тоҷикон баррасӣ гардид. Устод Нурӣ низ аз кундии ҷараёни гуфтушунид изҳори норозигӣ кард.

**- Дар ин мулоқоти Маскав на ҳама масъалаҳои баррасишуда ҳалли худро ёфтанд, дуруст аст?**

- Ман дар мулоқоти моҳи декабри соли 1996 дар Маскав набудам ва дар он ҷо чи гузашт ва чи натиҷаҳо дошт, иттилои дақиқ надоштам. Вале гумон мекунам, ки ин вокуниш натиҷаи боз ҳамон мулоқоти Хустдеҳ буд. Ман ба устод Нурӣ гуфтам, ки Шумо ба ман иҷозат медодед, ки бо Раиси Ҷумҳур, мулоқот кунам. Зеро оғои Амирқул Азимов бисёр исрор доранд, ки ин кор сурат бигирад. Устод Нурӣ иҷозат доданд. Ман омадам Душанбе. Албатта он вақт дар роҳ гурӯҳи Ризвон буд дар минтақаи Оби Гарм ва ҳодисаи гаравгонгирӣ ҳанӯз аз хотираҳо фаромӯш нашуда буд. Ман ва ҷаноби Азимов бо худ чанд мусаллаҳ гирифтем, ҳатто силоҳҳои шахсии худро низ дар ҳолати омодабош нигоҳ доштем. Мо он минтақаи хавфнокро шаб гузаштем ва ба Душанбе омадем. Рӯзи дигар ҷаноби Амирқул Азимов ба назди ман омаду гуфт, ки Раиси Ҷумҳур мехоҳад бо шумо махфиёна сӯҳбат намояд. Ман ба ӯ гуфтам, ки чаро махфиёна? Ман розӣ нестам. Вале ҷаноби Амирқул Азимов бо як хушҳолӣ гуфтанд, ки махфиёна ҳам бошад, розӣ шавед. Ин ба манфиати кор аст-ку? Пас аз ин суханҳо ман розӣ шудам. Рӯзи дигар мулоқоти мо дар бӯстонсаро, дар ҳамон

корпусе, ки оғои Раҳмонов зиндагӣ мекарданд, дар ҳамон ҷо баргузор шуд ва он тақрибан дуввуним соат идома кард, хеле тӯлонӣ буд. Оғои Раҳмонов хеле мушавваш ба назар мерасид. Ин вазъиятро дида аввал як соат зиёдтар ман сӯҳбат кардам. Дар сӯҳбатам бисёр кӯшиш кардам оғои Раҳмоновро бифаҳмонам, ки мо сулҳ кардан омадем, мо нияти нек қатӣ омадем. Баъди як соати сӯҳбат дидам, ки чеҳраи оғои Раҳмонов кушода шуду гуфт, ки шумо фикр мекунед, ки ба ман осон аст? Маҳмуд аз як тараф фишор меорад, фалониаш аз як тараф фишор меорад, дигараш аз тарафи дигар фишор меорад. Ба ман ҳам осон нест-ку? Вазъияти ман бештар ноҳинҷор аст. Ман рафтам ба ин Созишномаҳо имзо гузоштам, аз ин рӯ ҳамаи фишорҳо болои ман аст. Дар ҷараёни сӯҳбат ба оғои Раҳмонов гуфтам, ки агар иҷозат бошад, як мисол биёрам. Чизе, ки метавонад обрӯи шуморо дар ҷомеаи Тоҷикистон, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ боло бубарад, эътимоди ҳама тарафро ба шумо пайдо кунад, ин истифода бурдан аз ҳамин мулоқоте, ки ҳоло мову шумо карда истодаем, мебошад. Шумо бояд, ки ҳайати ҳам ҳукуматиро ва ҳам ҳайати оппозитсионро роҳбаронашонро даъват мекардед, расман қабул мекардед, намояндагони васоити ахбори оммаро даъват мекардед ва тавассути онҳо хабари ин вохӯриро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мерасонидед. Манзур, шумо ҳисоботи ду ҳайатро шунидед. Аз ҷараёни раванди истиқрори сулҳ ибрози нигаронӣ кардед ва ду тарафро ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи ин раванд ҳидоят намудед. Ман аминам, ки ин ахбор боиси вокунишҳои мусбат дар ҳарду ҷониб ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуд. Аз ин хабар хулоса ҳамин мешуд, ки тоҷикон дар ҳақиқат сулҳ карданианд. Ин суханони ман ба ҷаноби Раҳмонов хуш омаданд ва ӯ ба раиси дафтари матбуотии дастгоҳи Президент Зафар Саидов амр кард, ки хабари мулоқоти моро дар расонаҳои хабарии дохиливу хориҷӣ паҳн кунад. Бояд бигӯям, ки оғои Раҳмонов воқеан кушоду равшан бо ман сӯҳбат кард. Ман дар вақти сӯҳбат гуфтам, ки зарурат аст,

ки шумо бо устод Нурӣ мулоқот кунед, яъне мулоқоти ду роҳбар бояд сурат бигирад. Ва оғои Раҳмонов ҳам хеле ноумед буд. Гуфт: «Давлат, ин мулоқот ҳеҷ чиз намедиҳад. Мо дар фалон ҷо мулоқот кардем. Пешравӣ нест». Баъд ман гуфтам, ки агар шумо қабул кунед, ҳисоб кунед, ки ман ёрдамчии шумо. Шумо бояд, ки ба расонаҳои хабарӣ дар бораи мулоқоти қарибулвуқуъатон хабар диҳед. Рӯзи дигар Раиси Ҷумҳур  оғои Раҳмонов эълон дошт, ки ӯ омодааст барои тезонидани раванди музокироти сулҳ дар ҳар куҷое, ки бошад, бо сарвари мухолифин ҳукумат устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мулоқоти навбатии худро доир намояд.

**- Санаи аниқи баргузории мулоқотатонро бо Раиси Ҷумҳур гуфта метавонед?**

- Ҳаминаш аниқ дар ёдам мондааст, ки ин мулоқот баъди бомуваффақият ҳаллу фасл шудани ҳодисаи гаравгонгирии хабарнигорони Русия ва вазири амният аз сӯи гурӯҳи Ризвон Содиров дар моҳи феврали соли 1997 ва пеш аз баргузории мулоқоти Машҳади ду роҳбар буд. Яъне ман барои баргузории мулоқоти Машҳад кӯшишҳо ба харҷ додам. Ёдам ҳаст, ки ба ин мулоқот ману яке аз фармондеҳони асосии ҷабҳаи Қаротегин Мирзохӯҷа Низомов бо пешниҳоди Раиси ҷумҳур якҷо бо ӯ дар ҳавопаймои ӯ ба ин мулоқот рафтем.

**- Мулоқоти Машҳади ду роҳбар чӣ гуна гузашт? Шумо, ки акнун фаҳмидем, яке аз ташкилкунанда ва ширкаткунанда дар он будед, натоиҷи онро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Дар ин мулоқоти ду роҳбар низ воқеаҳои ҷолиб рух доданд, ки баъзеи онҳоро ҳанӯз  ҳам ба расонаҳои хабарӣ нагуфтаам ва инро бори аввал ба шумо мегӯям. Сӯҳбати нахустини мулоқоти Машҳад соати 9-и бегоҳ ва дар формати ду бар ду оғоз гардид. Яъне ба ғайр аз нафарони аввали ҷонибҳои сулҳкунанда дар ин мулоқот боз як нафарии дигар бояд ширкат мекард, ки аз ҷониби оппозитсион устод Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода буданд ва аз

ҷониби ҳукумат вазири умури хориҷа Талбак Назаров. Чун сӯҳбати музокиракунандагон тӯл кашид, мо дар ҳуҷраҳои худ, дар меҳмонхона хоб кардем. Соати даҳ дақиқа кам панҷи субҳ буд, ки дари ҳуҷраи ман тақ-тақ шуд ва ман аз хоб бедор шуда дарро кушодам. Дидам, ки Мурод- сардори муҳофизони ҷаноби Раҳмонов дар назди дар истодааст. «Раис гуфт, ки шуморо пайдо кунам»-, гуфт ӯ. Ман ҳанӯз намедонам, ки сӯҳбати музокиракунандагон то куҷо пеш рафтааст ва сари кадом масъалаҳо баҳс кардаанд. Ман тез ҳамроҳи Мурод рост ба ҳуҷраи хоби Раиси Ҷумҳур омадам. Ҷаноби Раҳмонов дар курсие нишаста буданд. Вақте ки вориди ҳуҷра шудам аз ҷой бархоста бо ман салом карданду гилаомез гуфтанд: «Давлат, нагуфтам, ки ягон чиз намешавад?» Ман гуфтам, ки «Эмомалӣ Шарифович, ман ҳанӯз касеро надидам, маро аз хоб бедор карданд, омадам назди шумо. Шумо фаҳмонед, ки чӣ гап аст? Ман ба шумо ваъда дода будам, ки ёрдамчии шумо мешавам, ба ваъдаи худ устувор ҳастам». Ҷаноби Раҳмонов гуфтанд, ки аз соати нӯҳи шом то чоруними субҳ музокира кардем, ягон пешравӣ нест. Ман гуфтам, ки мебахшед, шумо кадом масъаларо ба баҳс кашидед, ки ягон пешравӣ нашуд? Гуфт, ки масъалаи чанд фисад аз мансабҳои давлатӣ ба мухолифин дода шавадро. Ман гуфтам, ки шумо то кадом поя пеш рафтед? Ҷаноби Раҳмонов гуфтанд, ки мо то 25 дар сад пеш рафтем, вале онҳо қабул накарданд. Онҳо аз аввал чил дар сад гуфтанд, охир сивупанҷ дар садро матраҳ карданд. Аз ин рақам дигар поинтар наомаданд. Ман камтар фикр кардам, як чиз дар ёдам зад ва ба Раиси Ҷумҳур гуфтам: «Эмомалӣ Шарифович, ман на 25-и Шуморо қабул дораму на 40, ё 35 ва ҳатто на 33- фоизро». Ман барои чи 33 гуфтам, чунки дар он вақт буданд қувваҳое, ки мегуфтанд, ки ҷумҳуриро се тақсим кунем. Як қисматаш аз кӯлобиҳо, як қисматаш аз қаротегиниҳо ва як қисматаш аз шимолиҳо. Агар шумо розӣ бошед ҳамин 30 фоиз чӣ хел ҳаст? Ман як кӯшиш кунам. Ман ба шумо ваъда додаам ва сари ваъдаи худ

ҷавонмардона меистам. Ҷаноби Раҳмонов гуфт, ки «Давлат, хайр ман аз ҳамон панҷ фоизаш ҳам гузаштам. Агар қабул кунанд, бигузор гапи ту шавад, ман розӣ». Ман гуфтам, ки «Эмомалӣ Шарифович, гирифтани 30 фоиз дар теория осон аст, вале дар амал онро татбиқ кардан хеле душвор аст. Баъд аз ин гуфтугӯи кӯтоҳи даҳдақиқаина бо Раиси Ҷумҳур ман чӣ кор кардам? Ба утоқи худ омадаму хоб кардам. Зеро дигарон низ дар ин вақт ҳама дар хоб буданд. Як вақтҳо тақрибан соати 7-и субҳ буд, ки дари ҳуҷраам тақ-тақ шуд. Вақте ки онро кушодам, дидам, ки Рустам – сардори муҳофизони устод Нурӣ паси дар аст. Ӯ гуфт, ки устод Нурӣ шуморо ба хӯроки субҳона даъват мекунанд. Дар вақти чойнӯшӣ ман аз устод Нурӣ пурсидам, ки чӣ шуд дар ин мулоқот? (Ман аз сӯҳбати чанд соат пеш бо ҷаноби Раҳмонов доштаи худ ба устод Нурӣ чизе нагуфтам) Гуфт: Ҳафт соат танҳо сари як масъала баҳс кардем, масъала ҳал нашуд». Дар ин ҷо ман ба устод Нурӣ гуфтам, ки ибтикори баргузории ҳамин мулоқот аз ҷониби мо шудааст ва агар шумо розӣ бошед, ман бо ҷаноби Раҳмонов як сӯҳбат кунам. Ва додани 30 фоизи қудратро пешниҳод кунам. Шумо оё бо ин пешниҳод розӣ ҳастед? Устод Нурӣ гуфт, ки мо ҳафт соат задем нашуд, агар ба 30 фоиза ҳам розӣ шавад, мо ҳам розӣ. Лекин қаблан бо оғои Тӯранҷонзода як сӯҳбат кунед». Ман рафтам утоқи Тӯранҷонзода ва аз он кас пурсидам, ки чӣ кор кардед? Гуфтанд, ки ҳафт соат баҳс кардем ҳеҷ чиз нашуд. Ман ба оғои Тӯраҷонзода гуфтам, ки ибтикори ҳамин мулоқот аз сӯи ман сурат гирифт. Агар иҷозат бошад, мо як миёнҷигарӣ кунем ва ҳукуматро бо додани 30 фоизи қудрат муттақоид кунем. Шумо чӣ мегӯед? Ҷаноби Тӯраҷонзода гуфтанд, ки мо ҳамин қадар гуфтем нашуд, акнун онҳо гапи туро мегиранд-мӣ, намешавад. Вале ба ҳар ҳол як кӯшиш карда бинед. Баъд аз ин сӯҳбат ман рафтам ба утоқи Раиси Ҷумҳур ва ба он кас гуфтам, ки «Эмомалӣ Шарифович, дастатонро диҳед. 30 фоиз. Рафта имзо кунед». Таърихи ба оппозитсия

расидани 30 фоизи қудрат асосаш ҳамин аст. Касе ин гуфтаҳои маро инкор карда наметавонад. Хушбахтона, он се шахсият имрӯз дар қайди ҳаёт ҳастанд ва аз онҳо ин чизро метавонед пурсед.( Ин мусоҳиба замони дар қайди ҳаёт будани устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ доир шуда буд. С.Ҳ.).

Мулоқоти ин ду раҳбар дар Машҳад раванди музокиротро аз бунбаст баровард. Мо бо оғои Амирқул Азимов беҳуда заҳмат накашидем. Аз сӯи дигар ба зери ҳуҷҷат имзо гузоштан кори чандон душвор набуд. Душвор татбиқи нуктаҳои он ҳуҷҷат дар амал буд. Сулҳи тоҷикон душманони зиёде дошт, ки онҳо дар дохили ҳар ду тараф буданд. Қудратҳое буданд дар минтақа, ки сулҳи тоҷиконро намехостанд.

**- Вале бо вуҷуди ин ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ тавонист, ки сари роҳи нақзи шартномаи оташбас гирифта шавад, нагузорад, ки бархӯрди мусаллаҳонае миёни қувваҳои ду ҷониби даргир сар занад?**

- Бале, бале. Дастоварди асосӣ ва муҳими ин ҳайат маҳз дар ҳамин буд, ки дар тӯли қариб як соли фаъолияташ дар ягон минтақаи даргири Тоҷикистон садои тиру туфанг баланд нашуд. Тасаввур кунед, ин замоне ҳаст, ки ҳанӯз ҳам Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ ба имзо нарасидааст.

**- Ва аммо дар раванди музокироти ҳайатҳои ду ҷониб пешравии чашмрасе дида намешуд. Чаро чунин вазъият дар раванди музокирот ҳоким буд?**

- Бубинед, ширкати нерӯҳои мухолифин дар қудрати сиёсӣ ин ҳанӯз як тараф масъала буд. Масъалаҳои дигар низ буданд, ки ҳанӯз ҳалли худро наёфта буданд. Масалан, иҷозати фаъолияти озодонаи аҳзоби сиёсӣ дар кишвар. Масалан, халъи силоҳи нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин ва интегратсияи он ба сохторҳои қудратии кишвар ва ғайраву ҳоказо. Дар ин ҷо махсус мехоҳам қайд кунам, ки дар ҳамин мулоқоти Машҳад лидерони ҳар ду тараф ба ҳуҷҷате имзо гузоштанд, ки тибқи он нерӯҳои

ҳарду ҷониб муштаракан мебоист ба муқобили гурӯҳҳои террористӣ мубориза мебурданд. Ва дар амал чунин як амалиёти муштарак алайҳи гурӯҳи Ризвон сурат гирифт, ки аз тарафи ҳукумат роҳбарии онро генерал Ғаффор Мирзоев ва аз ҷониби мухолифин ман ва гурӯҳи мулло Абдуллоҳ бо иштироки Маҳмадалии Ҳайит ба ӯҳда гирифтем ва ин гурӯҳи хатарнокро аз байн бурдем. Ин тахминан моҳҳои феврал-марти соли 1997 буд. Вале бо вуҷуди пешравиҳо дар масоили низомӣ, дар ҳалли масоили сиёсӣ ягон пешравии ҷиддие ба назар намерасид. Ин ҳолат ҷониби мухолифро нигарон ва ноумед мекард. Ҳамин буд, ки марказ бо ирсоли як паёми рамзӣ аз тариқи мухобира хоҳони фишор овардан дар майдонҳои набард шуд. Тахминан рӯзҳои 24-25 апрели соли 1997 буд, ки Дабири Шӯрои Амнияти ҶТ ҷаноби Амирқул Азимов оҷилан бе мувофиқаи қаблӣ ба Ғарм омад ва аз ман хоҳиш кард, ки боз як бори дигар бо Раиси Ҷумҳур вохӯрам ва дар баргузории мулоқоти навбатии ҷаноби Раҳмонов бо устод Нурӣ мусоидат намоям. Ман ҳамон вақт ба ҷаноби Амирқул Азимов гуфтам, ки бо эҳтимоли зиёд рамзшиканҳои рус матни мухобираҳои рамзиро ба шумо додаанд. Вале мутмаин бошед, ки ягон ҳодисаи нохуш рух нахоҳад дод. Ман баъди мулоқот бо ҷаноби Азимов бо устод Нурӣ телефонӣ сӯҳбат доштам. Устод Нурӣ назар ба суханонаш ноумед ба назар мерасид. Мегуфт дигар боварӣ надорад, ки ягон пешравӣ сурат бигирад. Ҳайати мо аз ӯҳдаи вазифааш ба пуррагӣ набаромад. Устод Нурӣ ба ман гуфт, ки туро дар ҳамон ҷо фикратро дигар карданд, саратро гардонданд. Ман гуфтам, ки не. Шумо вазъияти дохилро намедонед. Дар ҳамин ҷо бояд бигӯям, ки паёмҳои рамзии ахир ҳатто ба номи ман наомада буданд. Онҳо ба унвони қумандонҳо ирсол шуда буданд ва ман матни онҳоро аз қумандонҳо фаҳмидам. Ба ҳар ҳол устод Нуриро розӣ кардам, ки ба ман иҷозат диҳад бо Раиси Ҷумҳур вохӯрам ва барои баргузории мулоқоти навбатии ӯ бо ҷаноби Раҳмонов мусоидат намоям. Вале

устод Нурӣ баробари додани иҷозати мулоқот бо Раҳмонов таъкид кард, ки агар хабари ин мулоқотро дигарон бипурсанд, ҷавобашро худат деҳ. Нагӯй, ки ман ба ту иҷозати мулоқотро додаам. То ин дараҷа вазъият тезу тунд буд. Вақте ки ба мулоқоти ҷаноби Раҳмонов омадам, Раиси Ҷумҳурро низ бисёр ошуфтахотир дидам. Фикр мекунам, ки дар ҳамин мулоқот гуфт, ки «хайр, ҷанг бошад ҷанг. На аз шумо, на аз мо». Дар ҷавоб гуфтам, ки «Не, Эмомалӣ Шарифович, ман гуфтам ку, дар ин кор ёрдамчии шумо мешавам. Зеро медонам, ки фикри шумо дар ҳақиқат сулҳ кардан аст.Ҷониби мо низ дар ҳақиқат мехоҳад, ки сулҳ кунад. Вале, мутаассифона, нерӯҳои хориҷ намегузоранд, ки мо ин корро кунем. Бинобар ин аз шумо хоҳиш мекунам, ки боз як бори дигар бо ҷаноби Нурӣ мулоқот кунед ва иншоаллоҳ, ба пешравие ноил хоҳед шуд». Ва ҳамин тариқ мулоқоти ду роҳбар дар Бишкек барпо гардид.

Ман дар ин мулоқот шахсан ширкат кардам ва ҷонибдори он будам, ки пешравие ҳосил шавад. Бояд гуфт, ки дар ҷараёни музокироти мулоқоти Бишкек низ душвориҳо пеш омаданд. Масъала масъалаи сиёсӣ буд, масъалаи калидӣ буд, масъалаи иҷозати фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ғайра. Албатта пофишориҳои устод Нурӣ ва Ҳоҷӣ Акбари Тураҷонзода ҳаётӣ буданд. Пофишории ман сари он буд, ки дар ҳамин мулоқот ба компромиссе бирасем. Бисёр мехоҳам, ки аз заҳматҳои собиқ Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев дар ин ҷо ёдовар шавам. Воқеан, ӯ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод, ки музокирот ба натиҷаи мусбат биёяд. Раиси Ҷумҳури як кишвар ҳамчун аъзои ҳайатҳои музокиракунанда то нисфи шаб бедор нишаста, ҳаракат мекард, ки ҷонибҳо ба тавофуқ бирасанд.

Ин аст қиссаи мулоқотҳои ман бо Раиси Ҷумҳур ва натоиҷи ин мулоқотҳо барои истиқрори сулҳ.

**- Танҳо ҳамин ду мулоқот доштед бо Раиси Ҷумҳур ҳини раиси ҳайати баландпоя буданатон?**

- Не, мулоқотҳои зиёде доштам. Телефонӣ чанд бор сӯҳбат кардем ва ҳамаи ин гуфтугӯҳо барои истиқрори сулҳу оштӣ буд.

**- Фаъолияти ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ кай қатъшуда ҳисоб меёбад?**

- Фаъолияти ҳайат баъди мустақар шудани баталиони махсуси оппозитсион дар шаҳри Душанбе ва дар ин ҷо ба фаъолият шурӯъ кардани Комиссияи Оштии Миллӣ қатъшуда ҳисоб меёбад. Вақте ки раҳбарияти мухолифин ба дохили кишвар омад, ҳайати мо фаъолияти худро қатъ карда бошад ҳам, вале баъди омадани КОМ низ бисёр масъалаҳоро дар зарфи 1-2 моҳи минбаъда мо ҳал мекардем. Чун мегуфтанд шумо бо вазъият шинос ҳастед, шумо ин корро ҳаллу фасл кунед.

**- Дар давоми фаъолияти ҳайати баландпоя, ки қариб як сол давом кард, дар дохили кишвар на танҳо даргирие байни нерӯҳҳои ҳукумат ва мухолифин _рух надод, ҳатто садои тире дар манотиқи ҷанг баланд нашуд. Вале баъди ба кор шурӯъ кардани КОМ, мутаассифона, дар атрофи Душанбе даргириҳое байни нерӯҳои ҳукумат ва мухолифин рух дода, даҳҳо нафар аз намояндагони ҳар ду ҷониб ба ҳалокат расиданд. Сабаби асосии ин дар чӣ буд?**

- Сабаби асосие, ки дар муддати беш аз даҳ моҳ дар сангарҳои набард байни нерӯҳои ҳукумат ва мухолифин задухӯрд ба амал наомад, ин фаъолияти хуби таблиғотиву сиёсии ин ҳайат буд. Кӯшиш мекардем, ки мулоқотҳои қумандонҳоро ташкил кунем. Дар сухангӯиҳо эҳтиёт мекардем. Якчанд маротиба ҳодисаҳое рух доданд, ки нерӯҳо аз ду тарафи сангар ба задухӯрд омода шуданд. Як иқдоми беҷо метавонист оташи ҷангро аз нав аланга диҳад. Мо сари вақт чунин нуқтаҳои доғро ифшо мекардем ва садди роҳи аз нав шурӯъ шудани даргириҳо мешудем ва бевосита дар ҳалли ҳама масоили кӯчаку бузург ширкат мекардем. Як мисол меорам. Дар минтақаи Лаби Ҷари ноҳияи собиқ Дарбанд, ҳоло Нуробод, як баталёни мансуб ба генерал Сӯҳроб Қосимов дар

муҳосираи муҷоҳиддин монда буд. Тибқи Протоколи Хустдеҳ сарбозони ин баталён ҳаққи ивазшавӣ ё худ табдилшавӣ доштанд. Ин табдилшавии сарбозон бояд дар ҳамоҳангӣ бо нерӯҳои мухолифин ва беаслиҳа сурат мегирифт. Теъдоди муайяни сарбозони аз ин маҳдуда хориҷшударо теъдоди баробари сарбозони бесилоҳ воридшаванда метавонист иваз намояд. Агар ҳамин амалиёт ҳатто тавассути чархбол сурат мегирифт, бояд бо нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин ҳамоҳанг мешуд. Расондани маводи хӯрока ва доруворӣ бо иҷозат буд, ба ҷуз аз силоҳу муҳимот ва қувваҳои низомӣ. Баталёне, ки дар шаҳрчаи зилзиласанҷии Ғарм мустақар буд, низ бояд чунин режимро риоя мекард. Хулоса, зимистони соли 1997 буд. Дар мактуби фармондеҳи бригадаи таъминоти махсус ишора шуда буд, ки онҳо барои қисми ҳарбии Лаби Ҷар танҳо озуқа мебаранд. Вале дар асл дар мошинҳо боз 15-20 нафар сарбози иловагӣ низ савор шуда буданд. Дар минтақаи Дарбанд ин мошинҳо аз сӯи муҷоҳиддин тафтиш мешаванд. Дар натиҷа он сарбозоне, ки зикри теъдод ва номашон дар мактуб нарафтааст, ошкор мегарданд. Ва сипас онҳоро дастгир намуда, лату кӯб менамоянд. Фармондеҳи бригадаи таъиноти махсус генерал Сӯҳроб Қосимов ин хабарро шунида ба назди Раиси Ҷумҳур меравад ва аз ӯ иҷозати оғози амалиётро барои раҳоии сарбозонаш гирифтанӣ мешавад. Раиси Ҷумҳур ба ман, ки он вақт дар меҳмонхона, дар Душанбе будам, занг заданд ва хоҳиш карданд, ки ин масъаларо ҳар чи тез бо роҳи мусолиматомез ҳал намоям. Ҳангоме ки мехостам ба минтақае, ки ҳодиса дар он ҷо рух додааст равам, Мустафо ном яке аз фармондеҳони Сӯҳроб Қосимов ба наздам омад ва гуфт, ки ӯ низ бо 18 нафар сарбозонаш ҳамроҳи ман ба он минтақа меравад. Ҳарчанд гуфтам, ки ӯ наравад ва ё ақаллан бе сарбоз равад, кафолати амнияти ӯро ба ӯҳда мегирам, розӣ нашуд. Хулоса, Мустафо низ ҳамроҳи 18 сарбозаш ба он минтақа рафт. Ҳангоме ки ба ҷои ҳодиса расидем, байни сарбозони

Мустафо ва муҷоҳиддини мулло Абдуллоҳ мунокиша шурӯъ шуд. Ҳарду тараф ҳам силоҳҳоро ба ҳолати омодабош оварданд. Дар ин лаҳзаҳо ҳар як сония ба қиммати ҷони даҳҳо ҷавонмард баробар буд. Ман фарёдкунон аз калашниковро дасти як муҷоҳид гирифта ӯро тела дода ба Мустафо гуфтам ба мошин савор шаваду ҳай кунад. Бо ин роҳ мо аз вазъият баромадем. Рӯзи дигар вақте ки ҳама корҳоро тахт кардем, Мустафоро овардем пеши мулло Абдулло ва мулло Абдулло аз ӯ узр пурсид.

**- Таври маълум аъзои ин ҳайат ҳини фаъолияти хеш борҳо бо хатари марг рӯ ба рӯ мешуданд. Оё чунин мисолҳои мушаххасро оварда метавонед**?

- Чаро не? Масалан, ин ҳодисаро ҷаноби Амирқул Азимов таъйид мекунад. Дар теппаи Самарқандӣ вазъият хеле муташаннич буд. Фармондеҳ Раҳмон Сангин талаб мекард, ки нерӯҳои ҳукуматӣ аз бинои мактаб бароянд, ки дар он ҷо дарсҳо шурӯъ шаванд. Мо ин масъаларо пеши Амирқул Насимович гузоштем. Амирқул Насимович мусоидат кард, ки нерӯҳои ҳукуматӣ аз он мактаб бароварда шаванд ва дар ҷои дигари теппаи Самарқандӣ мустақар шаванд. Вале рӯзи дигар нерӯҳои Раҳмон Сангин омаданд мактабро гирифтанд. Раиси Ҷумҳур маро ба наздашон даъват карданду гуфтанд: «Давлат, шумо моро фиреб кардед. Мо баромадем, шумо омада даромадед». Ман гуфтам: «Эмомалӣ Шарифович, дар фикри мо фиреб кардан набуд. Ҳоло, ки ин ҳодиса шудааст, ман кӯшиш мекунам, ки онро бартараф намоям». Вақте ки ману Амирқул Насимович ба назди Раҳмон Сангин рафтем ва масъаларо ба ӯ гуфтем, ӯ автоматро гирифта сӣ тирро аз болои сари мо холӣ кард, ки ин хеле даҳшатовар буд. Бо вуҷуди ин ман худамро бой надода рафта аз дасти Раҳмон силоҳашро гирифтам. Ва чанд соат дар танҳоӣ бо ӯ сӯҳбат кардам. Ӯро ором сохтам ва ӯ омад аз Амирқул Насимович бахшиш пурсид. Ин қазия бо роҳи мусолиматомез ҳал шуд. Нерӯҳои Раҳмон Сангин низ мактабро тарк карданд. Аъзои ин ҳайат ҳини фаъолияти

худ борҳо бо хатарҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Як воқеаи ҷолиби дигар. 20 июли соли 1997 дар минтақаи байни деҳаи Кафтаргузари Тавилдара ва Лаби Ҷари Дарбанд чархболи моро, ки дар он ҳайати муштарак бо шумули роҳбари ҳайат Амирқул Насимович сарнишин буданд, гурӯҳи номаълуме тирборон кард. Танҳо бо фуруди изтирорӣ мо аз ин ҳодиса ҷон ба саломат бурдем. Аҷибаш ҳамин буд, ки расо як сол баъд, яъне 20 июли соли 1998 дар ҳамин минтақа чор нафар корманди СММ аз сӯи гурӯҳи мусаллаҳе ба қатл расиданд. Ин минтақа минтақаи ҳоил буд, на нерӯҳои ҳукумат дар он минтақа буданд, на нерӯҳои мухолифин. Фикр мекунам душманони сулҳ аз ин чиз дар ҳарду ҳодиса ба манфиати хеш истифода бурданӣ шуданд. Шояд нерӯҳои хориҷӣ буданд. Созмони қавие дар он ҷо амал мекард, ки мақсадаш халалдор кардани раванди сулҳ буд.

**- Мехостам чанд сухан дар бораи нашрияи Артиши НИТ «Садои муҷоҳид» ҳарф мезадед? То омадани ин ҳайати баландпоя ба дохили кишвар «Садои муҷоҳид» ба таври пинҳонӣ дар дохили кишвар чоп ва интишор мегардид. Баъди шурӯъи фаъолияти ин ҳайат чоп ва дастраси муштариён кардани он ошкоро шуд. Оё ҳукуматдорон аз ин кор ибрози нигаронӣ ва ё норозигӣ намекарданд?**

- Ҳадафи аслии мо аз нашри «Садои муҷоҳид» дар ин марҳила ин таблиғи сулҳ буд. Агар сулҳро нашрияҳои давлатӣ таблиғ мекарданд, таъсири онҳо барои рӯҳияи муҷоҳиддини мо чандин муассир намебуд. Ба хотири ҳамин мо «Садои муҷоҳиддин»-ро нашр мекардем. Аксуламали ҳукуматро чандон дар хотир надорам. Фикр намекунам, ки онҳо ибрози норозигӣ карда бошанд. Зеро дар маводҳое, ки ба нашр мерасиданд, танқиди ҳукумат хеле кам ба назар мерасид.

**Миллат, 2006, 5,12,19 октябр.**

# ЗАФАР ИКРОМОВ:
# *«ГАРАВГОНГИРИИ РИЗВОН ВА МУНОҚИША БО МИРЗО ЗИЁЕВ»*

**Мӯҳтарам Зафар Икромов, биёед сӯҳбатамонро аз баёни тарҷумаи ҳоли Шумо шурӯъ кунем, то хонандаи азиз ба дарки масъалаҳои мавриди баҳс ва он, чи ки Шумо мегӯед, хубтар омода бошад.**

Хуб шудаст. Ман соли 1946 дар ноҳияи Шӯрообод, вилояти Хатлон ба дунё омадам. Баъди хатми мактаби миёна ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шудам ва факултети физикаи ин Донишгоҳро соли 1969 хатм кардам. Сипас дар урдуи шӯравӣ дар мансабҳои гуногун, аз он ҷумла дар мансабҳои роҳбарикунанда хизмати аскарӣ кардам. Баъди он чор сол дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба сифати муаллим ва муаллими калон кор кардам. Баъд ба органҳои корҳои дохила ба кор даромадам. Беш аз 25 сол дар органҳои корҳои дохила фаъолият доштам ва баъдан ба сифати сармушовири Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз се сол кор кардам. Дар давоми фаъолиятам дар органҳои корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мактаби олии Вазорати умури дохилаи Иттиҳоди Шӯравиро, ки дар шаҳри Тошканд буд, ба охир расондам. Муддати як сол дар курсҳои тайёр кардани кадрҳои ВУД Афғонистон, ки дар шаҳри Новочеркасски вилояти Ростови Федератсияи Русия амал мекард, ба сифати тарҷумон ва муаллим кор кардам. Ва баъдан соли 1980 як сафари хидматӣ ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон доштам. Дар тӯли севуним сол дар намояндагии ВУД Иттиҳоди Шӯравӣ дар назди ВУД-и Афғонистон аввал тарҷумон ва баъд ба сифати мушовир кор кардам. Баъди бозгаштан ба Тоҷикистон дар вазорати умури дохила дар вазифаҳои

гуногун, аз ҷумла ба ҳайси сардори шӯъбаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, раёсати умури дохилаи шаҳри Душанбе, ҷонишини раёсати умури дохилаи вилояти онвақтаи Ленинобод, ки ҳоло Суғд ном гирифтааст, кор кардаам. Соҳиби 7 фарзанд мебошам. Имрӯз бошад ба сифати соҳибкор дар вилояти Суғд кор мекунам. Фарзандонам ҳама соҳибмаълумот буда, барои ободии кишвар кор мекунанд. Дар давоми фаъолияти кориам ба ҳайси мушовири давлатии Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ҳамзамон ҳамраиси Комиссияи муштараки назорат бар оташбас будам ва дар ин вазифа кӯшишҳои зиёде ба харҷ додем, ки хунрезӣ дар майдонҳои набард қатъ шавад ва ҷонибҳо бо тафовуқ бирасанд.

**-Ташаккури зиёд. Мӯҳтарам Зафар Икромов, оғози ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон дар чӣ ҳолат дарёфтед? Оё оғози ҷанг барои Шумо ногаҳонӣ буд?**

- Солҳои 80-уми асри гузашта ҳангоме ки ба ҳайси мушовир дар вазорати умури дохилии Афғонистон кор мекардам, баъзан ба сарам фикрҳое меомаданд, ки ҳамин ҷанги Афғонистон ногузир ба хоки мо ҳам хоҳад гузашт. Дар бахши ҷамъоварии иттилоот оиди вазъи Афғонистон кор мекардам. Ба ибораи дигар гӯем, дар бахши разведка кор мекардам ва вазифаҳои ман ҷамъоварии ҳама гуна иттилоот дар бораи фаъолияти низомиву сиёсии муҷоҳиддин буд.

**- Кӣ ҳамон вақт дар сари қудрат буд дар Афғонистон?**

- Роҳбари Афғонистон Бабрак Кармал ва сарвазири ҳукумат Султоналии Киштманд буд. Маълумоти ба дастомада ва таҳлилу баррасии онҳо шаҳодат медоданд, ки ҷанги Афғонистон танҳо бо худи Афғонистон маҳдуд намешавад. Чунки характеру услуби ҷанг нишон медод, ки дар бисёр ҳолатҳо ин ҷанг ҷанги идеологӣ аст. Ҷанги ҷаҳони он вақтаи империализм ва ҷанги ҷаҳони сотсиализм, ё ба ибораи дигар гӯем, ҷанги ду лагер - лагери капиталистӣ ва лагери сотсиалистӣ мебошад. Мо мехостем намехостем ҷанг ба ин тарафи дарё убур мекард.

Ман барои тасдиқи ин фикр мисол оварда метавонам. Ҳанӯз охири солҳои 1980 муҷоҳиддини онвақтаи Афғонистон барои ҷалб кардани одамони аз сиёсати ҳукумати шӯравӣ норозӣ корҳои зиёдеро анҷом медоданд. Онҳо баъзе аз чунин афродро аз сарҳад гузаронида ба Афғонистон мебурданд ва дар лагерҳои муҷоҳиддин ҳам дар хоки Афғонистон ва ҳам дар минтақаҳои Пешовари Покистон таълим медоданд. Ман ҳамон вақтҳо асноду мадорикеро дида будам, ки дар онҳо номи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба тарафи Афғонистон рафта буданд, дарҷ гардида буд. Онҳо умедвор буданд, ки Афғонистонро озод мекунанд ва сипас ба Тоҷикистон ва умуман ба Осиёи Миёна мераванд ва мардуми онҷоро низ аз тахти султаи идеология рус, идеологии коммунистӣ озод менамоянд. Ҳамон вақт нерӯҳои зидди ҳукумати Афғонистон ҳадафҳои зиддишӯравӣ доштанд, ки коммунизмро дар Осиёи Миёна барҳам диҳанд ва ба густариши идеологияи исломӣ дар Осиёи Марказӣ замина гузоранд. Шӯъбаи мо ҳамаи ин иттилоотро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, сипас хулосабарорӣ карда ба намояндагии Вазорати умури дохилаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон пешниҳод мекард. Мо мегуфтем, ки ин ҷанг ҷанги як минтақа нест. Ҷанги бисёр калон аст. Ҷанги ду идеологияи муқтадири ҳамон замон буд, ки бояд ба шикасти яке аз онҳо оварда мерасонд. Ман ҳамон вақт хулоса бароварда будам, ки мо баъди баргаштан ба Ватан бо чунин як мубориза҃ҳо дар Тоҷикистон рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Вақте ки сардори шӯъбаи корҳои дохилаи ноҳияи Файзобод будам, аллакай дар ҳамон ҷо дидам, ки чӣ гуна омодагиҳо рафта истодаанд.

**- Чӣ гуна омодагиҳо ва аз сӯи кӣ?**

- Ман ҳамон вақт медидам заминаи чунин муборизаҳо дар ҷумҳурӣ пайдо шудааст. Масалан, охири соли 1983 пеш аз хатми сафари хидматиам дар Ҷумҳурии Афғонистон ва ба Тоҷикистон баргаштан ман маълумот гирифта будам, ки аз як Ҳизби Исломии Афғонистон, ки

роҳбараш Гулбиддин Ҳикматёр буд, барои Тоҷикистон беш аз панҷ ҳазор корти узвият дар ҳизби исломӣ тайёр кардаанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки онҳоро бурда ба соҳибонашон дар Тоҷикистон бисупоранд. Ҳамин тавр ин кор дар ҷумҳурии мо оҳиста-оҳиста реша давонд. Баробари ин нишонаҳои демократия, нишонаҳои озодии сухан, озодии виҷдон дар миқёси тамоми ҷамоҳири Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо шуда буд. Мубориза алайҳи сиёсати ҳукумати Шӯроҳо, сиёсати ҳизби коммунист, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ин ҷумҳуриҳои мусулмоннишин низ ҳизби ҳукмрон ба шумор мерафт, шурӯъ шуд. Нерӯҳои исломии дохил аз камбудиҳои давлату ҳизби коммунист истифода бурда тавонистанд, ки идеологияи исломиро дар ин ҷумҳуриҳо поягузорӣ ва пурқувват намоянд. Дар яке аз вохӯриҳоямон бо роҳбарияти РСС Тоҷикистон соли 1987 ман ҳамин фикрҳои худамро гуфта будам. Гуфта будам, ки нишонаҳои ҷанги дохилӣ дар мо пайдо шудааст.

**- Шумо ҳамон вақт дар кадом вазифа будед?**

- Ман он вақт дар вазифаи сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Файзобод будам. Мулоқотро котиби якуми Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Қаҳҳор Махкамов раисӣ мекарданд. Дар ин мулоқот асосан раҳбарияти Вазорати корҳои дохилаи Тоҷикистон ширкат дошт. Мо дар баробари баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳое, ки мақомоти умури дохила дахл доштанд, инчунин ба ин масъалаҳои нозук ҳам дахолат кардем.

**- Ёдам меояд, ки моҳи апрели ҳамон сол дар Душанбе Пленуми КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон баргузор гардида буд, ки дар кори он котиби КМ Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Яковлев ширкат карда буд ва айнан ҳамин масъалаҳо дар маркази таваҷҷӯҳи аъзои ин Пленум қарор гирифта буд.**

- Бале, бале. Мулоқоти мо дар партави ҳамин Пленум сурат гирифт. Таҷрибае, ки ман дар Афғонистон андӯхта

будам, маро водор мекард, ки ба ин равандҳо бо чашми ақл назар дӯзам, бо чашми мантиқ назар кунам. Аллакай заминаҳои муборизаи зидди идеологияи ҳукмрони Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо шуда буд. Дар Тоҷикистон, ки ҳамон вақт назар ба дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ба демократия омодатар ба назар мерасид, нишонаҳои муборизаҳои идеологӣ низ рӯшантар ҳувайдо буд. Ман дар ҳамон давра бо муллоҳои машҳур ва эшонҳои маъруф нишасту хез доштам. Ба онҳо саволҳои кунҷковона медодам. Фикру андешаҳои худро ба онҳо дар миён мегузоштам. Мепурсидам, оё дуруст аст, ки вазъият ҳассос аст? Ва мекӯшидам, ки ба саволҳои худ аз онҳо ҷавоб бигирам. Ман мулоқотҳои худро бо яке аз донишмандони бузурги дини мубини ислом, сокини деҳаи Қалъаи Нави ноҳияи Файзобод, марҳум Эшони Абдураҳмонҷон муфид арзёбӣ мекунам. Бояд бигӯем, ки он кас чашми маро дар масъалаи ин муборизаҳо дар оянда чи мешаванд, кушода буданд. Ман садҳо бор бо он кас мулоқотҳо доштам. Бо вуҷуди шахси рӯҳонӣ буданашон аз сиёсати рӯз низ хеле хуб бохабар буданд. Гузашта аз ин фарзанди барӯманди миллат, ватандӯсти ҳақиқӣ буданд. Ман аз ӯ бисёр чизҳоро омӯхтам. Ҳатто баъди он, ки маро ба ноҳияи Ленин, ҳоло Рӯдакӣ, ба кор гузарониданд, ин марди бузург гоҳ-гоҳ маро ба назди худ даъват карда, мегуфтанд: «Зафарҷон, мана дар ин ҷову он ҷо чунин ҳодисаҳо рух медиҳанд, ки боиси ташвишанд. Ба раҳбарияти ҷумҳурӣ ин чизҳоро бирасон, то чораҳои зарурӣ андешанд. Корҳое, ки мешаванд, ҷанбаи зиддидавлатӣ доранд. Агар ин кор идома пайдо кунад, ҳатман дар Тоҷикистон як хунрезӣ мешавад». Ҳамин одам чашми маро кушоданд. Он кас маро аз хунрезиҳои қарибулвуқӯъ огаҳ карда буданд. Сар задани воқеаҳои февралии соли 1990-ро ҳамин одам дар моҳҳои октябр – ноябри соли 1989 пешгӯӣ карда буданд ва ба ман гуфта буданд. Ман ҳамин маълумотҳоро ба тариқи хаттӣ ба вазири умури дохилаи Тоҷикистон расонида будам. Ин

аст посух ба суоле, ки оё ҷанг дар Тоҷикистон барои ман ногаҳонӣ буд, ё не!

**- Пас, оғози ҷанг дар Тоҷикистон барои Шумо ногаҳонӣ набудааст. Вале барои ҳарчи тезтар поён ёфтани ин ҷанг аввалин иқдомро кай Шумо бардоштед?**

- Моҳи майи соли 1995 дар Кобул бояд аввалин мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонов ва роҳбари мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ (Худо раҳматаш кунад ва ҷояш ҷаннат бошад), баргузор мегардид. Ман чанд рӯз пеш дар ҳайати як гурӯҳ барои омода сохтани ин мулоқот ба он ҷо сафар карда будам. Таври маълум мулоқот хуб гузашт ва ҳамин буд, ки рӯзи аввали баъди ба Душанбе баргаштан бо фармони Раиси Ҷумҳур ман ҳамраиси Комиссияи муштараки назорат бар Оташбас аз ҷониби ҳукумат таъйин гардидам. Аз ҳамон рӯз эътиборан ман бевосита дар таъмини Созишномаи оташбас ширкат мекардам.

**- Чи тавре ки маълум аст, Комиссияи муштараки назорат бар Созишномаи оташбас моҳи сентябри соли 1994 дар Теҳрон таъсис ёфта ва моҳи октябри ҳамон сол ба фаъолият пардохта буд. То он муддате, ки Шумо ҳамраиси ин комиссияи муштарак таъйин гардидед, аз ҷониби ҳукумат кӣ ин вазифаро ба ӯҳда дошт?**

- Аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шодравон Азиз Рӯзӣ - собиқ сарвари яке аз раёсатҳои Вазорати умури дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то он дам ҳамраиси Комиссия буд. Баъдан ӯ дар ҳамон Комиссия муовини ман таъйин гардид. Дар воқеъ, Комиссияи муштараки назорат бар оташбас корҳои зиёдеро ба иҷро расонда буд. Шумо табодули асирони низомӣ ва маҳбусонро дар ёд доред?

**- Бале, моҳи ноябри соли 1994 ба вуқӯъ пайваста буд, дар Бадахшон.**

- Бале. Ин табодул бо ибтикори Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ сурат гирифт. Ин қадами нахустини

амалӣ буд, ки мақсади эҷоди эътимод ва боввариро миёни ҷонибҳо дошт. Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон доданӣ будем, ки омодаем ба сулҳу салоҳ бирасем. Аъзои Комиссияи муштарак ба мушкилиҳои зиёд маҳбусонро аз зиндонҳо гирифтанд, бо машаққати зиёд онҳоро ба Бадахшони Афғонистон бурданд. Бо ҳамин гуна душвориҳо асирони низомиро аз дасти нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсион гирифта табодул намуданд. Ман чунин мешуморам, ки ин табодул такондиҳандаи ҳамагуна муносибатҳоиояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мухолифини ҳукумат барои якҷояшавӣ буд. Мулоқоте, ки байни Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва раҳбари ИНОТ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар шаҳри Кобул моҳи майи соли 1995 сурат гирифт, аввалин натиҷаи амалии кору фаъолияти ҳамин Комиссия буд.

**- Шумо ба ҳайси сармушовири давлатии Президенти Тоҷикистон вақте барои омода сохтани мулоқоти лидерҳои ду ҷониб ба Кобул рафтед, дар он ҷо бо киҳо вохӯрдед?**

- Бояд бигӯем, ки қабл аз сафар ба Кобул маро худи Раиси Ҷумҳур ба кабинеташон даъват карданд ва дастур доданд, ки аз ҳама имкониятҳои мавҷуда истифода барем, то раванди сулҳ ҳарчи тезтар ба марҳилаи ниҳоии худ бирасад. Ман, масалан, вақте бо намояндаҳои оппозитсия вомехӯрдам, мекӯшидам, ки онҳоро тибқи урфу одати аҷдодони мо гарм дар оғӯш бигирам. Медонистам, ин тарзи салому алейк як ҳолати хуби равониро дар музокирот пеш меорад. Дар вақти музокирот қариб, ки бо ҳар кадом намояндаи оппозитсия, ки ба ҳайати гуфтушунид дохил буданд, сӯҳбат кардем. Дар байни ҳайати мухолифин ҳамкорони собиқи ман буданд. Якҷо нишастему то дер онҳо аз ғарибиҳои худ ва мо аз мушкилоти хеш бо якдигар қиссаҳо кардем ва ҳатто беихтиёр ашк рехтем. Бо миёнҷигарии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ мулоқотҳои роҳбарони ду ҷониби даргири тоҷикон дар қасри «Гулхона» қариб чор рӯз идома доштанд. Бояд

гуфт, ки мулоқот рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ дошт. Гарчанде ки дар хотимаи ин гуфтушунид танҳо як ҳуҷҷат, – изҳороти муштараки ду лидер ба имзо расид, ки наметавонист проблемаҳои мавҷударо ҳал намояд, вале он такони ҷиддӣ барои суръат гирифтани гуфтушунидҳои минбаъда буд.

**- Гуфтушунидҳои сулҳ байни ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб аз апрели соли 1994 идома доштанд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар ҳамин давра дар Ғарм музокироте байни ҳайати баландпояи ҳукумат ва қумандонҳои мухолифин доир гардид. Ба фикри шумо, ки як нафар аз ташаббускорони ин мулоқоти Ғарм будед, чӣ зарурат буд, ки чунин музокирот сурат бигирад?**

**-** Бале, гуфтушунид байни ҳайатҳо идома дошт, байни Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва роҳбари мухолифин мулло Саид Абдуллоҳи Нурӣ то ин вақт ду мулоқот ба вуқӯъ пайваста буд. Вале бояд гуфт, ки дар ин мулоқоту музокирот масъалаҳои умда ва умумӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Аз сӯи дигар худи роҳбарони мухолифин дар як ҷо набуданд. Онҳо аз ҳамдигар ҷудо буданд. Масалан, ҷаноби Нурӣ дар Афғонистон, собиқ қозии ҷумҳурӣ Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар Покистон зиндагонӣ мекарданд. Барои ҳалли ягон масъала вақти зиёд даркор буд, ки байни онҳо ҳамоҳангӣ ба вуҷуд биёяд. Масалан, агар масъалаеро ба ҷаноби Нурӣ ҳал кардани мешудем, ӯ ҳатман фикри дигар роҳбарони мухолифинро дар ҳамон масъала фаҳмиданӣ мешуд. Барои ин вақт талаб мекард. Аз сӯи дигар дар хориҷ зиндагонӣ кардани роҳбарияти мухолифин ба онҳо барои дарки воқеияти имрӯзаи Тоҷикистон кӯмак намекард. Онҳо аз ҳаёти дохили кишвар чандон иттилои дуруст надоштанд. Онҳо аз пешрафту тараққии Тоҷикистон чандон огаҳ набуданд. Зеро манбаъҳои иттилоотии онҳо чандон объективона онҳоро хабардор намекарданд. Онҳо иттилоотро бештар аз расонаҳои

хабарии Русия, Эрон ва радиоҳои «Озодӣ» ва Би Би Си мегирифтанд, ки на ҳамеша маълумотҳои онҳо дуруст ва объективӣ буданд. Бояд гуфт, ки таъсиси Комиссияи муштараки назорат бар оташбас кори оқилонае буд, ки ин холигиро пур кард. Комиссия имконияти васеъ дошт, метавонист ба ҳар гӯшаву канори ҷумҳурӣ, минтақаҳои ҷанг, сарҳад сафар кунад ва вазъиятро ба чашми худаш бубинад. Хизмати ин комиссия дар таъмини сулҳу салоҳ дар кишвар беандоза бузург аст.

Бояд бигӯем, ки аксари роҳбарони мухолифини ҳукумати Тоҷикистон ва роҳбарони худи ҳукумати Тоҷикистонро ман қабл аз ҷанг низ мешинохтам. Дар бартараф кардани оқибатҳои ногувори воқеаҳои февралӣ ва баъдан дар пешгирӣ кардани оғози ҷанг кӯшишҳо ба харҷ додам. Ман дар ҳамин давраи ҳассос сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Рӯдакӣ будам, ноҳияе, ки аз чор тараф пойтахти Тоҷикистонро печонидааст. Ман ҳамон вақт медонистам ба кадом роҳ равем, ки забони якдигарро ёбем. Акнун меоем сари Созишномаи Ғарм, ки 16-сентябри соли 1996 ба имзо расид. Пеш аз он, ки ин рӯйдоди муҳим ба вуқӯъ пайвандад, мо аъзои Комиссияи муштарак байни худ созиш кардем, якдигарро хуб фаҳмидем ва дар назди худ танҳо як ҳадафро дидем ин таъмини сулҳу субот ва ободии Тоҷикистони азиз буд. Барои он ки ба ин чиз бирасем, мо муносибатҳои худро хуб кардем, ба хонаҳои якдигар рафтем, нони якдигарро хӯрдем, аз аҳволи хонадони якдигар бохабар шудем, риштаҳои боввариро мустаҳкам кардем. Ба якдигар эътимод кардем. Ин муносибатҳо ба рафоқат оварда расонд. Ана дар ҳамин вақт дар мо фикре пайдо шуд, ки заминаи сулҳро мо бояд дар дохил ба вуҷуд биёрем. Ҳайатҳои музокиракунанда масоили сиёсиро ҳал мекарданд. Мо аз сиёсат дур рафтем. Гуфтем, ки бародар, ту тоҷик ҳастӣ, ман тоҷик ҳастам. Тоҷикистон Ватани ту ҳаст, Ватани ман ҳам ҳаст, хоки ту ҳаст, хоки ман ҳам ҳаст, Ислом дини ту ҳаст, дини ман ҳаст. Мароми ту

ободии Тоҷикистон, мароми ман ҳам ободии Тоҷикистон аст. Биё, камари ҳимматро бандем. Беш аз якуним сол мо дар муносибатҳои худ ҳамин сиёсатро пеш гирифтем. Пеш аз он ки ба Ғарм рафта бо қумандонҳои оппозитсион ба тавофуқ бирасем аз он ҷумла, бо вазири ҳолатҳои фавқулодда Мирзо Зиёев се маротиба қабл аз ба имзо расидани Созишномаи Ғарм мулоқот доштем. Мо аъзои Комиссияи муштарак сангарҳоро убур карда мерафтем назди Мирзо Зиё. Бовар мекунед, ки моҳи феврали соли 1996, барф то миён, ман 18-километр пиёда дар роҳҳои барфини кӯҳӣ ба назди Мирзо Зиёев рафтаам. Аввалин мулоқотро мо дар назди кӯҳҳои мазори ҳазрати Бурх гузаронидаем. Дар кӯҳҳои Ғарм дар наздикии Ҳоит бо ҳамроҳии Мирзохӯҷа Низомов вохӯрӣ кардаем. Бо ҳамроҳии Муҳаммадрӯзӣ дар кӯҳҳои Тоҷикобод вохӯрӣ гузаронидам. Ногуфта намонад, ки бо худи Муҳаммадрӯзӣ Искандаров мо қаблан шинос будем. Мо нонхӯру намакхӯр будем, рафту омад доштем дар ноҳияи Рӯдакӣ. Бо Мирзохӯҷа Низомов низ мо собиқаи шиносоии 20-сола доштем. Падари ин одамро домулло Низом мегуфтанд. Ман дар ҷанозаи ӯ иштирок кардам. Бо Мирзохӯҷа ҳамкасб будем. Ҳамин умумиятҳо ба мо имконият дод, ки бо якдигар наздик шавем. То мулоқоти Ғарм бо фармондеҳони оппозитсион мо себориву чорборӣ ва ҳатто аз ин зиёд мулоқотҳои ғайрирасмӣ доштем. Фармондеҳони оппозитсион аз роҳбарияти худ дастур мегирифтанд. Мо аз роҳбарияти худамон. Мо ин мулоқотҳоро дар ҳеҷ куҷо ифшо намекардем. Нозирони низомии ҳайати намояндагии СММ дар Тоҷикистон дар ин мулоқотҳо иштирок мекарданд. Ин мулоқотҳо дар наворҳои видеоӣ сабт гардида, дар шакли Прокотолҳо аснод гардидаанд ва воқеъияти таърихиро инъикос менамоянд. Ҳамин гуна ҷаҳду талошҳо билохира натиҷа доданд ва мо тавонистем, ки қумандонҳои оппозитсионро рӯзи 14 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм гирди ҳам биёрем. Дар ин мулоқот ҷониби ҳукуматии Комиссияи

муштараки назорат бар оташбас бо роҳбарии ман ва ҷониби оппозитсион бо роҳбарии Ҷалолуддин Маҳмудов иштирок доштем.

**- Ҳайати баландпояи ҳукуматӣ кай ба ин мулоқот ҳамроҳ шуд?**

- Мо, Комиссияи муштарак, барвақттар ба ин мулоқот ҳозир шудем ва заминаи онро муҳайё сохтем. Рӯзи 12 сентябр ба Ғарм омада қумандонҳоро ба ин мулоқот даъват кардем. 13 сентябри соли 1996 баъди он, ки дидем фармондеҳони оппозитсион барои гуфтушуниди ҷиддӣ омода ҳастанд, ман ба дастгоҳи Раиси Ҷумҳур телефон кардам ва ба раиси дастгоҳ гуфтам, ки мо супориши Раиси Ҷумҳурро дар бораи омода сохтани мулоқоти фармондеҳони оппозитсион бо намояндагони ҳукумат иҷро кардем. Ин суханони мо ба Раиси Ҷумҳур ҳамон замон расонида шуд. Баъди якуним соат буд, ки аз Душанбе чархбол омад. Бо фармони Раиси Ҷумҳур мо бояд ба Душанбе мерафтем, то аз омодагиҳои ин мулоқот шахсан ба Президенти кишвар гузориш медодем. Ба сӯҳбат бо Президент боз котиби Шӯрои Амният Амирқул Азимов, раиси дастгоҳи иҷроияи Раиси Ҷумҳур Хумдин Шарифов, вазири амният Сайидамир Зуҳуров, вазири корҳои хориҷа Талбак Назаров ва боз чандин мансабдорони дигар даъват шуда буданд.

Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар ҳузури шахсони мазкур ахбороти маро шуниданд. Дар ҳамон ҷо Раиси Ҷумҳур ба раиси дастгоҳи иҷроияи Президент, ҳозира вазири корҳои дохилии кишвар Хумдин Шарифов гуфтанд, ки «Хумдин Шарифович, дафтару қаламро гир!» ва худашон дикта карданд, ки фалон фалон комиссия ташкил карда шавад ва фалон фалониҳо ба ҳайати ин комиссия дохил карда шаванд. Ба комисиия фалон хел салоҳият дода шавад ва ҳамин комиссия фавран ба шаҳраки Ғарм барои гуфтушунид парвоз кунад. Субҳи 14-сентябр мо дар якҷоягӣ бо он комиссияи ҳукуматӣ равонаи шаҳраки Ғарм шудем. Дар

он ҷо ҷониби оппозитсион моро ҳамчун як бародар пешвоз гирифт. Фармондеҳони оппозитсион аз мансабдорони воломақоми ҳукуматӣ вазъи ҷумҳуриро пурсон мешуданд. Мулоқоти мо бо фармондеҳони оппозитсион се рӯз идома дошт. Дар як ҷо хоб будем. Дар сари як миз нон мехӯрдем. Рӯзи дуюму сеюм ҳамин хел шуд, ки ҳайатҳо ба ҳам омехтанд. Нисфи фармондеҳони оппозитсион дар паҳлӯи ҳукуматиҳо буд ва баръакс, нисфи ҳукуматиҳо дар паҳлӯи мухолифин. Дар ҳақиқат, рӯҳияи баланди ҳамдигарфаҳмӣ буд. Мо хуб медонистем, ки инони ҷанг дар дасти фармондеҳони оппозитсион аст. Мақсади мо ҳамин буд, ки заминаи музокироти бевоситаи қумандонҳои оппозитсионро бо қумандонҳои ҳукумат муҳайё созем. Инҳо бо якдигар шисту хез кунанд. Ҳамин хел ҳам шуд. Сулҳи Ғарм чунон такон дод, ки ман 120 нафар асири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дасти Муҳаммадрӯзӣ Искандаров бе ягон шарт гирифтам.

**- Кай гирифтед Шумо онҳоро?**

- Ҳамон сол. Баъди ҳамон мулоқотҳо.

**- Бале, дуруст аст. Вале тахминан якуним моҳ баъди ба имзо расидани Созишномаи Ғарм байни нерӯҳои низомии ҳукумат ва гурӯҳҳои размандагони оппозитсион як задухӯрди шадиде ба вуқӯъ пайваст, ки дар натиҷа даҳҳо нафар аз ҳарду ҷониб кушта ва қариб яксаду панҷоҳ нафар сарбози ҳукуматӣ ба асорати нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин даромаданд. Шумо ҳамин асиронро дар назар доред? Пас сулҳи Ғарм чандон пойдор набудааст? Чаро?**

- Сулҳ пойдор буд. Гап дар дигар ҷой аст. Ман то имрӯз фикр мекунам, ки ҳамон одам на ба оппозитсион хизмат кард ва на ба ҳукумати Тоҷикистон. Ман дар назар дорам мулло Абдуллоҳ, қумандони ноҳияи Дарбанд, ҳозира Нурободро. Мо ба наздаш борҳо одам фиристондем, ки бо мо мулоқот кунад, вале ӯ аз мулоқот бо мо саркашӣ кард. Ва худи ҳамин одам дар мулоқоти Ғарм иштирок надошт.

**- Дар мулоқоти Ғарм инчунин фармондеҳи дигари мухолифин Мирзо Зиёев иштирок надошт.**

- Бале, Мирзо Зиёев ҳам иштирок надошт. Бо Мирзо Зиёев нияти мо ин буд, ки аввал мулоқоти Ғармро ба анҷом мерасонем, баъд мулоқоти алоҳида бо Мирзо Зиёев анҷом меёбад. Азбаски дар Тавилдара ҷангҳои шадид мерафтанд, мо лозим донистем, ки бо Мирзо Зиёев алоҳида гуфтушунид кунем. Мулоқоти Ғарм бояд оғози мулоқот бо тамоми қумандонҳои оппозитсион мешуд. Мирзо Зиёев бо сабаби идомаи ҷангҳо дар Тавилдара наметавонист дар мулоқоти Ғарм ширкат кунад. Мо медонистем, ки ӯ ба ин мулоқот омода буд.

**-Яъне Шумо ният доштед, ки баъди мулоқоти Ғарм чунин як мулоқотро дар Тавилдара бо Мирзо Зиёев баргузор кунед?**

- Бале, фикри мо чунин буд.

**- Пас бигӯед, ки нақзи Созишномаи Ғарм чӣ гуна рух дод? Чаро боз ҷанг шурӯъ шуд?**

- Ин кори мулло Абдуллоҳ буд, фармондеҳи ноҳияи собиқ Камсамолобод.

**- Оё танҳо ӯ гунаҳкор буд?**

- Нақши асосиро ӯ бозӣ кард. Аз тарафи дигар шояд, ки дар ин ҷо, чи тавре ки дар баъзе дарёҳо мешавад, ҷараёнҳои зериобӣ буданд. Баъзе одамҳое буданд, ки дар оянда шояд номҳои онҳоро ман бигирам, халал мерасонданд. Ҳам аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон ва ҳам аз ҷониби мухолифин одамоне буданд, ки ҳеҷ гоҳ ба сулҳи Ғарм розӣ набуданд.

**- Аммо баъдтар худи ҳамон қумандонҳое, ки ба зери Протоколи қатъи ҷанг дар Ғарм имзо гузоштанд, ба расонаҳои хабарӣ гуфтанд, ки сабаби нақзи Созишномаи Ғарм ин оварда шудани собиқ фармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсиони Ризвон ба минтақа тавассути нерӯҳои ҳукуматӣ ва ҷангро шурӯъ кардани онҳо будааст?**

- Масъалаи Ризвон Садиров ин саволи алоҳида аст. Ман мехоҳам аввал дар бораи ҳамин сулҳи Ғарм бештар

гап занам ва баъд ба масъалаи Ризвон Садиров баргардам. Чунки ин масъала- овардани Ризвон Садиров ба дохил кишвар, ин як зарбаи калон ба раванди гуфтушуниди сулҳ буд. Дар ин бора алоҳида бояд гап занем.

Вале ҳозир мехоҳам як қиссаи пандомезеро бароятон ҳикоя кунам. Субҳи 16 сентябри соли 1996 вақти наҳор буд. Бинам як одами хурдҷуссаи қадпасти кӯсариш, ҷелаки кабуд дар бар ва саллаи хурде дар сар, дар зери бағал чизеро гирифта ба назди мо омад. Гумон кардам, ки нон овардааст, вале он чиз ба нон монанд набуд. Омад, салом дод ва худро шиносонд: «Номи ман мулло Барот, сархатиби масҷиди ноҳияи Ғарм. Қадамҳоятон нек бошад. Бо нияти бисёр хуб омадед. Ман аз гуфтушунидҳои шумо бохабар ҳастам. Вале барои чӣ қаблан наомадам ва маҳз ҳамин рӯз омадам? Ман имрӯз пеш аз субҳидам хобе дидам. Хоб дидам, ки рӯҳи имом ал-Бухорӣ бо ман мулоқот доштааст. Гуфтанд: «шод бошед, муждагонӣ диҳед, ки имрӯз ҷониби ду тараф сулҳ мебанданд ва ба Созишнома имзо мекунанд». Ман худам ин ҷо наомадаам, маро рӯҳи Имом Муҳаммад ал- Бухорӣ ҳидояти ба ин ҷо омадан ва овардани муждаи сулҳро кард»

Баъд мулло Барот он чизеро дар бағалаш буд, кушод ва гуфт, ки ин китоби ал- Бухорӣ аст. Хоби дидагиашро нақл кард ва гуфт таъбири онро аз ҳамин китоб биҷӯем. Баъд бо такя ба китоб гуфт, ки ман аз ин пеш гуфта будам ва ҳоло ҳам мегӯям, ки оппозитсион ба ғазо ҳақ надорад, ва ҷанги ӯ ин ғазо нест. Чаро, ки мо ҳамватанем, ҳаммиллатем, ҳамзабонем, дар як хокем ва дигар чизҳо. Мо як дин дорем. Як урфу одати миллӣ дорем. Мо ягон коммунистро надидем, ки бо расму русуми коммунистӣ маърака гузаронида бошад. Пеш ҳам гуфта будам ва ҳоло ҳам мегӯям, ки ҳарду ҷониб бояд сулҳ кунанд. Баъд мулло Барот китоби ал- Бухориро кушоданд. Он чизеро, ки онҳо хонданд, ман кӯшиш мекунам, ки дар ин ҷо айнан биёрам. Рӯҳи мулло Барот шод бошанд, ки аз китоб чунин

хонданд: «Низои мусулмонони олам аз низои ду мусулмон оғоз меёбад. Низои ду мусулмон ба низои оилавии ду хонадони мусулмон оварда мерасонад. Баъд ҳамин низоъ ба қавми ду тараф паҳн мешавад. Аз поёни кӯча ба болои кӯча, аз нисфи деҳа ба нисфи дигараш, баъд ба шаҳр мегузарад, сипас ба вилоят ва баъд ба давлат. Баъд ҳамин низоъ дар байни мусулмонони тамоми олам паҳн мешавад. Касе, ки ҳамин низоъро оғоз мекунад, ӯ ҳаққи мусулмон буданро надорад. Худашро ҷониби мусулмон гуфта наметавонад. Мусулмон касе ҳаст, ки низоъро дар оғозаш аз байн барад. Баъд як шеъре оварданд. Шеъре аз ал-Бухорӣ. Шеъри хеле дуру дароз. Аввали шеърро мулло Барот азёд гуфтанд ва давомашро аз китоб хонданд. Хулоса, дар якуним саҳифае, ки он кас хонданд, мароми комиссияро мо баръало дидем. Китобе, ки 1200 сол пеш навишта шудааст, моро ба сулҳ даъват мекард. Мо аз омадани ин шахс хеле хурсанд шудем. Дар ҳақиқат, ӯ ба мо мужда овард, ки бародарон вақт расид, замина омад, фурсат расид, сулҳ кунед. Ҳамон одам ҳамроҳи мо нон хӯрданд. То имрӯз симои он одам дар пеши чашми ман ҳаст. Суханони ҳамон одам ба истинод ба гуфтаҳои Имом ал-Бухорӣ таконе дод барои имзои Созишномаи Ғарм. Хулоса, намози асри ҳамон рӯз Созишнома аз ҷониби ду тараф ба имзо расид. Як қисмати Созишнома бо хати ман ва қисмати дигари Созишнома бо хати Ҷалолиддин Маҳмудов навишта шудааст. Ногуфта намонад, ки лоиҳаи Протоколи қатъи ҷанг ба хатти профессор Абдунабӣ Сатторзода навишта шудааст. Нусхаи ин протокол дар дасти ман ҳаст. Созишнома бо як рӯҳияи хеле баланд ба имзо расид. Вақте ки Созишнома ба имзо расид, бовар кунед, ки дар як дақиқа тамоми аҳолии шаҳраки Ғарм аз сулҳи тоҷикон бохабар шуд. Дар назди намояндагии СММ одамони бисёре ҷамъ омада буданд. Вақте ба назди онҳо баромадем, нидоҳои хурсандӣ садо медоданд. Моро табрик мегуфтанд. Худи ҳамон лаҳза раиси комиссияи баландпояи ҳукуматӣ Амирқул Азимов тавассути

телефони моҳвораии СММ ба Раиси Ҷумҳур хабари ба имзо расидани Созишномаи сулҳи Ғармро доданд. Президент дар ҷавоб гуфтанд, ки агар тавонед, намояндаи фармондеҳони мухолифинро, ки дар таъмини сулҳи тоҷикон ҳисса гузоштааст, бо худ ба Душанбе биёред, то ман ӯро шахсан табрик намоям. Ва мо ҳамон шом ба Душанбе парида омадем. Ба намояндагӣ аз фармондеҳони оппозитсион Мирзохӯҷа Низомов ба Душанбе омад ва бо Раиси Ҷумҳур мулоқот кард. Баъдан мо ба Мирзохӯҷа Низомов ва аъзои Комиссияи муштараки назорат бар оташбас шароит муҳайё кардем, ки ба назди роҳбари мухолифин устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба Афғонистон рафта аз натоиҷи гуфтушуниди Созишномаи Ғарм ӯро шахсан огаҳ намоянд. Натоиҷи Созишномаи Ғарм аз ҷониби оппозитсион пурра пазируфта шуд. Касе мегӯяд, ки роҳбарияти оппозитсион аз масъалаи Созишномаи Ғарм хабар надошт, билкул хато мекунад. Ҳар як коре, ки аз сӯи Комиссияи муштараки назорат бар оташбас карда мешуд, роҳбарияти оппозитсияро ҷониби мухолифини ин комиссия хабардор мекард. Ва ё пеш аз бо кори муҳиме шурӯъ кардан аз онҳо ҳидоят ва иҷозат мегирифт. Аз он ҷумла ба Ғарм омадани қумандонҳои оппозитсион, дар мулоқот иштирок кардани онҳо, ба созишнома имзо гузоштан ҳама ба розигии роҳбарияти оппозитсион шудааст. Умуман Созишномаи Ғарм як такони ҷиддие шуд дар раванди музокирот ва он билохира ба гуфтушуниди Хустдеҳ оварда расонд. Гуфтушуниде, ки амалан мушкили ҷангу сулҳи тоҷиконро ҳал кард.

**- Ба ҳар ҳол то мулоқоти Хустдеҳ баъди мулоқоти Ғарм дар минтақа як ҷанги шадиде ба вуқӯъ пайваст, ки намояндаҳои оппозитсион сабаби онро дар як амали ҷониби ҳукумат, яъне ба тарафи худ кашидани собиқ фармондеҳи кулли оппозитсион Ризвон Садиров, ки оппозитсион ӯро ба ҷурми хиёнат гунаҳкор меҳисобид, медонистанд. Ба қавли онҳо ҳукумат Ризвонро ба муқобили нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсион истифода бурданӣ буд. Инро фармондеҳони**

**мухолифин дарк намуда, ҳамлаи ғофилгирона карданд. Шумо ба ин чӣ мегӯед?**

- Ногуфта намонад, ки дар ин масъала мо далелу санадҳои хаттӣ дорем, бо имзои ҳамраисони Комиссияи назорат бар оташбас ману Ҷалолиддин Маҳмудов. Ҳанӯз як сол пеш аз ба имзо расидани Созишномаи Ғарм мо дар назди раҳбарияти оппозитсион масъалаи ифшо кардани ҳуҷҷатҳои барои чӣ аз ҷониби оппозитсион ронда шудани Ризвон Садировро монда будем. Мо гуфта будем ҳукумати Тоҷикистон пурра медонад, ки корҳое, ки Ризвон кардааст, ин доғест дар чеҳраи оппозитсион. Мо гуфтем, биёед, шумо инро пинҳон накунед. Ҳар коре, ки ӯ кардааст, биёед, ошкор кунем. Аз ҷумла, 21 нафар соҳибмансабон ва сарбозони ҳукуматиро, ки дар дасти ӯ буданд, ӯ шахсан куштааст ва дар мавзеи Баҳораки Афғонистон гӯр кардааст. Мо талаб кардем, ки ин кор аниқ карда шавад. То доғ аз оппозитсион бардошта шавад. Ҳамаи ин кори Ризвон бадномӣ болои оппозитсион аст. Парвандаеро, ки имрӯз аз ҷониби роҳбарияти оппозитсион ба муқобили Ризвон ва дастаи ӯ тартиб дода шудааст, биёред, то ҷиноятҳои ӯро ошкоро бигӯем. Мо аз раҳбарияти оппозитсион талаб кардем, ки Ризвонро расман хоин эълон карда аз ӯ ошкоро рӯ гардонанд, то ҳукумати Тоҷикистон ӯро ҳам хиёнаткори миллат ҳисоб кунад. Мутаассифона, ин икдом амалӣ нашуд. Дар амалӣ нашудани ин иқдом баъзе роҳбарони ҳамонвақтаи оппозитсион айбдоранд. Онҳо нагузоштанд, ки воқеияти Ризвон ифшо шавад. Мо ҳатто медонистем, ки Ризвон барои аз байн бурдани роҳбари мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бисёр сахт омодагӣ дида буд. Ӯ нақшаи террори Сайид Абдуллоҳи Нуриро кашида буд. Ризвон аз куҷое дастур мегирифт. Аз кадом як марҷае роҳбарӣ мешуд. Худ аз худ ин кор ба вуҷуд намеояд. Мо хостем, ки ҳамин чизро ифшо кунем. Ҷонибҳо донанд, ки Ризвон кӣ ҳасту чӣ ҳаст. Ва билохира ҳарду тараф аз ӯ рӯ гардонанд. Азбаски оппозитсион инро нахост, мехоҳед

намехоҳед ин таҷрибаи як ҳукумати ҶТ нест, ин таҷрибаи тамоми мамлакатҳо ҳаст, ки рақибро бо ҳар роҳ шикаст бояд диҳад. Яъне намояндаи ӯро ба ҷониби худ моил кунонда ба муқобили худи ӯ истифода барад. Ҳукумати Тоҷикистон наметавонист, ки аз чунин имконият истифода набарад. Айнин чунин корҳоро роҳбарияти оппозитсион низ мекард, то ҳукуматро ҳарчи бештар заиф созад. Вале бояд гуфт, ки ҳукумати ҶТ қасдан Ризвонро ба тарафи худ накашидааст. Ин ҷо вазъият масъаларо ҳал кардааст. Шумо агар мулоқоти дар вилояти Тахор баргузор намудаи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва раҳбари мухолифинро дар ёд дошта бошед, тақрибан 70 фисади рӯҳияи сулҳи Ғарм дар он инъикос ёфта буд. Дар он ҷо маслиҳат аз ҳар ду ҷониб шуд, ки идомаи музокироту мулоқотҳо ба хоки Тоҷикистон гузаронида шаванд. Роҳбарияти оппозитсион, штаби оппозитсион ба Тоҷикистон кӯчонда шавад. Ин чиз дар Протоколи Хустдеҳ ҳаст.

**- Воқеан, баъди чор рӯзи мулоқоти Хустдеҳ Шумову Ҷалолиддин Маҳмудов дар як чархбол ба Толуқон омадеду ҳайати баландпояи сиёсиву низомии мухолифин бо роҳбарии Давлат Усмонро ба Душанбе бурдед. Ин корро шумо бо фармон ва ё хоҳиши кӣ кардед?**

- Бояд бигӯям, ки мо аз ҳамон аввал кӯшиш мекардем, ки роҳбарияти оппозитсион ба дохили кишвар биёяд. Дар мулоқоти Хустдеҳ ҷонибҳо ба тавофуқ расиданд, ки барои амалӣ сохтани шартномаи Хустдеҳ як ҳайати баландпояи сиёсиву низомии оппозитсион ба дохили ҷумҳурӣ биравад, то ин ки мушкилоти пешомадаро дар дохили кишвар онҳо ҳал намоянд. Масалан, дар мулоқоти Ғарм як ҳайати баландпояи сиёсиву низомии ҳукуматӣ буд, вале аз ҷониби оппозитсион набуд. Функсияи ҳайати баландпояи сиёсиро низ Комиссияи муштараки назорат бар оташбас аз ҷониби оппозитсион иҷро мекард. Ҷонибҳо дар Хустдеҳ ба хулоса омаданд, ки аз ин ба баъд

гуфтушунидҳоро на фармондеҳони оппозитсион, балки ҳайати баландпояи низомиву сиёсии оппозитсион барад. Мо медонистем, ки гуфтушунид бо Мирзо Зиёев бисёру бисёр душвор аст ва гуфтушунид бояд аз сӯи намояндаи бевоситаи роҳбарияти оппозитсион дар шахси Давлат Усмон бурда шавад, ҳамчун Раиси Ситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Оппозитсион. Баъди он, ки ба Протоколи Хустдеҳ шинос шудам, Раиси Ҷумҳур ба ман амр кард, ки ҳамчун ҳамраиси Комиссия ба Толуқон рафта он одамонро ба Тоҷикистон биёрам. Ва минбаъд бо ин одамон ҳамеша дар тамос бошем, аз аҳволашон бохабар бошем. Дар оянда мулоқотҳо ва гуфтушунидҳо бо ҳамин ҳайат бояд сурат бигирад. Баъди ин мо бо ду чархбол роҳи шаҳри Толуқон вилояти Тахори Афғонистонро пеш гирифтем. Моро дар он ҷо намояндаҳои оппозитсион пешвоз гирифтанд. Бо роҳбари оппозитсион марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ сӯҳбатҳои дуру дароз доштем, бо Давлат Усмон сӯҳбат кардем. Баъдан мулоқоти чилдақиқаина бо Раиси Ҷумҳури Афғонистон, профессор Бурҳониддини Раббонӣ доштам. Ман паёми шифоҳии Раиси Ҷумҳури Тоҷикистонро ба устод Раббонӣ расондам, ки дар он барои мусоидаташон ба раванди сулҳи Тоҷикистон ба устод Бурҳониддин Раббонӣ изҳори миннатдорӣ карда мешуд. Устод Раббонӣ низ дар навбати худ ба мо маслиҳатҳои хуб доданд. Аз ҷумла гуфтанд, ки «фарзанди азиз, бубинед, аз он ки мо байни худ забон наёфтем, Афғонистонро ба чӣ ҳол овардем. Мо ҳамаамон дар як ҷабҳа мубориза бурдем ба муқобили ҳукумати онрӯзаи Бобрак Кармал. Имрӯз бинед, ки мо байни якдигарамон мубориза мебарем. Якдигариро мекушем. Афғонистонро хароб кардем. Он чизе, ки мо кардем, аз он корҳои мо, шумо дур бошед. Забони якдигариро ёбед. Ман ҳам тоҷик ҳастам, мехоҳам, ки Тоҷикистон обод бошад. Ободии Тоҷикистон ин ободии Афғонистон аст», гуфт профессор Раббонӣ. Баъди сӯҳбат бо Раббонӣ мо бо ҳайати Давлат Усмон ба Тоҷикистон баргаштем. Ҳайатро

дар фароғатгоҳи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷо додем. Ин ҳайатро бо ҳайати ҳукуматӣ якҷо намудем то бо як дигар шинос шаванд. Баъдан барои фаҳмонда додани аҳамияти Созишномаи Хустдеҳ, нуктаҳои ин Протокол мо ду ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ раҳсипори водии Қаротегин шудем. Бовар кунед, ки мардум ҳарду ҷонибро ин қадар гарм пешвоз гирифт, ки сухан аз тасвири он ҳолатҳо оҷизӣ мекунад. Мол куштанд. Моро бо нону намак пешвоз гирифтанд. Дар чеҳраҳои мардуми Ғарму Тоҷикобод, Ҳоиту Ҷиргатол мо як рӯсурхӣ, як давидани хун, як умедеро дидем. Мо дар чеҳраҳои онҳо хондем, ки мехоҳанд Тоҷикистони азизамон боз гулгулшукуфон бошад. Мо кӯшиш кардем, ки ҳамин কореро, ки дар Ғарм кардем, дар Тавилдара низ амалӣ кунем.

Ҳамон рӯз маслиҳат шуд, ки ман омада назди дуроҳаи Ғарму Тавилдараву Комсомолобод, ки он ҷо қувваҳои ҳукуматӣ буданд, биистам. Мо на танҳо бо қувваҳои оппозитсион сару кор доштем, мулоқотҳо доштем, балки бо қувваҳои ҳукуматӣ низ ҳамсӯҳбат шуда, ба онҳо мегуфтем, «эй бародарон, ин аст сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи сулҳ. Талаботи нуктаҳои Протоколи Хустдеҳро дар бораи қатъи ҷанг аз забони ҳайати баландпояи ҳарду ҷониб шунавед». Дар навбати худ мо фикру назарҳои фармондеҳонро дар бораи раванди сулҳ ба инобат мегирифтем. Хулоса, чунин як корҳои тарбиявиро миёни нерӯҳои мусаллаҳи ду ҷониб анҷом медодем.

Ҳамин тариқ, рӯзи 19-уми декабр ман дар ҳамон дуроҳа будам ва бо қувваҳои ҳукуматӣ мулоқот доштам. Ба онҳо гуфтам, ки фардо, яъне 20 декабр, ба назди онҳо ҳайати баландпояи оппозитсион бо роҳбарии Давлат Усмон меояд ва бо онҳо дар бораи Протоколи Хустдеҳ сӯҳбат хоҳанд кард. Дар ҳамин вақт маълумот гирифтем, ки Мирзо Зиёев мехоҳад бо ҳайати баландпояи сиёсиву низомии ҳукуматӣ мулоқот намояд. Ман тасмим

гирифтам, ки аввал ба Душанбе рафта, вазъиятро фаҳмонда аз он ҷо ҳайатро гирифта ба Ғарм меравем ва баъдан ҳайати баландпояи мухолифинро гирифта ба Тавилдара меравем. Бо ҳамин фикр ман ҳамроҳи аъзои Комиссияи муштараки назорат бар оташбас аз ҷониби оппозитсион, нозирони низомии СММ озими Душанбе шудем. Дар минтақаи Қалъаи Нав ҳамаи мо гирифтор, яъне гаравгони дастаи Ризвон шудем. Худи Ризвон бо як қисмати дастааш дар Афғонистон буд. Дар ин ҷо бародари ӯ Баҳром Садиров бо гурӯҳаш буд. Ман аниқ медонистам, ки гаравгонии мо супоришӣ буд.

**- Яъне бо супориши кӣ?**

- Бо супориши худи Ризвон. Ҳамин гапро ман аз забони бародари Ризвон собиқ корманди Раёсати ГАИ-и ВУД ҶТ Баҳром Садиров шунидам. Дар ин ҷо суханони ӯро айнан меорам, ки мегуфт: «О, афсӯс, ки мо супоришро ним иҷро кардем. Ҳайати Давлати Усмон гирифтор нашуд, афсӯс». Мақсад аз гирифтории комиссия аз чӣ иборат буд? Вақте ки ҷониби Ризвон қувваҳои худро ба Тоҷикистон дохил карда дар минтақаи Оби Гарму Файзобод мавқеъ гирифта буд, мехостанд, қувваи сеюмеро ташкил бидиҳанд, ки на ба ҳукумати ҶТ итоат кунад ва на ба оппозитсион. Маҳз бо ҳамин восита онҳо мехостанд бо дасти ҳукумати ҶТ, бо роҳи фишороварӣ ба он Ризвонро бо тамоми қувваҳояш аз Афғонистон ба Тоҷикистон биёранд. Бинобар ин Баҳром Садиров аз Ризвон фармон гирифта буд, ки ҳайатҳои ҳарду ҷониби комиссияи муштарак ва нозирони низомии СММ-ро ба гарав бигирад ва дар назди ҳукумати Тоҷикистон шарт гузорад, ки онҳоро пас аз он озод мекунад, ки ҳукумат Ризвонро бо тамоми қувваҳояш аз Афғонистон ба Тоҷикистон биёрад. Шарти дигараш ҳамин буд, ки бародарашро, ки дар асорати Мирзо Зиёев буд, озод кунанд. Ман, ки худам гаравгон будам, ҳамзамон вазифаи миёнаравро байни ҳукумат ва Ризвон иҷро мекардам. Ҳамчун миёнарав ба назди Мирзо Зиёев рафта,

гуфтушунид карда, бародари Ризвонро гирифта ба дасти Баҳром супурдам, то ин ки яке аз шартҳои Ризвон иҷро шавад. Бо ҳамин восита мо тавонистем, ки як қисми гаравгонҳоро аз дасти Баҳром Садиров озод кунем. Шарти асосии овардани Ризвон ва нерӯҳояш аз Афғонистон иҷро нашуд.

**-Ба фикрам дар ин дафъаи гаравгонгириаш чунин шартро Ризвон Садиров ба миён нагузошта буд. Ҳамин шартро дар гаравгонгирии хабарнигорони Русия, ки моҳи феврали соли 1997 сурат гирифта буд, ба миён гузошта буд.**

**-** Не, ба миён гузошта буд. Дар ёдам ҳаст, ки тавассути телефони моҳвораии нозирони низомии СММ ман бо ҷаноби Маҳмадсаид Убайдуллоев сӯҳбат кардам ва ин шартҳои гаравгонгирҳоро ба он кас гуфтам. Он кас ба фикрам муовини аввали раиси ҳукумати Тоҷикистон буданд. Ҳамон лаҳза дар ҳукумати Тоҷикистон шартҳои Ризвон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта буд. Ҳукумат қарор кард, ки як қисми қувваҳои Ризвонро, аз ҷумла мулло Абдуғаффорро бо силоҳу муҳимоташ ба Тоҷикистон биёранд. Дар рӯзи сеюми гаравгонгирӣ мулло Абдуғаффор ва як қисми нерӯҳои Ризвонро аз Афғонистон оварданд. Ман худам бо мулло Абдуғаффор мулоқот доштам, бо дигар аъзои гурӯҳи Ризвон мулоқот доштам. Мулоқоти нахустинам бо мулло Абдуғаффор якуним соат тӯл кашид. Боз як мулоқоти дигар доштам бо ӯ. Ман кӯшиш кардам, ки чашми ӯро кушоям. Ба ӯ гуфтам:

-Бародар, он чи ки шумо кардед, Ризвон кард, бародари Ризвон кард, хато аст. Ин ба муқобили раванди сулҳи тоҷикон аст. Ин гуна рафтор вазъиятро муташанниҷ месозад.

Бояд бигӯям, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳукумати ҶТ дар симои Ризвон намояндаи оппозитсионро медид. Ҳанӯзам шубҳа доштанд, ки шояд ин одами оппозитсион бошад. Барои чӣ? Барои он ки ҷониби оппозитсион дар вақташ парвандаи ӯро ба ҳукумат надод. Расман аз ӯ даст

накашид, рӯ нагардонд. Ин ҳама амалҳои оппозитсион боиси он шуд, ки Ризвонро ҳанӯз ҳам одами оппозитсион биҳисобанд.

Чи хеле, ки гуфтем, бародари Ризвон дар назди ҳукумати Тоҷикистон се шарт гузошта буд ва шарти охираш ҳамин буд, ки Ризвонро аз Афғонистон бо ҳамроҳии қувваҳояш гирифта биёранд. Ман худам шоҳиди он ҳастам, ки Баҳром бо Ризвон аз тариқи мухобираи СММ бевосита дар ин мавзӯъ суолу ҷавоб мекард. Ҷалолиддин Маҳмудов низ ҳамин вақт дар назди дастгоҳи мухобира буд. Масалан, Баҳром мегуфт ду шарт иҷро шуд, яъне бародарамонро аз Тавилдара, аз пеши Мирзо Зиёев оварданд. Мулло Абдуғаффорро низ бо ҳамроҳии чанд нафар аз Афғонистон оварданд. Ризвон бошад дар охир ҳаминро гуфт, то маро бо ҳамроҳии қувваҳоям аз Афғонистон набаранд, гаравгонҳоро озод намекунӣ. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овардани Ризвон умуман розӣ набуд. Мавқеи Ризвон ба ҳукумати Тоҷикистон маълум буд. Кӣ буд Ризвон? Террорист!

**- Пас чаро ӯро оварданд?**

- Гӯш кунед, қувваҳое буданд, ки ба ин кор манфиатдор буданд. Қувваи сеюм дар ин кор даст дошт.

**- Пас мо метавонем бигӯем, ки ин корро қувваи сеюм бо дасти намояндаи ҳукумат кард?**

- Қувваи сеюм даст дошт. Баъзе намояндагони расмиву ғайрирасмии ин қувваҳо бо ҳукумати Тоҷикистон тавсияҳо дода буданд. Аз он ҷумла, шояд аз нигоҳи сиёсӣ имрӯз дуруст аст ва ё не, он вақт гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки ҳамчун намояндаи Русия худашонро мегуфтанд. Ва онҳо гуфтанд, ки мо вазъиятро омӯхтаем ва барои ором кардани вазъият муваққатан ҳам бошад, Ризвон оварда шавад. Ҳукумати ҶТ ин тавсияро гӯш кард, вале он давра амалӣ накард. Ин кор баъди тахминан ду- дувуним моҳ сурат гирифт. Дар кадом ҳолат сурат гирифт? Вақте ки вазири амнияти ҶТ Зуҳуров С. барои мулоқот кардан пеши Баҳром Садиров рафт.

**- Рафтани вазири амният ҷаноби Зуҳуров С. пеши Баҳром Садиров ба хотири озод кардани гаравгонҳо буд. Ҳамин тавр не?**

- Бале. Лекин бояд гуфт, ки журналистони рус пеш аз он ки ба минтақаи Оби Гарм бираванд, назди мо омада буданд. Мо бо он журналистон мулоқот доштем ва ман ба онҳо тавсия дода будам, ки аз ҳаргуна мулоқот бо одамони Ризвон канораҷӯӣ кунанд. Лекин бар хилофи маслиҳати мо гурӯҳҳое буданд, ки ба журналистон тавсияи ба он ҷо рафтанро доданд. Ин қувваи сеюм буд ва ин қувва хуб медонист, ки гурӯҳи Баҳром Садиров журналистонро ба гарав мегирад. Ана дар ҳамин ҳолат ҳукумати Тоҷикистон тавсияи қувваи сеюмро дар бораи овардани Ризвон бо қувваҳояш маҷбур буд ба инобат бигирад, зеро акнун журналистони Русия ба ҳайси гаравгон гирифта шуда буданд. Ҷониби Русия акнун расман метавонист аз ҳукумати Тоҷикистон талаб кунад, ки қазияи гаравгонҳоро ҳарчи тезтар мусбат ҳал намояд. Ба ёд биёред дахолати Раиси Оҷонсии Иттилоотии ИТАР-ТАСС-ро дар ин қазия ва боз дигар намояндагони боломақоми Русияро. Нисбати дахолати онҳо дар кори ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаи раҳоии гаравгонҳо Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҳамон вақт ҷавоби сазовору саҳеҳ дода буд. Қувваҳои ғайрирасмии тарафдори Русия, ки ба мақомоти расмии Русия тааллуқ надоштанд, ин журналистонро дидаву дониста ба минтақа фиристонданд. Онҳо медонистанд, ки хабарнигорон ба гарав гирифта мешаванд. Ва бо ҳамин роҳ Ризвон Садировро ба хоки Тоҷикистон меоранд. Яъне ҳамон қувваҳои сеюми ҷонибдори Русия манфиатдор буд, ки бо роҳи гаравгонгирии хабарнигорони русӣ, ҳукумати Русияро ба қазия бикашад ва ин намояндагони расмии ин ҳукумат болои ҳукумати расмии Тоҷикистон фишор биёранд, ки Ризвонро бо нерӯҳояш аз Афғонистон ба Тоҷикистон интиқол бидиҳанд, то гаравгонҳоро бародари ӯ Баҳром раҳо кунад. Вақте ки вазири амнияти ҶТ

Сайдамир Зуҳуров барои халосии гаравгонҳо ба назди Баҳром Садиров рафт, болои сӯхта намакоб шуд. Ӯ бояд ба он ҷо намерафт. Рӯйдодҳои ахир далели он буданд, ки ӯ низ ба гаравгон гирифта мешавад. Рафтани ӯ ба ситоди Баҳром шояд тавсияи ҳамон қувваҳои сеюм буд. Шояд ӯ боварӣ дошт, ки аз мавқеи Вазири амният ӯ кореро дар он ҷо иҷро хоҳад кард. Шояд тавсияи Раиси Ҷумҳур буд. Ба фикри ман ӯ ҳаққи ба он ҷо рафтанро надошт. Вале ноилоҷ буд. Бояд кӯшиши озод кардани хабарнигорони русиро мекард. Ба ҳар ҳол ӯ ҳамчун мард ҷони худро дар хатар гузошта ба мулоқот рафт. Ва шояд аниқ медонист, ки ӯ низ гаравгон мешавад. Ба ҳар ҳол ӯ рафт ва гаравгон шуд, дар баробари хабарнигорони рус. Акнун шаҳрвандони ду кишвар ба гарав гирифта шуда буданд ва ҳукумати ҷумҳурӣ маҷбур буд талаби Ризвонро иҷро кунад. Аз рӯи мантиқ гуфтан мумкин аст, ки Русия ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки ба шартҳои Ризвон розӣ шаванд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ин шакл ҳаллу фасл кардани қазияҳои гаравгонгирӣ бисёр дида мешавад. Ва тасмими ҳукумати Тоҷикистонро дар бораи он, ки қазияи гаравгонгиронро бо роҳи иҷро кардани шарти Ризвон, яъне овардани ӯ ва қувваҳояш аз Афғонистон, ҳаллу фасл кунад, ман тасими дуруст меҳисобам. Ин иқдоми дурусти Раиси Ҷумҳур буд, дигар илоҷ надошт. Агар ман ҳам давлатдор мебудам, ҳамин роҳи масъаларо пеш мегирифтам. Ҳамин тариқ Ризвон Садиров ҳукумати Тоҷикистонро маҷбур карда буд, ки ӯро бо гурӯҳаш аз Афғонистон биёранд.

**- Бале, ин дафъа Ҳукумати Тоҷикистон маҷбур буд, ки ин корро кунад. Шояд дуруст мегӯед, ки дигар илоҷ надошт. Вале дафъаи аввали овардани Ризвон, ки 27-уми ноябри соли 1996 ба вуқӯъ пайваста буд, маҷбурӣ набуд. Он вақт дар телевизиони тоҷик нишон доданд, ки ӯро Ғаффор Мирзоев фармондеҳи Горди Президентӣ дар майдони ҳавоӣ пешвоз гирифт. Баъди он ки дар минтақаи Қаротегин ҷангҳо аз сари нав шурӯъ шуданд, ӯро боз дар ҳамон**

**чархбол ба Афғонистон бурданд. Ин овардану бурданҳои Ризвон чӣ маъно дошт?**

- Ман бо такя ба мантиқ сухан мегӯям. Ҳамон вақт ҳам овардани Ризвон тасмими ҳукумати Тоҷикистон набуд. Далелаш ҳам ҳамин воқеаҳои гаравгонгирии аввал буд, ки намояндагони ҳукумат ҳам ба гарав гирифта шуданд ва барои раҳоияшон шарти овардани Ризвон аз Афғонистон бо қувваҳояш ба миён гузошта шуд. Аз ҳамин рӯ бори аввал овардани Ризвон аз Афғонистон иқдоми шахсии Ғаффор Мирзоев буд, ки ҳадафу мақсадҳои худро дошт. Ин тасмим ва мавқеи ҳукумати Тоҷикистон набуд. Ғаффор Мирзоев онҳоро овард, силоҳ дод. Ногуфта намонад, ки бародари Ризвон Баҳром Садиров бо дасти Ғаффор Мирзоев мусаллаҳ карда шуд.

**- Мӯҳтарам Зафар Икромов, оё Шумо метавонед аз корҳои иҷро намудаи ҳайатҳои баландпояи сиёсиву низомии ҳарду ҷониб ёдовар шавед, ки ба фикри шумо барои раванди сулҳ хеле муфид ва муҳим буданд?**

- Бале, нахуст бояд бигӯям, ки ин ҳайати баландпоя хеле боаҳамият буд, ки раҳбари онро баъди ба Тоҷикистон омаданаш Раиси Ҷумҳур ба ҳузур пазируфт. Ҳайатро дар олитарин меҳмонхонаи Тоҷикистон, – бӯстонсарои ҳукуматӣ ҷой доданд. Чунин муносибат равшангари он буд, ки ҳукумати Тоҷикистон самимона мехоҳад сулҳ кунад. Омадани ин ҳайат ба Тоҷикистон маънои онро дошт, ки фронти Ғарм дигар аз байн рафт. Мардуми ин водӣ бо ҳукумат ҳамфикр шуданд. Як хатари ҷиддӣ бартараф шуд. Ногуфта намонад, ки дар дохили ҳукумати ҶТ қувваҳое буданд, ки аз омадани ин ҳайат розӣ набуданд. Ҳамчунин дар дохили оппозитсион чунин қувваҳо буданд. Масалан гурӯҳи Ризвон.

**- Гурӯҳи Ризвон он замон дигар бо худи оппозитсион мухолифат мекард.**

- Ман марҳилаҳои аввалро дар назар дорам.

**- Дар марҳилаҳои баъдӣ ҳам дар дохили оппозитсион буданд нерӯҳҳое, ки сулҳро намехостанд, дуруст мегӯед.**

- Ва ин мантиқӣ аст. Зеро дар Созишномаҳои ба тавофуқ расида шояд манфиатҳои онҳо ба инобат нагирифта шуда буданд. Ин табиӣ аст. Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳамин гуна ашхосе, ки дар дохили худаш буданд, фишор овард, ки ба раванди сулҳ халал нарасонанд. Мо медонем, ки айнан ҳамин корро устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар доираи худ анҷом додааст. Мо медонем, ки қаноти теҳронии оппозитсион кӯшиш мекард, ки дар Созишномаву Протоколҳо манофеи онҳо бештар ба назар гирифта шавад. Боз мегӯям, ки ин як чизи оддӣ дар раванди музокирот аст.

Аз ҳамин нуқтаи назар бояд гуфт, ки ҳайати баландпояи низомиву сиёсии оппозитсион тавонист, ки ҷониби худ-яъне фармондеҳону нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсионро аз моҳияти Протоколи Хустдеҳ огоҳ созад. Зарурати қатъи ҷангро ба онҳо бифаҳмонад. Ба онҳо бифаҳмонад, ки роҳи дигар вуҷуд надорад, фақат Сулҳ мо ва Тоҷикистони азизи моро аз нобудшавӣ наҷот медиҳад. Муҳимтарин дастоварди ин ҳайат ҳамин буд. Аз сӯи дигар сӯҳбату мулоқотҳое, ки ҳайати Давлати Усмон бо ҳайати Амирқул Азимов дошт, тавонист иштибоҳоти зиёдеро аз байн бубарад, мавқеъҳои сиёсии якдигарро бо ҳам наздик созад. Дар ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳу оштии миллӣ, ки тақрибан 6-моҳ баъди ба Тоҷикистон омадани ин ҳайат ба вуқӯъ пайваст, саҳми ин ҳайат беандоза калон аст. Шояд имрӯз баъзе одамон мегӯянд, ки «Хайр, Давлат Усмон омаду ҳукумат ӯро хариду ӯ аз ҷониби Тоҷикистон баромад карду ва ғайраву ҳоказо». Не, чунин нест. Мехоҳед, намехоҳед барои аз дили якдигар хабардор шудан сари як дастархон нишастан зарур аст, то марому ҳадафи мо як мешуд, ки ба сулҳ биёем. Ободии Тоҷикистони азиз мароми мо буд. Чӣ, оппозитсион нангу номуси миллӣ надошт? Чӣ, онҳо намехостанд, ки ватанашон обод бошад? Не, албатта! Онҳо низ фарзанди ҳамин хоку диёр мебошанд. Онҳо низ ба ин хоку сарзамин ҳаққу ҳуқуқҳои худро доранд. Дар

сурати муносибати одилона ба якдигар мақсаду мароми мо як хоҳад шуд ва мо ба қуллаҳои баландтаре хоҳем расид.

Имрӯз, мутаассифона, матбуот яктарафа баҳо медиҳад. Як ҷонибро соҳиби сулҳ меҳисобаду дар бораи саҳми ҷониби дигар лаб аз сухан фурӯ мебандад, ки албатта, ин аз рӯи инсофу адолат нест. Ҳеҷ гоҳ аз як даст садо намебарояд. Ин ҳақиқатест, ки онро намешавад пинҳон кард. Имрӯз тамоми мардуми Тоҷикистон ва ҷаҳон медонанд, ки иқдом аз ду тараф буд. Имрӯз ҳам дар ободии Тоҷикистон ҳарду тараф кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд. Масалан, Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода, ки – чанд муддат муовини аввали сарвазири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, хуб хизмат кард. Мирзо Зиёев – вазири ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон имрӯз ҳам ҳисса мегузорад. Ва боз даҳҳо нафари дигарро ном бурдан мумкин аст, ки имрӯз ҳам дар ободии кишвар ҳиссагузор ҳастанд. Ҳукумат бо собиқ мухолифин имрӯз дар як команда ҳастанд. Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност.

Ман имрӯз тарафдори он ҳастам, ки Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов аз тамоми ҷаҳон беҳтарин фардҳои миллатро ҷамъ кунад, ба Тоҷикистон биёрад ва ҳар кадоми онҳоро мувофиқи қобилияту истеъдодаш, ақлу заковаташ кор фармояд.

**- Дар мусоҳибаи худ Давлат Усмон мегӯяд, ки вақте 22 декабри соли 1996 ба Тавилдара рафтем, Мирзо Зиёев мушовири давлатии Президент Зафар Икромовро қабул накард ва ӯ ноилоҷ дар ҳамон чархбол ба Тоҷикистон баргашт. Оё байни Шумову Мирзо Зиёев хусуматҳои шахсӣ вуҷуд дошт?**

**-** Не, не, ҳеҷ ягон хусумати шахсӣ байни ману Мирзо Зиёев вуҷуд надошт ва надорад. Ман дар аввали мусоҳиба гуфтам, ки моҳи феврали соли 1996 18-километр роҳи пур аз барфро тай намуда ба назди ӯ, ба кӯҳистон барои мулоқот рафта будем. Ҳамон вақт байни ману ӯ суханҳои

пасту баланд гуфта шуда буданд. Дар симои мо ӯ намояндаи ҳукуматеро медид, ки бо он дар ҷанг буд. Ӯ душмани аслии худро медид. На дӯсти эҳтимолиашро. Бузургон мегӯянд, ки ду нафар байни худ бояд он қадар дӯстӣ кунанд, ки дар байни онҳо барои душманӣ дар оянда ҷой набошад. Ва ду нафар байни худ чунон душманӣ кунанд, ки дар байни худ барои дӯстии оянда, каме ҳам бошад, ҷой боқӣ бигузоранд. Шояд ҳамон вақт дар байни Мирзо Зиёев ва ҳукумати Тоҷикистон ҷой барои дӯстӣ намонда буд. Моро хиёнаткор гуфт, беватан гуфт, ҳукуматро беватан гуфт.

**- Шумо хомӯшона таҳаммул кардед?**

- Не, мо ҳам гап задем. Мебахшӣ, гуфтем, ҳунари нондиҳӣ надорӣ? Ман меҳмон ҳастам! Ман тоҷикам, ту низ тоҷикӣ! Душманат агар омад, аввал бояд ӯро ҷой диҳӣ, нон диҳӣ, баъд душманиатро бикунӣ! Агар ту ҳунари нондиҳӣ надошта бошӣ, Мирзо Зиёев, мо хестем, рафтем. Аз ҷоям хеста борхалтаамро гирифтаму ба роҳ даромадам. Соат 12 шаб буд. Ба ҳамроҳонам гуфтам, ки ман меравам. Бо ин одам мо гап зада наметавонем. Ғайрати додани як пиёла чойро надоштааст, ин одам. Ҳамин хел ки буд, чаро моро даъват кардӣ? Мо мардем, бародар! Дар байни мардҳо ин хел муноқиша ва мубоҳисаҳо мешавад. Ман имрӯз аз номи Президенти ҶТ омадам. Ман аз пеши худам наомадам. Ман сад пушти туро намешинохтам, ту ҳам сад пушти маро намешинохтӣ. Имрӯз ба хотири он омадем, ки фарди миллат кушта шуда истодааст…

Ӯ низ дар ҷавоб далелҳои худро гуфт. Хулоса, ин гуна тундгапии мо то соати 3 шаб идома кард. Мирзо Зиёев аз ман бахшиш пурсид ва дар ҳамон соати сеи шаб гӯсфанд кушт. Баъди хӯрок ману Мирзо боз дар хонаи алоҳида то субҳ сӯҳбати ҷудогона доштем. Фардо субҳ ӯ мардумро аз қишлоқҳои гирду атроф даъват кард ва ҳайати мо бо мардум низ мулоқот дошт. Мо ба онҳо, аз ҷумла ба размандаҳои мухолифин мавқеи ҳукумати ҶТ, марому

мақсади худро гуфтем. Дар охир гуфтем, ки шумо ҷанг мекунед намекунед, акнун ин кори шумо, вале ҳоло ба мо иҷозат ва фурсату имконият диҳед, ки ба ин ҷо хати телефон бикашем, мактабу шифохонаҳоро фаъол кунем, ба мардум хӯроку пӯшок биёрем. Ва ҳатто дар ҳамин робита як созишномае ба имзо расондем. Ва баъди чанд вақт дар чандин мошинҳо бори бисёреро гирифта ба назди  Мирзо Зиёев бурда расондем. Ва 47 ҷасади сарбозони Ҳукумати Тоҷикистонро аз таги барфу талу теппа бо кӯмаки Мирзо Зиёев кофта ёфта, дар мошинҳо бор карда ба вазорати дифоъ супоридем. Ҳамин тариқ дар он гуфтушунидҳо бо Мирзо Зиёев ман ҳам паст намеомадам. Ман ҳам ҳамон ғурури кӯҳистониро доштам. Шояд агар бо дигар тарз гуфтугӯ мекардем, мо забони як дигарро намеёфтем. Ман имрӯз хурсанд ҳастам, ки Мирзо Зиёев дар ободи кардани кишвар саҳм мегузорад. Шояд ӯ пушаймон шуда бошад, ки маро «беватан» гуфт. Имрӯз шукри Худо бофахр мегӯям Тоҷикистон ватани ман ҳам ҳасту ватани шумо ҳам ҳаст. Ватани Мирзову Сӯҳробу ва миллионҳо онҳое, ки дар ҳамин сарзамин таваллуд шуда ба воя расиданд ва барои рушду нумӯи он ҳисса мегузоранд. Ман барои дӯстам Мирзо Зиёев барори кор мехоҳам.

**- Ташаккури зиёд, хеле қиссаи ҷолиб буд. Дар ҳамин ҳол ман мехоҳам бифаҳмам, ки ба фикри шумо имрӯз оё хатарҳое вуҷуд доранд, ки ба сулҳи мо, ба ваҳдати миллии мо таҳдид мекунанд. Ва аз нуқтаи назари шумо чӣ бояд кард, ки осебе ба сулҳу ваҳдати мо нарасад ва баръакс он таҳким ёбад?**

- Ман гуфта метавонам, ки имрӯз мо хатари зиёдеро ба сулҳи тоҷикон намебинем ва дар оянда низ умедворем, ки чунин хоҳад шуд. Вале он ӯҳдадориҳое, ки ҳукумати ҶТ дар Созишномаи умумии истиқрори сулҳу оштии миллӣ ба дӯши худ гирифта буд, пурра ба иҷро нарасиданд. Барои ҳамин ҳам норозигии баъзе одамҳо вуҷуд дорад. Ва ин норозигии баъзе одамҳо шояд дар оянда ба норозигии

баъзе гурӯҳҳо оварда расонад. Аз сӯи раҳбарияти оппозитсион низ ба баъзе камбудиҳо дар раванди истиқрори сулҳ роҳ дода шудааст. Ман дар сӯҳбатҳои худ ба марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ба ҷаноби Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода гуфта будам, ки якум камбудии асосии шумо ҳамин аст, ки шумо барномае надоред, ки дар он қайд шуда бошад, ки оппозитсион чӣ мехоҳад. Масалан, дар робита бо Лоиҳаи Қонуни Асосии ҶТ фаъолияти оппозитсион, як чаҳорчӯбаи муайян надорад, барои ҳамин ҳам тарафкашиву гурӯҳкашӣ ба вуҷуд меояд. Ман ба онҳо гуфта будам, ки бародарон, шумо фикр накунед, ки дар дохили Тоҷикистон шумо тарафдор надоред. Ҳастанд тарафдорони шумо. Вале бояд тарзе рафтор кард, ки ҳусни таваҷҷӯҳи мардум ба шумо зиёдтар шавад. На ин, ки касе аз шумо аз Ваҳдат аст, намояндаи ноҳияи Ваҳдатро, касе аз Тавилдара ҳаст намояндаи Тавилдараро дар атрофи худ ҷамъ кунад. Шумо бояд кадрҳои беҳтаринро аз тамоми ҷумҳурӣ новобаста аз ҷои таваллуду зисташон кофта ёфта ба мансабҳои калидӣ пешбарӣ намоед. Шумо ҳамон кадрҳои хубу болаёқатеро ёфта рӯи кор биёред, ки ҳукумат онҳоро фаромӯш кардааст ва ё нодида гирифтааст. Шумо онҳоро ҳамчун кадри оппозитсион не, балки ҳамчун кадри миллат гуфта пешбарӣ кунед. Онҳо бояд ба оппозитсион не, ба миллат хизмат кунанд. Вале дар амал чӣ шуд? Кадрҳое пешниҳод шуданд, ки онҳо билохира на ба оппозитсион манфиат оварданд ва на ба бовариву эътиқоди ҳукумат сазовор шуданд. Албатта ба истинои як-ду нафар. Имрӯз чӣ бояд кард? Имрӯз низ ҳарду ҷониб, ки як шудаанд, бояд андешаиояндаи Тоҷикистонро кунанд. Беҳтарин кадрҳоро интихоб кунанд, барои онҳо шароит муҳайё кунанд. Шароити хуб фароҳам биёранд, барои фаъолияти меҳнативу эҷодӣ. Ба хусус соҳибкорӣ. Ман соҳибкор ҳастам. Чи қадар монеъаҳои зиёде дар ин соҳа вуҷуд дорад, ки соҳибкорро дар тангно қарор медиҳад. Ҳанӯз ҳам заминаҳои ба вуҷуд омадани ҷиноятҳои муташаккил

вобаста ба маводи мухаддир, коррупсия, терроризм ва ғайра пойбарҷост.

Масалан, мубориза ба муқобили коррупсия. То фаъолияти мақомоти ҳукуматӣ шаффоф набошад, беҳтарин кадрҳо дар ҳамаи зинаҳо рӯи кор набошанд, ба онҳо ғамхории ҷиддӣ зоҳир карда нашавад, мехоҳем намехоҳем порадиҳиву порахӯрӣ рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Системаи бақувваттарини судиро дар ҷумҳурӣ сохтан даркор. Системаи таъмини ҳуқуқҳои инсонро ба маънои томаш пурқувват кардан даркор. Ҳоло ҳам аҳён-аҳён ҳуқуқҳои инсон дар мо поймол мешаванд. Мо то имрӯз дар ин самт як системаи дурусти даркориро поягузорӣ накардем. Иқтисодиёти бақувватро то ҳоло мо заминагузорӣ накардаем, то дар асоси он як идеологияи бақувватро, як сиёсати бақувватро барои ободии Тоҷикистон муҳайё созем. Имрӯз инҳо вазифаҳое ҳастанд, ки дар назди Президенти ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон меистанд, дар назди ҳукумати ҶТ ва собиқ нерӯҳои оппозитсион меистанд. Барои ҳалли ин масъалаҳои умдаи кишвар бояд якҷоя камари ҳиммат баст. Ман имрӯз аз пешравии Туркманистону Қазоқистон ҳавасам меояд. Оё мо аз Туркманистону Қазоқистон кам ҳастем? Вақте мо Сино доштему Форобӣ доштему Хайём доштем, касе чизе надошт, касе хат надошт. Шояд дар байни мо ҳиссиёти кинаву адоват варзидан ба ҳаммиллатони хеш бештар бошад? Ин ҳиссиёти бадро бояд аз байн бурд. Мо ҳамон соҳибтамаддунҳои бофарҳанге ҳастем, ки дар китоби бузурги таърихии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғаффуров, китоби Э. Ш. Раҳмонов «Аз Ориён то Сомониён» дар бораашон навишта шудааст. Мо авлоди ҳамонҳо, насли ҳамонҳо ҳастем. Инро набояд фаромӯш кард.

**- Ташаккур. Шумо дар ин сӯҳбати хеле пурмӯҳтавои худ аз шодравон устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ борҳо ёдовар шудед. Мехостам фикри шуморо дар бораи ба устод Нурӣ додани унвони Қаҳрамони миллат бифаҳмам. Ба фикри шумо ӯ сазовори чунин унвон ҳаст ё нест?**

- Ман дар ҳамин мусоҳиба болотар қайд кардам, ки баъзе расонаҳои хабарӣ дастовардҳои сулҳро ба тараф, ба як нафар нисбат медиҳанд. Албатта саҳми Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар истиқрори сулҳу оштии миллӣ хеле калон аст ва аз он ҳамеша бояд ёдовар шуд. Вале мо набояд фаромӯш кунем, ки сулҳ кардан амали дучониба ҳаст ва ҳатман тарафи дигар набошад, мафҳуми сулҳ кардан аз байн меравад. Аз ҳамин сабаб ҳам аз ҷониби оппозитсион ёд кардан ҳамчун тарафи сулҳкунанда як амри табиист. Ҳар касе дар барқарорӣ ва таҳкими сулҳи Тоҷикистон саҳм гузоштааст, ӯ қаҳрамон аст. Шояд ки ба қадри сулҳи тоҷикон имрӯз на ҳама сарфаҳм рафта бошад. Барои он, ки шаттаи ҷанги Тоҷикистонро на ҳама хӯрдагӣ ҳастанд. Ва чӣ хеле мегӯянд, одаме, ки дар шир сӯхтааст, дӯғро пуф карда мехӯрад. Хонаи касе, ки сӯхтааст, фарзанди касе, ки аз байн рафтааст, оташ дар дили ҳамон кас аст, дар дили дигар кас нест. Азбаски ҳанӯз ҳам миллати мо якмарому якдилу якпора нест, дили мо ба ҳамсояамон намесӯзад.

Аз ҳамин рӯ хизмати ҳар кас бояд қадр карда шавад. Хизмати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чи гуна қадр карда мешавад, ин ба ҳиммати Президент вобаста аст. Агар мо имрӯз устод Нуриро қадр накунем, дарояндаи дур ҳатман ӯро қадр хоҳанд кард. Барои мисол Нусратулло Махсумов соли 1938 ҳамчун душмани миллат парронда шуд, ҳамчунин Бобоҷон Ғафурову Садриддин Айнӣ баъди гузашти солҳо қадр карда шуданд. Ман меҳисобам, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ сазовори ҳамагуна унвонҳои олӣ мебошанд.

**- Ва дар анҷоми сӯҳбат он чизеро ки ман суол надодаму шумо мехоҳед дар борааш ҳарф бизанед, марҳамат бигӯед.**

- Орзуямро мехоҳам бигӯям. Ман ба миллатам хизмат кардам ва мехоҳам баъд аз ин ҳам боз хизмат кунам ва ҳоло ҳам ин корро карда истодаам. Медонам, ки мисли ман ҳазорҳо инсонҳое ҳастанд, ҳамин гуна нияти некро дар дил мепарваранд, вале имкон надоранд. Онҳо имрӯз

дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ дар кишварҳои дуру наздик хизмати дигар миллатҳоро карда истодаанд. Ман аз Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон, аз Ҳукумати Тоҷикистон, аз Парламенти Тоҷикистон хоҳиш дорам, ки ҳарчи тезтар шароити мусоиде фароҳам кунанд, ки шаҳрвандони мусофиру муҳоҷири мо ба Ватани худ баргарданд, дар ободии ин диёри азиз саҳми сазовор бигузоранд. Тоҷикистони азизро мехоҳам дар радифи давлатҳои пешрафта бубинам.

**- Ташаккури зиёд, саломат бошед.**

**Миллат, 2006, 26 октябр, 2, 9 ноябр.**

# МУҲАММАДАЛӢ ҲАИТ:
# *«ИШТИБОҲОТИ ДАВЛАТИ УСМОН, ГУРӮҲИ СӮХТОРНИШОН ВА ШИКАСТ ДОДАНИ ҲАМЛАИ МАҲМУД»*

---

***Хонандагони гиромӣ, хотиррасон мекунем, ки аз шумораи рӯзи 28- сентябр (№ 38 (56) ба ин тараф дар ҳафтаномаи мо силсиламусоҳибаҳои рӯзноманигор Султони Ҳамад таҳти унвони «Оташнишонҳои ҷанг» бо чанде аз аъзои ҳайати баландпояи сиёсиву низомие, ки ба сангарҳои набард рафта дар татбиқи Протоколи Хустдеҳ кӯшишҳо ба харҷ додаанд, ба табъ мерасанд. Ба таваҷҷӯҳи хонандагони арҷманд то ин дам мусоҳибаҳо бо роҳбарони ин ҳайатҳои баландпоя Амирқул Азимов, Давлат Усмон ва узви ҳамин ҳайат аз ҷониби ҳукумат Зафар Икромов пешкаш гардиданд. Ва инак мусоҳибаи охирини ин силсила бо узви ҳамин ҳайат аз ҷониби собиқ мухолифин Муҳаммадалии Ҳаит манзури Шумо мегардад. Хоҳишманди онем, ки фикру андешаҳои худро дар мавриди ин мусоҳибаҳо ба мо ирсол доред. Бо эҳтиром аҳли қалами ҳафтаномаи «Миллат».***

**- Мӯҳтарам Муҳаммадалӣ Ҳаит, даҳ сол муқаддам, як ҳайати баландпояи сиёсиву низомии мухолифин барои татбиқи Протоколи Хустдеҳ аз Афғонистон ба Тоҷикистон омад. Шумо ҳамчун узви ҳамин ҳайат метавонистед шарҳ бидиҳед, ки чаро бо вуҷуди дар дохили кишвар фаъолият кардани як Комиссияи муштараки назорат бар Созишномаи оташбас, ки таҳти миёнҷигарии СММ амал мекард, боз чунин як ҳайати баландпоя созмон ёфт ва ба дохили кишвар фиристода шуд?**

- Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим. Аслан ман мехоҳам, ки таърихчаи шомил шудани бандаро ба ҳамон ҳайат ёдовар шавам ва сипас ба суоли шумо посух диҳам. Моҳи сентябри соли 1996 зимни амалиётҳои низомӣ муддате чанд ман дар асорат будам. Аввалҳои моҳи декабр ба Толуқон баргаштам. Ва рӯзи 10 декабри соли 1996 ба майдони Чамани Толуқон ҳозир шудам. Он рӯз хабар буд, ки устод Нурӣ ва Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Хустдеҳ, шимоли Афғонистон бояд ба ҳам дидор бинанд ва дар мавриди вазъияти Тоҷикистон сӯҳбат ороянд. Ва ман, ки ин замон раёсати яке аз шӯъбаҳои Ситоди Артиши Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштам, ба майдон омадам. Дар ин миён шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд ба майдон ҳозир шуд ва зимни дидан манро ба наздаш хонд ва мо ҳамроҳ ба Хустдеҳ парвоз кардем. Дар чархбол як сӯҳбати самимие доир шуд. Чун мо дар гузашта ошно будем, замоне ба Хустдеҳ омадем, ки ҳайати Тоҷикистон аллакай ба он ҷо омадааст. Музокирот дар як ҳолати асабоният на аз тарафи мухолифин, балки аз тарафи ҳайати ҳукуматӣ оғоз шуд. Чун қарори маълумоте, ки мо дар даст доштем, нерӯҳои АНИТ дар дохили ҷумҳурӣ як қатор амалиётҳоро анҷом дода буданд. Баъзе нуқтаҳои калидии Тоҷикистонро зери тасарруфи худ даровардa буданд ва пешравӣ дар дасти размандаҳои АНИТ буд. Нерӯҳои низомии ҳукумат, махсусан қисмҳои ҳарбиии Маҳмуд Худойбердиев, ки дар Шугнов мавқеъ доштанд, рӯ ба гурез ниҳода буданд. Дар ҳамин ҳол бояд бигӯям, ки вазъияти сиёсиву низомии ҳукумати Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд дар дохили Афғонистон низ хеле вахим буд. Онҳо тасмим гирифта буданд, ки фаъолияти нерӯҳои низомии мухолифини тоҷикро, ки дар дохили хоки Афғонистон буданд, қатъ созанд. То аз сӯи ҳукумати Тоҷикистон дар ҷанг алайҳи Толибон дастгирии бештаре пайдо кунанд, яъне ақибгоҳ дошта бошанд. Ҳукумати Русия ҳам манфиатдор буд, ки дар чунин вазъият ҷанги байни

мухолифин ва ҳукумати Тоҷикистон қатъ шавад. Бинобар ин фикр мекунам, дар Хустдеҳ нақши калидиро барои ба ҳам омадани оқои Раҳмонов бо устод Нурӣ Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд бозиданд, бо миёнҷигарии русҳо ва дигар нерӯҳое, ки зидахли қазия буданд. Он замон Аҳмадшоҳи Масъуд, фикр мекунам, ки дар ду фронт кор мекард. Яке бо мо мухолифин ва дигар бо ҳукумат ва фронти саввум ҳам дошт бо гурӯҳҳои Ризвон Содиров. Ман инро ба хотири чӣ ёдовар шудам? Ман дар яке аз сӯҳбатҳо бо наздикони Аҳмадшоҳи Масъуд аз он замон ёдовар шуда гуфтам, ки Аҳмадшоҳи Масъуд ба ормони ҷиҳоду муборизаи мардуми тоҷик хиёнат кард. Ин хабарро ба омир соҳиб Аҳмадшоҳи Масъуд расонда буданд. Ӯ аз ман ҳамчун аз дӯсти собиқ изҳори нороҳатӣ карда буд ва хусури худ коко Тоҷиддинро ба сари ман фиристода буд, ки ба Алӣ бигӯед, ки ин гапҳоро дар дигар ҷой нагӯяд. То андозае он замон мо маҷбур шудем ба ин сулҳу созиш. Ва фикр мекунам, ки ин замон ҳукумати Тоҷикистон ҳам дар як ҳолати ногувор қарор дошт. Ҳарчанд то соли 1994 ҳукумат бо истифода аз воситаҳои ахбори омма мегуфт, ки мо оппозитсия надорем, ҳамаш парокандаанд, ҳеҷ қувваи низомӣ нест. Мо сӯҳбатҳои телевизионӣ ва радиоии онҳоро ба ёд дорем. Абдумалик Абдуллоҷонов сӯҳбат мекард, оқои Раҳмонов худашон сӯҳбат мекарданд. Вале пояҳои сиёсиву иқтисодии ҳукумат дар ҳолати заъф қарор дошт. Ва Созишномаи Хустдеҳ қатъи амалиётҳои ҷангӣ буд. Оташбас миёни ду гурӯҳ буд. Ва аввалин иқдоме, ки дар роҳи татбиқи ҳамин Протоколи Хустдеҳ аз сӯи раҳбарони сулҳкунанда гирифта шуд, ин равон кардани як ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ аз ҳисоби шахсиятҳои шинохтаи мухолифин ба дохили Тоҷикистон буд. Дар ин миён ман фикр мекунам, ки роҳбарияти оппозитсияи тоҷик гузашт карданд. Чун мувофиқи баъзе нақшаҳое, ки мо доштем, эҳтимоли то моҳи августи соли 1997 наздик расидан ба шаҳри Душанбе матраҳ буд.

Пешравӣ насиби мухолифин буд. Вале ба хотири сулҳ, оромии кишвар роҳбарияти мухолифин, ба хусус устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ба ин кор розӣ шуданд. Ва ногуфта намонад, ки аввалин изҳорот аз тарафи роҳбарияти мухолифин буд. Вале имрӯз ҳамаи инро тарафи дигар нодида мегирад. Дар васоити ахбори омма ин чиз яктарафа баҳсу баррасӣ мешавад. Ва ман дар шигифт аз онам, ки ҷашни рӯзи Ваҳдати имсола ҳам ваҳдати яктарафа буд. Ҳарчанд рамзи Ваҳдат ду даст аст, ки яке дигареро мефишорад, вале имсол ин даст якто буд. Ва тамоми васоити ахбори омма ва ба хусус ҳарду шабакаи телевизиони тоҷик ҳамеша аз боби сиёсати хирадмандона, сулҳофарини оқои Раҳмонов сӯҳбат мекард. Сулҳ аз ду тараф буд, аз як даст ҳеҷ гоҳ садо намебарояд. Ва садо аз ду тараф буд. Ва имрӯз нодида гирифтани обрӯву ҳайсияти мухолиф, яъне устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва ёронаш дар расидан ба сулҳу оштии миллӣ дар Тоҷикистон, фикр мекунам, аз рӯи одоби шарқиёнаи мо, аз рӯи одоби инсонӣ нест.

Акнун дар бораи ҳайате, ки  ба дохил равон шуд. Фикр мекунам тасмим дар он ҷо, дар Хустдеҳ гирифта шуд. Тасмим тасмими хубе буд. Дар ҳайати сиёсӣ-низомии баландпояе, ки ба Тоҷикистон фиристода шуд, кормандони собиқадори соҳаҳои гуногун ворид буданд.

**- Қаблан ин тасмим бо ҷониби ҳукумат ҳамоҳанг шуда буд?**

**-** Бале, ин тасмим қаблан бо ҷониби ҳукумат ҳамоҳанг шуда буд ва фикр мекунам, ки ин ҷо нақши муҳимро ҳам оқои  Раҳмонов бозид ва ҳам устод Нурӣ. Ба хусус оқои Раҳмонов бисёр мехост, ки ин ҳайат ба Тоҷикистон биёяд ва ин созишномаро талқин кунанд ва аз нерӯҳои дохилӣ ин ҳайат хоҳиши бозгаштан ба қароргоҳҳои худ, яъне қатъи амалиётҳои ҷангӣ ва риоя кардани Созишномаи оташбасро талаб кунанд, ки як чунин корро мову шумо анҷом додем. Ҳарчанд ҳайат дар ҳақиқат ҳайати баландпоя буд, вале дар мавриди роҳбари ҳайат Давлат

Усмон ҳамон замон ҳам андешаи ман фарққунанда аз дигарон буд. Ман бо Давлати Усмон дӯсти собиқаам. Вале ман фикр мекунам, ки дар раъси ҳайат касе мебуд, ки раъйи устувор медошт. Дар тасмимгирӣ бояд мустаҳкам мебуд. Оқои Давлат Усмон дар чанд маврид ба иштибоҳ ва хатоҳо роҳ дод.

**-Масалан кадом иштибоҳ ва хатоҳо?**

-Аввалан кори ҳайат хаотикӣ ва ё бенизом буд. Дуввум ин, ки кори ҳайати баландпояи сиёсиву низомии ИНОТ аз тарафи дигарон идора мешуд. Ҳаргоҳе, ки дар ягон минтақае як нооромие рух медод, мисли як гурӯҳи сӯхторнишон ин ҳайатро равон мекарданд. Яъне ҳайат барномаи мушаххаси худро надошт ва раиси ҳайат бо ишораи дигарон, бо машварату маслиҳатҳои дигарон фаъолият мекард. Ва ҳаргоҳе аз Шӯрои амнияти ҷумҳурӣ телефон мешуд ва ҷаноби Амирқул Азимов ба Давлат Усмон бевосита дар тамос мешуд, ҳатман мо ба ҷое ба маъмурият равон мешудем. Вале бо вуҷуди ин он ҳайати сиёсӣ ва низомӣ дар тӯли беш аз як соле, ки фаъолият дошт, корҳои назаррасеро анҷом дод. Дар ибтидо мо бо тамоми фармондеҳон мулоқотҳо анҷом додем, ба онҳо мо расидан ба сулҳу оштиро талқин мекардем, талқин мекардем, ки аз амалиётҳои ҷангӣ худдорӣ намоянд. Ва баъдан мо дар якҷоягӣ бо нерӯҳои ҳукуматӣ бар зидди ҳамон гурӯҳҳои сеюм, ки гуфтам, гурӯҳе, ки ҳам ҳукумат ва омир соҳиб Аҳмадшоҳи Масъуд мехост аз онҳо дар Тоҷикистон истифода намояд, мо қотеъона мубориза бурдем. Замоне, ки дар Хустдеҳ Созишнома ба имзо расид, ҳукумат, аз як тараф, ба устод Нурӣ раҳбари мухолифин даст дода буд, аз тарафи дигар, бо нафарҳое, ки аз мухолифин ҷудо шуда буданд, ба хусус гурӯҳи Ризвон Содиров. Хуб, аз он шумо худатон бохабар ҳастед, ки гурӯҳҳои Ризвон Содиров аз тариқи Горди Раёсати ҷумҳур, ба Тоҷикистон оварда шуданд ва ҳадафи асливу умда назди онҳо мубориза бар зидди мухолифин дар минтақаи Қаротегину Вахё буд. Вале ҳолате шуд, ки

Баҳром Содиров, Зиёрат Саъдуллоев, ки дар минтақаи Гули Сурх ва Ҷавонии Оби Гарм, дар қисматҳои Тагобаи болову поён, Ғашёну Тутакову қисмати пушти Норак фаъолият доштанд, инҳо як силсила амалиётҳое анҷом доданд, ки ба обрӯву ҳайсияти Тоҷикистон латма ворид сохт. Ба хусус бо гаравгон гирифтани Сайидамир Зуҳуров, аъзои комиссияи назорат бар оташбас аз тарафи мухолифин ва аз тарафи ҳукумат, намояндаҳои СММ, ин амал ба обрӯ ва ҳайсияти Тоҷикистон латма ворид сохт. Ва вақте ки Ризвон Содиров ба Тоҷикистон омад, мо хабар дорем, ки Ризвон Содиров бо Ғаффор Мирзоев сари баъзе масоил ба ҳам наомаданд. Амалиёте, ки моҳи октябри соли 1997 бар зидди Горди Раёсати Ҷумҳур сурат гирифт, онро гурӯҳи Ризвон Содиров анҷом дода буд, ҳарчанде гуфтанд, ки дасти дигар гурӯҳҳост. Вале ба ҳар сурат вақте ки ҳукумат хоҳиши онро кард, ки дар амалиётҳои низомӣ алайҳи гурӯҳи Ризвон Содиров, Баҳром Содиров ва Зиёрат Саъдуллоев размандаҳои ИНОТ низ ширкат намоянд, ин иқдом аз тарафи Ситоди Марказии Артиши НИТ дастгирӣ шуд ва дар ин амалиёт гурӯҳҳо аз минтақаи Нуробод (Дарбанди собиқа), Тоҷикобод, Ғарм ва Ҷиргатол ҳам ширкат намуданд. Банда сарпарастии ин гурӯҳҳоро доштам. Дар ин амалиётҳо ҳамроҳи Ғаффор Мирзоев ва дигар масъулоне, ки аз тарафи ҳукумат буданд, иштирок кардам. Дар он ҷо Баҳром Содиров, Зиёрат Саъдуллоев, мулло Абдуғаффор («Южный» М.Ҳ.), яъне «Танка» ба асорат афтиданд. Гурӯҳҳои асосии Ризвон Содиров дар он қисмат несту нобуд карда шуданд. Замоне ки ман ҷасади ду нафар аз бародарони дарбандӣ, Шокирҷон ва Исломиддин, размандаи рустабореро, ки ислом оварда буд, тавассути чархбол ба Файзобод ва аз он ҷо ба Дарбанд интиқол додам, дар Тутако (Тутак, Боғак мегӯянд, болои Оби Норак) гурӯҳҳои Шаҳобиддин, гурӯҳҳои дигари размандаҳои ИНОТ тамоми боқимондаҳои Ризвонро иҳота карда буданд. Вале, вақте ки ман субҳи дигар аз

Дарбанд бозпас омадам, амалиётро Ғаффор Мирзоев бинобар дастури касе қатъ карда буд. Дар ҳолате, ки Ризвон Содиров дар он ҷо бояд дастгир мешуд. Вале фикр мекунам, ки ба хотири бозиҳои оянда, ба хотири истифодаи Ризвон Содиров ин гурӯҳҳоро раҳо карданд ва ин гурӯҳ боз балоҳои зиёдеро болои инсонҳо овард. Вале гузашта аз ин ман фикр мекунам, ки ҳайати сиёсиву низомӣ корҳои муҳимеро дар тӯли беш аз як сол анҷом дод. Ва пас аз он ки аъзои ҳайат, ба хусус шумо, оқои Неъматулло Билолов, оқои Давлат Усмон, ки баъд сарпарастии як вазоратро ба ӯҳда гирифт, вазифа гирифта рафтед, банда ҳамчун намояндаи Ситоди Марказии АНИТ то интиҳои кори Комиссияи Оштии Миллӣ ҳамроҳ бо Устод будам. Ва дар тамоми амалиётҳо, гуфтушунидҳо ва фаъолиятҳое, ки вобаста ба ҳамоиши нерӯҳои ИНОТ буд, саҳмгузор будам ва пас аз анҷоми кори КОМ ба кори ҳизбӣ гузаштам.

**- Хидмати Шумо арз кунам, ки ману Билолов Неъматуллоҳ вазифаталаб ҳам набудем, вазифа ҳам нагирифтем, балки тибқи шартҳои Протоколи муҳоҷирин чун садҳо нафар муҳоҷирини дигар дар ҷойҳои пештараи кориамон барқарор шудем. Вале биёед, ба рӯзҳои аввали ба Тоҷикистон омадани ин ҳайат баргардем. Чӣ хотираҳое аз он рӯзҳо ба ёди шумо нақш бастаанд?**

- Замоне, ки мову шумо ба Тоҷикистон омадем, дар маҷмӯъ дар Тоҷикистон ва ба хусус дар пойтахти он як ҳолати ногуворе ҳукмфармо буд. Шаҳр шаҳри мурдаро мемонд. Аз соати чор ба он тараф дигар нақлиёт ҳаракат намекард. Мардум рӯи кӯчаҳо намебаромад. Чеҳраи хушеро дар кӯчаҳо пайдо намекардӣ, як ҳолати хеле вахим, ҳолати мотамзада ва ҳолатҳое буд, ки мо ҳам вақте дар кӯчаву бозорҳо гашту гузор мекардем, ҳарчанде баъзе нафарҳои вазорати амният ҳамроҳи мо буданд, вале мардум аз мо меҳаросиданд. Ман як ҳолати аҷиберо қисса кардан мехоҳам. Вақте мову шумо ба идораи Шӯрои амнияти ҷумҳурӣ ба Кохи Раёсати ҷумҳурӣ мерафтем, яке

аз наздикони бандаро дидам, ки дар назди панҷара қарор дошт. Байни мову ӯ фосила панҷ метр буд. Чашмҳоямон ба ҳам бархӯрданд. Шинохтем якдигарро. Вале ӯ фирор кард аз он минтақа. Атрофи мо чанд нафар муҳофиз ҳам буд. Бо гузашти айём, ду-се сол пеш, наздам омад ва гуфт, ки акои Муҳаммадалӣ, мебахшед, ки он вақт, онҷо пешатон наомадам. Фикр кардам, ки шуморо зинда дастгир кардаанд, агар бо шумо саломуалейк кунам, маро ҳам гирифта мебаранд. Яъне, як ҳолати аҷиб буд. Вақте ки дар шаҳр амният набуд, мардум аз дидани мухолифини собиқ дар шаҳри Душанбе ҳарос доштанд. Ман шоҳиди бисёр воқеаҳо будам, ба хусус дар даврони ҳамоиши нерӯҳои низомии ИНОТ ба сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ. Мо то ба имрӯз нерӯҳҳои зиёдеро ба сохторҳои қудратӣ шомил кардем. Вале тақдири онҳо то ба ҳол номаълум аст.

**- Чӣ гуна тақдири онҳо номаълум аст?**

-Тақдир номаълум будан ба он маънӣ, ки то ба имрӯз аз он даҳ баталёне, ки бояд ташкил мешуд, қариб ному нишон намонд. Агар ҳукумат хеле боандеша мебуд, аз ин даҳ баталён, метавонистанд даҳ баталиёни беҳтарине бисозанд, ки ба ҳар душмани хориҷӣ ва дохилӣ дасту панҷа нарм кунад. Чун аксари размандаҳои ИНОТ дар хориҷ аз кишвар машқҳои низомӣ дида буданд, ки дар дохил нерӯҳои Фронти халқӣ аз он баҳраманд набуданд. Вале ҳукумат аз тарси он, ки ин даҳ баталиён метавонад дар оянда дарди сар барояш эҷод кунад, ҳамаи онро пароканда кардааст. Ин як масъала. Масъалаи дигар ин масъалаи афви размандагони ИНОТ мебошад. Ман соли 1999, панҷуми май дар Кохи раиси ҷумҳур зимни қазияи рӯйхати афви размандаҳо як ҳодисаи аҷибу ғариберо шунидам. Хуб нест ёдовар шудан, вале ин таърих аст ва таърих бояд ошкор гуфта шавад. Чун имрӯз онҳое, ки таърих менависанд, бояд дуруст бинависанд. Ва таърихро таҳриф накунанд. Воруна ҷилва надиҳанд. Дастовардҳоро ба як кас мансуб надонанд ва ё ба ин ва ё он гурӯҳ мансуб

надонанд. Мисол, вақти ҳамоиш ҳангоме ки рӯйхати ниҳоии размандаҳоро ҷамъу гирд кардем, теъдоди онҳо беш аз нӯҳ ҳазор шуд. Масъулини ҷониби ҳукумат ба як ҳолате афтоданд, ки намояндагони Маҷлиси Олӣ чӣ хел нӯҳ ҳазорро афв мекунанд. Хуб, дастур шуд ба тамоми фармондеҳон аз тариқи масъулини Комиссияи Оштии Миллӣ, ба хусус раиси зеркомиссияи низомии КОМ, ки рӯйхатҳоро як бори дигар тафтиш кунанд ва касоне, ки дар ҳамон лаҳза дар саф нестанд, хат зада шаванд. Яъне аз рӯйхати афв хориҷ карда шаванд. Ва ин амале буд амали нобахшиданӣ. Амале буд, ки аксари бародароне, ки дар ибтидои муқовиматҳои низомӣ, яъне солҳои 93, 94, 95 то 99 ҳамроҳи ин фармондеҳон буданд ва баъдан ба хотири дарёфти қути лоямуте барои хонаводаашон ба дигар кишварҳо сафар карда буданд, аз саф баромада буданд, ҳамаи онҳо аз рӯйхат хат зада шуданд. Фармондеҳон дар рӯйхатҳо нафарҳоеро монданд, ки ба онҳо содиқ монданд ва ҳамон рӯзҳо дар саф буданд. Ва имрӯз ниҳодҳои қудратӣ, ба хусус вазорати умури дохила, ки ба ҷустуҷӯи ҷиноятҳои аз соли 1993 ба ин тараф содиршуда машғул ҳастанд, аксари онҳоеро ҷустуҷӯ доранд, ки дар рӯйхати афв нестанд. Ин як камбудӣ ва як иштибоҳи нобахшидание буд, ки дар он замон рух дод. Ва баъдан як сӯҳбате буд байни яке аз соҳибмансабони воломақоми ҳукуматӣ бо яке аз кормандони КОМ, ки мегуфт фармони шумо имзо шудааст. Вале он коре, ки барои шумо дастур шудааст, он корро бояд анҷом бидиҳед. Бо гузашти чанд рӯз мо дидем, ки ҳамон нафаре, ки мухотаб қарор гирифта буд аз тарафи воломақоми ҳукумат, бо як нафари дигар дар пардаи телевизион падид омад ва гуфт, ки мо дигар ИНОТ надорем. ИНОТ барҳам хӯрд. Ва имрӯз тақдири он ду нафар ба ҳама маълум аст. Яке дар маҳбас ва дигар дар қайди ҳаёт нест. Баъзе афрод аз ҷумлаи фармондеҳони ИНОТ, аз ҷумлаи онҳое, ки дар КОМ кор мекарданд, ба хотири мансабу вазифае шуда, ормонҳои мубориза, ормонҳои размандаҳои қаториро фурӯхтанд. Мисоли

дигаре, ки ман метавонам биёрам, ҳукумат зимни ҳамоиши нерӯҳои низомии ИНОТ аслан намехост, ки онҳо воҳидҳои мустақил бошанд. Дар Созишнома навишта шуда буд, ки дар 10 минтақа баталёнҳо таъсис шаванд. Масалан, баталиёнҳое бояд таъсис меёфт, ки фармондеҳии онро ҷониби ҳукумат мегирифт ва сарбозони он бояд аз ҳисоби размандаҳои ИНОТ мебуданд. Дар Бадахшон як ҳолати аҷибе рух дода буд зимни аввалин ҳамоиш. Банда ҳам маъмурият гирифта будам ба Бадахшон. Ва вақте ки ба Бадахшон омадам, аллакай ҳайати ҳукуматӣ тамоми фармондеҳони минтақаи Бадахшонро ҷамъ оварда буд ва бо онҳо сӯҳбат мекард. Ва онҳо дар садади ҳамоиш ба нерӯҳои ҳукуматӣ буданд. Вале замоне, ки бо намояндаи ҳукумат Мизроб Кабиров ва дигарон (дар он ҷо як ҳайати калони комиссияи муштараки аттестатсионӣ буд), аз боби бастҳои корӣ, яъне штатҳои корӣ сӯҳбат кардам, гуфтанд, ки ягон хел баст муайян нашудааст. Инҳо ҳамчун размандa ворид мешаванд ва пас аз он ба онҳо штати корӣ ва рутба дода мешавад. Ва ман он ҷо бо ҳамаи фармондеҳон сӯҳбат оростам ва аз бародарон хоҳиш кардам, ки то он ки штатҳои корӣ барои афсару соҳибмансабон мушаххас нашаванд, масалан, аз 16 то 18 штати воҳиди корӣ ҳаст, то инҳо мушаххас нашаванд, шумо ба ҳамоиш розӣ нашавед. Зимни ин раду бадалҳо тарафи ҳукумат аз ман хеле хафа шуданд ва бо устод Нурӣ, раҳбари КОМ дар тамос шуданд ва аз он кас хоҳиш карданд, ки ба Муҳаммадалии Ҳаит гӯед, ки ин корро накунад, бигзор ҳамоиш ёбанд. Вале ман хеле ҳам пофишорӣ кардам ва бародарони Бадахшон аз ин пофишории ман хурсанд шуданд ва маро ҷонибдорӣ карданд. Ман бозпас ба Душанбе омадам ва то оне, ки штатҳои корӣ ба онҳо дода нашуд, онҳо аз ҳамоиш нагузаштанд. Ин як ҳолати аҷиб буд. Ва вақте ки Созишномаи ба имзорасидаро бо Созишномаи Кемп Девид муқоиса кардам, онҳоро ҳамгуна ёфтам, қариб як чиз аст.

**- Чӣ гуна он бо Созишномаи мо мувофиқат мекунад?**

- Дар Созишномаи Кемп Девид ҳам ҳамин «констататсия фактов» (зикри далоил) ҳаст, вале механизми татбиқи Созишнома вуҷуд надорад. Ва хуб шуд, ки КОМ рӯи кор омад ва КОМ то андозае дар татбиқи ин Созишномаҳо саҳмгузор шуд. Вале агар КОМ намебуд ва худатон медонед, ки дар КОМ чи гуна мушкилотеро аз сар гузаронидем. Барои як нуқтаи ин Созишномаро дар амал татбиқ намудан бо чӣ гуна мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешудем. Ва ман домангир аз раиси собиқи Ситоди Кулли АНИТ оқои Давлат Усмон ҳастам, ки зимни имзои Созишномаи низомӣ ё худ Протоколи низомӣ дар шаҳри Маскав бояд як нафари муттахассис аз тарафи мо ширкат мекард. Вале оқои Давлат Усмон худаш пеш аз ҳама дар он ҷо ҳозир шуд, вале кореро, ки зарур буд, анҷом надод.

**- Чӣ камбудӣ дошт ин Протоколи низомӣ?**

- Фақат як чиз буд. Ҳамоиш меёбанд. Вале механизми татбиқ набуд, ба чӣ шакл. Хуб, дар он минтақа чӣ гуна 10 баталиён таъсис меёбад? Муддати эътибори ин Созишнома чӣ қадар аст? Чанд солро дар бар мегирад? Чӣ вақт ин баталиёнҳо мунҳал мешавад? Оё мунҳал мешаванд ё не? Масъалаи тақдири ояндаи маъюбони ҷанг аз ҷониби мухолифин ҳам ҳалли худро наёфт. Мисол, мувофиқи қарори ҳукумат рақами 542 аз моҳи майи соли 1995 ба Фронти халқие, ки ғайриқонунӣ буд, хилофи Эъломияи истиқлолияти ҷумҳурӣ фаъолият мекард, ба онҳо имтиёзҳо дода шуданд. Вале ба онҳое, ки аз тарафи мухолифин буданд, то ба имрӯз тақдирашон ҳавола ба Худост. Ягон кӯмаке аз тарафи ҳукумат намегиранд. Ва имрӯз дар баъзе аз идораҳои ҳукумат нисбат ба онҳое, ки ба хотири бозгашти сарбаландона, ба хотири поймол нагаштани шаъну шарафу обрӯву ҳайсияти худ ҷангидаанд, ба онҳо ҳамчун душман назар мекунанд.

**- Оё дар ҳамон вақт ин ҳайат имкон надошт, ки ба ин камбудиҳо роҳ надиҳад. Охир ин ҳайат имконияти хуби тамос бо роҳбарияти дар хориҷ будаи худ дошт. Инчунин**

**имконият дошт, ки ба назди онҳо, ба хориҷ аз кишвар рафта роҳбариятро аз вазъи дохил огоҳ кунанд. Чаро ҳамон вақт ин камбудиҳо ислоҳ нашуданд?**

- Ман фикр мекунам, ки ҳамон хушбовариеро, ки мову шумо доштем, ҳамин хушбовариро роҳбарият низ дошт. Фикр мекардем, ки ин сулҳу оштие, ки ҳаст, деринтизор буд ва воқеӣ ҳаст. Мо фикр намекардем, ки тарафи ҳукумат як чунин корҳои нолозимро нисбати мухолифин раво мебинад. Ва замоне, ки ба Теҳрон, барои сӯҳбат бо роҳбарият рафтем, мо аз ин чизҳо ёдовар шудем. Вале роҳбарияти ИНОТ, ба хусус устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ танҳо ба хотири расидан ба сулҳу оштӣ гузаштҳои беандоза зиёд карданд. Ва ҳадафи асосиаш ҳам ин расидан ба сулҳу оштии миллӣ буд. Ва интизор мерафт, ки аз ҷониби ҳукумат низ як чунин иқдом сурат гирад. Ҳатто пас аз анҷоми фаъолияти КОМ мисол аъзои КОМ, ҳар комиссионе, ки ҳаст дар сатҳи кишварҳои дигар, бубинед, то чӣ андоза қадр мекунанд! Вале имрӯз танҳо як тараф қадр мешавад.

Ҳатто аъзои КОМ, ки аз ҷониби ҳукумат буданд, агар то андозае қадр шаванд ҳам, вале аъзои КОМ аз ҷониби мухолифин қадр намешаванд. Хуб, агар қадр мекарданд, аъзои Комиссияро қадр мекарданд, чаро аъзои Комиссияи муштараки назорат бар оташбасро, ки аз соли 1994 то охир хидмат мекард, ба хотири расидан ба сулҳу созиш, чаро онро қадр накарданд? Чаро ҳайати сиёсӣ-низомие, ки омад ин қадар фаъолият кард, радди маърака ҳаст? Инро ман ошкоро мегӯям. Ман шахсан ҳеҷ таввақуъе аз ҳукумат надорам. Ҳатто аз он имтиёзҳое, ки ҳамчун сарбози интернатсионалист дорам, аз онҳо истифода намебарам. Вале қадр кардан дар маҷмӯъ аз собиқ мухолифин барои расидан ба сулҳу оштии миллӣ, яъне гурӯҳ ва ё ниҳоде, ки пояҳои истиқлолият ва давлатдории Тоҷикистонро мустаҳкам кардааст, ин нишонаи дурандешӣ мебуд. Ман бармегардам ба масъалаи таъсиси ҳамон даҳ баталиён. Хуб, аз ҷумлаи даҳ баталиён бигзор

сетоаш боқӣ мемонд. Оё имрӯз кӣ гуфта метавонад, ки хатарҳои беруна барои Тоҷикистон рафъ шудааст? Оё омилҳое, ки ба манфиатҳои миллии мо таҳдид мекунанд, аз байн рафтанд? Аз байн нарафтааст. Мо ҳамсояи наздике дорем, ки барои мову шумо хатар эҷод мекунад.

**- Ҳар чанд он баталиёнҳо аз байн рафта бошанд ҳам, вале бархе аз фармондеҳони нерӯҳои низомии мухолифини собиқ имрӯз дар сафи нерӯҳои низомии кишвар хизмат мекунанд.**

- Мову шумо огаҳ ҳастем, ки дар ҳолати бӯҳронӣ аз дасти як командир чандон кори зиёде барнамеояд, агар сарбозонаш варзидаву корозмудаву боэътимод набошанд. Имрӯз дар дасти собиқ фармондеҳони оппозитсия аксар наваскарон хизмат мекунанд.

**- Охир он сарбозоне, ки аз ҷониби оппозитсия ҳамоиш ёфта буданд, мӯҳлати хизмати худро барвақт адо карданд ва аксаран ба корҳои мулкӣ гузаштанд.**

- Манзури ман дар ҳамон вақт созмон додани 2 ва ё 3 баталён буд, ки сарбозонаш хизмат ба Ватанро ҳамчун касб, яъне кор қабул кунанд. Яъне баталёнҳои шартномавӣ, чунки размандаҳо таълимдида буданд, малакаи хуби ҷангӣ доштанд. Ҳукумат таъминоти онҳоро ба ӯҳда мегирифт. Шумо соли 1998-ро ба ёд биёред. Вақте ки Маҳмуд Худойбердиев ба вилояти Суғд ва баъзе минтақаҳои атроф ҳамла овард, нафароне, ки даъвати ҷаноби Эмомалӣ Раҳмоновро лаббайк гуфтанд, нерӯҳои ИНОТ буданд. Нерӯҳои корозмудаи ИНОТ бо Маҳмуду маҳмудиҳо дасту панҷа нарм карданд. Нерӯҳои ИНОТ дар якҷоягӣ бо нерӯҳои ҳукумат душманро ронданд аз кишвар. Оё хатари Маҳмуд боқӣ намондааст? Агар мо ду ва ё се баталиёни хуби шартномавӣ аз ҳисоби ҳамин собиқ размандагони ИНОТ медоштем, дар оянда, метавонистем алайҳи Маҳмуд ва ё ҳар нерӯе, ки аз берун дохил мешаваду дар дохил сар боло мекунад, мубориза бурд. Масъалаи дигар низ ҳаст. Собиқ размандае, ки ҳам аз тарафи мухолиф ва ҳам аз тарафи ҳукумат ранҷидааст, ба

нерӯи сеюм, ки дар дохил коре анҷом медиҳад ва ё ба дохил ҳуҷум мекунад, оё намепайвандад? Оё ин аз эҳтимол дур аст?

**- Фикрҳои хеле ҷолиб. Вале савол чунин аст, аз ин вазъият, ба фикри Шумо, чӣ гуна бояд баромад?**

- Баромадан аз ин вазъияти ногувор ба иродаи ҳукуматдорони вақт вобастагӣ дорад. Бояд ҳукуматдорони вақт иродаи сиёсӣ нишон диҳанд. Ва ҳамон дастеро, ки рамзи ваҳдату сулҳу оштии миллӣ медонанд, ҳамон дастро барқарор кунанд. Ҳамон ду дасте, ки якдигарро мефишорад аз сатҳи ноҳия шурӯъ карда, дар ҳамаи зинаҳо бояд барқарор шавад. Мо имрӯз ваҳдат мегӯем, вале ваҳдати мо нисбӣ аст. Мо мегӯем истиқлолият, вале истиқлолияти мо нисбӣ аст. Истиқлолият замоне мешавад, ки давлат аз нигоҳи сиёсӣ қавӣ бошад, аз нигоҳи иқтисодӣ, низомӣ қавӣ бошад, марзу бумаш ҳамеша зери ҳимояти худаш бошад. Имрӯз мо ин имкониятро дорем? Бо он қарзҳое, ки дорем, куҷо меравем? Бо он иштибоҳоте, ки дар сиёсати кадрҳо дорем, куҷо меравем? Мо агар мехоҳем, ки ваҳдати комил, истиқлолияти комил, дӯстиву бародарӣ дошта бошем, ба ормонҳое, ки мо эълон медорем ва ҳамчун улгу қарор медиҳем, бояд ба онҳо содиқ бошем. Бояд радио ва телевизион яктарафа таблиғ накунанд. Мо агар мубориза кардем, чӣ ҳайат, чӣ нерӯҳои низомии ИНОТ ва чӣ сиёсатмадорони мо фақат барои бозгашти сарбаландона ба Ватан буд. Чун мову шумо дар хориҷ будем, медонем, ки дар асри XV бар асари тахтутози туркҳо, инқилоби Октябр, даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ як иддаъ хешу ақрабои мо рафтанд ҳиҷрат, берун аз Ватан. Рафтанд ва то ба имрӯз ҳам тавқи муҳоҷирӣ ба гардан мегарданд. Дар кадом кишваре, ки набошанд, хоҳ дар Афғонистон, хоҳ дар Арабистони Саъудӣ, Покистону Эрон ва дигар ҷойҳо ҳанӯз ҳам муҳоҷир ҳастанд. Вале бузургии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар он буд, ки мардумро даври худ овард. Як

ҳукумате ба ном таъсис дод, мардумро пуштибонӣ кард ва ба хотири бозгашти сарбаландона мубориза бурд. На ба хотири дарёфти мансаб.

**-Ҳангоми фаъолият дар ин ҳайат оё шумоён ба хатарҳо рӯ ба рӯ мешудед ва оё ба ҷони хеш таҳдидеро эҳсос намекардед?**

**-** Хавфу хатар буд. Вале тарсу ҳарос набуд. Мо давраи тарсу ҳаросро ҳанӯз солҳои 80-уму 85-ум дар Афғонистон паси сар карда будем. Дар ин ҷо мо тарс аз Худо доштем.

Бо вуҷуди ин мо эҳтиёт мекардем. Зеро дар ҳайати нерӯҳои Фронти халқӣ вуҷуд доштанд, онҳое, ки ба ҷони мо ошкорову ниҳонӣ таҳдид мекарданд. Таҳдидҳои телефонӣ низ буданд. Вале ҳамаи ин пеши сулҳу суботи нисбие, ки ба даст омада буд, ночиз буд. Ман бароятон як лаҳзаеро қисса мекунам. Яке аз кормандони як вазорати қудратӣ дар Тоҷикобод дар асорати муҷоҳиддин буд. Дар ёдатон бошад, мову шумо ӯро аз асорат халос карда оварда, дар Душанбе раҳо кардем. Зимни амалиёти кормандони вазорати дохила дар кӯчаи Қаротегин яке аз аъзои ҲНИТ-ро гирифта бурданд. Ӯро дар раёсати умури дохилаи шаҳри Душанбе ҳабс карда буданд. Ману мулло Абдураҳим барои озодии он бародар рафтем. Ва замоне, ки мо вориди утоқи кории муовини сардори раёсат шудем, моро хеле гарм истиқбол гирифт ва гуфт, ки он нафари шумо дар дасти фалонӣ одам ҳаст. Мо рафтем утоқи кории он одам. Вақте ки аз дар дохил шудам, ӯ аз ҷояш баланд шуд, ду дасташро ба миз зад ва гуфт: «Фалонта фалон. Фалонта фалон, ҳолиям ту зиндаӣ? Вақте ки ту аз тариқи телевизион сӯҳбат мекардӣ, бобои фалонӣ мегуфт, ки ин сағерара ёбед, пӯст кунед. Ҳолиям ту зиндаӣ?»

Ба ӯ гуфтам: «Шин дар ҷоят, додар. Мо сулҳ кардем, созиш кардем. Шин, бароят як чиз мегӯям, ҳақорат накун. Ту аз ман хурд ҳастӣ. Ва агар ман туро таҳқир карданӣ мешудам, ҳеҷ вакт ҳамон бародаратро, ки дар фалон ҷо асир буд, оварда дар шаҳри Душанбе раҳояш намекардам». Вақте ки ин гапро ёдовар шудам, ӯ ба ҷояш

нишаст ва гуфт: «Ака, мебахшӣ». Баъди ин ҳодиса ӯ дар куҷое, ки маро бинад, бо эҳтиром муносибат мекунад.

**- Шумо дар оғози сӯҳбат гуфтед, ки «ман баъди аз асорат озод шудан, навакак омада будам ва шомили ин ҳайат шудам». Он боз кадом асорат буд? Шумо ку дар дохили Афғонистон будед?**

- Ман ҳамчун раиси яке аз бахшҳои Ситоди Марказии Артиши НИТ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти нерӯҳои артиш, ки дар марзи Афғонистону Тоҷикистон буданд, ба минтақаи Рӯшони Афғонистон, ки дар рӯ ба рӯи Хоруғ, маркази вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аст, сафар кардам ва 6 -и сентябри соли 1996 миёни нерӯҳои Русия ва размандагони мо ва ҳамчунин баъзе нерӯҳои афғоние, ки вобаста ба марзбонони рус буданд, (подполковник Баҳромбек ) ҷанг рух дод. Хеле ҷанги шадид ҳам буд. Марзбонҳои Русия аз марз убур карданд. Онҳо дар ҷанг дар паҳлӯи марзбонҳои афғоние, ки ба муқобили размандагони мухолифини тоҷик ҷанг мекарданд, бевосита ширкат намуданд. Ва ин гурӯҳи 700 нафараро, ки дар марз буд, пароканда карданд. Дар ин ҷанг ман ҷароҳат бардошта будам ва ба асорат афтодам. Муддати 35 рӯз дар асорати қӯмандон Баҳромбек будам, дар қалъаи Барпанҷа.

**- Қумандон Баҳромбек мутаалиқи кадом ҳизби Афғонистон буд?**

- Баҳромбек, мутаалиқ ба ҳизбе набуд. Вале ӯ қочоқбаре буд, ки он ҷо як кандак (баталён) дошт. Қалъаи Барпанҷа як минтақаи стратегӣ буд, «роҳи Каҳкашон» буд, ки аз даст ба даст мегузашт. Гоҳ онро мардуми Рӯшон мегирифтанд, гоҳ мардуми Файзобод. Баъдан Баҳромбек аз сӯи Қорӣ Ҳафиз аз он ҷо ронда шуд. Қорӣ Ҳафиз марбути Ҷамъияти Исломии Афғонистон буд. Дар асорат мо беш аз даҳ нафар будем. Муддати 35 рӯз ман таҳти бозпурсӣ қарор доштам. Таъқибу фишор болои сарам буд. Ману як размanda бо номи Мирзомуддинро ҳар шаб мепурсиданд. Ман ба онҳо мегуфтам, ки як

журналисти оддӣ ҳастам ва ба хотири гирифтани фарзандам, ки дар ин тараф буд, омадам. Ба ҳеҷ сиёсат коре надорам. Вале баъди гузаштани 10 рӯзи асорат хостанд, ки як гурӯҳро ба русҳо интиқол диҳанд. Худи Баҳромбек бегоҳ дар назди дафтари амният  пайдо шуд, тавилахонаро кушоданд ва маро берун оварданд. Ман дар ҳолати ногувор будам ва аз ҷонам гузашта будам. Ба Баҳромбек гуфтам агар куштан бошад, ҳамин 16 нафареро, ки дар асорат қарор доранд, паррон! Чӣ даркор фурӯхтан? Чӣ даркор азоб додан? Хеле як ҷанҷоли лафзие кардам ва тавре шуд, ки ман ба риштаҳои асабу риштаҳои одамгариаш нохун задам ва дафъатан ба раиси амнияташ Саъдулло, як марди болобаланди зардина гуфт, ки: «Саъдулло, инҷинер соҳиба бар ва ун ҷаграна биёр». Маро пас бурданд ба назди он 14 нафар ва майор Раҳматбекро оварданд, ки  корманди собиқи милиса буд. Шаб соатҳои 9-10 буд, ки садои Раҳматбеку Мирзомуддин баланд шуд: «Бачаҳо, моро бурданд». Он ду нафарро интиқол доданд ба русҳо ва яке аз генералҳо, фикр мекунам фармондеҳи марзбонҳои рус,  онҳоро истинтоқ мекунад ва зимни суолу ҷавоб ба Раҳматбек мегӯянд, ки «Баҳромбек нас предал, выдал не того». Яъне он нафареро, ки мавриди ниёзи онҳо буд, барояшон интиқол надода буданд. Ҳадаф, фикр мекунам, ман будам. Худоро шукр мекунам, ки зиндаву саломат аз он ҷо ба дар омадам.

**- Чӣ гуна шумо аз он зиндон халос шудед?**

- Баъд аз 35 рӯз ман аз он ҷо фирор кардам. Бо як баҳонае барои шустушӯ рафтем ба як хона, аз он хона фирор кардам. Аз тариқи кӯли Шива омадам ба  Баҳорак. Раҳо шудам аз он маҳбас ва барои озодшудани боқимонда 14 нафар кӯшиш ба харҷ додам. Воқеан, барои раҳоӣ аз ин зиндон бародарони бадахшонии мо Худойдоду Имомназар маблағи 2000 доллар ҷамъ карда буданд ва ман, ки фирор карда будам, ба ҷои ман бародар Иззатуллоҳро аз он  зиндон озод карданд.

**- Шумо дар бораи таҳкими раванди ваҳдат ягон пешниҳод доред?**

- Ба хотири таҳкими раванди ваҳдати Тоҷикистон бояд ба ҳама бо як чашм нигоҳ кунем. Ба хотири таъмини ваҳдати комил бояд онҳоеро, ки соҳиби маълумотанд, малакаю маҳорати корӣ доранд, собиқаи кории хуб доранд, дар соҳаҳои мухталиф бояд ба ҳукумат ҷалб кунанд. Фарқ бояд нагузоранд, ки ин аз мухолифин аст ва ё аз ғайримухолифин ва ё аз гурӯҳи сеюм.

Дараҷаи фасод, фаҳш, иқтисоди пастрафта, таъиноти кадрии аз нигоҳи маҳал, садоқати шахсӣ, лаганбардорӣ дар баъзе аз сохторҳои давлатӣ ба дараҷае расидааст, ки агар одам чоплусу лаганбардор набошад ба вазифа намерасад. Ва агар расад ҳам, чунин корҳоро агар анҷом надиҳад, дер намепояд. Яъне ба хотири ваҳдати комил танҳо кадрҳои варзида метавонанд ин кишварро наҷот диҳанд. Ва имрӯз муҳимтар аз ҳама огоҳии сиёсӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии мардум, ба хусус кадрҳое, ки дар сохторҳои ҳукуматӣ кор мекунанд, бояд баланд бардошта шавад. Яъне меъёр бояд худшиносӣ ва Худошиносӣ, маҳорат, малака, соҳибмаълумоту соҳибвазифа будан бошад. На ин, ки танҳо соҳибвазифа.

**- Дар охир мехостам, хонандагони арҷманди ҳафтанома бифаҳманд, ки мусоҳиби ин лаҳзаинаи мо чӣ гуна шахсият ҳаст. Хулоса шарҳи ҳоли Муҳаммадалии Ҳаитро ба хонандагони ҳафтанома чӣ гуна пешниҳод мекардед?**

- Банда, Муҳаммадалии Ҳаит, соли 1957 дар деҳаи Чоряккорони ноҳияи Ленин, феълан ноҳияи Рӯдакии ҶТ таваллуд ёфтам дар оилаи коргару деҳқон. Мактаби миёнаро он ҷо хатм кардам, бо баҳои аъло. Баъдан ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин шомил шудам. Ва баъди ду соли таҳсил таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи Жданов идома додам дар ҳамин бахши ховаршиносӣ. Соли 1980 бо тахассуси шарқшинос-филолог, яъне мутахассиси соҳаи забон ва адабиёти Эрон

онҷоро хатм кардам. Ва пас аз соли 1980 ба хидмат ба суфуфи Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ даъват шудам. Он замон нерӯҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон ворид шуда буданд ва ман аз рафтан ба Афғонистон сарпечӣ карда будам.

**- Ба кадом хотир шумо аз хизмат дар Афғонистон сарпечӣ кардед?**

**-** Ба хотире, ки намехостам саҳим бошам дар ин ҷанг. Ман бозгаштам ба Тоҷикистон, вале комиссари ҳарбии вилояти Ленинград ваъда дода буд, ки маро аз дусар ба Афғонистон мефиристад. Моҳи августи соли 1980 бо фармони вазири мудофиаи Иттиҳоди Шӯравӣ ман маҷбуран ба Қирғизистон ба ҳайси тарҷумони низомӣ фиристода шудам. Дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон дар як қисми низомие, ки вобаста ба тарбияти ҳавонавардон ва афроди мухобироти ҳавоии кишварҳои ҷаҳони сеюм буд, он ҷо фаъолияти тарҷумонӣ доштам. Як муддат дар Академияи Артиллерия, яъне Тӯпхонаи шаҳри Ленинград (Санкт-Петербург) ифои вазифа кардам. Ва соли 1982 пас аз хатми хизмати аскарӣ ба Тоҷикистон баргаштам ва ба сифати муҳаррири хурд ба телевизиони Тоҷикистон ба кор даромадам дар шӯъбаи кино. Вале боз қарор намонданд ва моҳи майи соли 1983 ба Афғонистон бурданд ва то 28 майи соли 1985 дар Афғонистон будам. Дар соҳаи кашфи артиш фаъолият доштам. Дар он ҷо баъзе таҳаввулоту тағйироте дар ақидаву андешаи ман ба вуқӯъ пайваст. Дар яке аз амалиётҳое, ки дар деҳаи Лағавбоди Ғазнӣ ба вуқӯъ пайваста буд, ман бо чашми сар дидам, ки нерӯҳои шӯравӣ чӣ корҳоеро дар Афғонистон нисбат ба мардуми оддӣ анҷом медиҳанд. Хонаҳои сӯхта, Қуръонҳои пора-пора, мардуми бенавову бечора. Чун дидам, он ҷо ҳам эътироз кардам. Ва Худованд маро ба хотири саркашӣ аз ширкат кардан дар амалиёт, дар ҳифзаш нигаҳ дошт. Аз ҷумлаи 42 нафаре, ки ба асорат гирифта буданд, 32 нафарро раҳо кардам. Русҳо даъво мекарданд, ки инҳо аз сарбозони фармондеҳ

Саидҷагрананд. Ман исбот кардам, ки инҳо деҳқонону тоҷирону коргаронанд. Вале баъд аз ин маро ба гурӯҳи сулҳи Панҷшер вобаста намуданд. Дар ин гурӯҳ фаъолияти доманадоре доштам.

**- Мешавад, ки муфассалтар дар ин бора ҳарф бизанед?**

- Давроне, ки ман ба ин гурӯҳ сафарбар шудам, аллакай музокирот байни қувваҳои русӣ ва шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд идома дошт. Ман вориди қазия шудам. Чун гурӯҳи кашф будем, ба Аънобаву дигар минтақаҳои Панҷшер сафар мекардем. Зимни мулоқотҳо бо Аҳмадшоҳи Масъуд заминаҳои мулоқотҳоро омода месохтем. Бо намояндаи Аҳмадшоҳ зиёд мулоқот доштем, бо худи ӯ низ. Ва бо гузашти айём Аҳмадшоҳи Масъуд аз як гурӯҳи хурдакаки дараи Панҷшер тамоми сафаҳоти шимолро дар муддати ду сол забт кард ва нерӯҳояш беш аз 15 ҳазор шуданд. Ва Аҳмадшоҳ ҳам ба русҳо он қадар бовар надошт. Аҳмадшоҳ то соли 1996 намедонист, ки кадом гурӯҳ ҳамроҳаш дар мулоқот асту кадом гурӯҳ ҳамроҳаш кор мекунад. Ва зимни мулоқоти моҳи марти соли 1996 ин суолро аз ман карда буд. Аҳмадшоҳ ба он хотир ба русҳо боварӣ надошт, ки дар як ҷо аз сулҳ ҳарф мезаданду ҷои дигар ҷанг мекарданд. Мисол, алайҳи Аҳмадшоҳи Масъуд баъзе аз нақшаҳои терроррो кашида буданд. Ва чанд терроре, ки буд, хунсо шуда буд ва ахирин терроре, ки буд, ин ахири соли 1984 буд.

**- Оё дар ин хусус бештар маълумот дода метавонед?**

- Не, ҳанӯз зуд аст. Ибтидои соли 1985 Аҳмадшоҳ амалиёти низомиро алайҳи русҳо шурӯъ кард, дар тамоми сафаҳоти шимол. Ва аввалин коре, ки аз тарафи амниятиҳо шурӯъ шуд, нафарҳое, ки миёнҷигарӣ барои оташбас ва сулҳ байни нерӯҳои шӯравӣ ва Аҳмадшоҳ мекарданд, дастгир шуданд. Минҷумла ҷаноби Мирдоди Панҷшерӣ, хеши Аҳмадшоҳи Масъуд дастгир шуд ва чун ӯ таҳсилкардаи риштаи кишоварзӣ дар Амрико буд, машкук ҳисобида мешуд ва ба хотири рафъи ин машкукиятҳо ман рафтам хонаи ӯ ва баъзе аснодеро, ки

аз Аҳмадшоҳ дошт, инчунин силоҳу муҳимотро гирифтам ва бурдам берун. Ва оҳиста-оҳиста доира атрофи ман ҳам танг шуд ва маро низ ҳабс карданд. Ин соли 1985 буд. Ва зимни яке аз рӯбарӯкуниҳо Мирдоди Панҷшерӣ, ки ӯро хеле зарбу лат карда буданд, маро муттаҳам сохт. Маълум буд, ки болояш фишорҳои зиёде ворид шуда буд. Вале дар назди ман тақвим буд ва ҳамон рӯзу соате, ки мегуфт, банда дар рухсатии кӯтоҳмуддат дар Тоҷикистон будам. Онҳо маро ба фурӯши силоҳу муҳимот натавонистанд, муҷрим бисозанд. Ман, ки як афсари кашф будам, ягон хел дастрасӣ ба силоҳу муҳимот надоштам. Корхона надоштам, ки ин корро анҷом диҳам. Вале ба ҳар ҳол се моҳ дар Кобул ва се моҳи дигар дар Тошканд таҳти пурсишу истинтоқ қарор доштам.

**- Дар маҳбас будед?**

- Дар Кобул дар маҳбас будам, дар Тошканд бошад дар хона назарбанд будам. Худоро шукр мекунам, ки аз ин қазия хеле сарбаландона бадар омадам. Ва бо гузашти айём ҳамаи он дороие, ки дар он ҷо доштам, ҳамаш ба ман бозгашт. Чун вақте маро аз Кобул ба Тошканд оварданд, ғайр аз либоси тан дигар чизе надоштам. Ва бо гузашти айём соли 1995 вақте, ки ман ба Кобул омадам, аввалин коре, ки кардам, ба хонаи Мирдоди Панҷшерӣ рафтам. Хуб, хонумаш дид, хеле ҳайратзада шуд, ки ин Алӣ ҳолиям зинда ҳаст. Мирдод ҳамон вақт ҳукми қатл гирифта буд ва баъдан аз ҳукми қатл гашта буд ва 7 солро дар маҳбас сипарӣ кард. Ва омир соҳиб Аҳмадшоҳ ӯро бо яке аз генералҳои афғон иваз карда буд. Аз хонуми Мирдод дар куҷо будани шавҳарашро пурсидам. Гуфт дар Амрикост. Гуфтам, ки агар баргашт бигӯ, ки Алӣ омада буд ва рафт Тахор назди муҳоҷирин. Баъди бозгашт аз Амрико Мирдод Аҳмадшоҳи Масъудро аз омадани ман хабардор мекунад. Ман он вақт дар радиои «Садои Тоҷикистони Озод» кор мекардам. Рӯзе яке аз наздикони Аҳмадшоҳ пайғоми ӯро ба ман расонид. Сипас маро ӯ ба қароргоҳи омир соҳиб бурд ва муддати чор соат бо ҳам

сӯҳбат доштем. Хуб, ин қиссаи Афғонистон буд.

Соли 1985 баъди бозгашт аз Афғонистон ман то хеле муддат натавонистам ҷойи кор пайдо кунам. Хулоса, баъдан дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №55 ба унвони муовини мудир муддате кор кардам. Баъд аз он дар системаи радио ва телевизион то солҳои 1987-1990 дар радиои бурунмарзӣ кор кардам. Пас аз воқеаҳои баҳманмоҳи соли 1990 маро ба ҷурми робита доштан бо Бурӣ Карим, яке аз иштироккунандагони ин воқеаҳо, аз кор ронданд. Ва қарори ронданашон чунин буд, ки дар оянда ман ҳуқуқи дар чунин вазифа кор карданро надоштам. Вале ман ба маҳкама муроҷиат кардам. Ба суди ноҳияи Октябр. Муддати зиёд баҳс дар суд идома дошт. Ман барқарор шудам. Вале зимни барқарор шудан, ман иброз доштам, ки бароям кор дар ин идора ҳайф аст. Ва баъд аз барқарор шудан ариза навишта ба хоҳиши худам аз кор рафтам. Аз соли 1990 дар ҳафтаномаи «Растохез» ҳамчун муҳаррир фаъолият доштам. Баъдан то 5 майи соли 1992 дабири кулли Ҳаракати мардумии «Растохез» будам. Ва 5 майи соли 1992 ба ҳайси муовини раиси ширкати Садо ва симои ҶТ таъйин шудам ва то 14 декабри соли 1992 кор кардам.

То соли 1995 пинҳонӣ дар дохили Тоҷикистон зиндагӣ мекардам. Соли 1995 ба хориҷ рафтам. Дар радиои «Садои Тоҷикистони озод» кор мекардам. Аз соли 1996 дар Ситоди Марказии Артиши НИТ фаъолият доштам. Ва ин фаъолият дар вақти дар ҳайати баландпояи сиёсиву низомӣ буданам ва инчунин баъди шурӯъи кори КОМ дар зеркомиссияи низомӣ ба ҳайси намояндаи Ситоди Марказии АНИТ идома дошт. Ва соли 2000 ба кори ҳизбӣ гузаштам. Узви шӯрои сиёсӣ, узви Раёсати Олии ҲНИТ, раиси шӯъбаи кадр ва омӯзиши сиёсӣ мебошам.

**Миллат, 2006, 16, 23 ноябр.**

# САИД АБДУЛЛОҲИ НУРӢ:
# *«РИСОЛАТИ ЗИЁИЁН ҲИФЗ КАРДАНИ АМОНАТИ НИЁГОН АСТ»*

***Имрӯзҳо дар васоити ахбори умум, дар маҳфилу ҷамъомадҳои мухталиф атрофи суханрониҳои Президенти кишвар Э. Ш. Раҳмонов дар мулоқоти ӯ бо зиёиён баҳсу мунозираҳое сурат мегиранд. Дар робита бо ин мавзӯъ хабарнигори «Наҷот» ба раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки иштирокчии ин мулоқот буд, бо ду савол муроҷиат кард.***

**-Устоди громӣ, ба назар чунин мерасад, ки мулоқоти имсолаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонов бо зиёиён як навъ характери ҳисоботӣ дошт. Раис Ҷумҳур бештар аз хусуси дастовардҳои на як соли баъди дидори ахир бо зиёиён, балки дар бораи комёбиҳои тамоми даврони истиқлолият ҳарф зад: барқарории сулҳу субот, коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ, рушди озодии баён ва ғайраву ҳоказо. Оё ин ба он хотир нест, ки дар арафаи маъракаҳои муҳими сиёсӣ-интихоботҳои парлумонӣ ва президентӣ истодаем ва ба ин тарз таҳия ва гузаронидани чунин маъракаҳо ҳадафҳои худро доранд? Шумо ҳамчун ширкаткунандаи бевоситаи ин вохӯрӣ дар ин бора чӣ гуфта метавонед? Ва умуман бардошти шумо аз ин мулоқот чӣ гуна аст?**

Ба назари ман суханронии Президент ҷаноби Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар ин мулоқоте, ки бо зиёиён дошт, нисбати дигар мулоқотҳое, ки солҳои қабл буд, фарқ мекард. Фарқияташ дар он буд, ки дар ин мулоқот аксарияти он мушкилоти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ҳатто сиёсиву иқтисодие, ки дар ҷомеъаи Тоҷикистон вуҷуд дорад, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Барои ман

чизе, ки хеле таъсирбахш буд, мавзӯъҳое мебошанд, ки аз онҳо ёдовар мешавам ва баъдан дар мавриди баъзе аз онҳо фикрҳои худамро мегӯям.

Як чизи муҳиме, ки солҳо мо хоҳиш доштем, онро аз тарафи мақомоти давлатӣ, хусусан аз забони Президент бифаҳмем, ин касб кардани истиқлолияти фикрӣ мебошад. Истиқлолияти сиёсӣ бидуни истиқлолияти фикрӣ намешавад. Мо хеле хурсанд ҳастем, ки дар сӯҳбати Президент бо зиёиён ин чиз садо дод. Одамҳо бояд, ки аз дохил мустақил шаванд, баъд метавонанд, ки аз истиқлолияти воқеӣ дар зиндагӣ дар масъалаҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ сухан бигӯянд. Чизи дигаре, ки хеле муҳим буд ва дар он ҷо зикр шуд, ин ифтихори миллӣ мебошад. Баъдан ягона дастоварди истиқлолият, яъне дастоварди сулҳ ва ваҳдатро зикр карданд. Сулҳ, ваҳдат ва амнияте, ки имрӯз дар кишвар аст, ин дар чанд сол ба даст омадааст. Воқеан, мо ҳам дар ҳар ҷое, ки агар нисбати дастовардҳои Тоҷикистон ягон чиз зикр кунем, махсусан дар кишварҳои хориҷӣ, ҳамчунин дар мулоқотҳое, ки дар ин ҷо бо намояндаҳои мамлакатҳои хориҷӣ мекунем, шарм надошта, ҳамин сулҳу амниятро зикр мекунем, ки мо ҳамин чизҳоро дорем. Вале дар бораи пешрафтҳои иқтисодӣ, пешрафтҳои масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ мо наметавонем, ки бо як сари баланд, бо як ифтихор ҳарф бизанем. Дар мулоқот Президент аз ин дастовардҳо бисёр ошкоро ва пурқувват ёдовар шуд.

Баъд дар сӯҳбати Президент мавзӯи сухан ба даврони аҳди Сомониён меравад. Чанде пеш ҳукумати Сомониён ҳамчун улгуи давлатдорӣ барои мардуми Тоҷикистон қарор гирифта буд. Вале дар ин мулоқот ин улгу он қадар хуб таблиғ нашуд. Шахсиятҳое чун Ҷамшеду Куруши Кабиру ҳамвора зикр мешаванд, вале дар бораи давлатдории Сомониён на он қадар зиёд ҳарф мезананд. Дар бораи устод Рӯдакӣ, ки воқеан дар ҳамон шабу рӯз дар аҳди давлатдорӣ Сомониён дар маҳди фарҳангу забон маънавиёти миллати тоҷикро ҳифз кард, таваҷҷӯҳ бештар набуд.

Сипас дар сӯҳбат зикре аз устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров мешавад. Президенти кишвар як сухани оличанобе мегӯянд, ки ба ман ҳам хеле маъқул шуд. Мегӯянд, ки «Масъалаи будан ва ё набудани миллати тоҷик борҳо дар дастури рӯз қарор дошт». Дар ҳамон вақте ки тақдири миллати тоҷик ҳал мешуд, устод Садриддин Айнӣ ва баъдтар дар замони ҷӯшу хурӯши ҳокимияти болшавекон Бобоҷон Ғафуров аз ҳастӣ, ҳуввият ва фарҳанги ин миллат ҳамчун намояндагони аҳли зиё дифоъ карданд. Сардафтари адабиёти советии тоҷик ва имрӯз Қаҳрамони Миллати тоҷик Садриддин Айнӣ ҳамчун як пешво ва ҳомӣ нишон дода шудааст ва инро ҳамаи аҳли зиё, аҳли сиёсат эътироф доранд. Садриддин Айнӣ ҳам мадрасаеро хондааст, ки мадрасаи Исломӣ буд ва таълимоти ӯ аз таълимоти Қуръон аст ва ҳадафи муборизааш ҳам дар ҳамон вақт бар асоси ҳамин чизҳо буд. Агар чанде муборизаҳояш муборизаҳои фарҳангӣ буд, вале муборизаҳои фарҳангӣ ба он хотир мегӯянд, ки як гуна Садриддин Айниро дар он вақт мазлум нишон бидиҳанд, ки ин одам одами сиёсӣ набуду бо вуҷуд аз тарафи ҳокимони ҳамон давра зери шиканҷа қарор гирифт. Ин ба ҳамин хотир аст. Вагарна Садриддин Айнӣ комилан марди сиёсӣ буд ва мақсади асосиашон даровардани ислоҳот чӣ дар тарзи таълиму тарбия ва чи дар тарзи давлатдорӣ буд. Садриддин Айнӣ ва ҳаммаслакони ӯ, дар ҳақиқат, бо дарназардошти тамоми камбудиҳои он замона, бо дарназардошти талаботи ҷомеъаи он замон ва бо дарназардошти таҳаввулоте, ки дар қаламрави тоҷикон пайдо мешуд, таҳаввулоти сиёсӣ ва инқилобҳо, дарк карда буданд, ки агар мо худ ин қолаби кӯҳнаро ба қолаби ҷадиди беолоиши Исломӣ нагардонем, бо ин ҳол, ин сохт ва ин давлатдорӣ аз байн меравад. Бинобар ин, онҳо шурӯъ карданд аз кӯдакҳо. Чун фаҳмиданд, ки инҳо чун калон шуданд, дигар намефаҳманд он чизеро, ки бояд фаҳманд. Ман хондаам он чизҳои ғаразнокеро, ки дар бораи Садриддин Айнӣ

навиштаанд. Гӯё Садриддин Айнӣ шахсияти бузург набуд, Онҳо фаромӯш кардаанд, ки ӯ китобҳои ҳамчун «Заруриёти динӣ», «Тазҳиб-ус-сибиён» барои кӯдакҳо навиштааст. Устод дар он вақт мехостанд, ки насли навро тарбия кунанд, ки эътиқоди нави Исломӣ дошта бошанд, шуури нави инсонӣ дошта бошанд. Дили онҳо аз насли худашон хунук шуда буд. Президент аз масъалаи будан ва набудани миллат ёдовар шудааст, ки Айнӣ барин одамҳо онро ҳимоят карданд. Яъне бо кадом роҳе, ки набошад, ҳамон амонатро ҳифз карданд ва ба миллат доданд. Дар робита бо Садриддин Айнӣ уламои исломӣ ҳам назари бад доранд. Уламои қаблӣ чизе дар бораи Садриддин Айнӣ нагуфтаанд, вале уламои баъдӣ чун диданд, ки ба ҳукумат пайвастааст, ба ҳукумате, ки муқобилияти сахт мекард ба дин, ӯро интиқод карданд. Вақте ки дар бораи куфру имони Садриддин Айнӣ сухан мерафт, падарам мегуфтанд, ки набояд нисбати Садриддин Айнӣ беҳурматӣ кард. Ман худам фикр мекунам, ки Садриддин Айнӣ, Фитрату Мунзиму Садри Зиёву дигарон як маслаки хубу муайянеро доштанд, ки ҳадафи он наҷоти Ислом буд ва ҳам наҷоти кишвари исломӣ. Вале чун дигар ҷомеъа тарзе шуд, ки инҳоро нафаҳмиданд, онҳо пароканда шуданд. Фитрат чун дид, ки бо ин роҳҳо намешавад ва дид, ки дар ҳаракати пантуркистӣ бештар ва хубтар ба ҳадафҳо расидан мумкин аст, дигар сарфи назар кард. Албатта онҳо худашонро пантуркист намегуфтанд. Онҳо барои татбиқи исломи ноб мубориза мебурданд. Фитрат чун дид дар Бухорову Самарқанд, дигар манотиқи Мовароуннаҳр ба ҳадафҳояш намерасад, ба хориҷ сафар кард. Ба ҳар ҳол метавон гуфт, ки ҳамон амонатеро, ки аз Пайғамбарамон (с) ба мо мерос монда буд, инҳо гурӯҳи уламо хостанд, ки ҳамон амонатро ҳифз кунанд. Зеро ба он тарзе, ки амирони Бухоро бо ин амонат муносибат мекарданд, бо ин тарз он аз байн мерафт. Бинобар ин, онҳо хостанд, ки ислоҳоте ҷорӣ кунанд. Вале онҳоро нафаҳмиданд. Ин чизро мо аз сӯҳбатҳое, ки бо

фарзандашон ва наздиконашон доштем, низ дарк кардем. Дарде, ки онҳо доштанд, он дардро мо ҳам доштем. Мо онҳоро хеле хуб дарк мекунем. Дар замони Шӯравӣ мақомоти давр маҷбур шуд, ки онҳоро ҳамчун гурӯҳи маорифпарвари замони амирони Бухоро эътироф намоянд. Маҳз ҳамин маорифпарварон буданд онҳое, ки мероси фарҳанг, сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод ва мероси асосии мо, ҳуввияти миллатро, тафаккури миллиро дар даст доштанд. Садриддин Айнӣ ба ҳамин хотир маҷбур шуд, ки бо давлати замонаш бисозад. Дар аввал он қадар фишорҳо зиёд набуданд. Садриддин Айнӣ гумон мекард, ки метавонад бо ин тарз ҳамаи он ормонҳои худро пиёда созад. Ҳамаи он пайёмҳоеро, ки бузургони миллати тоҷик аз пеш оварданд ва ба дасти ин амонат доданд, он амонатро бирасонад. Вале баъдтар фишорҳо, тазйиқ зиёд шуд ва доира барои худи Садриддин Айнӣ ҳам танг гардид. Вале ба ҳар ҳол дар қолаби роману повест, суханрониҳову дастур доданҳо ба шогирдон дар қолабҳои мухталиф он амонатро дар азҳони мардум ҷо кард. Он амонати миллӣ буд, танҳо амонати исломӣ набуд. Амонате, ки як миллати мусалмон доштанд. Баъди он даврони идеологияи сотсиализму коммунизм омаданд. Ин тафаккурҳои миллии тоҷикҳо набуданд. Ин тафаккурҳо тафаккурҳои бегона буданд. Барои ҳамин ҳам аз замони ҳамон маорифпарварон то замони мо дар фазои кишвар як халои фикрӣ, як халои идеоложии миллӣ ба вуҷуд омад. Манзурам аз руҷӯъ ба таърих ин аст, ки мо ҳоло ҳам, дар замони ҳозира ҳам, ба як мафкураи аҷдодиамон нарасидаем. Гоҳ аз Ҷамшеду гоҳ аз Куруши Кабир, гоҳ аз Исмоили Сомониву гоҳ аз Маркс ё Ленин, гоҳ аз демократия, гоҳ аз сотсиализму гоҳ аз сотсиал демократия ва гоҳе аз халқӣ – демократӣ ҳарф мезанем, Бале, ҳамаи онҳо мафкура, идеология доранд. Вале ҳеҷ кадоме аз ин мафкураҳо мафкураи миллии тоҷикон нестанд. Ягона мафкурае, ки мо аз гузаштагон бояд, ки онро бигирем, ин идеоложие ҳаст, ки аз маорифпарварон

боқӣ мондаасту охири охирон ба дасти Садриддин Айнӣ ва зиёиёни тоҷик расидааст. Аз ба хотир овардани таърихи зардуштиён касеро шарм намеояд. Бале, дуруст аст, ки он таърихи мо ҳаст. Вале ҳамагӣ як таърихе беш нест. Ва таърихе нест, ки аз давлатдорӣ, сиёсат, фарҳанг, илм, адаби он барои худ истифода кунем. Ҳатто китоби мукаммале намондааст дар ин бора аз он замон, ки аз он зикр кунанд. Меоему аз Рӯдакӣ шурӯъ мекунем, аз Шайх Синову аз Беруниву Шайх Саъдиву дигарҳо, ки ҳамаи инҳо зодаи фарҳанги исломӣ ҳастанд. Аз ин рӯ ман як мурочиате дорам ба зиёиёнамон дар ин бора. Мо бояд пайванд бидиҳем имрӯзи худамонро ба маорифпарварон. Таърихи худамонро қатъ накунем, душманони мо таърихамонро қатъ карданд, моро аз гузаштаамон дар фосила нигоҳ доштанд, наздиктарин фосилаи зиндаамон ин мероси Садриддин Айнӣ ва маорифпарварон ҳастанд. Мо на бояд аз онхо худамонро дар канор гирем. Мафкураи онҳо мафкураи исломӣ ҳаст.

Як масъалаи дигар дар суханронии Президенти кишвар дифоъ аз муқаддасоти миллӣ буд. Воқеан он чизе, ки миллати тоҷик имрӯз ё надорад ва ё дошта бошад ҳам, хеле кам дорад. Аслан мо намедонем, ки чӣ чиз муқаддасоти миллӣ номида мешавад. Чиро муқаддас донем, ки аз он дифоъ кунем? Дигар миллатҳо вақте ки ватан мегӯянд барои ватан ҷони худро месупоранд, ё барои миллат ё барои парчамашон. Барои баъзе афрод суруди миллӣ яке аз муқаддасот аст. Дар баъзе давлатҳо ҳатто пули миллиро ҳам аз ҷумлаи муқаддасот ҳисоб мекунанд. Ҳатто дар замони давлатдории аморати Бухоро ҳам, дар мо пул муқаддас ҳисоб мешуд. Дар дигар кишварҳо ҳам, пул ба ғайр аз он, ки як чизи қиматнок ҳаст боз ҳамчун муқаддасоти миллӣ, як нишонаи миллӣ эҳтиром карда мешавад. Барои чӣ? Ман фикр мекунам, ки ҳамин қадосати пули миллӣ худ аз худ ба вуҷуд намеомадааст. Як чизи муқаддасеро ба он ҳамроҳ мекунанд, ки он қадосат пайдо кунад. Масалан, дар пули

америкоӣ-доллар иборaи «Мо ҳам ба Худо бовар дорем» омадааст. Ин аз як тараф ҳушдори он аст, ки одамоне, ки фақат дунболи пул мегарданд, номи Худоро фаромӯш накунанд. Аз тарафи дигар чун он ҷо номи Худо ҳаст, ин коғаз ба худаш як қадосат пайдо кардааст. Дар замони давлатдории Сомониён, дар давоми хилофати Исломӣ дар тангаҳо ё сураи «Ихлос»-ро меоварданд ва ё ягон калимаи Исломиро сабт мекарданд. Вақте ки ягон ояи Қуръони азимушшаън пурра навишта мешуд, ин дирамро бе таҳорат ба даст намегирифтанд. Танҳо дар сурати дар ҳамён будан онро ба даст мегирифтанд. Он дирамро чун Қуръон муқаддас медонистанд. Аз ин фаҳмида мешавад, ки муқаддасоти миллӣ дар ин ё он кишвар вобастагӣ дорад ба дини ҳамон давлат. Мо мегӯем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи муқаддасоти миллии кишвари мо мебошад. Аммо то ҳоло ҳамин Конститутсия ҳамон қадосатро касб накардааст. Дар баъзе кишварҳо роҳбарони давлат як даст ба Қуръон ва дасти дигар ба болои Конститутсия савганди садоқат мехӯранд. Мегӯянд, ки Раиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамин Ислом Каримов ҳамин тавр кардааст. Агар ин дуруст бошад, пас ин кӯшишест барои қадосат додан ба Конститутсияи кишвар. Воқеан дар Ӯзбекистон дар ин самт корҳои зиёде карда истодаанд. Масалан, Амир Темурро падари миллат номидаанд. Ба ҳамин хотир сенарияеро сохта бароварданд, ки тибқи он гӯё баъди кушодани қабри Амир Темур дунё ба фалокат, ба ҷанги дуюми ҷаҳон рӯ ба рӯ шуд. Инҳо албатта, як чизҳои хурофотии бемаъни ҳастанд. Вале ин чиз нишон медиҳад, ки дар Ӯзбекистон барои сохтани муқаддасоти миллӣ аз дину мазҳаб ва то ҳатто аз хурофот истифода мекунанд. Яъне барои мустаҳкам кардани пояи давлатдорӣ аз ақидаи динӣ истифода мекунанд. Барои ҳамин ҳам дар Тоҷикистон мо бояд пеш аз ҳама бифаҳмем, ки кадом дин дини сартосарӣ аст. Ва мо ҳар коре, ки мекунем, ки агар дар асоси ҳамон дине бикунем,  ки ҷавобгӯи манофеи беш

95 дар сади аҳолӣ аст, ба ҳадафу армонҳои худ, иншоаллоҳ, мерасем. Дар суханрониҳои Президент ҳамин маъно омадааст. Масалан, дар як ҷо вақте ки дар бораи сохти давлатдории демократӣ сӯҳбат мекунад, мегӯяд, ки сохти давлатдории демократӣ ин маъно надорад, ки тамоми он чизҳое, ки дар ғарб ҳаст, онҳоро дар ин ҷо мо паҳн кунем. Масалан Президент гуфтааст, ки «унсурҳои демократияро мо аз Урупо айнан нусхабардорӣ ва айнан дар ҷомеъаи худ ҷорӣ карда наметавонем». Ман сад дар сад бо ин гуфтаҳои Президент розӣ ҳастам. Дар вақти суханрониашон Президент ҳатто як мисол оварданд, ки издивоҷи зан бо зан, мард бо мард дар баъзе мамолики Ғарб қонунӣ шудааст. Оё дар байни мо тоҷикон мумкин аст ҳамин корро кардан? – пурсиданд аз ҳозирин. Дар ҷавоб аҳли толор хандиданд. Мо набояд тарзи демократиро аз кишварҳои Ғарб копӣ кунем. Мо бояд дар масъалаи демократикунонии ҷомеъа мафкураи худамонро дошта бошем. Бубинед, ҷопонҳо, ки мафкураи хешро дар ин самт доранд, эътиқоди худро доранд, тарзи зиндагӣ ва ҳатто либоспӯшии худро нигоҳ доштаанд, имрӯз дар дунё дар масъалаи пешрафти техникӣ, иқтисодӣ яке аз аввалинҳо мебошанд.

Бале, демократия як навъ низомест, ки то имрӯз худро нишон дод, ки бо дарназаргирифтани низом мешавад пешрафт ҳосил кард, мешавад мушкилотро ҳал кард. Вале инро ҳамон, тавре ки ҳаст ба пуррагӣ аз Урупо дар ин ҷо оварда нусхабардорӣ кардан намешавад. Бале, мо аз таҷрибаи низомӣ, сиёсӣ ва дигар пешрафтҳои Ғарб бояд истифода кунем, вале ҳамзамон мафкураи миллиро фаромӯш кардан даркор нест.

Дигар масъалае, ки дар ин мулоқот Президент ба он диққати ҷиддӣ дод, ин масъалаи тозагии забон, истифодаи густурдаи забон дар давлатдорӣ буд. Дар ҳақиқат, имрӯз дар муоширати расмӣ дар сатҳи муносибат бо созмонҳои байналмилалӣ қариб, ки аз забони давлатӣ истифода намешавад. Мутаассифона, забонро ҳанӯз ҳам аз ҷумлаи

муқаддасот накардаем, ифтихори забон доштан нест. Имрӯз барои мо фарқ надорад, ки бо кадом забон гап бизанем. Муҳим он шудааст бо забоне гап бизанем, ки пул зиёдтар биёбем. Масъалаи дигаре, ки раиси ҷумҳур ба миён гузошт ва аз афзоиши он ибрози нигаронӣ кард, ин масъалаи коррупсия ё худ ришвахурӣ дар ҷомеъаи имрӯз аст. Фикр мекунам дар чунин ҷамъомадҳои кушод Президент бори нахуст бо чунин қотеъият ва тундӣ алайҳи ин падидаи номатлуби замони нав суханрони кард, ки бароям хеле таъсирбахш буд.

Дар ин ҷо ба хотирам як таҷриба ё худ экстременти коршиносони хориҷӣ омад. Дар як семинар масъулин ба иштирокчиёни он ки асосан сиёсатмадорон буданд, бо чунин савол муроҷиат карданд. Агар шумо дар хилвате, фарз кардем, 3 ҳазор доллар ёфтед, бо он чӣ кор мекунед?

Ҳаштоду се дар сади онҳо ҷавоб додаанд, ки онро аз худ мекунанд. Танҳо 17 фисади онҳо гуфтаанд, ки кӯшиш ба соҳибаш баргардондани онро мекунанд. Вале ба саволи дигар «Агар шумо пулро дар байни издиҳом ёбед, бо он чӣ кор мекунед?» ҷавобҳо дигархелтар, метавон гуфт, баръакс буданд. Акнун 80 дар сад навиштаанд, ки пулро ба соҳибаш медиҳанд. Танҳо миқдори кам гуфтаанд, ки пулро аз худ мекунанд. Сабаб чӣ аст? Сабаб он аст, ки мардум аз ифшои сирри пулёбиашон метарсанд. Чун медонанд, ки кор дар байни издиҳом шудааст ва пайдо шудани шоҳидон аз эҳтимол дур нест. Яъне аз шоҳид метарсанд. Вале вақте ки ба Худо эътиқод дошта бошанд, онҳо шояд аз Худо тарсанд ва ба ин амали нопок дастназананд. Барои ҳамин ҳам эътиқод доштани мансабдор ба Худо метавонад яке аз монеае дар роҳи афзоиши коррупсия бошад. Зеро ӯ шояд битарсад, ки Худованд шоҳиди ин гуноҳи ӯст ва ӯ рӯзе ҷавоб хоҳад гуфт.

Акнун дар ҷавоб ба саволи шумо дар робита ба ин, ки оё ин мулоқот бо дарназардошти маъракаҳои интихоботии оянда ҷараён нагирифт, ман гуфтанӣ ҳастам, ки бале, ки инҳо ҳама ба хотири манфиатҳои сиёсӣ равона

карда шуданд. Ва ман фикр мекунам, ки ин ҷо айб ҳам нест. Аз ин ҳолатҳо истифода кардан барои зиёд кардани престижи сиёсӣ ин як амри воқеӣ ҳаст. Ин як ҳунари сиёсӣ ҳаст. Як инсон вақте ки депутат мешавад, ба интихобкунандагонаш ваъда мекунад, ки фалон корҳоро мекунад. Ва аз рӯзи аввал тайёрии интихоботи баъдинаро мебинад. Президентҳо низ ба ҳамин монанд ҳастанд. Агар дурусттар назар афканем, замони ҳукумронии як Президент ин худ марҳилаи омодагӣ барои интихоб шудани дуввумбораву саввумбора ҳаст. Ҳар як раҳбар, чи хурду чи калон, як ангезаи раҳбарӣ карданро дорад. Мутаассифона, ҳанӯз кам касоне ҳастанд, ки ангезаашон дар раҳбарӣ ба мардум хурсанд кардани Худованд бошад. Дар давлатдории муосири мо ангезаи асосии ба мардум хизмат кардани раҳбарон ҳамин ба сари қудрат бори дигар омадани онҳо аст. Масалан депутатҳо, пул месозанд, боғча обод мекунанд ва ғайраву ва ҳоказо то ки мардум бубинанд ва бори дигар онҳоро интихоб намоянд. Президентҳо низ ҳар коре, ки мекунанд, бо дарназардошти интихоботҳои оянда мекунанд. Ангезаи боқӣ мондан дар қудрат имрӯз ангезаи болотар аст. Ба ҳар ҳол бо ҳамин роҳ корҳои зиёди савоб низ сурат мегиранд. Бинобар ин, дар ин кор ягон айбе нест.

**-Президенти кишвар дар ин мулоқоти худ бо зиёиён боз як бори дигар аз он маъракае, ки зидди дини мубини Ислом дар ВАУ – и баъзе кишварҳо ба роҳ монда шудааст, изҳори нигаронӣ кард ва қотеъона талаб намуд, ки аз ин амали зишт даст бикашанд, аз дини мубини Ислом душмани тамаддун насозанд ва ҷаҳонро бо хатари мудҳиш рӯ ба рӯ накунанд. Ин бори аввал нест, ки роҳбари давлати мо ошкоро ба ҳимояи манофеи мусалмонон ва ҷаҳони Ислом бархостааст. Мутаассифона, чунин корро дар фаъолияти абармардони дигар кишварҳои исломӣ камтар мушоҳида мекунем. Дар ин ҷо чӣ ҳикмате нуҳуфтааст?**

Маро ҳамчун як мусалмон, ҳамчун як раиси Ҳизби Исломӣ аз суханрониҳои Президент, ба хусус аз он

қисматаш, ки дар бораи терроризм ва дифоъ аз манофеъи мусалмонон шуд, хеле ҳам хушам омад. Як гуна тамоили ҷадиде дар мо пайдо шуд. Агарчанде дар ин ҷо яке аз мақсадҳо боз ҳам ҳамон ҳадафҳои қаблазинтихоботӣ бошад ҳам, вале агар мунсифона мо таҳлил кунем, ҳамин суханҳоеро, ки на як бор, балки чандин бор аз минбарҳои баланди Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон гуфта шудаанд, аз Исލому мусалмонҳо дар масъалаи терроризм дифоъ кардаанд Президент, як маъноҳои дигарро ҳам дорад. Махсусан дар ҳамин суханроние, ки дар назди зиёиён доштанд, боз ҳамон мазмуни дифоъ хеле ҳам мукаммалтар ва мушаххастар шудааст. Ҳарчанд, ки иқтибос аз суханронии Раиси ҷумҳур хеле дароз аст, онро аз рӯзнома бароятон мехонам: **«Ҳоло мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба он ҷалб намоям, ки солҳои охир бисёр сиёсатшиносону тадқиқотчиёни мамлакатҳои гуногун фаъолияти қувваҳои террористиву экстримистиро ба мардуми мусалмон нисбат медиҳанд. Созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ, пеш аз ҳама, Созмони Миллали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо бояд дар мавриди пешгирии ин равия ва ин бозии хатарнок тадбирҳои муассир андешанд. Бо кӯшиши муштараки созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ, инчунин сиёсатмадорону сиёсатшиносон ба ҷои исломро ба як воситаи тарсдиҳии инсоният табдил додан мафҳуми «терроризм»- ро дуруст арзёбӣ карда, бояд аз бахри сиёсати «стандарти дугона» нисбати ин зуҳуроти даҳшатнок бароянд.**

**Дар ҳақиқат баъзе қувваҳои экстремистӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии худ таҳти шиорҳои исломӣ ба кирдорҳои ношоиста даст зада, дини ислом, яъне манбаи покизагии маънавию ахлоқиро бадном месозанд. Марҳилаи «ҷанги сард» гузашт, вале баъзе сиёсатмадорони муосир мехоҳанд, ки ҷаҳонро боз аз нав дучори мунокиша гардонанд. Шиори онҳо «Ислом - душмани тамаддун» мебошад. Ин ақида басо ғалат аст ва оқибати бад дорад. Ба андешаи ман, сабаби он дар муборизаи начандон босамар**

**бар зидди терроризми байналмиллалӣ ҳаст ва аз ин рӯ, кӯшиш мекунанд, ки ба ҳамаи ин ислом ва мардуми мусалмонро гунаҳкор намоянд. То он даме, ки кишварҳои пешрафта ба рушду нумӯи давлатҳои рӯ ба тараққӣ кӯмаки ҷиддӣ нарасонанд, танҳо ба роҳи низомӣ бартараф кардани ин хатари азими аср амри маҳол аст. Мо борҳо ба таваҷҷӯҳи ҷомеъаи ҷаҳонӣ расонидаем, ки ислом бо терроризм ва экстремизм ягон робитае надорад ва баръакс чунин зуҳуроти номатлуб ва хатарнокро маҳкум менамояд, вале ҳамоно кӯшишҳои ба рақиби идеолгии ҷаҳонӣ табдил додани ислом ва мардуми мусалмон идома доранд. Хусусан ин тамоюл баъд аз амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 – ум дар кишварҳои пешрафта вусъат ёфтааст. Ҳоло дар баъзе кишварҳо қувваҳои миллатгаро ва гурӯҳҳои неофашистӣ равнақи тоза пайдо карда, ҳуқуқҳои шаҳрвандони мусалмонро ошкоро поймол менамоянд ва нисбат ба онҳо таҳқиру шиканҷаҳоро раво мебинанд. Албатта, ин амали номатлуб хатару таҳдиди ҷиддӣ дорад. Онро бояд пешгирӣ кард».**

Дар ин ҷо Президент агар мақсадаш ҷалб кардани танҳо таваҷҷӯҳи мусалмонони Тоҷикистон бошад, аз ин чиз бой медиҳад. Чаро? Барои он ки дар ин суханрониаш Президент Созмонҳои байналмиллалӣ ба хусус, СММ ва САҲА-ро зери тозиёнаи танқид мегирад. Яъне то ба кай ин мардуми мусалмон, ин кишварҳои исломиро шумо бадном мекунед! Биёед, беҳтараш муайян кунед, ки экстремизм чӣ маъно дорад? Киро террорист мегӯянд? Инро муайян кунед, то ин ки ин абарқудратҳо мардуми мазлуми мусалмонро ин қадар зиёд таҳқир накунанд, фишор наоранд. Дуввум ёдовар шудааст, ки бо баҳонаи терроризм баъди 11 сентябри соли 2001 фишор овардан болои мусалмонон ва кишварҳои исломӣ боз бисёртар авҷ гирифт. Маълум аст, ки ҷонибдори чунин як сиёсат Амрико ҳаст. Ва имрӯз мо мебинем, ки дар бисёр сиёсатҳои иқтисодӣ ва давлатдорӣ Президент бештар тамоил ба Амрико дорад. Мо мебинем, ки кам-кам аз

Русия дур рафта истодаем. Ва ин гапро задан як навъ хафа кардани Амрико ва Урупо, ки имрӯз дар Афғонистон, дар Ироқ ҳастанд, дар ҳамон ҷойҳое, ки мусалмонҳо аз байн мераванд, кушта мешаванд, як суханронии ошкорои зидди ҳамин сиёсатҳост, бо вуҷуди он, ки ниёз дорад ба ҳимояи сиёсии онҳо ва ҳимояи иқтисодии онҳо. Аз ҳамин ҷо хулосаи ман ҳамин аст, ки дар ҳамин мавзӯъ Президент ҳамчун як сиёсатмадори боинсоф баромад мекунад. Дигар мегӯяд, ки тавакал бар Худо, ман бояд ҳақро бигӯям. Ҳақро гуфтан бисёр хуб аст. Дар дунё то ҳоло ҳозир ҳеҷ кадом аз сарварони кишварҳои исломӣ пайдо нашуданд, ки ин мавзуъро ин хел ҷиддӣ бигиранд.

Имрӯз мо низ тарафдори ин суханҳо ҳастем ва мегӯем, ки агар бо баҳонаи мубориза зидди терроризм мубориза бар ҷаҳони ислом бошад, ин воқеан хатари бисёр калон дорад. Масъалаи аз байн бурдани терроризмро танҳо бо ҷанг ҳал кардан намешавад.

**Наҷот, 2004, 1 апрел.**

# МУҲИДДИН КАБИРӢ:
# *«БОЯД САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ТЕРРОРИЗМРО АЗ БАЙН БУБАРЕМ»*

***Муҳиддин Кабирӣ, муовини аввали раиси ҲНИТ дар моҳе, ки сипарӣ шуд, дар чандин конференсияву семинарҳои байналмиллалие, ки дар кишварҳои мухталифи хориҷӣ баргузор гардиданд, ширкат варзид. Хабарнигори «Наҷот» дар сӯҳбате, ки бо ӯ дошт, дар бораи мӯҳтавои ин чорабиниҳои сиёсӣ ва аҳамияти онҳо аз ӯ пурсон шуд. Дар зер фишурдаи ин сӯҳбатро манзури хонандагони гиромӣ менамоем.***

**-Нахуст мехостам дар бораи кай, дар куҷо баргузор гардидани ин чорабиниҳои сиёсӣ ва мавзӯи онҳо мухтасаран ба хонандагони мо маълумот медодед?**

-Воқеан, вақтҳои охир дар ду конференсияи байналмиллалӣ, ки мавзӯъҳояшон тақрибан ба ҳам монанд буданд, ширкат доштам. Аввалин дар шаҳри Тошканд бо ташаббуси Маркази Маршал (Олмон) ва бо ҳамкории Институти тадқиқоти стратегии Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуда буд. Ин конференсия аз 1 то 5 феврали соли ҷорӣ ва конференсияи дуввум аз 20 то 22 ҳамон моҳ дар шаҳри Анқараи Туркия аз ҷониби Маркази Никсони ИМА ва Институти тадқиқоти Осиёӣ ва Аврупоӣ созмон дода шуд. Ҳар ду конференсия ҳам дар мавзӯи терроризм, экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ, амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз густариши терроризм ва экстремизм буд.

**-Шумо ба ҳайси кӣ дар ин конференсияҳо ширкат варзидед? Киҳо буданд иштирокчиёни дигари ин чорабиниҳо?**

-Банда ба ҳайси коршинос дар ҳар дуи ин конференсия ширкат доштам. Бояд гуфт, ки дар конференсияи Тошканд намояндагони кишварҳои бонуфузи мисли Амрико, Олмон, Британиё, тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва кишварҳои Қафқоз ширкат доштанд. Дар конференсияи Анқара бошад, ҳайати хеле ҳам бузург дар ҳаҷми понздаҳ нафар аз ИМА, аз Олмон, Британиёи Кабир, аз Фаронса, аз Канада, Швейтсария, тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, Туркия, Урдун ва Русия ширкат доштанд. Ва бояд гуфт, ки ширкати намояндагони Тоҷикистон дар ҳар ду конференсия, чӣ намояндагони расмии кишвар ва чи коршиносони мустақил хеле фаъол буд ва аз ҷониби иштирокчиёни дигар кишварҳо мавриди қадрдонии онҳо қарор гирифт.

**-Конференсияи Тошканд кадом масъалаҳоро мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дод ва ба кадом натиҷа расид?**

-Конференсияе, ки дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, меҳвари асосияш амнияти минтақавӣ буд ва инчунин роҳҳои мустаҳкам кардани ин амният. Дар зимни ин мавзӯи умумӣ мавзӯъҳои ҷузъитаре, мисли роҳҳои ҳамоиш ё интегратсияи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташкили бозори ягона ва инчунин пешгирии экстремизми динӣ дар Осиёи Марказӣ баррасӣ шуданд. Албатта, фикрҳо мухталиф буданд ва бояд гуфт, ки намояндагони ҳамаи кишварҳо ба як хулосаи умумӣ дар бисёр масъалаҳо нарасиданд. Вале худи баргузории конференсия дар ин мавзӯъ ва табодули афкор хеле муфид буд. Ва фикр мекунам, ки ин мавзӯъ бояд, ки каме мушаххастар ва ҷиддитар дар ояндаҳо баррасӣ шавад. Зеро то ба ҳол амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дорои якчанд нуқтаҳои заъф аст. Маъмулан чунин қабул шудааст, ки хатари асосиро ба амнияти минтақавӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ, ба хусус, гурӯҳҳои динӣ мебинанд. Вале таҳлил ва омӯзиши дақиқтар ва васеътар нишон медиҳад, ки баъзе хатарҳои дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки дар аҳамият ва дар хавфнокии худ аз ифротгароии мазҳабӣ ва миллӣ камтар нестанд.

**-Масалан кадом хатарҳо?**

-Банда ба ҳайси коршинос ин нуқтаи назари худро дар шаҳри Тошканд ироа карда будам, ки мағзаш он аст, ки агар воқеан мо мехоҳем Осиёи Марказиро ҳамчун як минтақаи ором ва устувор дар оянда бубинем дар ҳама масоиле, ки ба мо дахл дорад, бояд сиёсати ягонаи ҳамоҳангшуда байни ин кишварҳо дошта бошем. Агар мо мехоҳем ба мисли Иттиҳоди Урупо як минтақае, ки дорои арзишҳои ягона ҳаст, дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ягона ҳаст, ҳамин гуна як Иттиҳодро бисозем, пас бояд барои худ мушаххас кунем, ки оё розӣ ҳастем ва омода ҳастем, ки ин Иттиҳод ё ин минтақаи ягона, минтақаи озод, демократӣ ва ҳуқуқбунёд бошад, ё як гуна Иттиҳоди як идда аз кишварҳое бошад, ки манфиатҳои мушатараки иқтисодӣ доранд, вале дар масоили ҳуқуқи инсон, дар масоили озодиҳои фардӣ аз Иттиҳоди Урупо фарқ хоҳанд кард. Агар мо мехоҳем як Иттиҳодеро бидуни демократия дар Осиёи Марказӣ барпо кунем, аз нигоҳи банда он ноком хоҳад буд. Он монанди кӯшишҳои кишварҳои арабӣ хоҳад буд, ки солҳои зиёдест бо доштани фарҳанги муштарак, забони муштарак, дини муштарак наметавонанд як Иттиҳоди қавӣ ва амалиро эҷод кунанд. Зеро набудани арзишҳои демократӣ дар ин кишварҳо монеи асосии ташкил кардани чунин як Иттиҳод ҳаст. Ва омили ба як натиҷа расидани кӯшишҳои аврупоиҳо барои ташкили як Иттиҳоди қавӣ он буд, ки пеш аз ҳама онҳо пояҳои демократияро дар кишварҳои худ устувор карданд ва ин Иттиҳодро дар асоси ормонҳо ва хоҳишоти мардуми худ ташкил карданд. Вале дар Осиёи Марказӣ, мутаассифона, ормонҳои мардум ва хоҳишоти мардум ҳама вақт мавриди иҷро қарор намегиранд ва танҳо мо мехоҳем як Иттиҳодеро, як ҳамоишеро дар асоси ормонҳо ва ё хостаҳои як гурӯҳҳои муайяни роҳбарияти кишварҳо ташкил кунем, ки он ҳатман ноком хоҳад буд. Ва ман фикр мекунам, ки бояд дар ин масъала таҷдиди назар карда шавад.

**-Хуб, хеле фикри ҷолиб аст. Боз кадом масъалаҳо дар Тошканд мавриди баррасӣ қарор гирифтанд?**

-Масъалаи дигаре, ки дар он ҷо баррасӣ шуд, ин ташкили бозори муштарак буд ва нуқтаи ихтилоф дар ин масъала ҳам он буд, ки оё масъалаи об, ки яке аз масъалаҳои хеле ҳассос дар Осиёи Марказӣ ҳаст, дар зимни баррасии мавзӯи ташкили бозори муштарак ҳамчун мол эътироф мешавад ё на. Агар мо мехоҳем як бозори муштарак дошта бошем ва дар он масъалаи ҳамлу нақли борҳо, масъалаи ҳамлу нақли захираҳои табиӣ ва озод кардани ҷонибҳо аз андоз баррасӣ шавад, бидуни масъалаи об ва эътироф накардани об ҳамчун мол, ман фикр мекунам, ки ин бозори муштарак оянда нахоҳад дошт. Зеро агар кишваре дорои захираҳои табиӣ мисли нафту газ ҳаст ва кишвари дигар аз нафту газ танқисӣ мекашаду дорои захираҳои табиии дигаре мисли об ҳаст, бояд, ки ин ҳама захираҳои табиӣ дар як мавзӯи умумӣ ҳамчун комплекс баррасӣ карда шавад. Агар мо обро, ки захираи асосии табиии Тоҷикистон аст, ҳамчун мол дар бозори муштараки Осиёи Марказӣ эътироф накунем, пас аз ташкили ин гуна бозори муштарак Тоҷикистон бурд нахоҳад дошт, ҳатман бохте хоҳад дошт. Ҷониби Тоҷикистон дар ин конференсия сарфи назар аз намояндагони расмии кишвар ва ё коршиносони мустақил дар фикри ягона буданд, ки об дар Осиёи Марказӣ ҳамчун мол дар бозори муштарак бояд эътироф карда шавад ва аз баррасии мавзӯи комплексии захираҳои табиии минтақа берун бароварда нашавад.

**-Бисёр хуб аст, ки масъалаи ҳамчун мол дониста шудани об дар бозори эҳтимолии муштарак дар конференсияи Тошканд мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ин аллакай як қадам ба пеш аст. Ва аммо дар масъалаи мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароӣ нуқтаи назарҳо чӣ гуна буданд?**

-Дар мавзӯи мубориза алайҳи ифротигароии исломӣ бояд қайд кард, ки фикри ягона набуд ва баъзе

иштирокчиён, ба хусус аз Амрико ва Олмон, муқобили он баромаданд, ки ҳангоми мубориза алайҳи ифротгароии мазҳабӣ аз қолабҳои шахшуда фаровон истифода бурда мешавад. Яъне ҳар касе, ки бо ин ё он шиори исломӣ, ё бо як фикри исломӣ рӯи саҳна омад, ҳатман ба ӯ тамғаи экстремист, ифротӣ ё ҳатто террористро мечаспонанд, ки ин иштибоҳи бузург аст. Бояд байни терроризм, ифротгароӣ ва радикализм фарқ гузошт. Ман фикр мекунам, ки дар ин конференсия кӯшише ба харҷ дода шуд, то ин ки байни ин мафҳумҳо як фарқияте гузошта шавад. Вале то ба охир он мушаххас карда нашуд ва дар ҳар сурат ин қадами аввал буд ва ман фикр мекунам, ки ин ташаббус, ин гуна бархурд бояд инкишоф дода шавад, то ин ки мо мушаххас донем, ки дар Осиёи Марказӣ киро метавон ҳамчун радикал ном бурд, киро ҳамчун ифротӣ ва киро ҳамчун террорист. Ва нерӯҳои созандаи мазҳабӣ, ки мехоҳанд дар чорчӯбаи қонун ва дар чорчӯбаи фарҳанги ҷомеъа ба ҳадафҳои худ бирасанд, бояд ки на танҳо ба онҳо монеъа гузошта нашавад, балки ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи равандҳои сиёсӣ шинохта шуда ба онҳо дар асоси қонунҳои мавҷуда муносибат карда шавад.

**-Дар конференсияи Анқара чӣ гузашт?**

-Конференсияе, ки дар шаҳри Анқараи Туркия баргузор шуд ва банда дар он ҷо ҳам ҳамчун коршинос иштирок доштам, бештар атрофи Ҳизб-ут- таҳрир ва нуфузи он дар Осиёи Марказӣ доир гашт ва мутахассисон аз бисёр кишварҳои олам дар он иштирок доштанд ба хусус он кишварҳое, ки ин проблемаро доранд ё мехоҳанд дар ҳалли ин қазия кӯмак расонанд. Ва бояд гуфт, ки ин конференсия низ аз се қисм иборат буд. Рӯзи аввал ҷанбаҳои идеологии Ҳизб-ут- таҳрир баррасӣ шуд, яъне Ҳизб-ут- таҳрир ин чӣ нерӯе ҳаст? Чӣ мехоҳад? Ва ҳадафи ниҳоии он ҳамчун як ҳизби сиёсӣ чӣ ҳаст? Ва қисмати дуввум ин воқеияти рӯз, яъне ки дар ҳоли ҳозир дар кадом минтақаи ҷаҳон Ҳизб-ут- таҳрир дар чӣ вазъият қарор дорад ва бархурди мушаххаси ҳар як кишвар бо онҳо дар

алоҳидагӣ баррасӣ карда шуд. Дар ин мавзӯъ низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Барои мисол дар Олмон фаъолияти Ҳизб-ут- таҳрир агар расман манъ карда шуда бошад, дар Британиёи Кабир ин ҳизб расман фаъолият дорад ва хеле пурқувват ҳам ҳаст. Дар Осиёи Марказӣ бархурди ягона дар муносибат бо ин ҳизб вуҷуд надорад. Агар дар як қисмати кишварҳо хеле ҳам вокуниши шадид аз ҷониби мақомоти расмӣ ҳаст, дар Қирғизистон бошад нисбати ин масъала каме сабуктар назар мекунанд. Аз ҳамин хотир қисмати дуввуми конференсия ин мушаххас кардани мавқеи ҳар як кишвар нисбати Ҳизб-ут- таҳрир буд. Ва қисмати саввуми он бошад дар бораи роҳҳои пешгирӣ кардани нуфузи Ҳизб-ут- таҳрир ва имконияти бозгардонидани баъзе аз аъзоёни ҷадиди Ҳизб-ут- таҳрир ба ҳаёти оддӣ буд. Банда дар қисмати дуввум суханронӣ доштам, дар мавзӯи «Дар бораи воқеияти ин ҳизб дар Осиёи Марказӣ». Аз ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ намояндагони расмӣ дар сатҳи сафирҳо ширкат доштанд ва онҳо нуқтаи назари расмии кишварҳоро дар ин мавзӯъ иброз карданд. Банда ҳам кӯшиш кардам, ки як таҳлили холисона ва воқеъбинона атрофи Ҳизб-ут- таҳрир дар минтақа дошта бошам. Ва табиист, ки нуқтаи назари банда чандон фарқи зиёд аз нуқтаи назари мақомоти расмӣ надошт. Зеро мавқеи мо тақрибан муштарак аст.

**-Ба ҳар ҳол фарқияте доштагист?**

-Нуқтаи назари ман бо он фарқ мекунад, ки банда чандон ҷонибдори вокуниши характери репрессивидошта алайҳи Ҳизб-ут- таҳрир нестам. Банда ҷонибдори он ҳастам ва дар он конференсия ҳам нуқтаи назари худро ироа кардам, ки бо ин гурӯҳ дар чорчӯбаи қонун муносибат бояд кард ва агар рафтори онҳо мутобиқи қонун нест ва сазовори ҷазо ҳаст, табиист, ки бояд ҷазо дода шаванд. Вале касоне, ки тоза ба ин ҳизб ворид шуданд ва амали онҳо ҳанӯз барои ҷомеъа хатарнок нест ва имкони он ҳаст, ки бо роҳи фаҳмондадиҳӣ онҳоро аз ин роҳ боз гардонанд, бояд нисбати онҳо бархурди дигар

кард. Зеро хавфи он ҳаст, ки ҷавонони бетаҷриба вақте ки бо иттиҳоми аъзогии Ҳизб-ут- таҳрир вориди зиндон мегарданд, дар давоми чанд соле, ки онҳо дар онҷо боқӣ мемонанд бо ҳамин иттиҳом, ҳатман баъд аз баромадан онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи ҳамин гурӯҳ мешаванд. Хатари ин бештар аст аз оне, ки як ҷавони бетаҷриба тоза вориди ҳизб шудааст. Беҳтар аст, ки бо ӯ сӯҳбат дошта бошем ва шояд, ки бо ҳамин роҳ ӯро тавонем аз ин роҳ баргардонем. Нуқтаи назари аксари иштирокчиён бар он буд, ки бо нерӯҳои мазҳабии мӯътадил бояд ҳамкориро қавӣ кард. Ягона роҳи пурсамари пешгирии ифротгароии мазҳабӣ дар тамоми дунё, ба хусус  дар Осиёи Марказӣ, он ҳаст, ки бо нерӯҳои мазҳабии созанда, ки арзишҳои демократӣ ва умумибашариро эътироф карда истодаанд, бо онҳо бояд, ки ҳамкорӣ кард ва умуман касоне, ки мехоҳанд фаъолияти сиёсии мазҳабӣ дошта бошанд, бояд дар чорчӯбаи ҳамин гуна нерӯҳои созандаи мазҳабӣ фаъолият кунанд.

**-Дар омади гап мехоҳам аз шумо як савол кунам. Таи беш аз ду сол аст, ки эътилофи байналмилалӣ бо роҳбарии ИМА алайҳи терроризм дар тамоми ҷаҳон муборизаи беамон мебаранд. Вале ҳеҷ не ки хатари терроризм дар ҷаҳон коста шавад. Баръакс, мебинем, ки он ба минтақаҳои амнтаре густариш пайдо кардааст. Мисолаш таркишҳо дар пойтахти Испониё мебошад. Оё дар шумо оиди дурустии ин тарзу ин шеваи мубориза алайҳи терроризм шубҳа пайдо нашудааст?**

Ман қотеона бар он ақидаам, ки бо террористон сарфи назар аз он, ки намояндаи кадом миллат, дин ё гурӯҳи иҷтимоӣ ҳастанд, бояд муборизаи шадид бурд ва террорист бояд ҳис кунад, ки ҷазои худро ҳатман хоҳад гирифт. Ва дар ин масъала банда ҳеҷ гуна саҳлангорӣ ва қафонишиниро қабул надорам. Вале мо на танҳо бояд бо падидае мубориза барем, ки аллакай воқеият дорад. Яъне терроризм имрӯз натиҷаи сабабҳои пешина ҳаст. Мо бо натиҷа мубориза бурда истодаем. Мо дар баробари

мубориза бо терроризм бояд сабабҳои пайдоиши терроризмро аз байн бибарем. Мутаассифона, то ба ҳол кори зиёде дар ин самт сурат нагирифта истодааст, яъне бо аз байн бурдани сабабҳои пайдоиши терроризм ва ифротгарой дар ҷаҳон то ба ҳол касе ҷиддӣ машғул нест ва дар ин самт коре нашуда истодааст. Банда мушкилиро дар он мебинам, ки терроризм ин натиҷаи вазъияти ҷаҳонии 5-10 соли охир набуда, балки решаи чуқуртар дорад, ба хусус дар минтақаи мусалмоннишин. Вақте ки кишварҳои мусалмонӣ аз зери истисмори мустамликадорони ғарбӣ озод гаштанд, онҳо интизорӣ доштанд, ки баробари ба озодӣ ва истиқлолият расидан, воқеан ҳамон истиқлолият ва озодие, ки дар кишварҳои ғарбӣ ҳаст, ба кишварҳои онҳо ҳам ворид мешавад. Вале аз юғи кишварҳои ғарбӣ халос шуда, онҳо дар истисмори режимҳои худкомаи маҳаллӣ қарор гирифтанд. Ва дар давоми 40-50 соли охир, мардуми мусалмон дар кишварҳои шарқӣ аксаран ба хулоса омадааст, ки дигар бо роҳҳои демократӣ, бо истифода аз механизмҳои институтҳои демократӣ вазъиятро тағйир додан имкон надорад ва ягона роҳ он ҳам бошад истифода аз силоҳ, аз нерӯ ҳаст. Бале, ҳастанд касоне ва гурӯҳҳое, ки аз рӯзи аввал бо роҳи сулҳомез ба сари қудрат омадан ё таъсир расондан ба сиёсати кишвари худро рад мекарданд. Яъне ин гурӯҳҳо ҳамеша вуҷуд доштанд, вале аксар касоне, ки ба ин гурӯҳҳои террористӣ пайвастаанд, ё ҳаддиақал нисбати онҳо як симпатия изҳор мекунанд, онҳо касоне ҳастанд, ки аз демократия ва сиёсати раҳбарияти кишварҳои худ ноумед гаштаанд. Ва аз ҳамин хотир ҳар чи қадаре, ки кишварҳои ғарбӣ ҷонибдорӣ аз режимҳои худкомаи шарқӣ мекунанд, ҳамон қадар дар шахсияти мардуми оддии ин кишварҳо душмани худро ва ҳарифони худро зиёдтар мегардонанд. Роҳи ягона он аст, ки бояд Ғарб аз бозиҳои духура даст бикашад. Вақте ки дар Урупо ва дар Амрикои шимолӣ як фазои демократиро барои мардуми худ омода кардааст ва як гуна устувории

ҷомеъаро таъмин кардааст, бояд ҳамин гуна сиёсатро дар дигар нуқтаҳои ҷаҳон пайгирӣ кунанд. Ин тавр нашавад, ки мардуми Ғарб дар ҷомеъаҳои демократӣ ва озод зиндагӣ кунанд ва мардуми Шарқ танҳо дар тобеъияти режимҳои худкомаи ғайридемократӣ. Таассуфовараш он аст, ки ҳамин режимҳои худкома ва истисморгар ғолибан аз ҷониби доираҳои демократии Ғарб мавриди тайид қарор гирифтанд. Ин аст мушкили асосӣ. Агар мо ин масъаларо ҳал карда натавонем, фикр мекунам, ки мушкилоти пешгирӣ кардани терроризм ва экстремизм дар ояндаи наздик дар минтақаҳои мусалмоннишин масъалаи мубрам боқӣ хоҳад монд.

**-Ташаккур барои ин сӯҳбати пурмӯҳтаво.**

**Наҷот, 2004, 14 апрел.**

# РАШИД ҒАНӢ АБДУЛЛО:
# *«ОМИЛҲОИ САР ЗАДАНИ ҶАНГИ ДОХИЛӢ ВА САБАБҲОИ БА ҲАЛЛИ МУСОЛИМАТОМЕЗ РОЗӢ ШУДАНИ ҶОНИБҲОИ ДАРГИР ДАР ТОҶИКИСТОН»*

***Рашид Ғ. Абдулло яке аз маъруфтарин таҳлилгарони масоили сиёсӣ дар кишвар ба шумор меравад. Бахусус дар масоили ҷангу сулҳи Тоҷикистон таҳлилҳои ӯ дар сатҳи байналмилалӣ баҳои баланди муттахассисони ин соҳаро гирифтаанд. Яке аз сабабҳои асосии дар ин самт худро коршинос ва таҳлилгари варзида нишон доданаш дар он аст, ки аз рӯзи аввали муқовиматҳои низомӣ-сиёсии солҳои 1992-1997 ӯ вориди ин қазия будааст. Нуқтаи назари ӯ аз диди намояндагони ҷонибҳои даргузашта муттахосим ба куллӣ фарқ мекунад. Яке аз сабабҳои ин ҳол шояд дар он бошад, ки баъди хатми шӯъбаи забони арабии риштаи забонҳои шарқии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1971 ӯ тақрибан даҳ сол дар ҳайати мушовирони низомии Артиши Шӯравӣ ба сифати тарҷумон ифои хизмат карда, ҳамвора дар Институти шарқшиносии Академияи улуми Тоҷикистон, Институти шарқшиносии Академияи улуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Маскав ва Донишгоҳи Ҷорҷтауни воқеъ дар Вашингтон, пойтахти ИМА машғули пажӯҳиши равандҳои сиёсӣ дар Машриқзамин буд. Ҳангоми хидмат дар кишварҳои араб барояш лозим меомад низоъҳои дохилии онҳоро омӯзад ва роҷеъ ба онҳо ибрози ақида кунад. Ҳамин таҷриба ва дониши таи солҳои зиёд андӯхта мавқеи вижаи ӯро нисбат ба руйдодҳои Тоҷикистони навин, аз ҷумла, ҷанг ва сулҳи тоҷикон, муайян мекунад. Бо назардошти маҳз ҳамин нукта дар арафаи ҷашни рӯзи Ваҳдат бо ӯ дар робита бо ҷанг ва сулҳи тоҷикон мусоҳибае оростем, ки инак онро,***

***хонандаи гиромӣ, манзури шумо мегардонем.***

**-Мӯҳтарам Рашид Ғанӣ Абдулло, Шумо ба ҳайси коршиноси хеле ҳам варзидаи тоҷик, махсусан дар масоили ҷанг ва сулҳи он, оё гуфта метавонед, ки чӣ омилҳо сабаб гардиданд, ки ҷонибҳои даргирӣ тоҷик баъди панҷ соли ҷангҳои хунин билохира бо роҳи гуфтушунид қазияи худро ҳал кунанд?**

-Мебояд таъкид намуд, ки гуфтугӯ ва музокироти мушаххасу созгор, конструктивӣ танҳо ҳамон вақт бомуваффақият ва умуман имконпазир мегарданд, ки тарафҳои даргирро феълан хоҳиши ҷиддии дарёфти роҳи баромад аз низоъ пайдо гардад. Усулан, ин гуна хоҳиш ҳангоме пайдо мегардад, ки баъд аз талошҳои бебарори расидан ба ҳадафҳои хеш бо истифода аз ҳамаи воситаҳои ғайр, тарафҳои низоъро дигар илоҷе намемонад ба ҷуз ба роҳ мондани раванди гуфтушунид. Ва ё ҳангоме, ки шароит ва зуруфи дохиливу беруние (дар алоҳидагӣ ва ё якҷоягӣ), ки дар чаҳорчӯби онҳо низоъ сурат мегирад, ба тарзи ҷидди тағйир меёбанд. Масалан, ба тасарруфи толибон гузаштани шаҳри Кобул дар охирҳои моҳи сентябри соли 1996 ва дар андак вақт густариш ёфтани нуфузи эшон то ба марзҳои Эрону Иттиҳоди давлатҳои мустақил Русия ва Эронро, ки аз нуфузи зиёд ба тарафҳои низоъи тоҷикон бархурдор буданд, водор намуд, ки баҳри таъмини манфиатҳои амниятии худ талошҳои муштараки хешро барои мусбат анҷом ёфтани музокироти сулҳи тоҷикон дучанд намоянд.

**-Оё мо гуфта метавонем, ки баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ марҳилаи гуфтугӯ ба охир расид, ё ҳадиақал коҳиш ёфт ва марҳилаи татбиқи асноди сулҳ фаро расид?**

-На, маъмулан, бо ба имзо расидани Созишномаи сулҳ нақши гуфтугӯ дар ҳалли низоъ на танҳо коҳиш намеёбад, балки баръакс, ба маротиб меафзояд. Раванди татбиқи бандҳои созишномаи сулҳ ҳеҷ гоҳ ҳамвор ҷараён

намеёбад, балки, бараъкс, ҳамеша сар задани ихтилофоти зиёди хурду калонро боис мегардад. Тавре, ки аз таҷрибаи оламиён ва худи тоҷикон бармеояд, роҳи беҳтарини ҳалли ин ихтилофот ҳамоно вусъат ва тақвият додани раванди гуфтугӯ мебошад.

Аз ибтидо ин гуфтугӯ ду хусусияти назаррасро касб намуд. Яке ба тадриҷ ба доираи он кашида шудани бахшҳои нав ба нави ҷомеаи Тоҷикистон. Дигаре баробари аз марҳалаҳои мухталиф гузаштани низоъи тоҷикон тағйир ёфтани ҳадафу вазифаҳои гуфтугӯ.

**-Масалан ҳадафу вазифаҳо дар марҳилаҳои гуногун чӣ гуна буданд?**

-Аз шурӯъи низои тоҷикон то ба замони мо гуфтугӯи тарафҳои он вазифаҳои зеринро иҷро мекард:

Вазифаи дар марҳалаҳои ибтидои «фурӯ нишондани» низоъ ва гирифтани пеши роҳи инкишофи минбаъдаи он (1990-1992).

Вазифаи дарёфти ҳалли муносиб барои низоъ, расидан ба сулҳ (1993- 1997) ва таъмин намудани иҷрои ҳар чӣ пурратари Созишномаи сулҳ (1997-2000).

Вазифаи пойдор нигоҳ доштани сатҳи ба даст даровардаи мусолаҳа ва истиқрор ва гирифтани пеши роҳи ташаккули чунин як вазъияте, ки метавонад бурузи дубораи низоъи густурдаро боис гардад. (2000-то ба алҳол);

**-Чӣ тавре, ки аз ин таснифбандии Шумо мебинем, дар баъзе марҳалаҳо вазифаҳо пурра иҷро нашуданд. Оё ин дуруст аст?**

-Бале, гуфтугӯе, ки солҳои 1990-1992 ҷараён меёфт, вазифаи худро иҷро карда натавонист. Дар он солҳо бӯҳрони сиёсӣ дар кишвар ба тадриҷ шиддат ёфта, билохира бо набарди густурдаи шаҳрвандӣ анҷом ёфт. Яке аз сабабҳои асосии нокомии тарафҳо дар фурӯ нишондани низоъ дар он буд, ки гуфтугӯи ҷонибҳои мутанозеъ аслан ҳадафи ташхис ва рафъи сабабҳои бунёдӣ ва воқеъии бурузи мухолифат ва сипас даргирии

тоҷиконро надошт.

**-Ба фикри Шумо сабабҳои асосии сар задани низоъи байни тоҷиконро дар чӣ бояд донист?**

-Низоъи тоҷикон ҳамчун падидаи сиёсӣ, қабл аз ҳама, низоъи нухбаҳои (элитаҳои) сиёсии манотиқи мухталифи кишвар буд. Ба таъбири дақиқи муҳаққиқ Парвиз Муллоҷонов, моҳияти онро адами баробарӣ барои нухбаҳои сиёсии кишвар дар расидан ба имконоти сиёсӣ ва аз ин рӯ, ба имконот ва захираҳои моддӣ ва молияивии на чандон зиёди ҷумҳурӣ ташкил мекард.

То як вақти муайян чунин як ҳолати «адами баробарӣ», ки вижагии тамйизкунандаи онро ҳайманаи комили нухбаи сиёсии яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ дар сохторҳои сиёсӣ-идоравии кишвар ташкил мекард, аз ҷониби нухбаҳои сиёсии манотиқи дигари ҷумҳурӣ бидуни кадом як баҳсу шакку шубҳаи ҷиддӣ пазируфта мешуд. Сатҳи инкишофи худи ин минтақаҳо, пухтагиву худшиносӣ ва қобилияти идоракунии нухбаҳои сиёсие, ки аз манфиатҳои иқтисодиву сиёсии минтақаҳо дифоъ менамуданд, робитаҳои онҳо бо сохторҳои маркази сиёсӣ, идоравӣ ва иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳоло ба дараҷае нарасида буд, ки матраҳ сохтани масъалаи тағйир додани вазъи мавҷударо барои эшон имконпазир гардонад.

Вале бо мурури замон, ба вижа бо шурӯъ ва рушди раванди бозсозӣ, вазъи муносиб барои матраҳ намудани чунини масъала фароҳам гашт ва нухбаҳои сиёсие, ки аз мавқеъи феълии худ дар идораи ҷумҳурӣ норозӣ буданд, ҳамоно аз ин фурсат истифода бурданд. Чунин як тағйироти ҷиддӣ дар мавқеъгирии ин нухбаҳо бино ба таъсири омилҳои асосии зерин рух дод:

а) дигаргуниҳое, ки дар худи ҷумҳурӣ тӯли даҳсолаҳои ахир ба вуқӯъ пайвастанд - рушди иқтисодии собиқ минтақаҳои инкишофнаёфта ва биноан афзудани саҳми онҳо дар ташаккули буҷаи ҷумҳурӣ, афзудани теъдоди сокинони ин минтақаҳо дар асари сиёсати иқтисодӣ ва

иҷтимоие, ки давлати шӯравӣ пиёда мекард, ба тарзи назаррас боло рафтани нуфузи онҳо дар ҳамаи бахшҳои фарҳанг ва ташаккули муҳити ақоидӣ ва ғайраву ҳоказо;

б) тағйироти сиёсӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - заиф гаштани ҳокимияти марказӣ, боло рафтани нуфузи нерӯҳои зиддикоммунистӣ ва зиддишӯравие, ки дар тағйир додани сохти иҷтимоии кишвар манфиатдор буданду барои расидан ба ҳадафҳои худ сиёсати заиф гардондани нухбаҳои ҳокимро дар маркази кишвар ва ҳам дар ҷумҳуриҳои он, аз ҷумла, тавассути пайдо кардану тайид намудани нерӯҳое, ки метавонистанд дар ин амр муттафиқи эшон бошанд, пиёда мекарданд.

**-Оё дар чунин як ҳолати ҳассос масъалаи ба роҳ мондани гуфтугӯи байни қувваҳои гуногуни сиёсӣ матраҳ нашуда буд?**

-Дар ҳамин гуна ҳолат, ҳангоме ки вазъият дар ҷумҳурӣ рӯз то рӯз бӯҳронитар мегашт, масъалаи ба роҳ мондани гуфтугӯ байни нерӯҳои сиёсие, ки аслан баёнгари манофеъи нухбаҳои сиёсии манотиқи мухталифи кишвар будаанд, масъалаи мубрам ва доғи рӯз гашта буд. Исомиддин Салоҳиддинов, ки дар ибтидои солҳои 90 дар Душанбе роҳбарияти бахши шаҳрии Ҳизби коммунистро ба ӯҳда доштанд, боре дар ҳамон рӯзҳо дар сӯҳбат бо нависандаи ин сатрҳо фармуда буданд, ки дар он солҳо унсурҳои пешраву тозафикр ва миллатпарасти ҳизбу созмонҳои давр, ки ағлабан роҳбариро дар сатҳи миёнаву поёнӣ ба ӯҳда доштаанд, ба хотири гирифтани пеши роҳи густариши низоъ вориди гуфтугӯ бо ҳам шуда, дар масоили зиёд ба ҳамдигарфаҳмии комил расида буданд.

Мутаассифона, ибтикори ин унсурҳои миллатпараст дар ростои ба роҳ мондани гуфтугӯи (созгору конструктивӣ) аз ҷониби роҳбарияти кишвар ва ҳизбу созмонҳои сиёсии давр, ки гирифтори муборизаи шадиди сиёсӣ будаанд, пазируфта нашуд. Гурӯҳе аслан фикри ворид намудани дигаргуниҳоро қабул надоштанд ва тамоми талошҳои худро ба он равона мекарданд, ки вазъи

мавҷуда ҳамоно бетағйир монад. Ҳамзамон, тарафи муқобил бо истифода аз вазъи ташаккулёфта - заифёбӣ ва баъдтар фурӯ рехтани давлати шӯравӣ, тайиди нерӯҳои берунае, ки дар шикасти нухбаҳои сиёсии дар сари қудрат қарордошта манфиатдор буданд, ҳамаи ҳаракати худро ба он равона мекард, ки дар рӯёрӯии сиёсӣ дастболо гардад. Аз ин ҷост, гуфтугӯ барояш, амалан, ҳамагӣ як воситаи муносиби фишороварӣ ба рақиби худ буд, на бештар аз он.

Чунин як мавқеъгирии ба куллӣ фарқкунандаи тарафҳо ва адами рағбати воқеъӣ барои дарёфти роҳи баромадан аз ҳолати бӯҳронӣ ҳамаи талошҳои онҳоеро, ки феълан тавассути ба роҳ мондани гуфтугӯ шиддати низоъро паст кардани буданд, маҳкуми нокомӣ менамуд.

**-Гуфтугӯҳои ҷиддӣ ба мақсади ҳаллу фасли қазия дар чӣ гуна вазъияти дохилӣ ва берунӣ инконпазир гашт?**

-Гуфтугӯҳои бунёдӣ ба хотири пайдо намудани роҳҳои баромад аз бумбасти даргирии сиёсӣ-низомӣ ҳангоме имконпазир гашт, ки барояш шароити муносиби дохилӣ ва хориҷӣ фароҳам омад. Яъне дар ҳолати ҳамзамон ба ҳам омадани ду падидаи муҳим. Аз як тараф, ба ҷонибҳои қазия ба куллӣ возеҳ гаштани ҳақиқате, ки расидан ба ҳадафҳояшон бо истифода аз силоҳ имконнопазир аст, балки идомаи низоъи мусаллаҳ бақои худи давлати тоҷиконро зери хатар мегузошт, ки ҳеҷ якеи онҳо инро намехостанд. Ба он хотир, ки танҳо дар чаҳорчӯби ҳамин давлат онҳо метавонистанд орзуву ният ва ҳадафҳои худро комёб шаванд. Аз тарафи дигар, ба ҳам омадани манфиатҳои худи тоҷикон, ҳамсоягони онҳо дар минтақа ва ҷомеъаи байналмилалӣ, ба вижа Русия ва Эрон, ки нуфузи бештарро ба тарафҳои даргири тоҷик доштанд, ки ҳар кадоме ба таври худ аз идома ёфтани низоъи дохилӣ дар Тоҷикистон ба ташвиш омада буданд.

Ҳамчунин бояд боз як вижагии муҳимро таъкид намуд. Гуфтугӯи мусбии сиёсӣ вақте имконпазир гашт, ки сарварии тарафайни қазия ба дасти шахсоне расид, ки

феълан тавони ба роҳ мондани муқоламаи созгору конструктивро доштанд. Бино ба таъсири чанд омил. Нахуст, аснои сар задани бӯҳрони сиёсӣ ва сипас ба ҷанги шаҳрвандӣ таҳвил ёфтани он эшон дар сафи пеши сиёсатмадорони замона қарор надоштанду мардум онҳоро сабабгорони сар задани нооромиҳо ва даргириҳои мусаллаҳона намедонистанд. Пасон, ба хотири манофеъи миллӣ омода будан, ба гуфтугӯву гузашт ва расидан ба иттифоқи оро ҷавҳари мавқеъгирии сиёсии онҳоро ташкил мекард. Ниҳоят, бино ба таъсири омилҳои ёдваршуда дар байни сарварони ба тозагӣ ба қудрати расидаи тарафайн садди равонӣ вуҷуд надошт, ки ин ҳол пазируфтани орои якдигарро осонтар менамуд.

Баъд аз ба имзо расондани Созишномаи умумии сулҳ 27 июни соли 1997, ҷонибҳои қазия, усулан, барои дар амал татбиқ гаштани банду нуқоти он ҳавасманд буданд. Аз ин ҷост, ки ҷонибҳо талош доштанд, то ҷамеъи ихтилофотеро, ки аснои татбиқи Созишнома вобаста ба вижагиҳои дарккуниашон аз моҳият ва мӯҳтавои бандҳои ин санад сар мезаданд, тавассути гуфтугӯ ҳаллу фасл намоянд.

**-Гуфтугӯҳо дар кадом шакл сурат мегирифтанд? Мехостам дар ин робита андешаҳои худро мегуфтед?**

-Дар марҳалаи ҳал намудани низоъи байни тоҷикон раванди гуфтугӯи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун ҷараён меёфт, ки асоситарини онҳоро ба таври зайл мушаххас кардан мумкин аст:

**Комиссия созиши мақомоти давлатӣ ва Шӯрои сиёсии Оппозитсиюни Муттаҳидаи Бадахшон.** Тавре, ки муҳаққиқ Шодавлат Шонусайриев, ки аз ин сохтор ва фаъолияти он огоҳии хуб дорад, ёдовар мешавад, комиссияи мазкур моҳи феврали соли 1993 бо ибтикори тарафайн ба хотири ба роҳ мондани ҳамкории созанда баҳри дарёфти ҳалли муносиб аз қабили гирифтани пеши роҳи ба вартаи даргириҳои мусаллаҳона кашида шудани минтақа, ҳаллу фасл намудани мухолифатҳо ва

мушикилаҳои марбути зиндагонии ҳаррӯзаи мардуми минтақа ва ғайраву ҳоказо созмон дода шуда буд. Ин комиссия аз ҷониби мақомоти қонунгузории вилоят ба расмият даровarda шуд ва аз ин рӯ, фаъолияти он аз шаръияти комил бархӯрдор буд. Баъд аз муддате Комиссия, бинобар ба итмом расондани вазифаҳое, ки бар дӯшаш вогузошта шуда буданд ва пас аз омода намудани ҳисобот ба Шӯрои вилоятии намояндагони мардумӣ фаъолияти худро ба поён расонд ва бархе аз аъзои он аз ҷониби мухолифин ба сохторҳои расмии вилоят ворид шуданд. Аз ин баъд ҳамкории тарафайн дар чаҳорчӯби сохтороҳои расмии давлатӣ идома меёфт.

Гарчанде фаъолияти ин комиссия чандон тӯлонӣ набуд, худи шакли ин сохтор, мабдаъ ва усуле, ки раванди гуфтугӯи сиёсӣ дар чаҳорчӯби комиссия такя ба онҳо дошт, гунаи фаъолияти муштараки ҷонибҳо дар ростои ҳал намудани масоили мушаххас минбаъд, ба ин ё он андоза, дар сохтору фаъолияти Комиссия муштараки назорат бар риоя намудани иҷрои Созишномаи Теҳрон оид ба оташбас ва Комиссия оштии миллӣ такрор ёфт.

**Конфаронси Дартмунд.** Вохӯриҳои ғайрирасмии намояндагони тарафҳои қазия, ки моҳи марти соли 1993 дар чаҳорчӯби ин конфаронс шурӯъ ёфтанд, гуфтугӯи сиёсие буданд, ки дар ташаккули асосҳои ақоиди (консептуалӣ) ва заминаҳои равоншиносӣ барои шурӯъи раванди гуфтушунидҳои расмии тарафайни даргир саҳми ҷиддӣ гузоштанд. Бархе аз иштироккунадагони фаъоли ин вохӯриҳо минбаъд шомили ҳайатҳои расмии ҷонибҳои қазия дар музокироти сулҳи тоҷикон гаштанд. Боясти таъкид намуд, ки ин вохӯриҳо ҳамоно идома доранд ва дар рушду инкишофи гуфтугӯи васеъ дар ҷомеъа саҳми назаррас мегузоранд.

**Гуфтушинди расмии сулҳи тоҷикон зери сарпарастии СММ.** Раванди гуфтугӯи сиёсии тарафҳои даргир, ки дар чаҳорчӯби ин гуфтушунид аз моҳи апрели соли 1994 то моҳи июни соли 1997 ҷараён дошт, дастгоҳи асосии

расидан ба созишномаҳо оид ба умдатарин масоили сиёсӣ, низомӣ ва ҳуқуқӣ гашт. Худи раванди гуфтушунид ва рӯҳияи ҳамкориву ҳамдигарфаҳмии сиёсӣ ва фазои мусоиди равоншиносӣ, ки билохира дар муносибатҳои аъзои ҳайатҳои тарафайн зоҳир гашт, омилҳое буданд, ки барои ба тадриҷ ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ дар кишвар саҳми зиёд гузоштанд.

**Комиссия муштараки назорат бар риоя намудани Созишномаи Теҳрон оид ба оташбас.** Дар чаҳорчӯби фаъолияти ин комиссия - дастгоҳи расмии татбиқи нахустин созишномаи муҳиме, ки дар рафти гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон ба имзо расида буд, барои бори нахуст дар сатҳи ҷумҳурӣ фаъолияти муштараки намояндагони расмии тарафҳои даргир дар ҳаллу фасл намудани мухолифатҳое, ки дар татбиқи он сар мезаданд, ба роҳ монда шуда буд. Фаъолияти Комиссияи муштарак аслан раванди доимии гуфтугӯи сиёсӣ ва ҷустуҷӯи роҳи расидан ба қарорҳои муштараки гуногун буда, яке аз омилҳои муҳимтарине гашт барои тавсеъа додани раванди гуфтушунид ва ба он шомил намудани иштироккунадагони бевоситаи низоъ - намояндагони сохторҳои қудратӣ, фармондеҳони ҷузву томҳои низомии давлат ва фармондеҳони нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТ.

Комиссияи муштарак тирамоҳи соли 1994 таъсис ёфта, зери сарпарастии сиёсӣ ва дастгирии ҳаматарафаи СММ фаъолият дошт. Бо дар моҳи сентябри соли 1997 вориди Душанбе шудани роҳбарияти ИНОТ ва ба кор шурӯъ кардани Комиссияи оштии миллии, фаъолияти Комиссияи муштарак қатъ гашт. Бархе аз аъзои собиқи он ба ҳайати КОМ шомил гаштанд. Фаъолияти Комиссияи муштарак барои тарафайн гунаи амалии татбиқи созишномаҳои ба имзорасида гашта, ба онҳо андӯхтани таҷрибаву малакаҳои фаъолияти муштарак ва расиданро ба сатҳи қазоии боварӣ ба ҳамдигар имконпазир гардонд. Ҳамин таҷрибаву малака ва итминони ҳамдигарии тарафайн минбаъд заминаи хуби

амалие гашт барои фаъолияти пурбарори Комиссияи оштии миллӣ.

**Вохӯриҳои Э. Раҳмонов ва С. А. Нурӣ.** Аз нахустин дидор ва гуфтушуниди бевоситаи сарварони тарафҳои низоъи тоҷикон - раиси ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов ва сарвари ИНОТ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, моҳи маи соли 1995 дар Кобул, вохӯриҳову гуфтугӯи эшон муҳимтарин василаи пеш бурдани раванди сулҳ дар кишвар гашт. Маҳз тавассути ин вохӯриҳо раванди сулҳ - давра ба давра ҷараён ёфтани гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон, расидан ба имзои Созишномаи сулҳ ва татбиқи он, аз бумбастҳои зиёд бароварда мешуду барои рушду инкишофи минбаъда такони тоза мегирифт. Гуфтугӯи ду сарвар ба ҳамагон - аз дӯст то душман, ба таври гуворо нишон медод, ки раванди дарёфти сулҳ тавассути гуфтугӯи ҷиддии сиёсӣ на танҳо имконпазир аст, балки беҳтарин василаи расидан ба сулҳи комил мебошад. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки то ба ҳамин рӯз гуфтугӯи мустақим ва ғайримустақими ин ду шахсияти сиёсӣ яке аз омилҳои муҳимтарини ҳифз ва тақвияти минбаъдаи сулҳи точикон ва истиқрори сиёсӣ дар кишвар мебошад.

**Комиссияи оштии миллӣ (КОМ).** Ин комиссия ба сифати дастгоҳи асосии татбиқи Созишномаи умумии сулҳ таъсис ёфта буд. Ҳамаи фаъолияти он, ки моҳи сентябри соли 1997 шурӯъ ёфта бо мунҳал шудани Комиссия бо фармони Раиси Ҷумҳур 31 марти соли 2000 қатъ гашт, ҳамоно як раванди ҷустуҷӯ ва пайдо намудани роҳҳои беҳтарини татбиқи бандҳои Созишномаи умумии сулҳ буд, ки аслан тавассути гуфтугӯ сурат мегирифт. Ҳатто дар ҳолате, ки дар асари ихтилофи назар роҷеъ ба тавру тарзи амалӣ гардондани ин ё он муқаррароти Созишномаи сулҳ муносибатҳои тарафайн бӯҳронӣ мегаштанд, эшон тавассути гуфтугӯ, таҳвили баррасии масъалаҳои баҳснок ба зеркомиссияву гурӯҳҳои корӣ ва гурӯҳҳои созиш ҳалли қаноатбахши онҳоро пайдо мекарданд.

**Шӯрои ҷамъиятӣ дар назди Раиси ҷумҳури Тоҷикистон.** Ин ҷамъи тақрибан ҳамаи нерӯҳои мухталифе, ки дар Тоҷикистони имрӯза фаъолият доранд, моҳи марти соли 1996 таъсис ёфта то ба алҳол арзи вуҷуд дорад. Усулан, Шӯро билқувваи (потенциали) тавонои банноро, ки маҳз дараҷаи баланди намояндагӣ сарманшаи он мебошад, доро буд ва ҳаст. Вале, тавре ки ба назар мерасад, билқувваи тавоно ва баннои ин сохтор то ба алҳол пурра истифода бурда намешавад.

**-Сиёсати гуфтугӯ ба ҳаёти минбаъдаи кишвар чӣ таъсире гузошт?**

-Барои Тоҷикистони имрӯза дар чаҳорчӯби гуфтугӯи бисёрпаҳлӯ сурат гирифтани муносибатҳо байни намояндагони сиёсии бахшҳои мухталифи ҷомеъа, байни нерӯҳое, ки дар сари қудратанд ва нерӯҳое, ки худро мухолифини онҳо медонанд, падидае хос гаштааст. Дуруст аст, ки ин гуфтугӯ на ҳамеша ҳамвор ҷараён меёбад. Гузашта аз он, ҳар сари чанд вақт ин муносибатҳоро ишколоти гуногун тира месозанд. Вале он ҳам дуруст аст, ки тамоми кишвар имрӯз дар як ҳолати гуфтугӯи шомили умумимиллӣ қарор дорад ва ин ҳолатро, қабл аз ҳама, таҷрибаи сиёсӣ ва отифии насле боис гаштааст, ки чашидани заҳри ҷанги шаҳрвандӣ ва тамоми пасомадҳои манфии он, аз қабили ҷиддан халалдор гаштани эътибори қонун дар ҷомеъа, васеъ интишор ёфтани «фарҳанги Калашников» ва ғайраву ҳоказо насибаш гашт.

Ҳамакнун насли нави тоҷикистониён вориди майдон мегардад. Яқин аст, ки ин насл низ бо ихтилофот ва ҳатто низоъҳое, ки бар асари тазодҳои рушду инкишофи кишвар дар марҳалаи кунунӣ ва марҳалаҳои минбаъда сар мезананду манфиатҳои вижаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳоро, талошҳояшонро барои пайдо намудани мақом ва ҷойгоҳи баланд дар ҷомеъа, барои расидагӣ ба имконоти сиёсӣ-идоравӣ ва ҳама гуна имконоти дигар таъсиррасон мебошанд, рӯ ба рӯ мегардад. Масъала дар он аст, ки тоҷикистониёне, ки

имрӯз ба арсаи зиндагии мустақил қадам мегузорад, чӣ тавр, бо такя ба кадом мабдаъву усул мушкилотеро, ки рӯ ба рӯяшон мегарданд, ҳаллу фасл мекунанд ва оё таҷрибаи насли пешин метавониста бошад барояшон ибрате гардад?

**-Ва оё ба ин саволи худатон ҷавобе доред?**

Имрӯз вақти он аст, ки чунин саволҳо матраҳ гарданд, зеро ҳамагӣ баъд аз 5-10 сол маҳз насли нави тоҷикистониён дар ҷомеъа мавқеи асосиро соҳиб мегардад. Ва ҳеҷ кас итминон дода наметавонад, ки ин насл мушкилаҳои падидоргаштаро тавре ҳаллу фасл мекунад, ки дар натиҷа пеши роҳи ҷараёнгирии ғайри марғуби умур гирифта мешавад. Гузашта аз он, ба гумон аст, ки барои насли нав таҷрибаи сиёсӣ ва отифии пешомадагонашон, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузарондаанду аз ҳаракатҳои ноҷое, ки метавонанд вазъи кунунии сиёсиро халадор кунанд, худдорӣ менамоянд, аз аҳамият бархурдор бошад. Аз он хотир, ки таҷрибаи сиёсӣ ва отифии насли пешин моли насли нав намебошаду ҷанги шаҳравандии порина барояшон ҳамагӣ як таърих, балки таърихи бостонӣ мебошаду бас. Аз ин рӯ, тавaққӯъ кардан, ки таҷрибаи пешомадагон ҳатман насли навро аз амалкардхои дуруст андешанашудаи сиёсӣ нигоҳ дошта метавонад, чандон дурандешона намебошад.

Дурандешии воқеъӣ ва феълӣ дар он аст, ки раванди гуфтугӯи умумимиллие, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ дар ҷараён аст, инкишофи раванди ошкор кардану ба хотири саривақт пайдо намудани ҳалли муносиб баррасӣ намудани мушкилаҳо ва тазодҳое, ки метавонанд низоъҳоро ангезонанд, ҳамаҷониба тайид ёбанд. Тавре, ки аз таҷрибаи худи ҷумҳурӣ бармеояд, танҳо ҳамин гуна сиёсат барои гирифтани пеши роҳи таҳвил ёфтани ҳолатҳои низоъангез ба бархӯрдҳои шадиди сиёсӣ ва сипас ба даргирии сиёсӣ-низомӣ қодир аст.

**Ташаккур барои сӯҳбат.**

**Наҷот, 2004, 24 июн.**

# АФЗОИШИ ФОҲИШАГАРӢ ДАР БАЙНИ НОБОЛИҒОНУ НАВРАСОН

***Аз рӯи маълумотҳои расмӣ ҳамин шабу рӯз дар Амороти Муттаҳидаи Араб қариб 80-нафар ҷавондухтарон-шаҳрвандони Тоҷикистон бо танфурӯшӣ машғуланд, ки аз ҷумлаи онҳо 15-нафарашон зиндонӣ шудаанд. Мақомоти умури дохилаи шаҳри Душанбе соли гузашта амалиётеро таҳти унвони "Ахлоқ" гузаронид, ки дар натиҷаи он беш аз 500-нафар духтарони сабукпойро аз муассисаҳое чун бар, ресторан, дискоклуб, саунаҳо дар ҳолати амалҳои ғайриахлоқӣ дастгир ва ба милисахона овардаанд, ки дар байни онҳо 25-нафарашон ноболиғон буданд. Аз ҷумлаи 500-нафар 314-нафарашон барои муоина пеши табибон фиристода шуданд. Муоинаи пизишкон нишон дод, ки аз ин теъдод 89-нафарашон гирифтори бемориҳои венерикӣ буданд. Аз ҷумлаи ин 89-нафар 6-нафарашон духтарони ноболиғ буданд. Ин арқомро намояндагони мақомоти умури дохила дар мизи гирде, ки бо ибтикори Институти инъикоскунандаи масоили ҷангу сулҳи Бритониё (IWPR) баргузор гардид, ироа карданд. Нinfobaста ба саъйю кӯшиши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи фоҳишагарӣ дар ҷомеъа коҳиш наёфта истодааст. Дар ин робита хабарнигори "Наҷот" бо Воҳидхон Қосиддинов, муовини раиси ҲНИТ дар умури ҷавонон ва бонувон мусоҳибае орост.***

**-Мӯҳтарам, Воҳидхон Қосиддинов, Шумо ҳамчун муовини раиси ҲНИТ дар умури ҷавонон ва бонувон сабабҳои асосии афзоиш ёфтани фоҳишагарӣ дар байни наврасону ноболиғон дар марҳилаи кунунии кишварамонро дар чӣ мебинед?**

-Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон.

Сабабҳои асосии афзоиш ёфтани фоҳишагарӣ байни наврасону ноболиғон дар марҳилаи кунунии кишвар ин пеш аз ҳама паст будани дараҷаи зиндагии мардум, вазъи бади иқтисодиву иҷтимоии кишвар, коҳиш ёфтани самараи таълиму тарбия, паст рафтани ахлоқи ҷомеъа ва тарғиботи фаҳш тавассути оинаи нилгун, видеосалонҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо мебошад. Яке аз омилҳои дигари он асари ҷанги 5-солаи шаҳрвандӣ низ ба ҳисоб меравад.

Вале ба фикри банда асоситарин омили афзоиши фоҳишагарӣ дар кишвар ин дур мондани мардум аз таълимоти исломӣ мебошад. Кишварҳоеро мисол овардан мумкин аст, ки бо вуҷуди паст будани вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва солҳои дароз дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ қарор доштан ба хотири он, ки аз таълимоти исломӣ баҳра мебаранд, ин падидаи номатлуб афзоиш пайдо накардааст. Дар кишвари мо дар солҳои султаи Шӯравӣ ҳукуматдорони давр муборизаро алайҳи дини мубини ислом оғоз намуданд, уламоро аз байн бурданд, китобҳои таълимии нодирро сӯзонданд ва ҷомеаро ба бехудоӣ кашиданд. Имрӯз ҳам ҷомеаи мо аз он таълимот бархурдор аст. Ҳоло, ки ҳама озод гаштанд, ин падидаи зери пардагии давраи шӯравӣ ошкор шуд. Гарчанде дар он давра фоҳишагӣ падидаи номатлуб маҳсуб мешуду танфурӯшӣ аз ҷониби омма маҳкум мегардид, бо вуҷуди он ба таври махфӣ сурат мегирифт. Аз фурӯши духтарони наврасу ноболиғ ба мамолики хориҷ фоидаи калон ба даст овардани як гурӯҳ “тоҷирон” низ яке аз сабабҳои фоҳишагарӣ ба ҳисоб меравад. Албатта ин гурӯҳи “тоҷирон” аз ёрии бевоситаи баъзе аз кормандони давлатӣ бархӯрдоранд. Дигар авбошоне дар кишвар амал доранд, ки бо истифода аз духтарон ва занони фоҳиша бо тӯҳмати гуноҳи “дастбазӯрӣ” аз мардуми бегуноҳ пулҳои калон меситонанд. Ин роҳ ба як “бизнеси” сердаромад табдил ёфтааст. Ин “бизнеси” сердаромад хусусан аз тарафи баъзе кормандони органи корҳои дохила васеъ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, шабона дар

кӯчаҳои шаҳр гашту гузор кардан хеле хавфнок гаштааст. Ҳарлаҳза хатари гирифтор шудан ба дасисаи ин гурӯҳҳо ҷой дорад.

**-Идомаи чунин вазъият ва аҳвол барои миллат ва ҷомеъа чӣ гуна оқибатҳоро метавонад дар пай дошта бошад?**

-Вақтҳои охир ҷомеъа маводи мухаддирро мушкилоти рӯз эълон намуд. Муқобили он сару садоҳо баланд шуд, мубориза оғоз гардид ва натиҷа ҳам дода истодааст. Агар чанде кам аст. Вале мутаассифона дар бораи фоҳишагарӣ ҷомеа бепарвоӣ зоҳир менамояд. Мушкилоти фоҳишагарӣ аз маводи мухаддир даҳчанд зиёд аст. Агар нерӯҳои солими ҷомеъа барои бартараф намудани он саъй нанамоянд, оқибатҳои мудҳише барои ҷомеъа ба бор хоҳад овард. Аз маводи мухаддир шахсиятҳои ба он пойбанд аз байн мераванд. Аз фоҳишагарӣ бошад, ахлоқи ҷомеъа барбод хоҳад рафт. Пайомади аз ҳама бади он касалиҳои табобатнашавандае мебошад, ки метавонад шахсони бегуноҳро низ аз байн барад. Имрӯз дар давлатҳои тараққикардатарини ҷаҳон маблағҳои зиёдеро барои табобати касалии СПИД сарф менамоянд ва наметавонанд пеши роҳи онро гирад. Худ тассавур кунед, Тоҷикистон бо қашшоқии худ вақте шаҳрвандони зиёдаш мубталои он гарданд, чӣ паёмадҳои мудҳише миллатро интизор аст.

**-Дини мубини ислом ба ин амалҳои зишт, яъне фоҳишгарӣ ва сӯиистифодаи ҷинсӣ аз ноболиғон чӣ гуна баҳо медиҳад ва онҳоро аз ҷумлаи кадом гуноҳҳо медонад?**

-Дини мубини ислом шадидан бо амалҳои зишт, яъне фоҳишагарӣ мубориза мекунад ва иҷозат намедиҳад ҳеҷ зане ба ҳеҷ ваҷҳе ба худфурӯшӣ машғул бошад. Дар даврони ҷоҳилият баъзе афрод хизматгорҳои худро маҷбур месохтанд ба ҳар василае, ки бошад ҳар рӯз маблағи муайяне барои онон таҳия намоянд. Аксар авқот ин хизматгорҳо ночор мешуданд ба фаҳшо мутавассил шаванд, то битавонанд он маблағи заруриро ба моликини

худ пардохт намоянд. Ҳатто баъзе ашхос хизматгорҳои худро маҷбуран ба фаҳшо водор месохтанд, то сарвати зиёд аз ин тариқи номашрӯъ ба даст оваранд. Вақте ислом омад ҳайсияти марду зани мусалмонро боло бурд ва онҳоро аз ин нанги башарият раҳоӣ бахшид ва ин оят нозил шуд: "Канизҳои худатонро ба хотири манофеи беарзиши дунёӣ ба фаҳшо маҷбур накунед дар ҳоле, ки онҳо мехоҳанд покдоман бошанд" (сураи Нур, ояти 33). Аз ибни Аббос ривоят шуда, ки Абдуллоҳ ибни Убай, сардори мунофиқин назди Паёмбар (С) омад ва хизматгоре ба номи Маъоза, ки аз зеботарин занони араб буд, ба ҳамроҳ дошт. Гуфт: Эй Расули Худо, ин канизакро ба ятимҳои фалонӣ бахшидаам, чаро ба ӯ намегӯед ба фаҳшо иқдом намояд то аз пуле, ки аз ин тариқ ба даст меояд, ин ятимҳо баҳраманд шаванд? Паёмбар (С) фармуд: "Хайр набояд ин корро бикунад". Бо ин наҳйи қотеъ Паёмбар (С) ин шуғли нопокро муаррифӣ намуд ва ин шуғл ба ҳар ният ва баҳонае, ки бошад ислом шадидан бо он мубориза мекунад. Ин узртарошӣ, ки зарурат ва ниёзи иқтисодӣ онро иҷоб менамояд ва ё даромади он ба масрафи бечорагон мерасад, аз назари ислом мардуд аст, то ҷомеа пок бимонад ва аз шарри ин амали касиф ва хатарнок маҳфуз бошад. Дар ҳоле, ки тамоми адёни осмонӣ иттифоқи назар доранд, ки зино ҳаром аст ва бояд бо он мубориза шавад, ҷои тааҷҷуб нест, ки ислом чун охирин адёни осмонӣ шадидан бо он хусумат варзад ва бо тавони бештаре ба мубориза алайҳи ин фасод бипардозад то ҷомеъаро аз омехтагии насаб ва ҷиноят бар насли башар ва нобуд сохтани муҳити хонавода маҳфуз бидорад. Ва аз гусастани равобити олияи инсонӣ ва саркашии ҳавои нафсонӣ ва шаҳвати ҳайвонӣ ва маҳви фазоили ахлоқӣ ва паҳн кардани амрози зараровар ҷилавгирӣ кунад. Худованди бузург чӣ саҳеҳ мефармояд: "Ба зино наздик нашавед (ва корҳоеро, ки мӯҷиби водор намудани инсон ба зино мешавад, анҷом надиҳед) ба ростӣ зино гуноҳи бузург ва роҳи бад ва инҳирофист"

(сураи Исроъ, ояти 32). Ҳамчуноне, ки медонем, Ислом ҳарчизеро, ки ҳаром менамояд, тамоми роҳҳоеро, ки ба он мунтаҳӣ мешавад, масдуд мекунад ва тамоми васоил ва муқаддимотеро, ки ба таҳаққуқи он кӯмак менамояд, ҳаром месозад. Бинобар он ҳар амреро, ки боиси таҳрики ин ғариза ва боз шудани роҳи фитна бар марду зану шавҳар ва инсонро бар зино ташвиқ ва ба он наздик намояд, ҳаром кардааст ва ба манзури ҷилавгирӣ аз фитна ва фасод бо онҳо мухолифат мекунад.

**-Аз нуқтаи назари Шумо оё мавҷуданд роҳҳои ҳалли ин мушкилот? Чӣ гуна корҳоро бояд анҷом диҳем, ки ин гуна аъмоли бад дар ҷомеа ҳадди ақал дар марҳилаи кунунӣ коҳиш ёбад?**

-Бале, роҳҳои ҳалли ин мушкилот вуҷуд доранд. Бо истифода аз онҳо метавон ин амали бадро коҳиш дод, агарчанде решакан кардани он мушкил аст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот рӯй овардан ба Ислом аст. Танҳо таълимотҳои поки дини мубини Ислом метавонад пеши роҳи ин падидаи номатлубро бигирад. Ҷорӣ намудани таълимотҳои динӣ дар макотиб ва беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, бо истифода аз уламои динӣ дар васоити ахбори омма, радиову телевизион ташкил намудани мақолаву сӯҳбатҳо, ташкили семинару конфронсҳои илмӣ, гирифтани пеши роҳи филмҳои фаҳш тавассути телевизион ва видеосалонҳо, кам кардани шумораи дискоклубҳо, бару тарабхонаҳои шабона ва ҷорӣ намудани назорати қатъӣ аз болои онҳо роҳҳои коҳиш додани фоҳишгарӣ дар ҷомеъа мебошанд.

**-Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар мубориза алайҳи ин падидаи номатлуби ҷомеъаи имрӯза чӣ гуна саҳм гирифтанист? Оё дар барномаи фаъолияти ҳизб чорабиниҳое дар ин самт андешида шудаанд?**

-Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мубориза алайҳи ҳамагуна корҳои зиштро вазифаи ҷонии худ медонад. На танҳо дар назди ҷомеъа, балки дар пешгоҳи Худованд низ ҳар як фарди мусалмон масъул аст кӯшиш

ба харҷ диҳад, то монеъи корҳои фаҳш бошад. Боздоштан аз корҳои бад яке аз фарзҳои Илоҳӣ ба шумор меравад ва ҳар як мусалмон вазифадор аст онро ба ҷо орад. Дар барномаҳои фаъолияти ҳизб гузаронидани семинару конфронсҳои илмӣ оиди ин масъала дар назар гирифта шудааст. Ба хусус хоҳарон ва ҷавонон дар ин кор масъулияти бештаре доранд. Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷомеъа аз ҷониби мубаллиғон ба роҳ монда хоҳад шуд.

**-Пӯшида нест, ки дар кишвари мо пайравони динҳои дигар ва мубаллиғони онҳо хеле зиёданд. Онҳо кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳанд, ки аз ҳисоби ноболиғону наврасони мусалмон сафи худро афзоиш диҳанд. Ҳатто барои онҳо маҳфилу мактабҳое низ таъсис медиҳанд. Дар чунин шароите, ки дасти ҳукумат на ба ҳама корҳо мерасад, оё мумкин нест, ки шӯъбаи ҷавонон ва ё шӯъбаи бонувони ҲНИТ дар ин кор даст ба амалҳои конкретӣ бизананд. Фарз кардем, маҳфилҳое таъсис бидиҳанд ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ дар таълиму тарбияи ахлоқии ноболиғон ва наврасон саҳм бигиранд?**

-Воқеъан, имрӯз дар кишвари мо пайравони дигар адён хеле зиёд шудаанд. Онҳо, ки аз тарафи ташкилотҳои ниҳоят пурқуввати давлатҳои хориҷа маблағгузорӣ мешаванд ва дастгирӣ меёбанд, аз вазъияти ниҳоят вазнини иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон истифода бурда, дар ҳама ҷо ташвиқу тарғиби дини худ менамоянд. Мутаассифона, ба онҳо кормандони мақомҳои гуногуни давлатӣ агар кӯмак накунанд ҳам, ҳаддиақал ҳеҷ як монеае дар роҳи онҳо эҷод наменамоянд. Бо кӯшишу ёриҳои гуногун онҳо ҳатто дар макотибу боғчаҳои бачагон таблиғот мебаранд, гарчанде ин ғайриқонунӣ бошад. Масъулини соҳа аз он чашм мепӯшанд. Беҳтарин ҷойҳои дамгирии Тоҷикистонро намояндагони дигар адён соҳибӣ мекунанд ва кӯдакону ҷавононро бо баҳонаи истироҳат омӯзиш медиҳанд. Магар аз ин ҳукуматдорон бехабаранд? Вале барои таблиғоти исломӣ дар ҳама ҷо

дарҳо бастаанд. Ва намояндагони дини мубини Ислом вақте мехоҳанд дар ягон ҷойҳои ҷамъиятӣ аз Ислом ҳарф бизананд, ба ҳар баҳона онҳо гирифтори шиканҷа аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳуқуқ қарор мегиранд. Барои намояндагони дигар адён ташкили маҳфилҳо ва кушодани макотиб хеле осон аст. Бо як мактуб онҳо корро ҳал менамоянд. Аммо барои пайравони Ислом он мушкилоти зиёде дорад. Мақомоти давлатӣ бояд сари ин масъала андеша намоянд. ҲНИТ ҳамеша тайёр аст дар ин масъала бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ намояд. Шӯъбаи фарҳанг, ҷавонон ва бонувони мо омода ҳастанд, ки дар ҷойҳои лозимӣ ҳаргуна чорабиниҳо ташкил намоянд ва барои тарбияи ахлоқии наврасон ва ҷавонон саҳми худро гузоранд. Ободии ҷомеа шиори мост, бе ахлоқи хуб ва писандида ҷомеа обод намешавад.

**Наҷот, 2004,19 феврал.**

# АЗ ПАНҶШЕР ТО ПАРИЖ

***Ҳангоми сафари навбатиаш ба Афғонистон рӯзноманигори мустақил Султони Ҳамад бо бародари калонии фармондеҳи машҳур, шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд Яҳё Масъуд мусоҳибае орост, ки он асосан ба паҳлӯҳои дар матбуоти мо камтар инъикосёфтаи зиндагиномаи ин абармарди таърих бахшида шудааст.***

**Имрӯз баъди марги Аҳмадшоҳи Масъуд дар бораи ӯ дар тамоми дунё боз бештар менависанду бисёртар ҳарф мегӯянд. Дар ҳамаи ин навиштаҳо ва гуфтаҳо, мутаассифона як камбудӣ мавҷуд аст. Ин пеш аз ҳама ихтилоф дар соли таваллуди ӯ мебошад. Баъзеҳо онро 1953 мелодӣ менависанду, бархе 1954, иддаъе ҳатто санаҳои баъдтарро пеш меоранд. Дар баробари ин касе санаи дақиқи таваллуди Масъуди шаҳидро, яъне рӯзу моҳи мавлудашро нагуфтааст ё худ нанавиштааст. Аз Шумо, ки бародари аз ӯ бузургтар ҳастед, нахуст хоҳиш мекунам сари ин масъала рушанӣ андозед.**

Ду сол ман аз ӯ бузургтар ҳастам ва тақрибан тамоми даврони кӯдакиаш, тамоми даврони мактабхонияш, тамоми даврони таҳсилоташ дар Кобул ба ёди ман ҳаст. Мутаассифона, рӯз ва моҳи таваллуди бародарамро падарамон ёддошт накарда. Вале соли дақиқи таваллудаш ҳамин аст, ки имсол, яъне соли 1381 ҳиҷрии шамсӣ баробар бо 2002 мелодӣ 50 сола мебошад. Ман аз ӯ 2 сол бузургтар ҳастам ва имсол 52 сола ҳастам. Аммо мутаассифона, рӯз ва моҳаш навишта нашудааст. Дар ин бора чизе гуфта наметавонам.

**Лутф мекардед, Шумо аз овони кӯдакӣ ва ҷавониаш лаҳзаҳоеро бар ёд меовардед?**

Ман ва Омир соҳиби шаҳид на танҳо бародар будем,

балки ҳамсинф низ будем. Ба ин маъно, ки падари мо മану ӯро дар як рӯз, дар як сол ба мактаб шомил сохта буд. Аввалин боре, ки мо ба мактаб дохил шудем, мактаби Бозораки Панҷшер буд. Ӯ тақрибан чор сол умр дошт. Ӯ аз синни бисёр хурд ба мактаб шомил шуд. Ӯ аслан намефаҳмид, ки мактаб чӣ ҳаст. Ба ёд дорам рӯзеро, ки аввалин бор имтиҳон шуд. Порчаи имтиҳона, ки муаллим тавзеҳ мекард, дар пеши шогирдон гирифт қатъ кард ва андохташ дар як ҷӯй. Муаллим садо кард, ки «Ай, чӣ мекунӣ ту?». Баъдан муаллим таъкид кард, ки ин порчаи имтиҳон аст, ту бояд номата бинависӣ ва саволҳоро бояд ҳал кунӣ. Ба андозае синнаш хурд буд, ки намедонист, ки имтиҳон чӣ ҳаст. Ин лаҳза ҳеҷ вақт аз ёдам фаромӯш намешавад.

Мо дар Панҷшер фақат 8 - моҳ будем, дар мактаби Бозорак. Баъд аз он омадем ба Кобул. Ду – се моҳ дар Кобул мо синфи ду хондем. Баъди се моҳ падари ман табдил шуд ба Ҳирот ба ҳайси қумандони жандарми Ҳирот. Он ҷо рафтем синфи ду, синфи се ва синфи чора дар Ҳирот хондем. Охирои синфи чор буд, ки баъд дубора падари мо табдил шуд ба Кобул ба ҳайси раиси Маҳкамоти вазорати дохила. Вақте мо ба Кобул омадем, шомили литсейи «Истиқлол» шудем. «Истиқлол» як литсейест, ки дар он ҷо фаронсавиҳо дарс медоданд ва аз авохири синфи чор ба баъд то ба хатми синфи дувоздаҳум Омир соҳиби шаҳид дар литсейи «Истиқлол» буд. Вале ман аз синфи 10 – ум литсейи «Истиқлол» - ро тарк гуфтам ва рафтам ба «Ҳабибия». Баъди хатми давраи литсей Омир соҳиб ба Пуҳантун имтиҳон дод ва шомили факултаи политехник шуд. То ба синфи аввали политехник ҳам бо мо зиёд маълум намешуд, ки ҷаноби Омир соҳиби шаҳид дар фанҳои физик ва кимиё истеъдоди бисёр зиёди фавқулодда дорад. Дар ин ҷо алоқамандии бисёр зиёд ба илмҳои дақиқ дошт ва мегуфт, ки ман мехоҳам инжинери сохтмон шавам. Ба ҳамин хотир буд, ки синфи аввали политехникиро бо баҳои аъло

хатм кард. Вале рӯзе омад ба назди падар ва гуфт, ки ман аз ин факулта шикоят дорам. Падарам гуфт, ки ту чӣ шикоят дорӣ? Гуфт: «Ин ҷо дарс нест. Аслан он фанҳоеро, ки дар политехник дарс мехонанд, устодҳо аз 10 – 15 фисад зиёдтар дарс намедиҳанд. Мехоҳам ҷои дигар дарс бихонам». Бархилофи дигар шогирдон, ки шикоят мекарданд, ки дарс зиёд аст, Омир соҳиб шикоят мекард, ки дарс кам аст. Хуб, падарам гуфт, ки ман чӣ кор бояд кунам? Мо дар фикри он шудем, ки барои таҳсилоти олӣ Омир соҳиба равон кунем ба Ҳиндустон. Ин тасмими падарам буд. Аммо мутаассифона, ин амалӣ нашуд, ба хотири он ки Омир соҳиб алоқамандӣ ба масоили сиёсӣ пайдо кард. Алоқамандии ҷаноби Омир соҳиб ба масоили сиёсӣ ягона ангезааш ҳамин буд, ки коммунистҳо дар дохили Афғонистон фаъолият доштанд, ба хусус аҳзоби «Халқ» ва «Парчам». Фаъолиятҳои бисёр зиёд доштанд. Бо вуҷуди он, ки Омир соҳиб сирфатан ва зотан одами бисёр боахлоқ буд, дин, фарҳанг ва таърихи Афғонистонро бисёр зиёд дӯст дошт, натавонист, ки бо коммунистҳо созиш кунад. Ҳамин чизҳо боис шуд, ки оҳиста – оҳиста ба масоили сиёсӣ алоқа бигирад ва ман мутаваҷҷеҳ шудам, ки аз сиёсат сӯҳбат мекард. Боре ба ӯ гуфтам, ки «имрӯз бархилофи одат аз сиёсат сӯҳбат мекунед?». Гуфт: «Афғонистон ба хатари ҷиддии коммунистон ва шӯравиҳо мувоҷеҳ шуд». Ин ягона ангезае буд, ки Омир соҳиб алоқамандӣ ба сиёсат пайдо кард ва шомили Созмони Ҷавонони Мусалмон шуд.

**Ин кадом солҳо буд?**

Ин соли 1353 (1974) буд. Замони Довудхон буд. Довудхон соли 1352 кудато кард бар алайҳи Зоҳиршо. Дӯсти бисёр зиёд наздике, ки бештар Омир соҳиба ташвиқ мекард ба масоили сиёсӣ инженер Ҳабиб-ур - Раҳмон буд. Як синф болотар аз Омир соҳиб буд. Хеле як шахси зиёд фаъол буд ва дар фаъолиятҳои сиёсии дохили Паҳантун ӯ ба ҳайси раиси Иттиҳодияи муҳассилин интихоб шуда буд. Дар ҳамин солҳо фаъолиятҳои сиёсии Омир соҳиб

бештар шуду коммунистон мутаваҷҷеҳ шуданд, ки «Созмони Ҷавонони Мусалмон» бар алайҳи онҳо дар Афғонистон фаъолият мекунанд ва шурӯъ карданд ба гиругирифти онҳо. Як теъдоди зиёдашон фирор карданд ба Покистон, теъдоде ҳам кушта шудаанд. Ва Омир соҳиб худ фирор кард рафт ба Панҷшер. Ба Панҷшер рафт ва муддати 8 – моҳ дар Панҷшер монд. Баъд аз 8 – моҳ дар Панҷшер ҳам тавассути пулиси Довуд таъқиб мешуд. Баъдан аз Панҷшер омад ба Кобул ва хеле хуфия аз Кобул фирор кард рафт ба Покистон. Дар он ҷо бо дигар аъзои «Созмони Ҷавонони Мусалмон» як шуд. Мавзӯеро, ки ман мехостам ба шумо бигӯям, даврони кӯдакӣ ва даврони мактабиаш буд. Дар даврони мактаб то синфҳои 9 – 10 истеъдодаш бештар маълум намешуд. Чун зиёдтар алоқаманд бар варзиш буд. Вале баъди синфи 10 ва 11 – ум таваҷҷӯҳи зиёд ба дарсҳои худ пайдо кард. Дар синфи аввалини факултаи политехник ба ҳайси шогирди аввал комёб шуд.

Чизи бисёр муҳимеро барои шумо бигӯям, ки шогирдоне дар риштаи риёзӣ, кимиё ва физик дошт. Ва ин шогирдони худро дар хона, дар манзили шахсии падарам тадрис мекард. Баъди он, ки шогирдони ӯ бештар шуданд, маҷбур шуд хонаеро кироя бигирад, то шогирдонро дар он ҷо дарс бидиҳад. Ва як курсе дар он ҷо боз кард, бо номи курси зимистонии Парвонмина. Ин дар соли 1352 (1973) буд. Курси зимистонии Парвонмина дар кортаи Маннон буд, ки дар ҳудуди ду – се сад нафар шогирд дошт. Аксаран аз пулитехник аз риштаи инженерӣ, аз синфи 11 – ум ва синфи 12 – ум низ буданд.

**Падаратон ба фаъолиятҳои сиёсии Омир соҳиби шаҳид чӣ гуна муносибат доштанд?**

Дар ин қисмат хизмати шумо бояд бигӯям, ки падари мо як соҳибмансаби аскарӣ буд ва вазъи сиёсии Афғонистонро хеле хуб мефаҳмид. Ин як. Дуввум, шахси бонуфуз буд дар Панҷшер, ҳама ӯро мешинохтанд. Худи падари ман ҳам дар фаъолиятҳои сиёсӣ каму беш алоқа

мегирифт. Масалан, як бор мехост, ки аз тарафи Панҷшер намояндаи Шӯрои Миллии Афғонистон бошад. Ва як бори дигар ҳам тасмим гирифт, ки ба ҳайси сенатор аз вилояти Парвон худро номзад бикунад. Биноан манзили мо ҷои рафту омади зиёд аз сиёсатмадорҳо буд. Ва худи падари ман ҳам алоқамандӣ ба сиёсат дошт. Дар он замон на танҳо Омир соҳиб, балки падари ман ҳам зидди коммунистон буд. Ӯ ҳам хатароти коммунизм ва шӯравиҳоро дарк мекард. Ба ин хотир монеъи фаъолиятҳои сиёсии бародари ман намешуд.

**Шумо ин ҷо таъкид кардед, ки дар бораи овони кӯдакӣ ва ҷавонияш маълумотҳоро бештар ироа карда метавонед. Вале ҳоло як савол матраҳ шуд, ки фикр мекунам, Шумо ба он низ эҳтимолан ҷавоб доред. Савол ин аст. Дар бисёр китобҳо муаллифонашон менависанд, ки гӯё Омир соҳиб аз Покистон ба Фаластин рафтаву дар ҷиҳоди он ҷо ширкат варзидааст ва дар бархе аз кишварҳои дигари араб низ будааст? Оё ин ҳақиқат дорад?**

Ин мутлақ дурӯғ аст. Мутлақан ҳақиқат надорад, ин гуфтаҳо. То ҷое, ки ман маълумот дорам Омир соҳиб ҳатто аз Пешовар то Исломобод ва Равалпиндӣ ҳам нарафтааст. Дар Пешовар ҳам, ки буд, аксар вақтҳо меомад ба Кунар, дохили Афғонистон. Он ҷо як теъдодро машқ медод. Дар он ҷо оҳиста – оҳиста фаъолиятҳои худро бар зидди режими Довуд шурӯъ кард. Ин ки ба Арабистон рафтаву Кровосӣ рафта, мутлақ дурӯғ аст. Ҳақиқат надорад ин чиз.

**Мехостам дар бораи чӣ гуна сурат гирифтани издивоҷи Омир соҳиби шаҳид ҳарф мезадед?**

Ман хабар доштам, ки Омир соҳиб мехоҳад издивоҷ кунад. Аммо ин ки бо кӣ, ҳеҷ намедонистам. Ман рӯзе мехостам аз Пешовар биравам Чатрол. Яке аз наздикони мо, ки исмаш Муҳаммад Ҳотам аст, ҳамроҳ дар мутари мо равон будем ба Чатрол. Бо ин мақсад, ки ман биравам ба дохили Афғонистон. Ҳотам барои ман гуфт, ки мавзӯест, ки ту хабар надорӣ. Гуфтам: «Чӣ мавзӯест?». Гуфт: «Омир

соҳиб издивоҷ карда». Вақте ман ин масъаларо шунида будам, ки ҳашт моҳ аз издивоҷи ӯ гузашта буд.

**Ин дар даврони ҷиҳод буд?**

Бале, даврони ҷиҳод буд. Вақте дохили Афғонистон рафтам, ба ёдам меояд, дар минтақаи Пиюд буд ва Пиюд марбут ба вилояти Тахор аст. Як дараи бисёр тангест. Дар он ҷо фомили Омир соҳиб ва фомили хусури Омир соҳиб зиндагӣ мекард. Бо аввалин бархӯрд ва саломалейк, ки кардем, ман гуфтам: «Табрик бошад, вале моро хабар накардед?». Баъдан нишастему чой нӯшидем. Ӯ гуфт, ки «бале, мо шуморо хабар накардем. Мефаҳмед, ки вазъият бисёр ҳассос аст». Аслан Омир соҳиб бо касе издивоҷ кард, ки духтари як марди оддӣ буд, бо номи Тоҷиддин, ки ҳамеша бо Омир соҳиб буд. Ба ман гуфт, ки «хеле фомилҳо духтарони худро барои ман пешниҳод карданд, вале ман ҳамин одамро дӯст дорам. Ҳамин одам ҳамеша бо мо буд. Як муҷоҳид, як одами мубориз ҳастам, дар кӯҳу дашту дараҳо ман сафар мекунам. Фомилеро мехоҳам интихоб кунам, ки бо ман битавонад зиндагӣ кунад. Бо шароити ман зиндагӣ карда битавонад». Ин ҷавобҳои Омир соҳиб буд. Вале ба ҳар ҳол ман тӯҳфаҳоеро, ки бо худ доштам барояшон тақсим кардам.

**Охирин мулоқоти Шумо пеш аз ба шаҳодат расидани Омир соҳиб кай сурат гирифт? Он мулоқотро Шумо дар ёд доред?**

Тақрибан соли 2001 буд. Ман охирин боре, ки аз Поланд (Польша) омадам барои диданашон, дар Тахор буд. Дар мантақаи Дарқад ишонро дидам. Ва тақрибан як моҳ бо ӯ будам. Ман ба хотири ду чиз омада будам. Аввал ба хотири диданашон ва дуюм ба хотири ин омада будам барояшон бигӯям, ки изофа аз 70 фисад мардуми афғони мо, дар Урупо ва Амрико зиндагӣ мекунанд ва хушбинии бисёр зиёде ба Омир соҳиб доранд. Ҳоҳиши ман аз ӯ ин буд, ки як бор сафар бикунанд ба беруни Афғонистон. Омир соҳиб билохира ба дархости ман ҷавоби мусбат доданд. Ман бисёр хурсанд шудам. Шаби бисёр

фаромӯшношуданиро бо онҳо гузарондем. Баъд аз Даркат Омир соҳиб як каме таклифи камар (миёндард) пайдо кард. Омаданд ба Тоҷикистон. Баъди чанд рӯз ман ҳам ба Тоҷикистон омадам. Дар Тоҷикистон як шаб бо ҳам як ҷо шудем. Шаби бисёр хотирмон буд. Тақрибан то соатҳои як – якуними шаб бо ҳам сӯҳбат кардем. Аз ҳар тараф. Фаромӯшам намешавад, ки Омир соҳиб аз шеъру мусиқӣ бисёр сӯҳбат мекарданд. Шеърро бисёр зиёд дӯст медоштанд. Ба мусиқӣ ҳам алоқае дошт. Хусусан ба хондани устод Сароҳанг ва ашъори Ҳофиз, ашъори Мавлавиро хеле хуш дошт. Тақрибан тамоми ҷараёни сӯҳбати мо рӯи ҳамин мавзӯъҳо буд. Баъди соати якуними шаб ман аз эшон худоҳофизӣ гирифтам. Гуфтам, ки пас дубора биравам Поланд. Чун ман ба ҳайси секретари аввал дар сафорати Афғонистон дар Пуланд вазифа доштам. Вақте, ки ман ба Поланд расидам, хабар шудам, ки Омир соҳиб тасмим гирифта, ки биёяд ба Фаронса. Қабл аз ин ки эшон биёяд ба Фаронса, ман рафтам ба Порис. Омир соҳибро дидам ва ин охирин дидори мо буд. Муддате, ки дар Порис буданд, ҳамроҳашон будам.

**Ин моҳи апрели соли 2001 буд?**

Бале. Баъди ҳамин сафарашон Омир соҳиб омад дубора ба Тоҷикистон. Чун ман вазифаи худро тарк карда будам дар Поланд, рафтам ба Свис (Швейсария) ба назди хонаводаам. Аз Свис барош занг задум ва гуфтум, ки мо вазифаро дар Варшав тарк гуфтем. Агар Шумо кадом ҷои дигаре барои мо вазифа медиҳед, ҳарҷое боша муҳим нест, агар дохили Афғонистон бошад ва ё агар берун аз Афғонистон, ман ҳозир ҳастам. Гуфт: «Ман фикр мекунам». Ман мунтазири ҷавобашон будам. Ин охирин тамоси телефонии мо буд. Рӯзе, ки инфиҷор сурат гирифт фаромӯш намекунам, ки рӯзи якшанбе буд. Занг омад аз Ҷарманӣ. Писари кокоям Зулмай ном дорад, гуфт, ки ҳодисае шуда. Шумо хабар доред? Инфиҷор шуда ва мегӯянд, ки Омир соҳиб захмӣ шуда. Ман гуфтум, ки ин ропурҳо бисёр зиёд аст. Инҳо ҳамааш дурӯғанд. Гуфт на.

Аз як манбаи хеле муаасир ин ропурро гирифтам. Хеле парешон шудам. Телефон кардам ба бародарам Аҳмад Валӣ ба Лондон. Онҳо ҳам парешон буданд. Баъд аз он фаҳмидам, ки ҳодисае сурат гирифтааст. Ва аз ҳамон лаҳза кӯшиш кардам, ки биёям ба Афғонистон. Мутаассифона, ба ҷаноза расида натавонистам. Чор панҷ рӯз дар Тоҷикистон мондам. Ҳаво хароб буд. Ҳеликоптар парвоз намекард. Баъд аз чор – панҷ рӯз дохили Панҷшер шудам.

**Худо раҳматаш кунад, Омир соҳиби шаҳид Аврупоро чӣ гуна дарёфтанд? Чун Шумо ӯро ҳамроҳӣ мекардед, фикр мекунам аз ин бохабар ҳастед?**

Воқеан баъд аз сафараш ба Аврупо фикраш нисбат ба Аврупо тағйир кард. Чун қаблан кишварҳои Урупо ва Амрикоро надида буданд, дар ибтидо фикри дигаре доштанд. Ба хусус дар қисмати афғонҳо. Чун барои ӯ ропурҳои ғалат дода буданд, ки афғонҳо он ҷо ҳама ғарбӣ шудаанду ҳама айёш шудаанду ҳама Афғонистона фаромӯш кардаанд ва бо ин монанд гапҳо. Вале вақте, ки ба Аврупо сафар кард ва афғонҳоро дид аз наздик, фикраш комилан тағйир кард. Афғонҳо хеле алоқамандӣ нишон медоданд ба роҳбарияти сиёсии Афғонистон ва хеле хуш буданд. Як мавзӯъ ҳамин буд. Мавзӯи дуюме, ки мутаваҷҷеҳ шуд Омир соҳиб, ин мардумсолории кишварҳои урупоӣ буд. Ин ду масъала бисёр ҷолиб буд барои Омир соҳиб.

**Роҳбарони Афғонистон, махсусан шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, ки дар Тоҷикистон сулҳ барқарор шавад. Шумо дар бораи ин самти фаъолияти Омир соҳиби шаҳид чӣ медонед?**

Дар даврони созиши сулҳи тоҷикон мутаассифона, ман набудам. Вале дарк кардам, ки Омир соҳиб таҷруби бисёр зиёде аз ихтилофоти танзимҳои исломӣ дар дохили Афғонистон дошт. Намехост, ки ҳамчун таҷрибае дар Тоҷикистон такрор шавад. Вақте, ки Омир соҳиби шаҳид аввалин бор ба Тоҷикистон сафар карданд, аввалин

масъалаеро, ки бо роҳбарони тоҷик дар миён гузоштанд, ҳамин буд. «Мо худ ихтилофоти бисёр зиёд дар дохили Афғонистон дорем. Шумо таҷоруби моро такрор накунед. Ба нафъи шумо нест. Ҳар қадар ҳукумати Тоҷикистон ва танзимҳои сиёсии Тоҷикистон ба ҳам наздик шаванд ва як мувофиқатномаеро имзо кунанд, ин ба нафъи Тоҷикистон ҳаст» - мегуфт Омир соҳиб. Чизе, ки ман медонам ҳамин аст. Ва воқеан орзуи Омир соҳиб ва назароташ дар Тоҷикистон комилан татбиқ шуд. Ман фикр мекунам, ки тоҷикҳо ба ҳамин хотир эҳтироми бисёр зиёде ба ҷаноби Омир соҳиб доранд.

**Аз шахсиятҳои сиёсии Тоҷикистон киҳоро бештар ёдовар мешуд?**

Аз худи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон бисёр зиёд хушӣ мекард. Ӯ мегуфт, ки воқеан Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон оғои Раҳмонов як шахсияти ватанпараст ҳаст. Ин ягона касест, ки метавонад ватани худа наҷот бидиҳад аз ихтилофоти дохилӣ.

**Оё Шумо саволеро интизор будед, ки онро матраҳ накардам? Боз чӣ гуфтание доред?**

Гуфтание, ки ман дорам, ин аст, ки дар панҷ соли охири муқовимат бар зидди толибон воқеан кишвари Тоҷикистон, давлати Тоҷикистон, миллати Тоҷикистон барои мо ҳамкориву кӯмакҳои зиёде анҷом дода, ки ман шахсан ва тамоми мардуми Афғонистон аз ин ҳамкории тоҷикҳо бисёр зиёд розӣ ҳастем ва хушнуд ҳастем. Орзуи мо ҳамин аст, ки мо битавонем ин ҳамкориҳоро дар оянда ба шакли дӯстона идома бидиҳем. Ташаккур.

**Як ҷаҳон ташаккур аз Шумо.**

**Тоҷикистон, 2002, 5 сентябр.**

# РОЗҲОИ ПИРӮЗӢ ВА ИДОМАИ МУҚОВИМАТИ АФҒОНИСТОН

***Инак соли ҳаштум аст, ки мардуми Тоҷикистон дар шароити сулҳу субот зиндагонӣ мекунанд. Аксаран медонанд , ки расо ҳашт сол муқаддам дар ҳамин рӯзҳо Созишномаи умумии сулҳ аз сӯи раҳбарони ҷиноҳои дар муқовимати сиёсӣ ва низомӣ қарор доштаи Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ва ҷаноби Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба имзо расида буд. Вале кам касон медонанд, ки аввалин мулоқоти ин ду раҳбар ду сол пештар, яъне расо 10 сол қабл дар пойтахти Афгонистони ҷангзада бо миёнҷигарии роҳбарони ҳамонвақтаи Афгонистон сурат гирифта буд. Ба гуфтаи коршиносону таҳлилгарон агарчӣ ин мулоқот ягон санади муҳимеро дар пай надошт, вале он чизи аз ҳама муҳимтарро , ки маъмулан дар огози ҳар як кор барои инсонҳо зарур аст, яъне эътимод бастан ба натиҷаи мусбати ниҳоиро, дар ҳарду тараф эҷод карда буд. Чанде пештар журналист Султони Ҳамад дар Кобул бо собиқ Раиси ҷумҳури Давлати Исломии Афгонистон устод Бурҳониддин Раббонӣ, яке аз мизбонҳои асосии мулоқоти аввалини Эмомалӣ Раҳмонов ва Саид Абдуллоҳи Нурӣ рӯи масъалаи сулҳи байни тоҷикон ва нақши Афгонистон дар истикрори он сӯҳбате дошт, ки мӯҳтавои онро пешкаши шумо хонандагони арҷманди ҳафтаномаи «Зиндагӣ» менамоем.***

**- Охирҳои соли 1992 муқовиматҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба даргириҳои низомӣ табдил ёфтанд ва дар натиҷаи ин ҷангҳо як иддаъ мардум ба Афғонистон паноҳанда шуданд, ки дар байнашон роҳбарони мухолифини хукумати Точикистон низ буданд. Ҳукумати ҳавонвақтаи Афғонистон, ки дар раъсашон Шумо будед, мардуми паноҳандаро хеле хуб пазирой карданд ва**

**шароити хуби буду бошро дар ин кишвар барояшон фароҳам оварданд. Бо истифода аз ин фурсат роҳбарияти мухолифини ҳукумати Тоҷикистон ба муборизаи мусаллаҳонаи хеш идома дод. Лутфан мегуфтед, ки дар Шумо кай дар ҳамин давра фикри ба ҳам оштӣ додани ҷонибҳои даргир дар Тоҷикистон пайдо шуд?**

- Замоне, ки дар Тоҷикистон кашмакашҳо эҷод шуданд, ман дар сафаре будам дар Ҷумҳурии Ӯзбакистон. Ман дар ҳамонҷо хабар шудам, ки дар Тоҷикистон гурӯҳҳое бо роҳбарии Сангак Сафаруф бо ҳукумат дар кашмакашҳо ва бархурдҳое ҳастанд. Вақте ки дар ҳамон ҷо ин иттилоъро пайдо кардам, қабл аз он ки ба Афғонистон биёям, ман бо Раиси Ҷумҳурии Ӯзбакистон оғои Каримов гап задам, ки ҳаводис дар Тоҷикистон бисёр бадамнӣ шуда ва ман барои сулҳ мехоҳам, ки дар онҷо бошам. Ӯ албатта чи назаре дошт, ки гуфт, ки фикр мекунам зарур нест. Ба ҳар ҳол аз ин сӯҳбат дар ман ташвише пайдо шуд, ки чаро заъаммои минтақа ба фикри сулҳ дар Тоҷикистон нестанд. Баъдан вақте, ки ба Афғонистон омадам, дар фикри он шудам, ки чи гуна роҳеро битавонем интихоб бикунем, ки ҷанг дар Тоҷикистон набуда бошад. Бо вуҷуди он, ки худи мо он замон бо ин мушкилот рӯ ба рӯ будем.

**- Бо ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов, раҳбари давлати Тоҷикистон Шумо кай дар мавзӯи сулҳи байни тоҷикон аввалин бор сӯҳбат доштед?**

- Ин мавзӯъ аввалин маротиба вақте, ки Эмомалӣ Раҳмонов барои бурдани усарои русӣ ба Кобул омада буд, дар миён гузошта шуд. Баъдан дар ҷараёни сафари банда ба Тоҷикистон ва сафарҳои дигари Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ба Афғонистон ин масъала ҷиддан матраҳ гардид. Билохира баҳс ба ин кашонда шуд, ки ҳарду тараф бишинанд. Албатта дар марҳилаи аввал хеле мушкил буд. Ҷонибҳо омодагии пазириши якдигарро камтар доштанд. Аммо мо зиёд исрор мекардем, ки ҳатман нишасте сурат бигирад ва

ҳатман сӯҳбатҳое дар ин боб миёни роҳбарони ҷонибҳо баргузор шавад. Оғои Раҳмонов ва оғои Нурӣ бояд бо ҳам бубинанд. Ногуфта намонад, ки ман эҳсос мекардам, ки дар ҳарду тараф ҳам касҳое буданд, ки қатъан ин гуфтушунидҳоро намехостанд. Албатта дар бузургон мушкилот камтар буд. Вале дар атрофиёни онҳо мушкилот бештар буд. Аксуламали онҳо хеле ҷиддӣ буд. Ба ҳар ҳол нишасти роҳбарони ҷонибҳо сурат гирифт.

**- Вақте ки аввалин маротиба ҷаноби Раҳмонов ва ҷаноби Нурӣ ба Кобул омаданд ва бори аввал бо ҳамдигар вохӯрданд, лаҳзаи нахустини ин дидор дар ёди Шумо боқӣ мондааст?**

-Бале. Чаро не? Ман бисёр эҳсос мекардам, ки ҳарду тараф як навъ ҳолати равонии гурез доштанд, Албатта ба дилашон шояд тасмим доштанд. Вале ба зоҳир як силсила мулоҳизотеро, аз қабили кӣ аввал ба ҳам наздик шавад, кӣ бояд аввал дасташро дароз кунад ва ғайраву ҳоказо доштанд. Ду тарафе, ки дар кашмакаш буда бошанд ва ба ин фикр бошанд, ки тарафи муқобилро мағлуб бикунанд ва чи рақам ҳоло бо ҳам бубинанд, аз ҳолати равонӣ ман тассаввурам ин аст, ки хеле як ҳолати изтироба доштанд ҳар ду тараф. Ба ҳар ҳол масъала дигар ҳал шуда буд. Дар инҷо як нишасте сурат гирифт, вале масъалаҳое асосӣ дар Тахор, дар Хустдеҳ ҳалли худро интизор буданд. Он вақт марказ дар дасти мо набуд, мо дар Толуқон будем. Бояд гуфт, ки дар ҳарду марҳила нақши шодравон инженер соҳиб Аҳмадшоҳи Масъуд дар истиқрори сулҳи байни тоҷикон, Худо ғариқаи раҳматаш кунад, хеле бузург аст. Ӯ фавқулодда, бисёр бо як самимияту ҳарорат бо баъзе аз дӯстҳои аъзои ҳайатҳои ҳарду ҷониб танҳо ба танҳо вохӯрда, бисёр талош мекард, ки масъала ҳарчӣ зудтар поён биёбад.

**- Дар яке аз ёддоштҳои худ яке аз мушовирини ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов навиштаанд, ки вақте, ки ҳайати ҳукумати Тоҷикистон дар раъси ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ба Хустдеҳ омаданд, дар онҷо касе аз раҳбарияти**

**Афғонистон, ки бояд онҳоро истиқбол мекард, набуд. Чаро чунин ҳолат ба вуҷуд омад? Оё дар ин бора чизе гуфта метавонед?**

- Аслан ин тур шуд, ки мо тасаввур доштем, ки ҳеликоптар (чархбол) бояд аввал дар Тахор фурӯд меомад ва баъдан аз Тахор якҷо мерафтем ба Хустдеҳ. Дар тасаввури мо поён шудан дар миёни кӯҳҳо барои ҳеликоптарҳо душвор буд. Аз ин рӯ мо онҳоро дар Тахор интизор будем. Вале баъдан кор дигархелтар сурат гирифт.

**- Оё дар байни роҳбарони мухолифин буданд нафарҳое, ки мегуфтанд, ки мо бояд ҷиҳоди худро идома бахшем ва бо пирӯзӣ ба Ватан баргардем?**

- Бале, касҳое буданд. Дар ин шаке нест. Баъд аз омадани ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ман сафаре доштам ба Тоҷикистон, маро даъват карда буданд ба он ҷо. Пеш аз он, ки ба ин сафар биравам, ман мехостам, ки ба баъзе аз дӯстон бигӯям, ки ман меравам барои ҳалли мушкили шумо. Дар байни онҳо теъдоде аз ҷавононе буданд, ки ҷиддан мувофиқ набуданд бо ин сафари ман ба Тоҷикистон. Мегуфтанд, устод, ин рафтани худат ба Тоҷикистон, расмият медиҳад ба ин низом. Ҳатто як теъдодашон баъди рафтани ман ба Тоҷикистон гуфтаанд, ки устод бар муборизаи мо як зарба зад. Ин тавр чизҳое вуҷуд доштанд. Аммо ногуфта намонад, ки оғои Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз ҳамон оғоз диди бисёр амиқ дошт ва ба куллӣ бисёр дилсӯзона ба масъала муносибат мекард. Ман мефаҳмидам, ки аз атрофиёнаш як теъдод бо ӯ розӣ нестанд. Аммо худаш ҷиддан кӯшиш мекард. Теъдоди эҳсосотӣ ҳамеша болои ӯ фишор меоварданд. Ҳатто баъд аз он, ки аз Тоҷикистон баргаштам, хабар шудам, ки як теъдоде хеле хафа буданд, ки чаро устод рафту низомеро, ки дар ҳолати сукут ҳаст, сукут мекунад, аз байн меравад, дигар аз нав мехоҳад онро ба пой истод кунад. Ба ҳар ҳол дар инҷо барояшон гуфтам, ки «дӯстон, шумо ҳанӯз, фикр мекунам, манзилатон тӯлонист. Аввал шумо Тоҷикистоне

дошта бошен, кишвар дошта буда бошен, баъд аз ӯ ҳар фикру ҳар андешае, ки дошта бошен. Ҳастанд атрофиё кишварҳои наздикатон, касҳое, ки мехоҳанд аслан Тоҷикистоне вуҷуд надошта бошад, мехоҳанд инро сукут бидиҳанд ва шумо давлати мустақиле надошта бошед. Ба ин асос беҳтар ин аст, ки шумо аввал давлати мустақил буда бошен». Ва ногуфта намонад, ки ин гапҳора ман ба оғои Нурӣ чанд бор гуфтам, ки ман дар чеҳраи оғои Раҳмонов як тоҷики бисёр бо эҳсосу бо дардро мебинам. Ба ин асос гуфтам, ки ин ҷавонро ту бояд ҳимоят бикунӣ ва ман умедвор ҳастам, ки дар оянда бо ӯ битавонед, ки шумо зиндагӣ кунед ва ҳеҷ мушкилиро набинед. Ба ин асос ҳоло бигзор масоили дигарро, ҳизбу гапҳои дигарро. Пеш аз ҳама доштани як Тоҷикистони мустақил, бо амну муттаҳид бояд аз ҷумлаи аҳдофи асоситон бошад.

**-Ба шарофати ин хизматҳои Шумо ва дигар ашхоси саҳим дар Тоҷикистон ҷашне таъсис ёфтааст, ки онро ҷашни «Ваҳдати миллӣ» мегӯянд. Ин ҷашн ҳарсола дар рӯзи ба имзо расидани Созишномаи сулҳ- 27- июн таҷлил мегардад. Шумо барои мардуми Тоҷикистон чи гуфтаниҳое доред дар рӯзи таҷлили ин ҷашн?**

- Ман як бори дигар муборак бод мегӯям ин ҷашнашонро ва барои миллат тоҷик суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ, инкишофи иқтисодӣ, ваҳдат ва ҳамбастагии қавии мардумиро орзу мекунам. Ман интизор дорам, ки мо шоҳиди як Тоҷикистони бисёр пешрафта, муттаҳид, боқуввату боиқтидори қавии миллӣ буда бошем, ки дар абъоди мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва миллӣ инҳо пешрафтҳои бисёр зиёде дошта бошанд ва мо хоҳони равобити бисёр қавӣ ва наздик бо кишвари худ Афғонистону Тоҷикистон ҳастем, ки ҳам ба сатҳи давлатию ҳам ба сатҳи миллӣ равобити мо бисёр қавӣ ва мустаҳкам шавад.

**- Боварӣ дорам, ки ҳар як тоҷикистонӣ мехоҳад Шуморо низ дар ин рӯз табрик бигӯяд. Ин хизматҳои Шумо фикр мекунам на танҳо барои Тоҷикистон, балки**

**барои тамоми минтақа ҳаст. Зеро дар минтақа низ ҳама ба амнияту субот ниёз доранд.**

- Албатта сулҳ дар Тоҷикистон на танҳо ба манфиати миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон аст. Агар сулҳи Тоҷикистон сурат намегирифт, мушкилот дар минтақа ва дар кишвари мо низ бештар мебуд. Ва мо пасон ҳам дидем, ки вуҷуди Тоҷикистон дар як шароити бисёр сахте, бо вуҷуди он, ки худ проблемаҳои зиёд дошт, ба унвони як санади бисёр қавӣ, бар ин пирӯзии муборизоти мо дар даврони муқовимат шуд. Мо ҳамеша гуфтем, ки Тоҷикистон ва раҳбарии Тоҷикистон, хусусан ҷаноби оғои Раҳмонов, ба унвони як шахсияти бисёр дилсӯз ва меҳрабон ба мардуми мо, ба унвони як раҳбарияти бисёр ботасмиму боирода дар сахттарин шароите, ки ҳатто бисёр кишварҳои дӯсту бузурги минтақа, ки аз муқовимат ҳимоят мекарданд, дар шароите буд, ки онҳо кам-кам мехостанд худро канор бикашанд, бо толибон канор биёянд, аммо Тоҷикистон қотеъона ва раҳбарии Тоҷикистон ҷаноби оғои Раҳмонов боқувват дар ин мароҳил истода, ки инро мо ҳамеш гуфтем ва гуфтем, ки ростӣ яке аз розҳои пирӯзӣ ва идомаи муқовимати мо ҳам ҳимояти бисёр бедареғ ва қавии Тоҷикистон ва раҳбари Тоҷикистон буд.

**- Ва саволи охирин. Оё мумкин аст, ки таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро дар Афғонистон татбиқ бикунанд?**

- Бале. Чаро не? Мо ҳамеша орзу дорем, ки дар ин ҷо низ барномаи Сулҳ ба ҳамон асос буда бошад. Аз ҷумла мавзӯъотеро, ки мо дар барномаи ташкилоти ҳизбии худамон навишта кардем ва барои дӯстон низ гуфтаем, оштии миллӣ бояд ба унвони як ҳаракати стротежики миллӣ дар кишварамон таъқиб шавад, ба ин маъно, ки якмақтаӣ набошад. Чаро, ки ҳанӯз ҳам бӯҳронҳое дар кишвари мо ҳаст. Барои ҳалли бӯҳронҳо идомаи як ҳаракати оштии миллӣ ба ҳайси як ҳаракати стротежӣ ба ҷузъи сиёсати миллӣ дар Афғонистон қарор дода шавад.

**-Ташаккур барои ин сӯҳбати самимиятон**

**Зиндагӣ, 2005, 23 июн.**

# МУҲАММАДЮНУСИ ҚОНУНӢ: *«ҲАДАФИ МО СУҚУТ ДОДАНИ НИЗОМ НЕСТ»*

***Муҳаммадюнуси Қонунӣ дар саҳнаи сиёсии Афғонистон замоне дурахшид, ки дар конфронси Бонн дар авохири тирамоҳи соли 2001 дар гуфтушуниди нерӯҳои мухталифи сиёсии ин кишвар масъулияти раҳбарии ҳайати Ҷабҳаи Эътилофи Шимолро ба ӯҳда дошт, ҷабҳае, ки то ба охир бо гурӯҳи толибон муқовимат кард ва ифтихори пирӯз будан бар онҳоро соҳиб шуда буд. Истиқрори сулҳу субот дар Афғонистони баъди толибон аз бисёр ҷиҳат ба мавқеъгирии ин ҳайат дар ин конфронс вобастагӣ дошт. То ба имрӯз суханони раҳбари ҳайати Ҷабҳаи Эътилофи Шимол Муҳаммадюнуси Қонунӣ «Ҷанг қаҳрамонони худро дорад, сулҳ низ бояд қаҳрамонони худро дошта бошад» гоҳу ногоҳ дар расонаҳои хабарӣ иқтибос мешаванд. Бархе ба ин ақидаанд, ки Муҳаммадюнуси Қонунӣ ба хотири касби обрӯи шахсӣ аз манофеи Ҷабҳаи Эътирофи Шимол дар ин конфронс дифоъ накард. Иддае ба ин назаранд, ки ӯ ба хотири ҳифзи манофеи миллӣ аҳдофи Ҷабҳаи Эътилофи Шимолро нодида гирифтааст. Ҳар чи ки набуд, вале шахсияти Муҳаммадюнуси Қонунӣ дар Афғонистон, махсусан баъди интихоботи раёсати ҷумҳурӣ дар тирамоҳи соли гузашта боз ҳам бештар дар маркази таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Ӯ дар ин интихобот дар байни 18 нафар номзадҳо ба мақоми раёсати ҷумҳурӣ баъди Раиси ҷумҳурии мунтахаб Ҳомид Карзай бо 17 фисади оро ҷойи дуюмро касб намуд. Ахиран ҳамчун раиси Ҳизби Афғонистони Навин асосгузори як созмони оппозисиюн дар баробари ҳукумати Ҳомид Карзай бо номи Ҷабҳаи Тафоҳуми Миллӣ гардид, ки беш аз 10 аҳзоби сиёсии***

***кишварро бо ҳадафи пирӯзӣ дар интихоботи қарибалвуқуъи парлумонӣ муттаҳид сохтааст.***

***Муҳаммадюнуси Қонунӣ 47 сол дорад. Фориғуттаҳсили Донишгоҳи Кобул аст. 23 сол таҳти роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуди шаҳид дар ҷабҳаи Панҷшер бо корҳои сиёсӣ машғул будааст. Соҳиби зан ва шаш фарзанд: се писар ва се духтар мебошад.***

***Дар ин сӯҳбате, ки бо ӯ рӯзноманигор Султони Ҳамад доштааст, сухан асосан дар бораи марому ҳадафи ин созмон ва шахсияти худи Муҳаммадюнуси Қонунӣ меравад.***

**-Пеш аз ҳама барои он, ки розигӣ додед, ки бо мо як мусоҳибае дошта бошед, ба шумо изҳори ташаккур менамоям.**

-Ташаккур

**Баъдан, ҷаноби Қонунӣ соҳиб, мехостем бифаҳмем, ки Шумо ҳамчун раҳбари Ҳизби Афғонистони Навин зарурати таъсиси Ҷабҳаи Тафоҳуми Миллиро чӣ гуна шарҳ дода метавонед? Инчунин мехостам дар бораи мақсад ва вазифаҳои ин созмоне, ки қариб 10 ҳизби сиёсии Афғонистонро дар як платформа муттаҳид сохтааст, чанд сухан бигӯед?**

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ташаккури зиёд. Бисёр хурсанд шудам, ки фурсат муяссар шуд, бо ҷаноби Шумо сӯҳбат дошта бошам. Афғонистон дар арсаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дар ҳолати гузор аз як марҳала ба марҳалаи ҷадид қарор дорад. Аз лиҳози сиёсӣ мо интихоботи Раёсати ҷумҳуриро ба унвони аввалин гом дар ҷиҳати рафтан ба демокросӣ дар кишвари мо пушти сар гузоштем. Дар натиҷаи интихобот бо вуҷуди тазвир ва тақаллубе, ки сурат гирифта буд, оғои Карзай ба ҳайси Раиси Ҷумҳури Афғонистон мунтахаб шуданд. Аммо ниҳодҳое, ки демокросӣ дар Афғонистонро ниҳодина бисозад, қудрат дар Афғонистонро контрол бикунад ва баланси қудратро дар Афғонистон ба вуҷуд биёрад, вуҷуд надорад. Интихоботи порлумонӣ дар Афғонистон бо

баҳонаҳои мухталиф ва ба ангезаҳои сиёсӣ ба таъвиқ андохта шуд. Дар ин марҳала барои овардани ислоҳоти асосӣ дар кишвар, контроли қудрат дар дохили Афғонистон, ақлонӣ сохтани мубориза дар Афғонистон, сиёсӣ сохтан ва қонунманд сохтани мубориэот дар Афғонистон, зарурат бар ташкили ниҳоде ба номи оппозисиюн буд. Ба ҳамин далел буд, ки мо тасмим гирифтем дар вуҷуди даҳ ё ёздаҳ ҳизби сиёсии Афғонистон, ки аз ақвом ва ақшори мухталифи Афғонистон намояндагӣ мекунанд, аввалин гом дар ҷиҳати демокросӣ ва ниҳодина сохтани демокросӣ бардорем ва ниҳоди оппозисиюнро ташкил кардем. Ҳадафи мо аз ташкили оппозисиюн ба унвони як падидаи ҷадид дар таърихи Афғонистон як ниҳоди қаҳромези барандоз нест. Ҳадафи мо сукут додани низом нест. Ҳадафи мо овардани ислоҳоти бунёдист, то мо битавонем аз ин тариқ хостаҳои мардуми худро – ҷомеаи маданиро тамсил кунем, давлатро водор бисозем ислоҳоти бунёдӣ ба нафъи мардуми Афғонистон ба вуҷуд биёрад. Мо як ниҳоди оппозисиюни ифротиро тайид намекунем, хилофи масолеҳ ва манофеи Афғонистон мебинем. Аммо як ниҳоди ислоҳталабе, ки ба қонуни асосии Афғонистон, ба манофеи миллии Афғонистон илтизом дошта бошад ва барои беҳтарсозии демокросӣ дар Афғонистон кор кунад, эътиқод дорем.

**-Аз нуқтаи назари Шумо кадом иқдом ва амалҳои ҳукумат дар марҳилаи ҳозира мебоист мавриди ислоҳ қарор бигиранд?**

-Мо интихоботи раёсати ҷумҳурро пушти сар гузоштем. Муттаасифона, эҳсос мекунем, ки амалкарди давлат пас аз интихобот хилофи таваққуъ ва интизори мардуми мо ва хилофи таваққуи ҷомеаи байналмилалӣ шакл гирифт. Мо орзуманди ин будем, ки пас аз интихобот дар Афғонистон порлумон ба вуҷуд биёяд, то як баланс дар Афғонистон дар сохтори қудрат ба вуҷуд биёяд. Давлат интихоботи парлумониро бо баҳонаҳои

гуногун, вале ба ангезаҳои сиёсӣ ба таъвиқ андохт. Мо хоҳони парлумон ҳастем. Феълан давлат ба фикри тазвир ва тақаллуб дар интихоботи парлумонӣ ҳаст. Мардуми мо тазвиру тақаллубро намехоҳанд, тасмим надоранд хотироти талхи интихоботи раёсати ҷумҳурӣ дар интихоботи парлумонӣ сурат бигирад. Бубинед, ДИ ДИ ОР (барномаи халъи силоҳ ва мулкисозии афроди мусаллаҳ), мубориза бо маводи мухаддир, бозсозии мутавозини Афғонистон, аз ҷумлаи авлавиятҳое буд, ки давлат унвон кард. Дар ҳар сеи ин амалҳо давлат, мутаассифона, ноком аст. Шумо мебинед дар сектори амниятӣ вазъи амниятӣ дар Афғонистон ҳаррӯз бадтар шуда меравад. Вазъи амниятӣ қабл аз интихобот ба маротиб беҳтар буд, нисбат ба баъд аз интихоботи раёсати ҷумҳурӣ. Ин нишон медиҳад, ки давлат ба сӯи бӯҳрон мардуми Афғонистонро савқ медиҳад. Шумо мебинед, ки феълан дар сектори амниятӣ давлат дастовард надорад, кобинаи ҷадидеро, ки давлат ба вуҷуд овардааст, кобинаи муттавозин нест, кобинаи шоистасолор нест. Аксарияти вузарои мо ба асоси равобити шахсӣ бо мақомоти давлатӣ гумошта шуданд. Чанд моҳи гузашта нишон дод, ки кобина амалан бидуни дастовард дар Афғонистон боқӣ мондааст. Биноан мо асоситарин чизеро, ки мехоҳем ислоҳ бикунем, сохтори қудрат дар Афғонистон аст, ки ин аз тариқи маҷории қонунӣ бояд дар қонуни асосии Афғонистон аз тариқи порлумон ва Луи Ҷирга таъдил сурат бигирад. Системаи раёсатӣ дар Афғонистон манбаи худкомагӣ ва истибдод дар Афғонистон шуд. Мо мехоҳем системаи раёсатӣ дар Афғонистон ба системаи парлумонӣ мубаддал шавад. Ин орзу ва хости мост. Барои он ки бӯҳрони асосӣ дар тӯли таърих дар Афғонистон дар тавзеҳи қудрат дар Афғонистон будааст. Системаи раёсатӣ боиси фасод, худкомагӣ, боиси дафн кардани демокросӣ дар Афғонистон мешавад. Мо агар битавонем барои субот дар Афғонистон сохтори қудратро ба парлумонӣ табдил

бикунем, то тавзеҳи қудрат дар Афғонистон одилона сурат бигирад, мо дар воқеъ бузургтарин хизматро барои мардуми Афғонистон анҷом додем.

**Барои амалӣ кардани ин ҳадаф Ҷабҳаи Тафоҳуми Миллӣ ба унвони қадамҳои нахустин кадом корҳоро анҷом доданист?**

Ҷабҳаи Тафоҳуми Миллӣ ба унвони нахустин ниҳоди оппозисиюни давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар се марҳила аҳдофро барои худ мушаххас сохтааст. Аз имрӯз то иҷрои интихоботи парлумонӣ, худи ҷараёни интихобот ва марҳилаи баъд аз интихобот, яъне пас аз ташкили парлумон дар Афғонистон. Дар марҳилаи имрӯз то ба интихобот мо се ҳадафи асосиро дунбол мекунем: худсозӣ ва истеҳкоми Ҷабҳа, назорат аз амалкарди давлат ва омодагӣ ва ҳамоҳанг сохтани фаъолиятҳо барои мубориозот дар интихоботи парлумонӣ бо ҳадафи ҳузури фаъол дар парлумониояндаи Афғонистон. Бинобар ин мо дар ҳамин се арса талоши худро дорем ва ҳадафи мо ин аст, ки дар арсаи парлумон мо битавонем аксарияти курсиҳоро аз тариқи ҳамоҳанг сохтани фаъолиятҳои аъзои Ҷабҳаи Тафоҳуми Миллӣ дар ин самт ба даст биёварем. Дар айни ҳол мо яке аз аҳдофи худ – назорат аз амалкарди давлатро рӯи даст гирифтем. Мо эҳсос мекунем, мо намехоҳем, ки ғайривоқеъбин бошем. Нуқоти мусбате ҳам дар амалкарди давлат вуҷуд дорад. Вале муттаассифона, нуқоти заъф бештар аст. Фасоди идорӣ дар Афғонистон бедод мекунад, рушди номутавозин дар Афғонистон бедод мекунад, сӯистифода аз кӯмакҳои байналмилалӣ дар Афғонистон бедод мекунад. Мо наметавонем ин бетафовутиҳо ва ин фасодҳои ҳокими идориро дар Афғонистон нодида бигирем. Мо хоҳони ислоҳот дар идороти давлатии Афғонистон ҳастем.

**-Шояд ин савол бароятон ғайричашмдошт бошад. Оё Шумо дар фосилаи байни конфронси Бонн ва марҳилаи ҳозира ҳамчун як сиёсатмадор аз ягон амалкарди хеш эҳсоси пушаймонӣ кардаед?**

-Ман аз нақшеро, ки дар асос гузоштани сулҳ дар Афғонистон, асос гузоштани мушорикати миллӣ дар прусаи Бонн доштам, аз ҷумлаи ифтихороти худ медонам. Ва ин яке аз таҳаввулоти бунёдие буд, ки мо ифтихори мушорикати асосӣ ва асосгузории ин таҳаввулотро дар Афғонистон дорем. Шумо агар имрӯз сулҳи нисбиро дар Афғонистон мебинед, агар навъи инкишофи мусбатро дар Афғонистон мебинед, дар як ҷумла ҳама марҳуни тавофуқоти таърихии Бонн аст, ки мо асосгузори сулҳ дар Афғонистон будем. Аз ин хушҳол ва хурсанд ҳастам. Таассуфи ман аз ин аст, ки дӯстоне, ки дар ин мушорикат мо барои онҳо саҳм додем, мутаассифона, онҳо мисли мо диди миллӣ надоштанд. Онҳо ба фикри оҷандаҳои (ҳадаф, манофеъ) шахсӣ буданд. Тассаввури мо ин буд, ки аз тариқи гузоштани сулҳ, рафтан ба мушорикати сиёсӣ ва рафтан ба тавзеҳи одилонаи қудрат дар Афғонистон заминаи ваҳдат, ҳамбастагии миллӣ, рушд, тавсиъа ва инкишофи Афғонистон, сулҳ ва суботро асос мегузорем. Аммо мутаассифона, он дӯстони мо бархӯрдашон шакли дигар буд. Онҳо ба фикри интиқом гирифтан аз толибҳо, ба фикри рафтан дар капсулҳои танги қавмӣ, ба фикри рафтан ба куллиятталабӣ дар Афғонистон буданд, ки ин худаш оғози як бӯҳрон дар Афғонистон аст. Ончи ба мо тааллуқ дошт, асос гузоштани сулҳ, мушорикати сиёсӣ ва адолати иҷтимоӣ буд, ончи ба дӯстони мо тааллуқ дошт, рафтан ба инҳисоргарӣ, тафовуқталабӣ, тамомиятталабӣ ва ҳафс кардани ҷиҳатҳост. Ман яқин дорам масиреро, ки мо интихоб кардем, масири мардуми Афғонистон аст. Масиреро, ки дӯстони мо интихоб карданд, масири хилофи хост ва таваққуъи мардуми Афғонистон аст, ки ниҳояташ надомат, шикаст ва бӯҳрон дар Афғонистон хоҳад буд.

**Дар як мусоҳибаи худ Шумо сабаби аз пости вазири умури дохилаи Афғонистон истеъфо додани худро вокуниш ба интиқодоти бархе аз доираҳои сиёсӣ дар хусуси ба истилоҳ ба як қавм тааллуқ доштани чанд пости калидӣ**

**гуфтаед. Оё чунин нуқтаи назар ва иқдоми Шумо ба хотири риояи тавозун дар сиёсати байни қавмҳо хилофи сиёсати шоистасолорӣ дар хости кодрҳо намебошад?**

Дар он вақте ки ман маъмурият дар вазорати дохила доштам, табъан барои мо авлавияти асосӣ ин буд, ки чи гуна битавонем заминаи тафоҳуми миллиро мусоид бисозем. Ман ифтихор дорам, ки дар шаш моҳе, ки ман дар вазорати дохила маъмурият доштам, вазъи амниятӣ, бозсозии вазорати дохила, ба маротиб беҳтар аз имрӯз пас аз се сол буд. Вале вақте ки аз ман тақозо сурат гирифт, аз тарафи мақоми мӯҳтарами раёсати давлати вақт, барои он, ки истидлол ин буд чун ду пости калиди ба як қавм тааллуқ дорад, мо омодаи қурбонӣ ба нафъи мардуми худ шудем ва аз ин пост довталабона истеъфо додем, то воқеан мардуми мо дарк бикунанд, ки барои мо пост ҳадаф нест. Барои мо тафоҳум, субот дар Афғонистон ҳадаф ҳаст. Интизор ва таваққуи мо ин буд, ки дӯстоне, ки баъд аз мо гузиниш мешуданд, битавонанд, бештар аз мо хизмат бикунанд. Аммо ин муттааллиқ ба полисии давлат ҳаст, ки ба ивази банда ва пас аз тағийроте, ки мо омода шудем истеъфо бидиҳем, чи гуна гузинишеро доштанд. Чизе ки ба ман тааллуқ дошт, он қурбонӣ додан ба нафъи мардуми Афғонистон буд. Ман ин вазифаи худро анҷом додам. Ин ки давлат баъд аз ин натавонист системи беҳтареро ба вуҷуд биёрад, шоистасолориро натавонист татбиқ бикунад, ин савол ва ин нақиса мутаваҷҷеҳ ба давлат мешавад, на барои банда.

**Шумо Қонунӣ соҳиб, муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба унвони лидери ниҳоди оппозисиюни ҳукумати Афғонистон чӣ гуна дидан мехоҳед?**

Мо аз сафари Раиси Ҷумҳури мӯҳтарами кишвари дӯст, бародар ва ҳамсояи мо Тоҷикистон ҷаноби оқои Раҳмонов ба гармӣ хушнуд ҳастем. Оғои Раҳмонов дар даврони муқовимат дар канори мардуми Афғонистон буданд. Мардуми Тоҷикистон дар давраи муқовимати

мардуми Афғонистон алайҳи терроризм дар канори мардуми Афғонистон буданд. Мардуми Афғонистон ҳеҷ гоҳ ин ҳамкориҳои бедареғ ва мардонаи мардуми Тоҷикистон ва раҳбарии Тоҷикистонро фаромӯш намекунад. Имрӯз омадани оғои Раҳмонов ба Афғонистон ва боздиди расмишон аз Афғонистон ва ширкаташон дар ҷашни пирӯзии муҷоҳиддини Афғонистон як гоми баландест, ки оғои Раҳмонов гирифтанд. Ман яқин дорам, ки ин боздидҳо дар таҳкими равобити байни Афғонистон ва Тоҷикистон, байни ду миллати бо ҳам бародар таъсири мустақим медошта бошанд.

**Чанд савол дар робита бо шахсияти Шумо, Ҷаноби Қонунӣ соҳиб. Шумо дар вақтҳои фориғ аз фаъолиятҳои сиёсӣ бо кадом навъи спорт машғул ҳастед?**

Ташаккур аз ин савол. Муттаассифона, масруфиятҳои ман дар арсаи сиёсӣ чунон ҳам зиёд ҳастанд, ки ба ягон кори шахсиам фурсат намеёбам. Авқоти бештари фароғати ман ба мутолиа сарф мешавад. Аз навъҳои спорт бештар алоқа ба шатранҷ дорам.

**Аз шахсиятҳои олами сиёсат киҳоро улгуи худ медонед?**

Дар ҳақиқат шахсиятҳои таърих метавонанд улгуе барои насли навин бошанд. Мо дар Афғонистон қаҳрамони миллие доштем, ки ӯ Масъуди бузург буд. Шахсияте, ки мо дар рикоби ӯ тарбият шудаем. Ва мо ифтихор дорем, ки ӯ ба ҳайси як улгуи мо дар Афғонистон буда бошад. Мо орзуманди пайравӣ аз хату ормони Масъуди бузург ҳастем. Дар айни ҳол дар бистари ҷомеаи байналмилалӣ шахсиятҳое бузурге мавҷуданд, ки инсон метавонад аз таҷоруби онҳо истифода барад. Мо ҳамеша аз шахсияти чун Нелсон Мондело ба гармӣ истиқбол кардем, шахсияте, ки пас аз солҳои тӯлонӣ дар зиндон будан барои овардани як системи ҷадид ва аз байн бурдани табъиз дар кишвари худ мардона мубориза кард, қурбони дод ва саранҷом ба пирӯзӣ расид. Фикр мекунам, ки ӯ метавонад яке аз улгуҳо бошад. Мо шахсиятеро дар

кишварҳои осиёии худ, дар Ҳиндустон ба номи Муҳатма Гандӣ доштем. Шахсияте, ки тавонист як кишвари бо як ҷамъияти бузургеро тавре раҳбарӣ бикунад, ки ақвоми мухталиф, мазоҳиби мухталиф, ба гирди як раҳбари бузург ҷамъ шаванд ва битавонанд як сарзамини паҳновареро созмон бидиҳанд. Инҳо шахсиятҳое ҳастанд, ки ҳамеша барои таърих метавонанд улгу буда бошанд.

**Ташаккур, воқеан Шумо аз ҷумлаи шахсиятҳои камназире будед, ки ифтихори дар паҳлӯи шодравон Аҳмадшоҳ Масъуди бузург барои озодии мардуми Афғонистон мубориза бурданро доштаед. Эҳтимолан аз ҳама зиёдтар Шумо ӯро хубтар мешиносед ва дарк кардаед. Оё Шумо фикри дар бораи Аҳмадшоҳ Масъуди бузург чизе гуфтан ва ё навиштанро доред?**

Яқинан шахсияте ба азамати Аҳмадшоҳ Масъуди бузург – қаҳрамони миллии Афғонистон, марде, ки барои озодии Афғонистон худро қурбонӣ дод, эҷоб мекунад, ки дар мавриди шахсияти аз ӯ навиштаҳое сурат бигиранд. Бале, ман тасмим дорам, ки бо истифода аз фурсат дар мавриди шахсият, муборизоти Аҳмадшоҳи Масъуд, завоиёи боқимондаи шахсияти онҳо, ки то ҳанӯз муаррифӣ нашуданд, навиштаҳое дошта бошам. Хотирот ва ёддоштҳое аз зиндагии онҳо дорам, ки умедвор ҳастам, фурсате даст бидиҳад то муваффақ шавам ин орзуи худро амалӣ бисозам.

**Зиндагӣ, 2005,14 июл,**

# ДОКТОР АБДУЛЛО: *«МАН ДАРСИ СИЁСАТРО АЗ МАСЪУД ОМӮХТАМ»*

***Тақдирро шукргузорам, ки дар рӯзҳои баргузории Луи Ҷиргаи изтирорӣ дар Кобул ҳузур доштам ва аз наздик ин ҳодисаи муҳиму сарнавиштсози Афғонистон ва ҳатто минтақаро пайгирӣ намудам. Дар ин муддат муяссарам шуд, ки бо даҳҳо шахсиятҳои маъруфи Афғонистон мусоҳиб шуда, дар бораи дирӯзу имрӯз ва фардои Афғонистон, аҳамияти Луи Ҷирга дар рӯзгори мардуми ин кишвари азияткашида, сӯҳбатҳои ҷолибе дошта бошам. Аммо мусоҳибаи худро бо вазири корҳои хориҷаи Давлати Интиқолии Исломии Афғонистон доктор Абдулло ба мавзӯи хориҷ аз Луи Ҷирга, ба мавзӯи шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд ихтисос додам. Чаро? Зеро, бисёр мехостам бифаҳмам, ки доктор Абдулло, ин сиёсатмадори хеле варзида, ки солҳои дароз дар паҳлӯи Аҳмадшоҳ буд ва ӯро аз наздик мешинохт, шахсияти Масъудро чӣ гуна арзёбӣ мекунад. Барои мане, ки ҳаёти ин абармарди таърихи миллатамонро мехоҳам муфассалтар биомӯзам, тақдир чунин шанси нодиреро муҳаё сохта буд ва ман ҳақ надоштам аз он истифода набарам. Сӯҳбати мо дар дафтари кории доктор Абдулло Вазорати корҳои хориҷа сурат гирифт. Дар ин рӯзҳое, ки дар Кобул беш аз 500 хабарнигори хориҷӣ гирдиҳам омада буданд ва ҳар яке дар орзу ва талаби чунин мулоқотҳо буд, даст ёфтан ба қабул ва пазироии чунин ходими давлатие ҳамчун вазири корҳои хориҷа кори осон набуд. Дар ин кор ба ман Маъсумаи Турфа яке аз масъулини дафтари матбуотии СММ дар Афғонистон, ки чанде қабл дар Тоҷикистон ҳамин масъулиятро ба дӯш дошт ва аз кишвари мо ҳамеша бо***

***некӣ ёд мекард ва худ низ журналисти забардасте ҳаст, мусоидат намуд.***

***Ва инак дар он мӯҳлати кӯтоҳе, ки муқаррар шуда буд, сӯҳбати ману вазири корҳои хориҷаи Давлати Интиқолии Исломии Афғонистон доктор Абдулло дар бораи шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд ба ин тарз сурат гирифт.***

**Аввалин бор Аҳмадшоҳи Масъудро Шумо кай ва дар куҷо дидед ва бардошти Шумо аз ин дидор чӣ гуна буд?**

Оғои Аҳмадшоҳи Масъудро бори аввал ман 17 сол муқаддам дар дараи Панҷшер, ки дарёи Панҷшер аз он ҷо сарчашма мегирад, дидам ва ба мулоқоташ шарафёб гардидам. Ба он ҷо ман барои пайвастан ба муборизаи ӯ алайҳи артиши шӯравӣ омада будам. Дар он сӯҳбати фаромӯшнашаванда, ки беш аз якуним соат идома дошт, нафарҳои зиёде ширкат доштанд. Ман ҳар як лаҳзаи он мулоқотро имрӯз хуб дар хотир дорам. Ҳазорҳо бор шукри Худовандро мекунам, ки он сӯҳбат ба вуқӯъ пайваст ва бардошти ман аз ин шахсият ва аз ин мулоқот хеле дуруст баромад ва Масъуд ҳатто болотар аз бардошти ман шахсияти бузург шуданд.

**Шахсияти ӯро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

Ман аз соли 1985 то ба рӯзи шаҳодаташ ҳамроҳи Аҳмадшоҳи Масъуд будам. Фикр мекунам, ки як шахсияти байналмиллалӣ буд ва муборизоташ дар ҳарду даҳа, даҳаи 80 ва дар даҳаи 90 дар сарнавишти дунё таъсир дошт. Муборизоти даҳаи ҳаштодаш сабаби озодии Афғонистон ва озодии даҳҳо кишвар дар сатҳи дунё шуд. Муборизоти даҳаи навадаш дар баробари терроризм ва барои эҷоди субот дар Афғонистон ҷузъи сарнавишти ҷомеаи байналмиллалист. Дар таърихи Афғонистон чунин шахсиятро, ки бидуни чизе ба худаш хоста бошад, ҳамаи умри худро фидои Ватанаш кардааст, кам суроғ дорем. Дар баробари чунин бузургӣ ӯ як инсони меҳрубон буд, як равшанфикр буд, як қумандони шуҷоъ буд. Касе буд, ки

бо адаб ва ҳунар алоқа дошт, зариф буд, шахси хушхулқ буд, шахси содиқ буд, шахси боимон буд, шахси мусалмон буд. Хусусиятҳои зиёде дошт. Сифоте, ки ба нудрат дар як шахс ҷамъ мешаванд, ҳама дар ин шахс буданд.

**Шахсан барои Шумо Аҳмадшоҳи Масъуд кӣ буд?**

Барои ман як рафиқи бисёр бузург буд. Бузургтарин дӯсти ман буд. Ман аз ӯ чизҳои зиёдеро омӯхтам. Роҳе, ки ӯ пеш гирифта буд, роҳи таъмини сулҳи одилона, имрӯз масири фаъолияти маро ташкил медиҳад, боқимонда умри худро ман сарфи ҳамин роҳ хоҳам кард.

**Аҳмадшоҳи Масъуд чанд моҳ қабл аз шаҳодаташ ба Аврупо сафаре дошт ва ӯро Шумо ҳамроҳӣ мекардед. Оё сафар болои дидгоҳи Аҳмадшоҳи Масъуд таъсире гузошт?**

Дар сафаре, ки ба Аврупо дошт, бештар аз он, ки Урупо болои ӯ таъсир кунад, ӯ хост то вазъи Афғонистонро ба дунё бифаҳмонад ва дар ин қисмат муваффақ ҳам буд. Аз сӯи дигар ӯ ба ҳаёти афғонҳои берун аз кишвар, ки дар хориҷ зиндагӣ мекарданд, аз наздик шинос шуд. Ӯ дид, ки афғонҳо чи тахассусҳоеро фаро гирифтаанд ва метавонанд дар ҳар ҳолат ба кишварашон муфид бошанд. Ҳамин буд, ки ба ман супориш дод, ки кумитаҳоеро бисозем барои таҷаммӯи афғонҳо ва вақте дар Афғонистон сулҳ биёяд онҳо дар ин сулҳ дахил бошанд ва аз кишварашон ҷудо набошанд. Аз ин рӯ чандин чунин ниҳодҳо созмонёбӣ шуданд, аз қабили Анҷумани духтурони Афғонистон, Анҷумани таълиму тарбия ва ғайра. Баъдан масъулияти кор бо мутахассисони берун аз кишварро Аҳмадшоҳи Масъуд ба дӯши оғои Қонунӣ бор кард. Ҷаласоте дар берун доир шуд ва он хеле муфид буд. Чизи дигаре, ки муҳим буд, ин ба дунё бисёр возеҳ эълон кардани хатари терроризми байналмиллалӣ буд. Ӯ пешбинӣ ҳам карда буд, ки агар дунё зидди терроризм аксуламал накунад, дунё аз он осеб мебинад.

**Дунё эътироф мекунад, ки Аҳмадшоҳи Масъуд дар риштаи низомӣ як нобиға ва як фармондеҳи бесобиқа аст.**

**Шумо ӯро дар сиёсат, ба хусус сиёсати хориҷӣ чи гуна дарёфтед?**

Шахсияти Масъуд шахсияти оддӣ набуд. Низомӣ танҳо як ҷанбаи кораш буд. Табиаташ аслан дар кори низомиву аскарӣ сохта нашуда буд. Табиаташ як табиати сулҳомез буд. Мехост мардумаш ором бошад, боиззат бошад. Мехост, ки бо дунё дар сулҳ зиндагӣ кунад. Табъан ҷаҳон чунин омад, ки ба чунин корҳо дохил шуд. Аммо ман шоҳиди музокироташ будам бо сиёсатмадорони хориҷӣ. Як музокиракунандаи бисёр ҳоким ва мусаллат ва ҷаззоб буд. Масоилро дақиқ матраҳ мекард ва дақиқ натиҷагирӣ мекард. Аз ин лиҳоз ҳам ман аз Аҳмадшоҳи Масъуд дарсҳои зиёде гирифтам.

**Шумо аз сулҳдӯстии Аҳмадшоҳи Масъуд ёдовар шудед. Воқеан, дар ин рӯзҳо дар Ватани ман мардуми мо ҷашни 5 – солагии ба имзо расидани Созишномаи Сулҳро таҷлил мекунанд. Дар барқарории сулҳ дар Тоҷикистон саҳми давлати Афғонистон, раҳбарони он, ба хусус Аҳмадшоҳи Масъуд хеле бузург аст. Оё Масъуд аз чӣ гуна истиқрор шудани сулҳ дар Тоҷикистон ёд мекард?**

Дар ҳақиқат, аз дастовардҳои зиндагии худ чизеро, ки ҳамеша ба хушӣ ёд мекард, ҳамин буд, ки тавонист дар як кишвари бародар дар овардани сулҳ нақше дошта бошад. Ва ҳамеша аз ду музокира ёд мекард ва хусусан аз музокирае, ки дар Хустдеҳ байни ҷаноби оғои Раҳмонов ва ҷаноби Нурӣ сурат гирифт. Ҷузъиёти ин мулоқотро ӯ ҳикоя мекард, ки чи тавр 28 соат ё бештар давомдор музокира карданд дар як нуқтаи дур. Албатта агар садоқати Аҳмадшоҳ, нияти неки ӯ нисбати кишвари дӯсту ҳамсояи Тоҷикистон як калиди ҳалли мушкил бошад, ҷиҳати дигар ин аст, ки роҳбарони Тоҷикистон аз худ пухтагиву дарки волои сиёсиро нишон доданд ва ба сарнавишти кишвари худ масири тозае доданд. Воқеан, ҳамин сулҳу субот дар Тоҷикистон буд, ки ин кишвар тавонист аз муқовимати Давлати Исломии Афғонистон дар баробари терроризм пуштибонӣ кунад ва дар

истиқрори суботу оромӣ дар Афғонистон таъсири мустақим дошта бошад.

**Аҳмадшоҳи Масъуд аз шахсиятҳои сиёсии Тоҷикистон бо кӣ робита дошт ва аз киҳо ба некӣ ёд мекард?**

Аз шахсиятҳои сиёсии Тоҷикистон Аҳмадшоҳи Масъуд табъан бо Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов робитаи бисёр хуб дошт. Бо оқои Сайдамир Зуҳуров робитаи бисёр хуб дошт. Ба Саид Абдуллоҳи Нурӣ алоқамандии хуб дошт ва аз ҳамаи онҳо ба некӣ ёд мекард.

**Ташаккур барои мусоҳиба!**

Барои Шумо ҳам ташаккур. Ба бародарони тоҷик саломи маро бирасонед.

**Ҷавонони Тоҷикистон, 2002, 19 июл.**

# МАСЪУДА ҶАЛОЛ:
# *«ЗАН НИЗ МЕТАВОНАД РАИСИ ҶУМҲУР ШАВАД»*

***«Зан низ метавонад раиси ҷумҳур шавад». Инҳо суханонеанд, ки аз забони як зани оддии афғонӣ, зодаи яке аз дурдасттарин қарияҳои ин кишвар дар улусволии Ҷурми Бадахшон далерона дар яке аз ҷаласаҳои Луи Ҷирга садо доданд ва онҳоро рӯзи дигар даҳҳо рӯзномаҳои дохили Афғонистону хориҷ аз он ба ҳарфҳои калон ҳамчун сарлавҳа дар ҷойҳои намоёни саҳифаҳои худ ҷой доданд. Акси ин зани ситорагарми кӯҳистониро маъмулан дар паҳлӯи акси Ҳомиди Карзай ҷойгир мекарданд. Мусоҳиба бо ӯ хонданибобтарин маводи рӯзномаҳо ба шумор мерафт. Ҳама мехостанд дар бораи ин зани шуҷоъ, ки ба қавли худаш «тилисми заъфи зани афғониро шикаст», бештар иттилоъ дошта бошанд. Дар ҳақиқат, охир касе интизор набуд, ки дар кишваре, ки ҳамагӣ чанд моҳ пеш зан halметавонист дар муассисаи давлатӣ дар баробари мардон кору фаъолият кунад, имрӯз дар ҳузури мардон бо чеҳраи кушода даъвои болои онҳо раҳбар шудан, ҳатто болои кишвар раҳбар шуданро мекунад. Агар ҳамагӣ чанд моҳ пеш касе аз хушбинтарин таҳлилгарони сиёсии масоили Афғонистон чунин пешбинӣ мекард, ӯро хаёлпарасте беш намедонистанд. Вале… Вале дар Афғонистони феълӣ ҳар лаҳза ба вуқӯъи ҳар гуна ҳодиса омода бояд буд. Дар сӣ соли охир Афғонистон борҳо дунёро дар тааҷҷуб гузоштааст, не, аниқтараш такон додааст. Аммо ин баҳси дигар мавзӯъ аст. Ҳоло биёед, якҷо меравем ба сӯҳбати ин зани шуҷоъи афғонӣ, ки бо як иқдомаш номи худро абадан дар таърихи ин миллат сабт намуд.***

***Ман ӯро зери он хаймаи бузурге, ки он ҷо Луи Ҷиргаи изтирорӣ ҷараён дошт, ҳангоми танаффус пайдо кардам.***

***Худро шиносондам. Ибрози шодмонӣ кард, ки рӯзноманигори тоҷикро мебинад ва ҳамон замон омодагии хешро барои мусоҳиба изҳор кард.***

**- Нахуст мехостам дар бораи худатон мухтасаран ҳикоя мекардед?**

Ман Масъуда Ҷалол ҳастам. Фарзанди Ҳоҷӣ Тилломуҳаммад аз Ҷурми Бадахшон. Дар як хонаводаи таҳсилкарда ва мусалмон чашм ба дунё кушодам. Соли 1361 (мутобиқ ба 1983) Литсейро бо баҳои аъло хатм кардам. Ҳамон сол ба факултаи тиббии Донишгоҳи Кобул дохил шудам. Соли 1367 (1988) онро хатм кардам. Соли 1368 (1989) дар институти касалиҳои рӯҳӣ ба ҳайси духтури касалиҳои рӯҳӣ ба кор дохил шудам. Солҳои 1372 – 73 (1993 – 94) ба ҳайси раиси ҳуқуқи занони муассисаи Олии Нисвон муқаррар шудам. Соли 1374 (1995) дар депортаменти атфоли вазорати сиҳӣ ва ҳамзамон шифохонаи Отатурк дар Кобул фаъолият кардам. Соли 1375 (1996) корманди Комиссариати Олии СММ оиди паноҳандагон ва аз соли 1377 (1998) то ба ҳол мушовири сиҳии муассисаи ғизоии ҷаҳон дар шаҳри Кобул мебошам. Се фарзанд дорам. Ду духтар ва як писар. Шавҳарам Файзулло Ҷалол устоди ҳуқуқ ва сиёсат дар Донишгоҳи Кобул мебошад.

**- Чӣ ангезае шуморо ҳидоят кард, ки номзадии худро ба мансаби Раиси давлати интиқолӣ пешниҳод намоед?**

Ман ба ҳайси зани оддии афғон тӯли 23 соли ҷанг ҳамеша дар дохили Афғонистон будам ва дар байни обу оташ зиндагӣ кардам. Ҳама хуб медонанд, ки дар ин ҷанг аз ҳама бештар зани афғонӣ ранҷ дидааст. Ӯ шавҳаршро аз даст додааст, ӯ бародарашро аз даст додааст, ӯ фарзандашро аз даст додааст. Болои ӯ таҷовузу фишорҳои зиёде будааст. Ва аз ин ранҷҳову дардҳо кӣ бештар огаҳӣ дорад? Боз ҳам зани афғонӣ. Имрӯз шароит мусоид шуд, ки зани афғонӣ овоз баланд кунад. Бо истифода аз ин шанси таърихӣ ман хостам ба ҷаҳониён аз дарди зани

афғон ҳарф бизанам ва дар баробари он бигӯям, ки зани афғонӣ тавоноӣ ва зарфияти роҳбар шуданро дорад ва ӯро ба чашми кам мабинанд. Охир шоире гуфтааст:

*Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,*
*Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.*

**- Ва умедвор будед, ки вакилони Луи Ҷирга Шуморо раиси давлати интиқолии исломии Афғонистон интихоб мекунанд?**

Бале, умед доштам, вале омодаи қабули натиҷаи баръакс низ будам. Умеди ман аз он буд, ки ҳамчун як зан, як қурбонии ин ҷанги дарозмуддат дар маркази таваҷҷӯҳи аъзои Луи Ҷирга қарор мегирам. Охир мардҳо буданд, ки таи чанд соли ахир дар кишвар байни ҳам ҷанг карданд. Охир мардҳо буданд, ки ба ин кишвари ҷангзада раҳбарӣ мекарданд ва натавонистанд, ки онро ҳарчӣ тезтар аз чанголи ҷанг бираҳонанд. Ман ҳамчун як зан ва як қурбонии ин ҷанг барномаеро пешниҳод кардам, ки аксаран онро пазируфтанд. Вале мутаассифона, барои таблиғи барномаам ҳамагӣ ду рӯз вақт доштам ва он таблиғ ҳам ба таври инфиродӣ буд. Танҳо ҳамагӣ як маротиба имкони аз тариқи минбар суханронӣ кардан доштам.

**- Мундариҷаи барномаи шуморо чӣ чиз ташкил медод?**

Хати асосии барномаи маро риояти дини муқаддаси ислом ташкил медиҳад. Дуввум ҳифозат аз истиқлол, озодӣ, ҳокимияти миллӣ, тамомияти арзии кишвар. Талош кардан дар ҷиҳати таъмин ва таҳкими ваҳдати миллӣ бар бунёди баробарии ақвому миллатҳо. Тадвини қонуни нави асосии кишвар дар зарфи 18 моҳ. Фароҳам сохтани заминаи интихоботи озод, мустақим ва сартосарӣ дар кишвар. Сиёсати кадрҳоро тавре пеш бурдан, ки тибқи он лаёқат, шоистагӣ, маҳорат, тахассус меъёри асосии гузиниш ва пазириши кадрҳо бошад. Мубориза алайҳи ҳаргуна таъқиби ҷинсӣ, нажодӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, забонӣ. Ҷалби кӯмакҳои байналмиллалӣ барои бозсозӣ,

рушд ва тавсиъаи Афғонистон. Таъмини густариши муносибатҳои ҳасана бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ҳамсоягон ба асоси усули эҳтиром ба истиқлол, озодӣ ва адами мудохила дар умури якдигар. Риояти ҳуқуқи асосии шаҳрвандон ва ба мансабҳои баланди давлатӣ ҷалб кардани занону духтарон ва боз чизҳои дигар.

**- Бо вуҷуди доштани чунин як барномаи густурда муваффақ ба пирӯзӣ нашудед?**

Ҳарчанд дар ин интихобот баранда нашудам, вале худамро бозанда, яъне шикастхӯрда ҳам ҳисоб намекунам. Куҷо ин шикаст буд? Ин як пирӯзӣ буд! Пирӯзии танҳо Масъуда Ҷалол не, балки пирӯзии тамоми занҳои Афғонистон буд. Бубинед, дар як таблиғи дурӯза муяссар шуд, ки дувоздаҳ дар сади овозҳоро ба даст биёрам. Инро комёбии бузург меҳисобам. Ин маънои онро дошт, ки ман тилисми заъфи зани афғониро шикастам. Ман эътибори зани афғониро баланд бардоштам. Акнун дунё медонад, ки занони афғонӣ барои ҳаққи худ дар талош хоҳанд буд.

**- Хонуми мӯҳтарам Масъуда, баъд аз он ки номзадии хешро барои расидан ба мансаби Раиси давлати интиқолӣ эълон кардед, сари Шумо касе фишор наёвард ва ё бо тарзи дигар Шуморо аз ин ният баргардонданӣ нашуд?**

Мустақиман болои ман касе фишор наовардааст, чунин амалҳо болои шавҳарам Файзулло Ҷалол сурат гирифт. Вале мо иродаи мустаҳкам дорем. Ва замон ҳам дигар замони зурӣ нест. Нияти мо низ нияти бад нест. Ба касе зулму таадӣ накардаем ва аз касе ҳам дар ҳарос нестем.

**- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?**

Баъди ин иқдом дар Луи Ҷирга шиносу ношинос, дӯстону наздикон ба ман руҷӯъ мекарданд ва хоҳиши менамуданд, ки муборизаи хешро дар чаҳорчӯбаи ҳизбе ё созмоне идома бидиҳам. Аниқтараш аз ман дархост мешуд, ки ҳизберо таъсис бидиҳам, ки ҳадафаш иҷрои барномаи интихоботии ман бошад. Онҳо бошанд, ваъдаи

дар оянда бо ман ҳамкорӣ карданро медоданд. Аммо ман то ба ҳол сари ин масъала ҷиддӣ фикр накардам.

**- Ба занону модарони Тоҷикистон, ки ҳамеша дуогӯи барқарории сулҳу субот дар Афғонистони ҳамсояанд, ягон гуфтание доред?**

Бале. Орзумандам, ки дар диёри ба мо ҳаммарзи Тоҷикистон, ки мардумаш ба мо ҳамзабону ҳамдину ҳамфарҳанг аст, сулҳу оромӣ ҳамеша барқарор бошад. Занону модарони Тоҷикистон ҳаргиз дарду доғи фарзанду бародару шавҳарони худро набинанд ва дар ҷомеа мавқеи сазовори худро дошта бошанд.

**Ташаккур! Бароятон пирӯзиҳо орзумандам.**

Ба шумо ҳам. Ташаккур.

**Чархи гардун, 2002, 9 август**

# ОЛЕГ ПАНФИЛОВ: «МАН ШИНОСНОМАИ ТОҶИКӢ ДОРАМ»

***Олег Панфиловро гоибона мешинохтам. Ӯ на танҳо худро журналисти нозукбин ба муштариён муаррифӣ карда буд, балки ҳамчун коршинос дар музокироти сулҳи байни тоҷикон низ нақши муҳимеро иҷро мекард. Мулоқоти нахустини мо дар Кобул моҳи маи соли 1995 баргузор гардида буд. Олег ва ман ба он ҷо барои ширкат варзидан дар гуфтушунидҳои нахустини Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов ва роҳбари собиқ мухолифини ҳукумат Сайид Абдуллоҳи Нурӣ омада будем. Сӯҳбати нахустини ман низ бо Олег ҳамон вақт дар Кобул, дар Гулхона, дар қасри раёсати Ҷумҳури Давлати Исломии Афғонистон сурат гирифта буд. Воқеан, дар тӯли мулоқотҳои лидерони ҷонибҳо чизи аз ҳама муҳим, эътимоди тарафҳо ба якдигар дар ҳамин қаср эҷод шуда буд. Ҳамон вақт Олег бо ман барои рӯзномаи «Московский комсомолец» чопи Маскав мусоҳибае орост. Мавзӯи сӯҳбати мо раванди сулҳи байни тоҷикон ва авзои муҳоҷирини дар Афғонистон сукунат доштаи Тоҷикистон буд. Аз он дам расо ҳафт сол гузашт. Таи ин муддат дар Тоҷикистону ҷаҳон тағиротҳои куллие ба вуқӯъ пайвастанд. Қабл аз ҳама дар кишвари азизи мо сулҳи деринтизор барқарор шуд, ки дар он Олег Панфилов низ ҳамчун коршиноси ҳайати мухолифин саҳм гузоштааст. Бо Олег ман маротибаи дуюм баъди ҳафт сол боз ҳам дар моҳи май, боз ҳам дар хориҷ аз кишвар ва шояд рамзӣ бошад, боз ҳам дар қасре, ки дар он чанде қабл тарҳи сулҳи байни афғонҳо эҷод шуда буд, дар қасри Петерсберги Бонн сӯҳбат доштам. Ба ин ҷо ҳардуи мо барои ширкат варзидан дар гуфтугӯҳои байналмиллалии сиёсии хабарнигорон, ки дар мавзӯи «Низоъ, терроризм ва матбуот» доир гардида буд, даъват шуда будем. Ин дафъа***

***сӯҳбат бо ибтикори ман сурат гирифт. Азбаски мо дар арафаи панҷумин солгарди рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ қарор доштем, мавзӯи мусоҳиба боз ҳамон мавзӯи ҷовидона, мавзӯи сулҳ буд.***

**Олег, хоҳиш мекардам, дар аввал мухтасаран ба хонандаи ҳафтавори «Тоҷикистон» худро шинос мекардед?**

Ман соли 1957 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудаам. Факултаи ҳунарҳои зебои институти омӯзгории Ленинободро хатм кардам. Нахуст дар яке аз мактабҳои деҳот омӯзгор будам. Баъдан беш аз 10 сол дар Институти таърихи Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи ҳунарҳои қадима дар таъриху фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ тадқиқот бурдам. Соли 1992 директори бахши маскавии Кумитаи америкоии ҳифзи журналистон, баъдан директори як бахши Бунёди ҳифзи ошкорбаёнӣ ва соли 2000 созмони худам - Маркази журналистикаи экстрималиро таъсис додам. Солҳои 1995 – 1997 муовини аввали сармуҳаррири маҷаллаи «Осиёи Марказӣ», ки дар Шветсия бо забони русӣ нашр мешавад, шуда кор кардам. Солҳои 1994 – 1997 дар ҷараёни музокироти сулҳи байни тоҷикон ба ҳайси коршиноси ҷониби Иттиҳоди Нерӯҳои Оппозитсияи Тоҷик фаъолият кардам. Муаллифи беш аз 20 китобам, ки дар Русия, Шветсия ва Куба ба нашр расидаанд. Дар Куба китобам пинҳонӣ ба нашр расидааст. Дорандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Русия, дорандаи ҷоизаи Гран – Прии кинофестивали байналмиллалӣ барои филми «Бозгашт ба Яғноб», дорандаи медали коллеҷи зардуштиёни Бомбай, узви бахши ҳунарҳои зебои кумитаи ЮНЕСКО.

**Олег, зиндагӣ моро торафт аз он рӯзҳои таърихӣ дур месозад, аз он рӯзҳое, ки тарҳи сулҳи тоҷикон эҷод мешуд. Мутаассифона, баъзе аз он корҳои бузургро ба гӯшаи фаромӯшӣ додаем. Баъзе ашхоси саҳимро аз ёдҳо фаромӯш кардаем. Ин кор, мутаассифона, идома дорад. Агар хато накунам, Шумо ягона шаҳрванди рустабори тоҷикистонӣ**

**будед, ки дар раванди сулҳи байни тоҷикон фаъолона ширкат варзидаед. Вазифаи Шумо аз чӣ иборат буд?**

Вазифаи ман аз он иборат буд, ки дар омодасозии лоиҳаи ҳуҷҷату асноде, ки дар мавзӯи ҳуқуқи башар ва ҳуқуқу вазифаҳои журналистон, матбуоти озод, таҳия мешуданд, ба ҳайати музокиракунандаи мухолифини ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун коршинос фикру нуқтаи назари худро иброз намоям. Ман қариб, ки дар ҳамаи давраҳои музокироти сулҳи тоҷикон, аз даври аввал он, яъне даври Маскавӣ ва то даври охирон, яъне боз ҳам даври Маскавӣ, ширкат варзидам ва ҳамчун коршинос дар таҳияи лоиҳаи дигар аснод ҳам ибрози ақида намудаам.

**Ба фикри Шумо омили асосии ба Созиш расидани тарафҳои сулҳкунанда дар Тоҷикистон кадомҳоянд?**

Пеш аз ҳама нияту хоҳиши ҳарду ҷониби сулҳкунанда. Дуввум, нақши созмонҳои байналмиллалӣ ва кишварҳои манфиатдор дар сулҳи тоҷикон хеле бузург аст.

**Бо гузашти 5 – сол Сулҳи тоҷикон оё ҳоло ҳам осебпазир аст? Хатарҳое вуҷуд доранд, ки ба он таҳдид мекунанд?**

Бале, чунин хатарҳо вуҷуд доранд. Аз ин сабаб набояд фориғбол буд. Ва барои он ки дар ҳақиқат сулҳ дар Тоҷикистон пойдор бошад, ба ақидаи ман муколимаи байни роҳбарони ҳарду ҷониб бояд идома пайдо кунад, он таваққуф надошта бошад. Барои он ки Тоҷикистон кишвари дорои системаи дар ҳақиқат бисёрҳизбӣ бошад, барои он ки дар он ақоиди мухталиф ҳаққи мавҷудиятро дошта бошанд, озодии сухан дар амал бошад, ин гуфтугӯҳо, мулоқотҳо бояд идома пайдо кунанд. Ин аст роҳи асосии таҳкими сулҳу оштӣ. Ҳар як инсон бояд дарк кунад, ки ӯ озод аст. Ватандӯсти ҳақиқӣ танҳо ҳамоне буда метавонад, ки озод аст, дарк кардааст, ки ӯ озод аст. Озодона дар раванди сиёсӣ, дар интихобот ширкат дошта бошад, озодона ибрози ақида намояд.

**Оё матбуоти Тоҷикистон дар барқарории сулҳ саҳм**

**доштааст?**

Бо сифати умум нақши расонаҳои хабарӣ дар барқарории сулҳу амният дар Тоҷикистон хеле калон аст. Минбари асосие, ки аз он нуқтаи назарҳои ҷонибҳо иброз мешуданд, маҳз ҳамин расонаҳои хабарӣ буданд. Вале гуфта наметавонам, ки саҳми расонаҳои хабарии Тоҷикистон дар ин самт хеле калон аст. Ба ёд биёред, ки дар инъикоси фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ чи гуна душвориҳо пеш меомаданд. КОМ на ҳамеша дастрасӣ ба телевизион дошт, дар саҳифаҳои рӯзномаҳои ҳукуматӣ раванди барқарории сулҳ на ҳамеша ба таври бояду шояд инъикос мешуд.

**Фаъолияти нашрияҳои имрӯзаи Тоҷикистонро чи гуна арзёбӣ мекунед?**

Имрӯз ҳам мебинем, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳои Тоҷикистон, телевизион ба масъалаи таҳкими сулҳ, таърихи музокироти байни тоҷикон хеле кам таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Аҳён – аҳён аз лаҳзаҳои ибратбахш ёд меоранд. Аз ибрози нуқтаи назар дар бораи мушкилоте, ки баъзан дар ин роҳ зуҳур мекунанд, худдорӣ менамоянд.

Ба ҳар ҳол дар як – соли охир дар рӯзномаҳои Тоҷикистон тағйиротҳои мусбатеро мушоҳида мекунем. Ба хусус рӯзномаҳои «Азия – Плюс», «Вечерний Душанбе», «Чархи Гардун», «Тоҷикистон» вақтҳои охир хеле ҳам хонданибоб шудаанд. Ҳафтавори «Тоҷикистон» -ро дар беш аз ним соли охир ҳамеша бо як шавқу рағбат мутолиа мекунам. Маводҳои хеле ҷолиб ба нашр мерасанд. Агар мушкилоти журналистони тоҷик ҳаллу фасл шаванд, дастовардҳо хеле зиёд хоҳанд буд.

**Аз нуқтаи назари Шумо ин мушкилот кадомҳоянд?**

Якум ин дастрасии комил надоштан ба иттилоот. Мутаассифона, мансабдорон ҳанӯз ҳам гоҳо аз додани иттилоот ба хабарнигорон худдорӣ меварзанд ва бо ин талаботи Конститутсия ва Қонун дар бораи матбуотро иҷро намекунанд. Проблемаи дуюм ин мушкилоти гирифтани иҷозатнома (лисензия) барои ширкатҳои

телевизионӣ ва радиостансияҳои хусусӣ мебошад. Хеле ҳайратовар аст, ки ҳанӯз ҳам дар маркази ҷумҳурӣ як радиостансияи хусусиро доро нестем. Мушкилоти сеюм ин вобастагӣ дорад ба саводи ҳуқуқии рӯзноманигорон. Мутаассифона, на ҳама хабарнигорон ҳуқуқу вазифаҳои худро нағз медонанд ва аз онҳо ҳимоят мекунанд. Ҳамин суханро дар бораи мансабдороне, ки бо кормандони матбуот сару кор мегиранд, гуфтан мумкин аст.

**Кай охирин маротиба дар Тоҷикистон будед?**

Таи 9 соли охир аввалин бор соли гузашта, моҳи сентябр бо даъвати Президент Эмомалӣ Раҳмонов барои ширкат варзидан дар ҷашни истиқлолият ба Тоҷикистон рафта будам. Ҳамроҳи завҷаам. Табиист, ки модарамро дар Хуҷанд зиёрат кардам. Дар баъзе аз навоҳии ҷумҳурӣ сафарҳо доштам. Гап дар сари он аст, ки завҷаам Виктория корманди рӯзномаи «Независимая газета» - и чопи Москав мебошад ва дар бораи Тоҷикистон маводу гузоришҳои зиёде таҳия мекунад. Ин сафари нахустини ӯ ба Ватани ман буд. Ӯ бо чашми худ аз наздик кишвари моро мушоҳида кард. Мо бо Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов  мулоқот доштем. Сӯҳбати мо қариб се соат идома пайдо кард. Ин мулоқот характери хусусӣ дошт ва табиист, ки ман наметавонам дар бораи ҳар он чи ки дар сӯҳбат матраҳ шуд, ҳарф бизанам. Вале муҳимаш он буд, ки дар ин мулоқот ман масъалаи озодии сухан, мушкилоти рӯзноманигоронро ба миён гузоштам ва Раиси Ҷумҳур ба ин масъалаҳо таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир кард. Ман боварӣ дорам, ки Президент ва Дастгоҳи Раиси Ҷумҳур тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд, ки вазъиятро беҳтар намоянд ва саъй мекунанд, ки кишвари мо ба давлати озоду ҳуқуқбунёд табдил ёбад.

**Шумо оё нияти ба Ватан баргаштанро доред?**

Ин орзуи ман аст. Дар ҳақиқат, ман табааи Тоҷикистонро ҳифз кардам ва ҳеҷ гоҳ шаҳрванди Тоҷикистон будани худро пинҳон надоштаам. Ман шиносномаи тоҷикӣ дорам. Масъулиятам маро водор

мекунад, ки ҳамеша дар сафар бошам. Марзбонҳои кишварҳои мухталифи дунё вақте шиносномаи тоҷикиро дар дасти ман мебинанд, хеле ҳайратзада мешаванд. Барои он ки ман ба Тоҷикистон баргардам, пеш аз ҳама лозим аст, ки манзили истиқоматӣ дошта бошам. Манзили истиқоматии ман ҳанӯз ҳам дар дасти шахсҳои бегона аст. Аз сӯи дигар шуғли ман талаб мекунад, ки бештари вақт берун аз кишвар бошам. Аз мавқеи ин масъулияти худ метавонам ба кишварам бештар нафъ биёрам. Барои ҳамин ҳам дар марҳилаи ҳозира ман имконияти бозгаштро намебинам. Вале ин маънои онро надорад, ки ман дар бораи Тоҷикистон фикр намекунам. Ман ҳамеша дар фикри расондани кӯмаке ба Тоҷикистон ҳастам. Ман ҳамеша дар фикри бозгашт ба Тоҷикистон будам ва ҳастам. Ман фикр мекунам, ки ҳисси ватандӯстӣ дар он ашхосе бештар рушд мекунад, бештар хоси онҳое ҳаст, ки дар хориҷ аз Ватан бо ёди Ватан ба сар мебаранд.

**Тоҷикистон, 2002, 6 июн.**

# 2. ФАРҲАНГ, ҲУНАР ВА АДАБИЁТ

# ҲАМИД МИР:
# *«ҚАЛАМИ ЖУРНАЛИСТ ЗӮРТАР АСТ АЗ БОМБАИ ТЕРРОРИСТ»*

---

***Ҳамид Мир – сармуҳаррири рӯзномаи сиёсии урдузабони покистонии «Авсоф», ки дар Исломобод нашр мешавад, 36 сол дорад. Аз ин умри начандон тӯлонӣ 15 – соли онро ба кори рӯзноманигорӣ бахшидааст. Ӯ дар чандин нуқоти доғи олам, аз қабили Афғонистон, Кашмир, Босния, Ховари Наздик ва Шри Ланка будааст ва аз он ҷойҳо гузоришҳо таҳия кардааст. Бо сиёсатмадороне аз қабили Нелсон Мондейла – собиқ раиси ҷумҳури Африқои Ҷанубӣ, Ёсир Арафот - роҳбари давлати худгардони Фаластин, Шимон Перес – вазири корҳои хориҷаи Исроил, Адвони – вазири корҳои дохилии Ҳиндустон, Холида Зиё – сарвазири Бангладеш ва ғайра мусоҳибаҳо оростааст. Ҳамид Мир бо забони англисӣ низ гузоришу мақолаҳо менависад. Чунончи, яке аз ҳафтаномаҳои англисии шаҳри Лоҳури Покистон шарҳи воқеаҳои муҳими ҳарҳафтаинаи ҷаҳонро ба дӯши ӯ вогузоштааст. Ҳамид Мир ягона журналисте ҳаст, ки Усома бен Лодан розигӣ додааст бо ӯ се маротиба вохӯрад. Инчунин бо розигии Усома бен Лодан ӯ ба навиштани тарҷумаи ҳоли ба ном ин «террористи рақами аввали дунё» машғул аст. Охирин ва ягона журналисте, ки баъди воқеаҳои 11 – сентябри соли гузашта бо Усома вохӯрда мусоҳиб шудааст, низ маҳз ҳамин Ҳамид Мир мебошад. Ҳамид Мир дар ватанаш Покистон чандин маротиба беҳтарин рӯзноманигори сол шинохта шудааст.***

Ҳамид Мир дар ҷараёни гуфтугӯҳои байналмиллалии сиёсӣ, ки 7 – 8 маи соли 2002 дар шаҳри Бонни Олмон таҳти унвони «Матбуот, низоъ ва терроризм» шуда гузашт, дар мавзӯи «Васоити ахбори омма оё метавонанд

пеши роҳи низоъро бигиранд?» суханронии пурмазмуне кард.

Дар аввал мехостам дар шакли фишурдае мазмуни суханронии Ҳамид Мирро бароятон пешкаш намоям.

«Поёни «ҷанги сард», мутаассифона, дар ҷаҳон оғози ҷангҳои қавмиву мазҳабӣ ва минтақавӣ гардид. Имрӯз низоъҳоеро, ки дар Косово, Босния, Сомали, Руанда, Кашмир, Фаластин ва Афғонистон рух доданд, бо даҳшате ёд мекунем, - гуфт дар суханронии худ Ҳамид Мир. Ҳамлаҳои террористии 11 – сентябр ба ИМА ва ҷангҳое, ки эътилофи байналмиллалӣ бо роҳбарии Амрико ба дунболи он дар Афғонистон доир кард, боиси ҳалокати ҳазорҳо одамони бегуноҳ гардид. Талафоти зиёди ҷониву хисороти зиёди молӣ ҳар як инсони солимақлро сари андешае водор мекунад, ки оё роҳи пешгирии ин гуна низоъҳо вуҷуд дорад ё не? Оё васоити ахбори омма метавонанд, ки садди роҳи чунин хунрезиҳо гарданд?

Шаш моҳ қабл вақте ки ман воқеаҳои Афғонистонро инъикос мекардам, ҳамин саволҳо ҳамеша маро ба ташвиш меоварданд. Ҳазорҳо покистонӣ силоҳҳои хеле содда дар даст ба хотири ҷангидан алайҳи америкоиён вориди Афғонистон мешуданд. Барои онҳо ИМА дар Афғонистон на муқобили терроризм, балки муқобили дини мубини Ислом меҷангиданд. Мутаассифона, он рӯзҳо васоити ахбори оммаи Покистон натавонистанд он издиҳоми мардумро мутақоид созанд, ки кишварашон дар якҷоягӣ бо эътилофи байналмиллалӣ зидди терроризм мубориза мебарад.

Ман се рӯз якҷо бо роҳбарони «Ал – Қоида» дар арафаи суқути Толибон будам. Дар сӯҳбату мунозираҳо ман дидам, ки онҳо куштори мардуми бегуноҳро аз ҷиҳати динӣ, бо ҳадису оётҳо асоснок карда наметавонанд. Дин асоси низоъҳо буда наметавонад. Асос манфиатҳои моддии тарафайн аст. Усома бен Лодан бо баҳонаи низоъҳо дар Шарқи Наздик ва ҳузури

америкоиҳо дар Арабистони Саъудӣ дини мубини исломро истифода бурда, ҷавонони ноогоҳи арабро ба Афғонистон барои «ҷанги муқаддас» даъват кард. Барои қисми зиёди афғонҳо, покистониҳо ва арабҳо ҳамлаи Амрико ба Афғонистон маънии оғози ҷанги салибиро дошт. Зеро Раиси Ҷумҳури ИМА ибораи ҷанги салибиро айнан истифода карда буд. Ҳукумати Амрико расман барои истифодаи он ибора бахшиш пурсид. Вале он ба таваҷҷӯҳи мардуми оддӣ нарасид. Чаро? Зеро расонаҳои ахбори умум ҷанги салиби эълон кардани ӯро хеле зиёд инъикос карда шарҳу эзоҳ дода буданд, вале вақте ки ҳукуматдорони амрикоӣ бахшиш пурсиданд, онро расонаҳои хабарӣ дар ҳаҷми хурд ва дар ҷои назарногире ҷой доданд.

Ман фикр мекунам, ки расонаҳои хабарӣ дар пешгирии низоъҳо ва бартараф кардани оқибатҳои ҷанг, барқарории сулҳу субот ва мубориза алайҳи терроризм корҳои зиёдеро анҷом дода метавонад. Мисоли оддӣ. Инъикоси ҷанги америкоиҳо дар Ветнам дар расонаҳои хабарии ИМА ба он боис шуд, ки афкори ҷомеаро зидди ин ҷанг бедор кунанд ва оқибат ҳукумати Амрико водор ба ихроҷи қувваҳои низомиаш аз Ветнам шавад.

Ҳамин гуна мавқеъгирии расонаҳои хабарии олам дар қиболи низоъҳо дар Косово ва Босния ба он оварда расонд, ки ҷанг дар ин ҷойҳо ҳам хотима пайдо кунад. Нақши муҳимро расонаҳои хабарии олам дар ҳаллу фасли ихтилофҳои Покистону Ҳиндустон низ метавонанд бозӣ кунанд. Дар муддати беш аз панҷоҳ сол дар байни ин ду кишвар 3 ҷанги дарозмуддат рух дод, ки барои ҳарду ин кишварҳо оқибатҳои вазнинеро ба бор овард. Мутаассифона, расонаҳои хабарии ин ду кишвар дар вусъат пайдо кардани ин даргириҳо саҳм гузоштаанд. Вале бояд эътироф кард, ки дар ҳар ду тараф ҳам буданд хабарнигорони алоҳидае, ки бо вуҷуди намояндаи дину миллати дигар будан аз намояндагони миллату дини дигар пуштибонӣ мекарданд. Дар нооромиҳои охире, ки

дар вилояти Гуҷороти Ҳиндустон рух доданд, аксари расонаҳои хабарии Ҳиндустон нақши мусбатро бозиданд. Онҳо рӯирост аз ифротгароёни ҳиндӣ танқид карда, мусалмонони таҳти фишор қароргирифтаро ҳимоя мекарданд.

Аз сӯи дигар расонаҳои хабарии Покистон бо мавқеъгирии худ нисбати воқеаҳои Гуҷорот ҳазорҳо ҷони ҳиндуҳоро дар вилояти Синд наҷот доданд. Вале боз ҳам гуфтан наметавонам, ки расонаҳои хабарии ҳарду кишвар тамоми корҳои аз дасташон меомадаро карданд, то аз низоъву хурезиҳои қавмиву мазҳабӣ пешгирӣ карда шавад.

Ба фикри ман расонаҳои хабарии арабзабон фаъолияти шаҳодатталабонаи фаластиниҳоро, ки боиси марги зану кӯдакони бегуноҳ мешавад, бояд ба зери тозиёнаи танқид бигиранд ва онро маҳкум намоянд. Агар сиёсатмадорон Шарон ва Арафот наметавонанд созиш кунанд, расонаҳои хабарии ин кишварҳо бояд мавқеъҳоро ба ҳам наздик намоянд.

Расонаҳои хабарӣ бояд дар ҳаллу фасли низоъҳои Ховари Наздик, Афғонистон, Кашмир, Чеченистон ҳиссагузор бошанд. Мо дар пешгирии ин низоъҳо ба ҷое нахоҳем расид, агар сабабҳои асосии сар задани ин низоъҳоро надонем. Аз сӯи дигар мо ба мафҳуми терроризм бояд баҳои ҳуқуқӣ бидиҳем. Ва бояд эътироф кунем ки ба ғайр аз шахсиятҳои алоҳида, ки бо амалҳои террористӣ машғуланд, давлатҳо низ дар сатҳи давлатӣ ба терроризм густариш мебахшанд. Сиёсати баъзе давлатҳои абарқудратро, ки тавассути зӯр мехоҳанд аҳолиро битарсонанд ва мутеъ созанд, ба ғайр аз «терроризми давлатӣ» чизи дигаре гуфтан мумкин нест. Ин навъи терроризм бадтарин шакли терроризмҳост.

Журналисти амрикои Билл О Рейл - гушоришгари ТВ Фокс Ньюс борҳо такрор ба такрор даъват кардааст, ки амрикоиҳо бояд аэропортҳо, стансияҳои барқӣ, обанборҳо ва дигар иншоотҳои муҳими Афғонистонро аз

байн бубаранд, зеро афғонҳоро, ки террористонро ҷой додаанд, ҷазо додан лозим аст. Бубинед, Фокс Ньюс ИМА – ро зери шиори мубориза бо терроризм ба содир кардани амалҳои террористӣ даъват менамояд.

Ман пешниҳод мекунам, ки созмонҳои журналистии ҷаҳон ва расонаҳои хабарии олам як санаде ё худ кодекси байналмиллалиеро дар бораи тарзи додани гузоришҳо аз манотиқи доғ ва амалиётҳои террористӣ таҳия намоянд ва ҳар як гузоришгар аз рӯи талаботи ҳамин кодекс дар бораи ин ва ё он ҳодисаи террористӣ ва ё низоъи байналмилалӣ ба муштариён иттилоъ бидиҳад».

***Суханронии Ҳамид Мир таваҷҷӯҳи зиёди ҳозиринро ба вуҷуд овард. Аксарият мехостанд дар атрофи суханронии ӯ нуқтаи назари худро изҳор намоянд, баҳсу мунозира намоянд. Вале, мутаассифона, ҷараёни ин гуфтугӯйҳо чунон ба нақша гирифта шуда буд, ки барои суолу ҷавоб ҳам ҳатто вақти маҳдуде гоҳо пайдо намешуд. Танҳо дар лаҳзаҳои кӯтоҳи қаҳванӯшӣ ва хӯрдани ғизо имконияти танги суолу ҷавоб кардан ва радду бадали нуқтаи назар пайдо мешуд. Ба ҳар ҳол мо тавонистем, ки бо чанд саволе ба Ҳамид Мир тавассути тарҷумоне муроҷиат кунем. Нахуст аз ӯ пурсидам:***

**Усома бен Лоданро охирин бор шумо кай ва дар куҷо дидед ва сӯҳбати шумо чӣ гуна гузашт?**

- Усома бен Лоданро бори охирин, яъне дар санаи 8 – уми ноябри соли гузашта дар яке аз манотиқи кӯҳии Афғонистон дидам ва ҳамсӯҳбаташ шудам. Ва чи тавре ки дар суханрониям гуфтам, ман нахустин журналисте будам, ки бо ӯ баъди ҳамлаҳои 11 – сентябр мулоқот мекардам. Табиист, ки нахуст аз ӯ пурсидам, ки оё ин ҳамла кори дасти одамони ӯ мебошад ё не? Вай ҷавоби манфӣ дод, вале қаноатмандии хешро аз вуқӯи ин ҳодиса пинҳон намедошт. Ба саволи дигари худ, оё қатли куштори занону кӯдакони бегуноҳро, ки дар натиҷаи ҳамлаи 11 – сентябр ва ҳамлаҳои баъдинаи амрикоиҳо ба Афғонистон сурат гирифтанд, метавон бо далелҳои мушаххаси динӣ кори

дуруст номид, низ ҷавоби қаноатмандкунандае нагирифтам. Аз ин рӯ эҳсос кардам, ки таҳаммули марги мардуми бегуноҳ барои роҳбарияти «Ал – Қоида» низ хеле сангин будааст.

Ба назари ман чунин намуд, ки баъди тазоҳуроти ҷомеаи ғарбӣ дар вокуниш ба ҳамлаи ИМА ба Афғонистон фикри Усома дар бораи душман хондани тамоми мардуми як тамаддуни дигар тағйир хӯрд. Албатта ин иттилоъ ба роҳбарияти «Ал – Қоида» тавассути расонаҳои хабарӣ расидааст. Бинобарин ана дар ҳамин ҷо ман дарк кардам, ки қалами журналист аз бомбаи террорист ҳам зӯртар будааст.

**Оё хатари терроризми байналмиллалӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ баъди мағлубияти «Толибон» ва «Ал – Қоида» аз байн рафтааст? Чӣ фикр доред дар ин бора Шумо?**

- Аввалан бояд бигӯям, ки Толибон ба пуррагӣ мағлуб нашудаанд ва «Ал – Қоида» низ аз байн нарафтааст. Ин гурӯҳи одамон имрӯз бабри захмишударо ба хотир меоранд, ки ба ҳар кор қодиранд. Ман се сол пеш дар назди роҳбарияти «Ал – Қоида» олими украиниеро дар даст ҷомадоне бо маводи силоҳи қатли ом дидам, ки дар сар фикри фурӯхтани онро дошт. Ҳамон силоҳ имрӯз дар дасти кист? Оё он мавриди истифода қарор нахоҳад гирифт?

***Дар ҳамин ҷо занги даъват ба ҷаласа ба мусоҳибаи мо хотима бахшид. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки як лаҳзае сабр кунад то ман аксашро барои рӯзнома бигирам. Ӯ иштиёқмандона хоҳиши маро қабул кард. Баъди аксбардорӣ ӯ ба ман корти шиносоии худро дод. Ман низ дар навбати худ ба ӯ пайравӣ кардам. Дигар фурсате нашуд, ки мо ба мавзӯи мусоҳиба баргардем.***

**Тоҷикистон, 2002, 23 май.**

# ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ:
# *«ДУРУД БА ДӮСТОНИ ТОҶИКАМ»*

---

**Чингиз Айтматов соли 1928 дар деҳаи Шакари ноҳияи Кирови Қирғизистон ба дунё омадааст. Соли 1953 ӯ Институти хоҷагии қишлоқи Қирғизистонро хатм менамояд. Вале азбаски майлу рағбати ӯ ба кори эҷодӣ бештар будааст, пешаи нависандигиро шуғли асосии худ интихоб мекунад.**

**Ҳанӯз ҳангоми донишҷӯ буданаш ҳикояҳои нахустинаш дар матбуот ба нашр мерасанд, ки аз истеъдоду қобилияти фавқулоддаи нависандагии ӯ дарак медоданд. Повести нахустинаш «Ҷамила» -ро дар синни 30 солагиаш ба нашр мерасонад. Дар синни 35 солагӣ лауреати Мукофоти Ленинӣ ва дар 40 – солагӣ лауреати Мукофоти давлатии СССР мегардад. Асарҳои ӯ «Роҳи каҳкашон», «Муаллими аввалин», «Алвидоъ Гулсара», «Киштии сафед», «Зеркунда», «Дуроҳаи боронӣ» ва ғайраву ҳоказо аз ҷумлаи китобҳои рӯи мизии адабиётшиносону мухлисони адабиёти бадеӣ ба шумор мераванд.**

**Чингиз Айтматов феълан ба сифати сафири Қирғизистон дар Белгия ифои вазифа мекунад.**

**Дар зер шумо мусоҳибаи хабарнигори моро бо ин нависандаи бузург, ки дар шаҳри Бонни Олмон дар чаҳорчӯбаи як гирдиҳамоии хабарнигорони ҷаҳон сурат гирифтааст, мехонед.**

Рости гапро гӯям ман солҳо дар орзуи он будам, ки боре ҳам бошад Чингиз Айтматовро аз наздик бубинам ва агар бахт бихандад, ҳамон дастеро, ки байни ангуштонаш хомаи сеҳрангезеро мефишорад то дар рӯи қоғаз афтону хезон аз дарду ғами инсонҳо қиссаҳои дилошӯбе боқӣ гузорад, самимона бифишорам. Вале ҳеҷ гоҳ тасаввур

кардан ҳам наметавонистам, ки боре қисмат маро бо ӯ на танҳо дар сари дастархоне якҷо месозад, балки имконият фароҳам меорад, ки чанд лаҳзаи кӯтоҳ ҳам бошад, ба ҳайси тарҷумон дар сӯҳбати ӯ бошам. Ин ҳодисаи барои ман фаромӯшнашаванда рӯзи 6 – маи соли 2002 дар қасри Петерсберги шаҳри Бонни Олмон ба вуқӯъ пайваст. Барои ин ман аз тақдир ва мизбонон як умр миннатдорам. Он шаб Чингиз Айтматов аз Муҳаммад Сиддиқи Зоҳир – раиси телевизиони Афғонистон аз авзои он кишвар пурсон шуд ва ман дар сӯҳбат ба ҳайси тарҷумон аз забони дарӣ ба русӣ ширкат варзидам. Чанде баъд дар ҷараёни зиёфат Чингиз Айтматов маъзарат хост ва моро тарк кард. Лаҳзае баъд фаҳмидам, ки вазъи саломатиаш чандон хуб набудааст ва ӯро бо ҳамроҳии Олга ном русдухтаре, ки мо, намояндагони Тоҷикистонро ба ҳайси ҳам роҳбалад ва ҳам тарҷумон ҳамроҳӣ мекард, барои муоина назди духтур фиристоданд. Аз чунин ранг гирифтани вазъият хеле ҳам дар ташвиш ва ошуфтахотир шудем. Аз як тараф гуфтугӯҳои сиёсии байналмиллалии хабарнигорон фардо субҳ оғоз мешуданд ва Чингиз Айтматов яке аз маърӯзачиёни асосии он ба шумор мерафт. Аз тарафи дигар бе тарҷумон ва роҳбалад мондан дар шаҳре, ки онро қаблан надидаву ва забони мардумашро ҳам намедонед, чандон кори ба табъ мувофиқ набуд. Вале

***Аз ноумедиҳо басо умед аст,***
***Поёни шаби сиёҳ сафед аст.***

гуфтаанд ниёгонамон.

Дар ҳақиқат, баробари дамидани субҳ Олга ба замми он ки худ ба назди мо баргашт, боз муждаи дигареро ҳамроҳаш овард. То оғози чорабинӣ тӯли беш аз як соат мо шанси таърихӣ дорем, ки аз сӯҳбати ин нависандаи забардасти ҷаҳонӣ файз бубарем. Зеро ӯро ҳамроҳаш овардааст. Ва мо аз ин лаҳзаи Худодод то тавонистем истифода бурдем. Сӯҳбат аз дохили мошине, ки моро ба маҷлисгоҳ мебурд, оғоз шуд ва он дар саҳни ҳавлии

маҷлисгоҳ то расидани дигар хабарнигорон идома пайдо кард. Мо дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат кардем. Вале дар зер танҳо аз он лаҳзаҳое ёдовар мешавем, ки ба гумонам барои хонандаи имрӯзаи тоҷик шавқбарангезанд.

Инак ба таваҷҷӯҳи шумо хонандаи азиз хулосаи сӯҳбати мо.

**Мӯҳтарам Чингиз Туракулович, киҳо аз адибони Тоҷикистон дар ёди шумо мондаанд? Киҳоро то ба ҳол фаромӯш накардаед?**

Оё метавон шоиреро ҳамчун Мирзои Турсунзода фаромӯш кард? Шоиреро, ки ҳамеша аз дӯстиву сулҳ сухан мегуфт. Ӯ шоири маҳбуби тамоми мардуми шӯравӣ буд. Ё худ Мӯъминшо Қаноатовро чӣ гуна метавон фаромӯш кард? Достонҳои ӯро дар бораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, агар хотираам маро фиреб надиҳад, ба тамоми забонҳои республикаҳои бародарӣ тарҷума карда буданд, ӯ низ вассофи бародариву дӯстии байни халқҳо буд.

**Имсол мардуми Тоҷикистон 70 – солагии зодрӯзи ин шоири бузурги худро ҷашн хоҳад гирифт.**

Мӯминшо аллакай 70 – сола шудааст? Бубинед, умр чи тавр тез мегузарад! Боварӣ дорам, ки ӯ ҳанӯз ҳам дар айни камолоти эҷодӣ ҳаст. Ӯро шоири ҷӯянда ва нововар мегуфтанд. Боз як шоири машҳури дигар доштед, шоири лирик Лоиқ Шералӣ, дар ёдам ҳаст, шодравон Мирзо Турсунзода ӯро хеле дӯст медошт. Мегуфт, ки рубоиёти Хайёми бузургро аз ёд медонад.

**Худо раҳматаш кунад, устод Лоиқ ду сол қабл аз дунё даргузаштанд.**

- Афсӯс, ӯ ҳанӯз ҷавон буд, ҳамин тавр не?

**- Бале, ҳанӯз ба синни шаст надаромада буд.**

**-** Чӣ гуна вафот кард Лоиқ?

**- Бар асари бемории инсулт. Аз кафидани раги хун дар майна.**

- Хеле муттаассифам аз марги ӯ. Чи илоҷ, одамиро аз марг ҷои гурез нест. Дар байни адибони шумо як зани хеле шӯҷоъ бо ашъори худ машҳур гашта буд. Номаш чӣ

буд? Ҳоло ист… Худам … Гул… Гул… Гулрухсор Сафиева. Бале, Гулрухсор. Ҳоло дар куҷост Гулрухсор? Ҳоло ҳам дар хориҷ аз кишвар аст?

**- Не, шоира Гулрухсор ба Тоҷикистон баргаштааст. Ӯ феълан дар Душанбе истиқомат дорад.**

- Ба фикрам дар марҳилаи ҳозира дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мисли Гулрухсори тоҷикон шоираи хушзавқу тавоноро ёфтан кори хеле душвор аст.

**- Чингиз Туракулович, дар Тоҷикистон Шуморо хеле зиёд дӯст медоранд, асарҳои Шуморо дар замони шӯравӣ ба забонҳои тоҷикиву русӣ хеле зиёд ба табъ расондаанд. Имрӯзҳо ҳам китобҳои Шумо дар дӯконҳои китобфурӯшӣ моли камёфт ба шумор меравaнд. Оё дар вақтҳои наздик мухлисонатон китобҳои нави Шуморо интизор буда метавонанд?**

- Ташаккур барои суханҳои некатон. Албатта, фаъолияти дипломатӣ вақти зиёдеро талаб мекунад. Вале ин маънои онро надорад, ки корҳои эҷодиро ба як сӯ гузошта бошам. Албатта, ба эҷоди асарҳои нав низ машғул ҳастам. Вақту соаташ ки расид дар ин бора сӯҳбат хоҳем кард. Ҳозир ҳамин қадар гуфтан мумкин, ки Худованд амон бидиҳад, асарҳои нав эҷод хоҳанд шуд. Дар ин ҷо бошад ман аз фурсат истифода бурда, тавассути шумо ба дӯстони тоҷикам саломи худро мерасонам. Воқеан, боз як дӯсти дигарам ба ёдам расид. Файласуфи хеле забардасти тоҷик Акбар Турсун, ки дар ИМА зиндагӣ мекунад. Ба ҳамаи онҳо саломи дӯстонаи худро мерасонам.

Дар ҳамин ҷои сӯҳбат як гурӯҳи хабарнигорон, ки зоҳиран нависандаи маъруфро қаблан нағз мешинохтанд, ба ӯ наздик шуданд ва хеле самимӣ аҳволпурсӣ карданд. Чингиз Айтматов ба тарафи ман гашта «сӯҳбатро баъдан идома медиҳем» гуфт.

Баъди чанд лаҳзае гуфтушунидҳои байналмиллалии сиёсӣ низ оғоз ёфтанд. Нависандаи маъруфи ҷаҳон Чингиз Айтматов дар қисмати дуввуми он рӯз бо маърӯзаи

пурмуҳтавое таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба худ ҷалб намуд. Ӯ асосан дар бораи қурбу манзалати сухан, ҷозибаи он ва рисолати хабарнигорону аҳли калом дар ҳалли мушкилоти ҷомеа андешаронӣ намуд. Ба қавли ӯ дар таҳаввулоти даҳ соли охири ҷаҳон нақши сухан, сухангӯ ва суханофарин хеле бузург будааст. Ӯ дар ин робита аз дигаргуниҳои азими сиёсиву иҷтимоие, ки таи ин чанд соли охир дар маҳдудаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, минҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ пайвастанд, бо як ҳарорату тарзи ибрози файласуфонаи нуқтаи назар ҳарф зад. Ин суханронии пурмуҳтавову баҳсбарангези ин абармарди адабиёту сиёсати ҷаҳонӣ ва авзои имрӯзаи сиёсиву низомии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки шаклгирии он аз ҳамлаҳои террористии 11 – уми сентябр маншаъ мегирад, маро ҳидоят ба он карданд, ки ҳатман боз бо як – ду саволи дигар дар ин робита ба ӯ муроҷиат намоям. Инак, ба бахти ман лаҳзаи нодире ба вуқӯъ пайваст. Нависандаи бузургро танҳо дарёфтам ва ба сӯяш шитофтам. Нахуст иҷозати дар робита ба суханрониаш дар ин гирдиҳамоии хабарнигорон ба ӯ суол карданро пурсидам. Иштиёқмандона розӣ шуд.

**- Мӯҳтарам Чингиз Туракулович, Шумо дар суханрониатон қайд кардед, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини журналистон ин дар оғози вуқӯи ҳар як ҳодиса ё иқдом дидани анҷоми он мебошад. Имрӯз баъди воқеаҳои 11 – уми сентябр соли 2001 ИМА бо баҳонаи мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ пойгоҳҳои низомии худро дар баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистону Қирғизистон мустақар карданд. Оё анҷоми ин иқдом рақобати рӯиросту шадиди ИМА бо Русияро, ки ин сарзаминро маъмулан манотиқи таҳти нуфузи хеш медонад, ба бор намеорад ва ин рақобат наметавонад ба сари мардуми ин сарзамин бадбахтиҳоеро пеш оварад? Оё вазъияти Афғонистони имрӯза, ки он аслан натиҷаи муборизаҳои дурудароз ва шадиди низомию сиёсии ҷаҳони капитализму ҷаҳони социализм мебошад, барои мо**

**дарси ибрат нест? Оё Осиёи Марказӣ ба машқгоҳи навбатии бархӯрди Амрикову Русия, ки меросхӯри асосии Иттиҳоди Шӯравӣ аст, табдил нахоҳад ёфт? Агар ҷавоби Шумо инкори ин фарзия бошад, пас ҳузури нерӯҳои низомии ИМА ва кишварҳои ғарбӣ барои мардум ва давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ чи манфиате хоҳад дошт?**

- Аввалан хидмати шумо арз кунам, ки ба ақидаи ман ҳузури нерӯҳои низомии ИМА ва дигар кишварҳои ғарбӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳаминояндаи наздик норозигӣ ва ё худ ташвиши Русияро ба бор нахоҳад овард. Зеро мубориза алайҳи терроризми байналмиллалӣ, ки ба ин наздикиҳо хотима пайдо нахоҳад кард, зарурати ҳузури ин нерӯҳоро асоснок кардааст ва Русия низ аз ин мубориза ҷонибдорӣ мекунад. Аз сӯи дигар Русия низ нағз медонад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди фурӯпошии Шӯравӣ дар марҳилаи кунунӣ мӯҳтоҷи кӯмакҳои иқтисодӣ мебошанд, то аз бӯҳрони шадид, ки онҳоро дунболагирӣ кардааст, раҳоӣ ёбанд. Вале Русия феълан тавони расонидани чунин кӯмакҳоро ба ин кишварҳо надорад. Зеро иқтисодиёти худи он ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Аз ин рӯ Русия ҳуқуқи маънавӣ надорад, ки садди роҳи вуруди инвеститсияҳои хориҷӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ гардад. Сармоягузорони хориҷӣ бошанд танҳо дар ҳамон маврид иқдом ба ворид кардани сармояашон ба ин кишварҳо менамоянд, ки мутмаин бошанд, ки заҳматашон барабас нахоҳад рафт. Бисёре аз сармоягузорон ҳузури нерӯҳои низомии давлатҳои ғарбиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун кафолати бехатарии сармояҳои худ медонанд. Аз ин рӯ фикр мекунам, ки ҳузури нерӯҳои низомии кишварҳои ғарбӣ, аз ҷумла ИМА дар Осиёи Марказӣ барои рушду нӯмӯи иқтисодиёти ин манотиқ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Тоҷикистон, 2002, 30 май.**

# КРИСТОФ ДЕ ПОНФИЛИ: *«ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОЯМ НАЗДИКУ ШИРИН АСТ»*

***Имрӯзҳо, махсусан баъд аз он, ки соҳиби истиқлолият шудем, аз кишвари зебои мо садҳо шаҳрвандони хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун дидан мекунанд. Яке ҳамчун сайёҳ, дигаре чун ходими давлатӣ, саввумӣ ба ҳайсӣ кормандӣ эҷодӣ ва ғайраҳу ва ҳоказо. Дар байни онҳо шахсиятҳое ҳастанд, ки барои ин ва ё он амалашон шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардаанд. Коргардони шинохтаи фаронсавӣ Кристоф де Понфили аз ҷумлаи онҳост. Сиву ду филми мустанади телевизионӣ ва синамоии ӯ дар озмунҳои байналмиллалӣ соҳиби ҷоизаҳои гуногун гардиданд. Вале ӯро ҷоизаҳои филмҳояш не, балки дигар чиз машҳур кардааст.***

***Ӯ дар байни филмгардонҳои хориҷие, ки Аҳмадшоҳи Масъудро аз наздик мешинохтанд, аз ҳама зиёдтар ӯро дар набардҳояш ҳамроҳӣ кардааст. Ӯ аз дигарон бештар аксҳои Масъудро ба навор гирифтааст. Ӯ аз ҳама бештар дар бораи Аҳмадшоҳ филмҳои бадеӣ ва синамоӣ таҳия кардааст. Мутахассисини ҳунари синамоӣ ва рӯзноманигорони шинохтаи Аврупо филми ӯ «Масъуд афғон» - ро беҳтарин филми мустаманд медонанд, ки то ба имрӯз дар бораи ин фармондеҳи ҳамосаофарин эҷод шудааст. Ӯ таҳти ҳамин унвон китоби ёддоштҳояшро оиди сафарҳояш ба Афғонистон ва мулоқотҳояш бо Аҳмадшоҳи Масъуд навиштааст…***

***Дар бораи Кристоф де Понфили ва эҷодиёти ӯ аз расонаҳои хабарӣ каму беш иттилоот доштам. Бинобар ин вақте фаҳмидам, ки ба Тоҷикистон омадааст, бисёр кӯшиш кардам, ки ҳамроҳаш мулоқоте дошта бошам. Ин ниятам бо кӯмаки корманди сафоратхонаи Фаронса дар Душанбе ҷаноби Жан Пьер Марго ҷомаи амал пӯшид.***

**Баъди шиносоӣ нахуст ҷаноби Кристоф де Понфилиро барои ба Тоҷикистон ташриф овarданаш хайра мақдам гуфтам.**

- Ташаккури зиёд, Ватани шуморо хеле зебову дилрабо бароям кашф кардам. Табиати дилнишину мардуми меҳмоннавозаш бадеҳатан касро мафтун месозад.

**Шумо бо нияти саёҳат омадед?**

- Не, аслан сафари ман сафари хидматӣ аст. Ман бо нияти таҳияи филми мустанаде дар бораи зиндагонии занҳои тоҷик омадам. Мехоҳам дар бораи ҳаёти занони тоҷик дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди он филме таҳия намоям. Бо ин мақсад ба навоҳии Кӯлобу Рашт сафарҳо доштам.

**Таассуротатон аз ин сафарҳо чӣ гуна аст?**

- Таассуроти хуб. Ҳарчанд дар он ҷойҳо бори аввал будам, вале ба назарам манзараҳои табиат бароям шинос менамуданд. Ҳатто мардумони он бо як забони бароям хеле наздику ширин сӯҳбат мекарданд. Ман ҳамеша Афғонистонро, махсусан дараи Панҷшерро пеши назар меовардам. Ҳатто ҷо – ҷо аксҳои Масъудро ҳам медидам.

**Ва аз Масъуди бузургу мулоқотҳоятон бо ӯ ёд мекардед?**

- Бале, ҳамин тавр.

**Пас мешавад, ки қадре аз он хотираҳоятонро ба мо ҳам қисса кунед?**

- Чаро не? Вале кадом як қиссаи ин абармарди таърихро бароятон бигӯям?

**Ҳарчӣ ки дилатон мехоҳад, ҳамонро қисса кунед.**

- Ман аввалин маротиба ба Афғонистон соли 1981 сафар кардам. Моҳи июл буд. Аз тариқи Покистон ба Панҷшер омадам. Понздаҳ рӯз пиёда роҳ гаштам. Чандин ағбаҳоро тай кардам. Бори аввал Аҳмадшоҳро ҳамон вақт дидам. Ҷавони 25 – 28 сола ба назар мерасид. Вале мардуми водии Панҷшер ӯро ҳамчун қумандони муҷоҳиддини ин дара мешинохтанд ва ҳурмат мекарданд.

Ӯ низ аз дидани филмбардори фаронсавӣ хурсанд шуд. Тааҷҷуби ман он вақт зиёд шуд, ки ӯ ба ман бо забони тозаи фаронсавӣ ҳарф зад. Сипас як ҷавонеро бо номи Меҳробиддин ба ман роҳбалад таъин кард, ки низ забони фаронсавиро хуб медонист. Натиҷаи ин сафарам ки беш аз ду моҳ идома кард, филми мустанаде шуд бо номи «Як водӣ зидди як империя».

**Ҳамин тариқ Шумо чанд маротиба ба Афғонистон сафар доштед?**

- Аз соли 1981 то соли 1997, ки охирин сафарам сурат гирифт, ҳашт маротиба аз ин кишвари зебо, вале дар ҳоли ҷанг, дидан кардам. Ҳар кадоме аз сафарҳоям беш аз якуним – ду моҳ тӯл мекашид. Дар ҷамъбаст гуфтан мумкин аст, ки беш аз як сол мудом ҳамеша дар паҳлӯи Масъуд будам.

**Ва филмҳои зиёдеро дар бораи ин сарлашкари ҳамосавӣ ба навор гирифтед?**

- Оре. Боре онҳоро ҳисоб кардам. Дар маҷмӯъ 12 соат навор танҳо дар бораи Аҳмадшоҳ ва фаъолияти низомиву сиёсии ӯ мебошад. Тахминан боз 5 соат навор ба дигар мавзӯи Афғонистон бахшида шудааст.

**Боз кадом филмҳоро дар бораи Масъуд таҳия кардаед?**

- Филмҳои зиёдеро. Масалан «Размандаҳои шуҷоъ» - ро соли 1984, «Сарбозҳои гумшуда» - ро соли 1985, «Масъуд. Чеҳраи як лидери афғон» - ро соли 1987, «Ғубори ҷанг» - ро соли 1990, «Кобул дар кунҷи олам» - ро соли 1993 ва «Масъуди Афғон» - ро соли 1998 ба навор гирифтам.

**Бешубҳа ҳар як филми Шумо таърихи худро дорад?**

- Оре. Масалан «Размандаҳои шуҷоъ» вақте ба навор гирифтам, ки дараи Панҷшер 50 рӯз пай дар пай мавриди бомбборони шӯравиҳо қарор гирифта буд. «Сарбозони гумшуда» бошад дар бораи се нафар асирони шӯравӣ, ки дар асорати Масъуд буданд, нақл мекунад. Як осетин ва ду рус. Ҳоло як нафар аз онҳо дар Торонтои Канада зиндагӣ мекунад. Филми «Ғубори ҷанг» калонҳаҷмтарин

филми ман ба ҳисоб меравад. Он 2 соату 52 дақиқа давом мекунад.

**Ин филмҳоятонро танҳо дар Фаронса намоиш медодед?**

- Не, чаро? Қариб ҳамаи онҳо дар тамоми кишварҳои аврупоӣ ва ИМА ба намоиш гузошта шуданд. Ҳатто дар Иттиҳоди Шӯравӣ. Бароятон қиссаи ҷолиберо нақл мекунам. Моҳи июли соли 1991 буд. Ҳанӯз Иттиҳоди Шӯравӣ фурӯпошӣ нашуда буд. Филми «Ғубори ҷанг» - ро худораҳматии падарам, ки забони русиро нағз медонист, бо кӯмаки Наташа Диодшева рӯзноманигори рустабори муқими Париж ба русӣ тарҷума кард. Ҳамон рӯзҳо маро барои ширкат кардан дар ҳафтаи фарҳангии Фаронса дар Беларусия ба Минск даъват карданд. Дар Минск чун фаҳмиданд, ки ман филме дар бораи Афғонистон дорам ва онро бо худ овардам, аз ман хоҳиш карданд, ки нахуст онро дар мактаби олии хадамоти амниятии КГБ намоиш диҳам. Албатта розӣ шудам. Дар толор беш аз дусад нафар афсари амниятӣ маро гӯш мекарданд. Дар аввал моро рафиқони фаронсавӣ гуфта шинос карданд. Вале баъди намоиши филм, ки аз ҷиноятҳои Армияи Шӯравӣ нақл мекард, шӯру валвола бархост. «Кӣ онҳоро ба ин ҷо роҳ додааст?. Ҳамон одамро ёфтан даркор! Ӯ хоин аст! Ин фаронсавиҳо чӣ ҳақ доранд, ки аз ахлоқ гап мезананд? Парашютистони онҳо бо алҷазоириҳо чӣ карданд?!». Ҳамин гуна сару садоҳо баланд шуданд.

Мо ҳайратзада будем. Баногоҳ аз байн як генерал бо як хитобае ҳамаро ором кард. Ӯ ба ман рӯ оварда гуфт: «Ман тобистони соли 1984 дар Панҷшер будам. Ба фикрам Шумо низ ҳамон сол дар ҳамон ҷо будед. Агар ҳамон вақт ба дастам меафтидед, ҳатман як тир ба пешониятон мезадам. Вале ҳоло баъди тамошои ин филм шармам меояд аз он ҷангҳо…». Ин суханони генерал мисли як сатил оби хунуке буданд, ки ба деги ҷӯшони он маҳфил рехта шуданд. Толор хомӯш шуд…

**Филми «Масъуди афғон» имрӯз беҳтарин филми**

**мустанадест, ки дар бораи ин фармондеҳи бемисл ба навор гирифта шудааст. Фикри таҳияи он чӣ гуна пайдо шуд?**

- Баъди суқути Кобул ба дасти Толибон дар моҳи сентябри соли 1996 дар матбуоти Ғарб сару садоҳое паҳн шуданд, ки Масъуд дигар он фармондеҳи шикастнопазир нест. Ӯ низ имрӯз ё фардо муқовиматро қатъ карда таслим мешавад ва ғайраву ҳоказо. Вале ман, ки Аҳмадшоҳро нағз мешинохтам, ба ин гапҳо ҳеҷ бовар намекардам. Баръакс, хостам, ки бо як филми мустаманди худ чунин ақидаро рад намоям. Ва агар Шумо филми «Масъуди афғон» - ро тамошо карда бошед, медонед, ки онро ман бо сухани зерин оғоз мекунам! «Ман ба истиқболи як чеҳраи номвар ва барҷастаи ин аср меравам, на ба пешвози кадом нерӯи аз кормонда ва пешпоафтода! Ва на ба боздиди кадом унсури сохта ва пардохтаи маркетҳои тавлидӣ, ки ин рӯзҳо аз ҳар гӯшаву канор арзи андом мекунанд! На, ман ба мулоқоти як қаҳрамони воқеӣ ва барозанда, Аҳмадшоҳи Масъуд меравам!».

**Шумо дар ин филматон Масъудро бештар як фарди ошиқи зиндагӣ, сулҳдӯст тасвир кардаед то як сипоҳсолор.**

- Оре. Ман дар ҳамин сафари вопасинам ба Афғонистон дарк кардам, ки ҳанӯз ҳам дар бораи Масъуд чизе нагуфтаам. Охир дар ҳар як сухани ӯ як ҷаҳон маънӣ ноҳуфта аст. Бубинед, ӯ шеърро чӣ гуна дӯст медорад ва чӣ гуна таҳлил мекунад ва чӣ гуна мефаҳмад. Ӯ донандаи хуби шеъри Ҳофиз ва Мавлавӣ буд.

**Дар ҳақиқат, дар филми «Масъуди афғон» лаҳзаи нодире сабт шудааст. Аҳмадшоҳ шеъреро ба атрофинаш мехонад ва таҳлил мекунад. Ва таҳлил чунон босаводона ҳаст, ки кас гумон мекунад онро муаллими унвондоре таҳлил мекунад. Ман филмҳои зиёдеро дар бораи Аҳмадшоҳ дидам, вале касе аз коргардонҳои онҳо ба ин ҷиҳати зиндагии Масъуд чунин таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст.**

- Масъудро ман ҳамчун гуманисти бузург ба ёд меорам. Борҳо шоҳиди он будам, ки дасти мазлумонро

гирифтааст. Раҳмдил буд. Ҳини сафари охиринам ба Афғонистон падарам дар Париж сахт бемор буд. Ҳар рӯз тавассути телефони моҳворай аз аҳволаш пурсон мешудам. Инро Аҳмадшоҳ медонист ва ҳардам аҳволи падарамро аз ман мепурсид. Боре дар ҳузури Масъуд ба шифохонаи Париж занг задам ва хабари даҳшатнокеро шунидам. Падарам вафот карда буд. Масъуд магар аз тағйири қиёфаам эҳсос кард, ки фоҷиа рух додааст, дасти тасаллият болои шонаҳои пур зи андӯҳам гузошт. Ҳамон лаҳза чашмони мо ба ҳам вохӯрданд. Нигоҳи меҳрбораш ба лашкари ғаму яъс, ки маро печонда буд, дар набард шуд. Ҳамон лаҳза чашмони меҳрангези падарамро ба ёд овардам. Ӯро сахт ба оғӯш кашидам ва талх гиристам.

**Ҷаноби Кристоф, ман мехостам маҳз аз Шумо бифаҳмам, ки чаро афғонҳо нисбати фаронсавиҳо як ҳусну таваҷҷӯҳи хосае, як меҳрубоние доранд?**

- Медонед, ман як филми мустанади худро маҳз ба ҳамин масъала бахшидам. Дар он дар бораи 12 нафар фаронсавие, ки дар солҳои охир бештари умри бобаракати худро дар Афғонистон сарфи хизмати ин мардум кардаанд, сухан меравад. Масалан, Хонум Лорен Ломание ҳанӯз соли 1980 ба Афғонистон рафта буд ва аввалин фаронсавие буд, ки ба Масъуд вохӯрда буд. Худи ҳамон сол Хонум Лорен аввалин шуда дар байни хориҷиён дар дараи Панҷшер як муассисаи табобатиро созмон медиҳад бо номи «Созмони байналмиллалии кӯмаки тиббӣ». Олими сиёсатшиноси фаронсавӣ Оливие Руа бо таҳлилҳои чуқури худ тавассути асарҳои илмиаш оиди вазъи Афғонистон ва минтақа дар байни афғонҳо, ба хусус зиёиёни онҳо аз маҳбубияти баланде бархурдор аст. Журналист Жан Жозе Руижро чунон дӯст доштанд, ки тӯи арӯсиашро дар Андароб бо риояти тамоми урфу одати мардуми таҳҷой гузарониданд. Майк Бири олими америкоиасли фаронсавиро афғонҳо ҳамчун тарғибгари адабиёти классикии форсӣ дар Ғарб ҳурмату иззат мекунанд. Эҷодиёти Низомии Ганҷавиро ӯ на камтар аз

соҳибони ин адабиёт медонад. Тадқиқоти илмиаш ҳам дар ҳамин мавзӯъ аст. Шояд ҳусну таваҷҷӯҳи хоси афғонҳо ба фаронсавиҳо аз ҳамин сабаб бошад, ки онҳо дар Афғонистон маъмулан мактабу шифохонаҳо бунёд карданд, бо табобату таълиму тарбияи мардуми оддӣ машғул буданд. Ба ибораи худи афғонҳо бигӯем кори савоб мекарданд.

**Шумо баъди вуқӯъи ҳодисаи террори Аҳмадшоҳи Масъуд ба Афғонистон сафар доштед?**

- Не, ман вақте, ки хабари ин ҳодисаро шунидам, хаёл кардам, ки як дунёро аз байн бурданд. Афғонистонро ҳеҷ вақт ман бе Масъуд тасаввур карда наметавонистам. Тавони нишон додани чунин ҷуръатро ҳам надоштам. Оҳ, агар ҳамон қотилон аз қалби саршор аз инсонгарии Масъуд огаҳӣ медоштанд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин кор даст намезаданд. Ин фоҷиаи танҳо Афғонистон набуд. Ин фоҷиаи минтақа буд. Масъуд агар зинда мебуд, ҳодисаҳо ба дигар шакл сурат мегирифтанд. Аз ин рӯ имрӯз маро на дил мекашад ва на по меравад ба сӯи Афғонистон.

**Пас, бармегардем ба мавзӯи филми Шумо дар бораи занони тоҷик. Онро кай Шумо манзури тамошобинон карданиед?**

- Ба наворгирии филм ҳанӯз ҳам идома дорад. Кай ба итмом мерасонем, маълум нест. Вале боварӣ дорам, ки он филми ҷолибе хоҳад шуд. Дар ин ҷо чизи дигареро мехостам бароятон бигӯям. Ният дорам, ки тахминан моҳи октябри соли ҷорӣ дар яке аз кинотеатрҳои шаҳри Душанбе филми «Масъуди афғон» - ро дар ҳамкорӣ бо ҳукумати шаҳр ва вазорати фарҳанг ба маърази намоиш гузорам. Гумон мекунам, ки он писанди тамошобинон хоҳад шуд.

**Бале, нияти хуб. Дуо мекунем, ки он амалӣ шавад. Комёбу пирӯз бошед. Ташаккур барои мусоҳиба.**

- Ташаккур.

**Ҷавонони Тоҷикистон, 2002, 2 август.**

# ФИЛМБАРДОРИ АҲМАДШОҲИ МАСЪУД - ШУҶОЪТАРИН ФИЛМБАРДОРИ ҶАҲОН

- **Юсуфи Ҷоннисор сазовори ҷоизаи «Оскар» дар соли 2002 – юм шуд.**
- **Довуди Наимӣ шоҳиди охирин тапишҳои қалби поки Масъуди бузург аст.**

***«Агар мехоҳед, ки дар бораи ҳаёт ва муборизаи Аҳмадшоҳи Масъуд иттилои васеъ дошта бошед, ҳатман бо филмбардорҳои ӯ Юсуфи Ҷоннисор ва Довуди Наимӣ ҳамсӯҳбат шавед», - маслиҳат медоданд ба ман дӯстон ва бародарони афғонӣ, ҳар боре, ки аз онҳо дар бораи ин қаҳрамони даврон суол мекардам. Инҳо шахсиятҳое ҳастанд, ки як умр дар паҳлӯи ин нобиғасипаҳсолори қарн қадам задаанд ва аз талхиву шириниҳои рӯзгори ӯ беш аз дигарон огаҳӣ доранд.***

***Бинобар ин аснои сафарҳоям ба Афғонистон ҳамеша мекӯшидам то бо ин мардони шариф вохӯрам ва ҳамроҳи эшон сӯҳбате дошта бошам. Билохира ин шарафи бузург маро танҳо дар рӯзҳои таҷлили солгарди рӯзи ба шаҳодат расидани ин абармарди миллат моҳи сентябри соли 2002 дар Кобул даст дод. Аниқтараш Юсуфи Ҷоннисор ва Довуди Наимӣ ҳайати вакилони Тоҷикистонро, ки ман низ узви он будам, як шоме ба дафтари худ, ба маркази «Ориёнофилм» ба меҳмонӣ даъват карданд ва ин мусоҳибаи бароям деринтизор дар ҳамон ҷо ба вуқӯъ пайваст.***

**- Нахуст аз Юсуфи Ҷоннисор, ки феълан роҳбарии Маркази «Ориёнофилм» -ро ба ӯҳда дорад, аз таърихчаи таъсиси ин ниҳод пурсон шудам.**

- Тақрибан 17 сол пеш дар назди Кумитаи Фарҳангии Шӯрои Наззор шӯъбаи «Ҷиҳодфилм» ба кор оғоз кард.

Кор аз он шурӯъ шуд, ки Омир соҳиб Аҳмадшоҳ Масъуд маро ба назди худ хонд ва дастгоҳи филмбардориеро бароям дод. «Аз ин ба баъд таърихро ба навор мегирӣ», - гуфт ӯ. Сипас вазифаи маро мушаххас кард. Аз ёдам нарафтааст. Рӯзи дигар ман бо ин дастгоҳи филмбардорӣ дар набарде, ки дар дараи Намакови улусволии Фархор зидди артиши Шӯравӣ ба вуқӯъ пайваст, ширкат варзидам. Аввалин наворҳои видеоиро дар бораи муборизаи муҷоҳиддин ман дар ҳамин задухӯрд сабт кардаам. Бинобар ин агар бигӯем, ки ҳамон рӯзҳо рӯзҳои таъсиси «Ориёнофилм» ҳаст, хато нахоҳем кард.

**- Ва лаҳзаҳои зиёди фаромӯшнашавандаеро, ки аз он айёми ҷиҳод дар наворҳо сабт кардаед, имрӯзҳо дар даст доред?**

- Бале, бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки дар архиви «Ориёнофилм» имрӯз беш аз ҳазор соат навори мустанад дорем. Мавзӯи ин наворҳо муборизаи муҷоҳиддин барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан, ҳаёти мардуми мулкӣ дар даврони ҷиҳод зидди артиши Шӯравӣ, мактабу маориф, фарҳанг дар он замон ва ғайраву ҳоказо мебошад. Баъдан филмҳоеро дар бораи фатҳи Кобул ба дасти муҷоҳиддин гирифтем. Замони ҳукумати муҷоҳиддин, ҷангҳои дохилӣ, муқовимат бар зидди гурӯҳи Толибон мавзӯи қисми дигари филмҳои мо мебошад.

**- Оё ҳоло метавонед филмҳоеро, ки ба маърази тамошобинон гузошта шуданд, номбар кунед ва шарҳ диҳед?**

- Бале. Вале дар аввал бояд гуфт, ки агарчанде аз 17 сол пеш ба наворбардорӣ машғул ҳастем, мо наворҳоро дар аввалҳо ҳамеша ба мақсадҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ истифода мекардем. Бидуни мантаж ва ё коркарди иловагие онҳоро намоиш медодем. Тақрибан 3 – 4 сол аст, ки мо ба таҳияи филмҳои мустанад машғул ҳастем, филмҳои мустанад ба маънои томаш. Дар ин муддат мо 7 филми мустанад таҳия кардем. Яке сериоли **«Муқовимат»**, ки феълан панҷ филми онро тамошобинон

диданд. Дигаре филми **«Баҳои Озодӣ»** ва саввум филми **«Парвандаи таҷовуз»** мебошад. «Муқовимат» филмест дар бораи муборизаи муҷоҳиддин ба муқобили гурӯҳи Толибон ва хоҷагони онҳо артиши Покистон. Воқеан, «Парвандаи таҷовуз» низ филмест, ки асосан дар бораи дахолати низомиҳои Покистон дар умури Афғонистон нақл мекунад. Он дар асоси мусоҳибаҳо бо усарои покистонӣ, ки дар зиндонҳои Ҷабҳаи Муттаҳид маҳбасӣ буданд, таҳия шудааст. «Баҳои Озодӣ» филм дар бораи талошҳои мардум барои истиқлолияту озодӣ ҳаст.

**- Шумо, Юсуфҷон ва Довудҷон, хушбахтарин инсонҳоед, ки солиёни дароз дар паҳлӯи ин абармарди таърих, Омир соҳиби шаҳид дар кору пайкор будаед. Дар ин муддат, гумон мекунам, Шумо лаҳзаҳои зиёди фаромӯшнашавандаро аз ҳаёти ин марди наҷиб ба навор гирифтаед?**

- **Ҷоннисор:** Бояд гуфт, ки Омир соҳиби шаҳид, одатан, намеписандид, ки дастгоҳи филмбардориро ба сӯяш бигардонем ва аз ӯ наворбардорӣ кунем. Ӯ мехост, ки бештар аз зиндагиву набарди муҷоҳиддин навор дошта бошем. Вале бо вуҷуди ин наворҳои зиёде аз ҳаёти шахсии Омир соҳиб дар бойгонии мо ҳаст.

**- Кадом хислати ӯ бештар аз ҳама дар ёди Шумо ва наворҳои кассетаҳои Шумо нақш бастааст?**

- Ҷавонмардӣ ва ҳимматбаландии ӯ! Лаҳзаеро бароятон қисса мекунам. Шояд шумо дар бораи муборизаҳои сиёсиву низомии роҳбари Ҳизби Исломӣ Гулбидини Ҳикматёр алайҳи Омир соҳиби шаҳид хабар дошта бошед. Инро ҷаҳон медонад. Муборизаи онҳо ҳанӯз даврони донишҷӯӣ ва узви як наҳзати исломӣ буданашон оғоз шудааст. Сипас ҳангоми дар сари қудрат будани муҷоҳиддин Ҳикматёр борҳо бар зидди вазири дифоъ таъин шудан ва фаъолият кардани Масъуди шаҳид эътироз кардааст ва ҳатто муборизаи мусаллаҳона бурдааст. Чандин маротиба нафарони Гулбидин, ки барои суиқасд ба ҷони Омир соҳиб фиристода шуда буданд, дар

ҳинни амалиёт дастгир шуданд. Суиқасдчиён чандин нафарҳои Омир соҳибро бо шумули бародари бузургаш шаҳид карданд ва ба ҳамин монанд бисёр ҳодисаҳои номатлубе аз ҷониби Гулбидин сар задааст. Ҳангоме, ки гурӯҳи Толибон Кобулро тасарруф карданд, Гулбиддин низ дар қатори дигар аъзои ҳукумати ДИА аз Кобул фирор намуд. Ӯ низ ба тарафи Шимолӣ ва баъдан ба наздики дарвозаи дараи Панҷшер омад. Ана дар ҳамин ҷо Омир соҳиб Ҳикматёрро мебинад. Ҳолати рӯҳии Ҳикматёр дар он лаҳза хеле хароб буд. Ӯ ба инсонҳое шабоҳат дошт, ки дар интизори марги ногузиранд. Омир соҳиб наздаш омад. Аҳволашро пурсид. Гуфт: «Ҳикматёр, куҷо мерӣ?». Гуфт: «Ма ҳамин ҷа ҳастум, ҳамроҳи Шумо». Омир соҳиб гуфт: «Не, ма равонут мекунум Кундуз. Бирав пеши қумандонот». (Ҳикматёр зодаи улусволии Имом Соҳиби вилояти Кундуз аст). Ва ӯро бо ҳамроҳии ёронаш ба чархболи худ савор кард. Яке аз қумандонҳои Масъуди шаҳид бо номи Зиё қумандон аз Омир соҳиб пурсид, ки агар ягон нақшае бар зидди Ҳикматёр бошад, онро дар ҳаво ба иҷро бирасонанд. Дар ҳамин ҷо Омир соҳиб дарк кард, ки ҷони Ҳикматёр дар хатар аст. Зеро нафарҳои зиёде мехоҳанд аз ӯ қасос бигиранд. Бинобар ин чор нафар ҳозирбошҳои шахсиашро пеши худ даъват кард ва супориш дод, ки Ҳикматёрро то ба зодгоҳаш ҳамроҳӣ кунанд ва нагузоранд, ки як тори мӯе аз сари ӯ кам шавад. Ва аз он ҷо тавассути мухобира хабар диҳанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Аз ин қазия ду - се моҳ гузашт. Ҳикматёр гурехт Эрон рафт. Аз он ҷо ба ҷаҳон эълон кард, ки «агар ман аз Афғонистон фирор намекардам, Масъуд маро террор мекард. Бинобар сабаби ҳамин ма маҷбур шудум Афғонистонро тарк кунум, биём ба Эрон».

Аз ин мусоҳибаи Ҳикматёр чанд моҳ намегузарад, ки ӯ меояд ба Афғонистон, ба Мазори Шариф. Тахминан баъди 4 – 5 моҳи бозгашти Ҳикматёр ба Афғонистон Мазори Шариф ба дасти Толибон суқут мекунад. Ҳикматёр дигар наметавонад ба Эрон фирор кунад. Зеро

дипломатҳои эрониро дар Мазори Шариф Толибон қатли ом карда буданд. Ӯ маҷбур мешавад, ки боз ба Тахор, ба минтақаи тахти назорати Омир соҳиб биёяд. Ин дафъа ҳам Омир соҳиб ӯро бо як ҷавонмардие мепазирад. Дар Тахор дар як маъракае муйсафеди нуроние дар байни мардум аз ӯ суол мекунад: «Оғои Ҳикматёр, Шумо аз тариқи радио ба тамоми ҷаҳон эълон кардед, ки аз Афғонистон ба Эрон агар фирор намекардед, Аҳмадшоҳи Масъуд шуморо террор мекард. Имрӯз шумо аз дасти Толибон фирор кардед ва омадед ба минтақаи тахти нуфузи Аҳмадшоҳи Масъуд. Куҷост мантиқи суханҳои шумо?»

Мо дар он лаҳза Ҳикматёрро аввалин бор дидем, ки дар посух ба саволи мусоҳиби худ лол монда буд. Баъд аз ин ҳам Омир соҳиб боз тайёраи худро дар ихтиёри Гулбидин мегузорад. Ӯро аз Толиқон ба Файзободи Бадахшон мебаранд. Аз он ҷо ӯ боз ба Эрон меравад. Дар Эрон боз аз тариқи радио мегӯяд, ки Давлати Исломии Афғонистон поянда нест, имрӯз фардо сукут хоҳад кард. Хулоса, боз нотавонбиниву ноҷавонмардӣ мекунад.

**- Охирин лаҳзаҳои зиндагонии Омир соҳибро ба ёд доред? Оё он лаҳзаҳоро наворбардорӣ кардаед?**

- **Ҷоннисор:** Чор рӯз пеш аз шаҳодати Омир соҳиб аз яке аз кишварҳои хориҷӣ аз сафар баргашта будам. Бо ҳамроҳаш мулоқот кардам ва боз рафтам ба Тоҷикистон. Хонаводаи ман дар Тоҷикистон мезист. Хабари шаҳодаташро дар Тоҷикистон шунидам. Довудҷон ҳамон шабу рӯз дар паҳлӯи Омир соҳиб буд. Ӯ аз ин қазия амиқтар хабардор аст.

**Наимӣ**: Дар ҳамон лаҳзаҳое, ки Омир соҳиби шаҳид мусоҳиба дошт бо хабарнигорони террорист, ман бо ҳамроҳии Соҳибназари Муродӣ ва Акрами Коргар, дӯстони ҳамкори мо аз ҳафтаномаи «Ҳамбастагӣ» дар утоқи ҳамсоя, ки марбути дафтари вазорати хориҷаи ДИА дар қарияи Хоҷа Баҳовуддин буд, болои гузорише аз хутути ҷабҳа баҳсу мунозира доштем. Тақрибан соатҳои

12 – ву 15 дақиқаи баъд аз зӯҳр буд, ки садои инфиҷоре баланд шуд. Ҳама гумон кардем, ки тайёра ин ҷо бам (бомба) андохт. Вақте, ки аз утоқҳо баромадем, дидем, ки аз манзиле, ки он ҷо Омир соҳиб мусоҳиба дошт, дуду оташ аланга мезанад. Ба он ҷо давидем. Вориди утоқ шудем. Ҳама ҷо дуду оташ. Омир соҳиба дидем, ки як паҳлӯ хобидааст. Фавран баландуш кардем ва роҳ сӯи майдони ҳавоӣ гирифтем. Ва Омир соҳиба интиқол додем ба Тоҷикистон. Ман аз ҷумлаи он касоне будам, ки дар лаҳзаҳои охирини умраш бо Омир соҳиби шаҳид буданд. Дар дохили чархбол дар ҳинни парвоз ба Тоҷикистон як дасти ман ба зери сари Масъуди бузург буду дасти дигарам болои қалби покаш. Шояд ин дасти ман шоҳиди охирин тапишҳои қалби ин абармарди таърих будааст. Зеро то ба Тоҷикистон, ба шифохонаи ноҳияи Фархор расидан, касе ҳанӯз бовар надошт, аниқтараш бовар кардан намехост, ки Аҳмадшоҳи Масъуди бузург ҷон ба Ҳақ таслим намудааст. Вале ин ҳақиқат буд. Ҳақиқати талх. Шояд дар хотир дошта бошед, ки чанд муддат мо хабари шаҳодати Омир соҳибро аз мардуми Афғонистон ва ҷаҳониён пинҳон доштем. Ба хотири бақои миллат. Вале оё дардро, андӯҳро пинҳон дошта мешавад. Вақте, ки баргаштем ба Афғонистон фаҳмидем, ки дар ин ҳодиса як бародари мо, ёвари Омир соҳиб Осими Суҳайл ба шаҳодат расидааст. Ғаму дарди худа то чи қадар тавонистем дар мотами Суҳайли ҷавонмарг баровварда кардем. Охир марги Омир соҳиб як гапи оддӣ набуд. Тамоми зиндагии мо вобаста ба ӯ буд. Маргу зиндагии мо, истиқлолу якпорчагии кишвари мо вобастаи ҳаёту марги Масъуд буд. Мо ҳатто интизори аз байн рафтани бахши як кишваре, як миллате, ба хусус, тоҷикон будем. Вале Худованди бузург баъди ҳар як мушкиле осониеро низ пеш меорад. Агарчанде воқеаи 11 – сентябри ИМА дар асл як фоҷиа буд, аммо ҷаҳонро такон дод ва нишон дод, ки терроризми байналмиллалӣ – он нерӯи сиёҳе, ки Масъуди бузург алайҳи ӯ дар Афғонистон меҷангид, то

кучҳоҳо метавонад даст дошта бошад. Ҷаҳон боз як бори дигар Аҳмадшоҳро эътироф кард.

**- Дар филми «Масъуди Афғон», ки таҳиягари он коргардони маъруфи фаронсавӣ Кристоф де Понфили мебошад, лаҳзае сабт шудааст, ки Аҳмадшоҳи бузург шеъреро бо номи «Ситора» мехонаду таҳлил мекунад. Ин гуна лаҳзаҳоро ҳам Шумо сабт кардаед?**

**Наимӣ**: Оре, ин гуна лаҳзаҳо зиёданд. Охир Омир соҳиби шаҳид шеър ва шеърхониро бисёр дӯст медошт. Ӯ эҷодиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва махсусан Абдулқодири Бедилро хеле хуб медонист ва ҳамеша аз осори ин бузургон абётро замзама мекард. Шояд дар он, ки охирин шаби зиндагонии Омир соҳиби шаҳид шаби шеър буд, ҳикмати илоҳие нуҳуфта бошад. Шаби охирини пеш аз марг дар маҳфиле, ки дар он ба ҷуз аз Омир соҳиби шаҳид боз Масъуди Халилӣ, фарзанди шоири бузурги Аҷам устод Халилуллоҳи Халилӣ ва боз чанд нафари шеърдӯсти дигар иштирок доштанд, сухан танҳо аз шеър буду аз Ҳофизу аз Мавлавиву аз Бедил. Хушбахтона, як лаҳзаи ин маҳфилро мо ба навор гирифтаем ва дар асоси он филми мустанадеро бо номи «Шаби шеър» таҳия кардаем. Худо хоҳад дар поёни ин мусоҳиба шумо аввалин тамошобини ин сюжети ин филми мустанад хоҳед шуд.

**- Ташаккур, кошкӣ. Дар ин ҷо ба мавқеъ аст, аз Шумо суол кунам, ки оё Омир соҳиби шаҳид ба шеъру шуарои муосири Тоҷикистон алоқамандие доштанд?**

- **Наимӣ**: Бале, дар бисёр маҳфилҳое, ки сухан аз боби шеъру шоирӣ мерафт ва Омир соҳиби шаҳид он ҷо ҳузур медоштанд, ҳатман дар бораи шоирони муосири Тоҷикистон ҳам ёдовар мешуданд. Барои мисол дар якчанд маҳфиле, ки ман иштирокчии он будам, ҳангоми баҳси шеъру шоирӣ Аҳмадшоҳи Масъуд дар қатори шоирони афғониву иронӣ аз шоирони тоҷик низ ёд мекард. Шояд номи шоирони зиёдеро аз шуарои тоҷик ба забон оварда бошад ва дар бораи ашъорашон суханҳои

нек гуфта бошад. Вале дар ёди ман нақш бастааст, ки Омир соҳиб ҳамеша аз шоири ширинкаломи тоҷик Мӯъмин Қаноат ва хонума Гулрухсор ёд мекарданд. Ин гуфтаҳои маро коргардони шинохтаи афғонӣ Азизуллоҳи Ориёнфар, ки феълан раиси нашароти телевизиони Кобул аст, тасдиқ хоҳад кард.

**- Оё Масъуди бузург ба санъати мусиқӣ алоқамандие доштанд? Оҳангҳои кадом оҳангсозон ва сурудҳои кадом овозхонҳо мавриди писандашон буданд?**

**Наимӣ**: Омир соҳиби шаҳид оҳангҳои устод Сароҳангро хеле зиёд дӯст медоштанд. Ба хусус агар он сурудҳо ирфонӣ ва бар матни Мавлавӣ, Ҳофиз ва Бедил мебуданд.

**- Дар охир агар худи Шумо гуфтание дошта бошед, марҳамат, мо дар хизмати Шумо.**

- **Наимӣ**: Бале дорем. Дар ҳаёти маркази «Ориёнофилм» дар ин рӯзҳои таҷлили бузургдошти Масъуди шаҳид руйдоди хеле муҳиму хурсандибахше ба вуқӯъ пайваста аст. Юсуфҷон хоксорӣ карданду аз он ёдовар нашуданд. Гап дар сари он аст, ки мо дирӯз, яъне 10 – сентябри соли ҷорӣ, аз ИМА хушхабаре гирифтем. Дӯсти мо ва раҳбари мо Юсуфи Ҷоннисор, ки ғоибона дар озмуни байналмиллалии филмбардорон ширкат меварзид, «Шуҷоътарин филмбардори сол» эълон шуд ва ба гирифтани ҷоизаи байналмиллалии маъруфи «Оскар» мушарраф гардид. Ин барои мо як комёбии бузург аст ва албатта он ба шарофати муборизаҳои он абармарди таърих - Аҳмадшоҳи Масъуд насиби мо гаштааст.

***Дар ин ҷо ҳар як узви ҳайати Тоҷикистон Юсуфи Ҷоннисорро бо ин воқеаи фараҳманди ҳаёташ самимона табрик гуфтанд. Мизбонон тибқи ваъдаашон дастгоҳро барои намоиши сюжете аз филми «Шаби шеър» омода карданд. Аз телевизион садои мусиқии ҷигархароше оҳиста – оҳиста танинандоз мешавад. Аҳмадшоҳ дар иҳотаи дӯстонаш дар ҳоли гуфтугӯст. Овози ҷаззоби наттоқ баланд мегардад:***

«Имшаб чӣ шабест, Худоё? Бовар кунам, ки имшаб охирин шаби ӯст? Масъуд чанд бор аз Масъуди Халилӣ хост то ин ғазали Ҳофизро ба такрор замзама намояд:

**Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад ғубори танам,**
**Хушо даме, ки аз он чеҳра парда барфиганам.**
**Чунин қафас на сазои чу ман хушилҳонест,**
**Равам ба гулшани ризвон, ки мурғи он чаманам…»**

**Тоҷикистон, 2002, 20 ноябр.**

# БОЗОР СОБИР:
# *«ДАР ҒУРБАТ ТАРОНАҲОИ САТТОР, ОДИНАИ ҲОШИМ ВА… ХУДАМРО ГӮШ МЕКАРДАМ»*

Он рӯз, аниқтараш рӯзи 27.12.03 мелодӣ, толори Хонаи адибони кишвар лабрез аз алоқамандону ҳаводорони шеъри ноб буд. На танҳо дар роҳравҳои байни курсиҳои нишаст одамон китф ба китф паҳлӯи ҳам истода тамоман ҳушу гӯш шуда буданд ва чашм аз саҳна намеканданд, балки онҳое, ки паси парда монданд ва ё дар надикиҳои даромадгоҳ берун аз толор иштиёқи шунидани суханеро доштанд, бидуни он, ки саҳнаро бубинанд, то ба охири ин маҳфили пуршукӯҳ барои ҳар як байту шеъри қироаткардаи ӯ ва ё сухани нобе, ки дар бораи ӯ гуфта мешуд, самимона қарсак мезаданд, нидоҳои шодиёна сар медоданд. Бале, он рӯз толори Хонаи адибон бозори шеъри нобро мемонд, бозори шеъри ҳақиқатан ҳам бозоргирро. Устод Бозор Собир баъди беш аз 12 соли саргардониҳову дур аз Ватан буданҳо ва хуни дил дар ғурбат хӯрданҳо бо кулвори пур аз гавҳару марвориди сухани шевои форсӣ боз дар назди гавҳаршиносон ҳунари волои худро ҳамчун заргари хушсалиқае ба маърази тамошо гузошт.

Ҳар як марвориди аз дарёи маънӣ ба даст овардаи ӯро, ки худ ва наттоқони ширингуфтор пешкаши ҳозирин мекарданд, дӯстдорони шеъри олӣ бо қарсакзаниҳои пурмавҷ мепазируфтанд. Ҳозирин ташнагонеро мемонданд, ки баъди нокомиву саргардониҳои зиёде ниҳоятан ба лаби чашмаи поку мусаффое расидаанд, ки аз нӯшидани оби он ҳеҷ не, ки сер бишаванд.

-Чунин маҳфили шеърро дар ёд надорам, ки аз ин пеш кай баргузор шуда буд, - мешунавам аз марди солхӯрдае

баъди анҷоми ин базми бошукӯҳи устод Бозор Собир.

-Охири солҳои 80-уми асри гузашта устод Бозор Собир бо Аҳмад Мурид ном овозхон ва оҳангсози афғонӣ якчанд маротиба базми шеъру тарона доир карда буданд, ки ҳамеша ҳамин гуна серодаму пурмазмуну пурмӯҳтаво мегузаштанд, - ба ёд меорад нафари дигаре…

Дар ҳақиқат, ин маҳфилҳои шеъру суруди устод Бозор Собир ва Аҳмад Муридро ман низ дар хотир дорам. Дар он замон ҳамкории эҷодии устод Бозор Собир ва Аҳмад Мурид падидаи нодире дар ҳаёти фарҳангии давлати шӯроҳо ба шумор мерафт. Аввалин маротиб дар таърихи равобити фарҳангии ду кишвари ҳамсоя, яъне Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон як ҳамкории эҷодие байни шоири тавонои советии тоҷик ва оҳангсозу овозхони маъруфи афғон ба вуқӯъ пайваст. Чунин ҳамкорӣ аз чанд ҷиҳат барои тоҷикон муҳим ва манфиатнок буд. Пеш аз ҳама ба мустаҳкам шудани робитаҳои дӯстии байни Тоҷикистону Афғонистон мусоидат мекард. Дуввум завқи шеърфаҳмӣ ва шеърдонии мардум, ба хусус он иддаъ ҷавононеро, ки ба сарояндагӣ машғул буданд ва дар интихоби матни суруд ба душвориҳо мувоҷеҳ мешуданд, баланд мекард. Саввум нуфузи шеъри ноби тоҷикӣ ва шоирони хушсалиқаи тоҷикро дар қаламрави сухани форсӣ густариш медод.

Бале, бархе аз инсонҳо шунидани шеърро дар либоси оҳанг, дар чорчӯбаи тарона бештар меписанданд. Ба хусус аз забони ҳофизи дӯстдошта ва оҳангсози писандидаашон агар таронаи дилчаспе бар матни шоире садо бидиҳад, кӯшиш мекунанд то бо эҷодиёти ҳамон шоир бештар шиносоӣ пайдо кунанд.

Бо назардошти он ки ҳамкории эҷодии як шоири тавонои тоҷик бо як овозхону оҳангсози шинохтаи афғон падидаи камназире ба ҳисоб меравад ва ёдовар шудан аз тарзу шеваи баргузории он барои алоқамандони шеъру суруд, ба хусус барои онҳое, ки бо пажӯҳиши эҷодиёти устод Бозор Собир машғул ҳастанд, аз аҳамият холӣ нест

ва инчунин ба умеди он ки ин ба хотир овардан̣о шояд дар дили шоире ё оҳангсозе дар қаламрави сухани форсӣ хоҳиши чунин ҳамкорӣ намуданро бедор кунад, мо аз фурсати қулай, яъне аз ҳузури муборaки устод Бозор Собир дар кишвар истифода бурда, кӯшидем то бо он кас дар ин мавзӯъ мусоҳибае дошта бошем ва аз он лаҳзаҳои нишотовар ёдовар шавем.

Худо кунад, ки баъди хондани ин мусоҳиба ниҳоде, масъуле ё фарди саховатпешае дар фикри созмон додани чунин маъракаҳои судманду деринтизор иқдоме бикунанд.

**Устоди гиромӣ, лутфан мегуфтед, ки фикри ҳамкорӣ бо як овозхони афғонӣ нахуст ба сари кӣ омад? Оё ин ибтикори Шумо буд ё аз Аҳмад Мурид? Ё худ идеяи мақомоти расмӣ? Дар ҳамин ҷо мехостам дар бораи Аҳмад Мурид ва шиносоиатон бо ӯ қисса мекардед.**

Ман Аҳмад Муридро тамоман намешинохтам. Шиносоии мо бо Аҳмад Мурид ба воситаи тарҷумоне сурат гирифт. Тарҷумоне, ки дар Афғонистон кор мекард. Афсӯс, ки номи он тарҷумонро фаромӯш кардам. Ҳамон тарҷумон як китоби маро ҳамроҳи худ ба Афғонистон бурдааст. Китоб бо хати русӣ буд. Аҳмад Мурид хати русиро намедонист. Китобро тарҷумон дар назди Аҳмад Мурид мехонад. Шеърҳо ба Аҳмад Мурид маъқул мешаванд ва дар Аҳмад Мурид хоҳише пайдо мешавад, ки шеърero аз ҳамин китоб ба оҳанг бандад. Ва Аҳмад Мурид шеъри «Номаҳо»-ро интихоб мекунад:

***Номаҳоятро кушода***
***Бар ҳаво сар додам аз даст.***
***То шаванд абри баҳорӣ,***
***Номаҳои ёдгорӣ.***
***Бар сари танҳо бигиранд,***
***Чашмаву дарё бигиранд.***
***Номаҳо бар мо бигиранд.***

Баъдҳо Аҳмад Мурид барои таҳсил ба Қазоқистон меояд. Дар кадом як донишгоҳе ба таҳсили илм машғул

мешавад. Дар ҳамон шабу рӯз дар Душанбе як шоири афғон бо номи Оқили Беранги Кӯҳдоманӣ зиндагӣ мекард. Соли 1988 буд. Як рӯз ҳамон Беранги Кӯҳдоманӣ гуфт, ки як дӯсти мо аз Қазоқистон омадааст бо номи Аҳмад Мурид. Ӯ як овозхон ва оҳангсози афғонист. Ба шеърҳои Шумо оҳанг бастааст. Ба хонаи мо биёед, як ҷо гӯш мекунем, гуфт ӯ. Ба ӯ гуфтам, ки Аҳмад Муридро ба хонаи мо биёрад. Оқили Беранги Кӯҳдоманӣ Аҳмад Муридро ба хонаи ман овард. Бори нахуст мо бо ҳам он ҷо шинос шудем. Як ҷавони бисёр хушчақчақ ва ба қавли тоҷикон дидадаро буд. Баъд сӯҳбат кардем сари шеъру шоирӣ. Шоир аз чӣ сӯҳбат мекунад? Аз шеъру аз китобу аз дафтар. Аҳмад Мурид ба ман гуфт, ки шеъри «Номаҳо»-ро ба оҳанг бастааст. Ва мехоҳад онро дар пеши ман бихонад. Сипас Аҳмад Мурид дар пионино оҳангро худаш навохт ва сурудро хонд. Оҳанги хеле ҷолибу ҷаззобе дошт ин тарона. Ман ба сари дастархон ҳамсояҳоро низ даъват карда будам. Ба ҳамаи онҳо низ ин тарона маъқул шуда буд. Ҳамин тавр дӯстиву ҳамкории эҷодии ману Аҳмад Мурид шурӯъ шуд.

**Ҳамкории Шумо бо Аҳмад Мурид чӣ гуна сурат мегирифт? Шумо ба ӯ шеъратонро пешкаш мекардед ва ӯ ба он оҳанг мебаст ва ё бо тарзи дигар?**

Чи тавре, ки гуфтам, шеъри нахустинро ӯ худ интихоб карда буд, мустақилона. Дар интихоби матнҳои дигар ва дарки мазмуни ин шеърҳо албатта ман ба ӯ маслиҳат медодам ва ҳамкорӣ мекардам. Ҳамин тариқ шеърҳои «Ту ними манӣ», «Дилам месӯзад», «Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад», «Борони найсон мезанад дар боғҳо, дар боғҳо», «Зангӯлазанон гузашт борон» ва ғайра дар натиҷаи ҳамкории зич ба таронаҳои дилангез табдил ёфтанд.

**Фикри ба тамошобинони сершумор пешкаш кардани маҳсули ҳамкориҳои эҷодӣ бо Аҳмад Мурид кай пайдо шуд ва он чӣ гуна ҷомаи амал пӯшид?**

Аҳмад Мурид аввал дар маҳфилҳои хусусӣ таронаҳои

ба матни шеърҳои ман сурудаашро мехонд. Медидем, ки онҳо аз ҷониби шунавандагон гарм истиқбол мешуданд. Онҳоро хуш қабул мекарданд. Бинобар ин ба хулосае омадем, ки маҳсули ҳамкории эҷодии худро барои қазовати алоқамандону ҳаводорони шеъру таронаҳо дар толорҳои бузургтаре пешкаш намоем. Ман ба вазири ҳамонвақтаи маданият Нур Табаров рӯ оварда аз ин нияти худ ӯро огоҳ намудам ва дархости кӯмак кардам. Дар ҳамон вақт дар Тоҷикистон як созмон бо номи «Ҷамъияти театрӣ» буд, роҳбараш ҳунарманди хушсалиқа Ҳабибулло Абдураззоқов. Вазири маданият Нур Табаров ба ман гуфт, ки ба Ҳабибулло муроҷиат кунам, чунки аз дасти ӯ созмон додани чунин маъракаҳо хеле ҳам ба хубӣ мебарояд. Ва баъд мо рафтем ба мулоқоти Ҳабибулло Абдураззоқов. Бо ӯ маслиҳат кардем. Баъдан Ҳабибулло Абдураззоқов дар зарфи як ё ду ҳафта ин базми шеъру таронаро дар кинотеатри ба номи Ҷомӣ доир кард, бо як дилгармии хосае. Ана ҳамин тавр аввалин маротиба дар толори ҳамин кинотеатр базми эҷодии ману Аҳмад Мурид барпо гардид. Аҳмад Мурид сурудҳои ба шеърҳои ман эҷодкардаи худро бо як маҳорати баланд месароид. Ман ҳам аз эҷодиёти худ порчаҳои шеърӣ қироат мекардам, ба суолҳои сершумори тамошобинон посух медодам. Толори кинотеатри Ҷомӣ он рӯз лабрези тамошобинон буд. Одамони зиёде натавонистанд ба толори консерти роҳ биёбанд. Бинобар ин тасмим гирифта шуд, ки ҳамин барномаро аз бонуфузтарин саҳнаи дар ҳамон вақт дар Тоҷикистон буда, саҳнаи театри академикии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ намоиш диҳем. Албатта ҳама корҳои ташкиливу масрафу маблағи ин маърака ба дӯши Вазорати фарҳанг ва «Ҷамъияти театрӣ» буд. Мо танҳо ба ҳайси як баромадкунанда будем. Маҳфили дуввум таи чанд ҳафтаи баъди баргузории маҳфили аввалини шеъру суруд ба вуқӯъ пайваст. Толори театри академикии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ низ лабрез аз тамошобин гардид. Ҳозирин моро хеле ҳам гарму хуб истиқбол карданд. Дар

ин маърака низ на ҳама хоҳишмандон тавонистанд ба толор роҳ ёбанд, аз ин шаби шеъру суруд баҳра бигиранд. Ин вазъиятро ба назар гирифта созмондиҳандагони ин маҳфил ба қарор омаданд, ки чунин як маъракаро дар зали кинову консерти ба номи Борбад, ки теъдоди зиёдтари хоҳишмандонро дар худ ҷой дода метавонист, барпо намоянд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Толори консертии ба номи Борбад низ моломол аз ҳаводорону алоқамандони шеъру суруд гардид. Аҳмад Мурид тарона мехонду ман шеър. Мардуми тамошобин суол мекарданду мо ба онҳо посух медодем. Чӣ маҳфили зебое буд он рӯз! Чунин маҳфили бо шукӯҳи шеъру сурудро ман дигар дар ёд надорам.

**Чӣ шуд, ки ҳамкориҳои эҷодии Шумо бо Аҳмад Мурид идома пайдо накарданд?**

Дар ин миён ташвишҳои дигаре баромаданд ва Аҳмад Мурид фаромӯш шуд. Ва афсӯс мехӯрам, чаро фаромӯш шуд!

**Шумо дигар Аҳмад Муридро надидед?**

Аҳмад Мурид баъдан ба Душанбе омад барои истиқомат. Муқими Душанбе шуд. Ва ҳатто дар Кофарниҳон роҳбари дастаи ҳаваскорони бадеии колхози «Коммунизм» шуд, чанд вақт дар он ҷо кор кард. Вале мутаассифона, ҳамкориҳои мо бинобар сабаби пайдо гардидани ташвишҳои нав қатъ шуданд. Аҳмад Мурид дар Душанбе хонадор шуд. Як духтари қафқозиро ба занӣ гирифт. Соҳиби фарзанд шуд. Баъди чандин сол ҳангоме, ки ман дар Амрико будам, Аҳмад Мурид боре ба ман телефон кард ва аз худ дарак дод. Гуфт дар Германия зиндагӣ мекунам. Фаромӯш кардам Бонн гуфт ё Берлин. Ба ёдам ҳаст, ки гуфт як дӯкони кассетафурӯшӣ дорам дар Германия. Таронаҳои ба шеъри Шумо оҳанг бастаамро низ кассета карда фурӯхтам, - гуфт ӯ. Худам оҳанг месозам, худам суруд мехонам ва худам сабт карда мефурӯшам. Ҳамин аст пешаи ман, - гуфт Аҳмад Мурид.

**Устод, мо шунидем, ки Аҳмад Мурид ҳангоми дар**

**зиндон будани Шумо аз тариқи радиоҳо барои озодии Шумо овоз баланд кардааст. Оё ин дуруст аст?**

Ман ҳам инро аз забони дигарҳо шунидаам. Дар Маскав як фонд ҳаст бо номи «Защита гласности». Дар ҳамон ҷо гуфтанд, ки шоирони эрониву афғонӣ дар вақташ ҳамин гуна талабҳо карда будаанд. Баъдтар фаҳмам инҳо Сиёвуши Касроӣ ва Аҳмад Мурид будаанд.

**Устод, оё ҳамон маҳфилҳои шеъру суруди Шумо, ки якҷо бо Аҳмад Мурид доир кардед, дар наворҳои родиоӣ ва видеоӣ сабт шуда бошанд?**

Сабтҳои хусусие аз ин маҳфилҳо доштам. Вале ҳамаи онҳо ҳинни оворагиҳову саргардониҳо аз байн рафтанд. Маҳфили охирин дар кохи Борбад аз сӯи телевизиони тоҷик ба навор гирифта шуда буд. Шояд дар архивҳои ин ниҳод навори он маҳфил маҳфуз бошад.

**Устоди гиромӣ, иҷозат диҳед як суоли берун аз мавзӯъ диҳам. Ҳангоми дар ғурбат будан сурудҳои кадом овозхонҳоро бештар гӯш мекардед?**

Аслан ду ҳофизро гӯш мекардам. Яке аз онҳо Саттор буд, аз ҷумлаи эрониҳое, ки дар Амрико зиндагонӣ мекунанд. Саттор ва дастаи ӯро бисёр гӯш мекунам. Саттор ба шеъҳои Нодири Нодирпур оҳангҳои хеле хубе бастааст, оҳангҳои модерн. Дар маҷлисҳои хонагӣ бошад, масалан, дар зодрӯзҳо, дар дигар ҷашнҳо Одинаи Ҳошимро бисёр гӯш мекардам, зеро Одинаи Ҳошим ҳофизи оличаноб аст. Шеъру сурудро оличаноб мехонад.

**Агар хато накунам дар васфи Худораҳматии Одинаи Ҳошим шеъре низ гуфтаед?**

Бале, агар фаромӯш накарда бошам, ин аст:

***Аз базми малак фалак шунидам шаби дӯш,***
***Аз Одинаи малак шунидам шаби дӯш.***
***Раққосаи ӯ ситораи Зӯҳро буд,***
***Дар базми малак чапак шунидам шаби дӯш.***

Баъдан вақте, ки ба ёди ёру диёр бисёр хуморӣ мешудам худам ҳам суруд мехондам. Ва бештар ин

сурудро мехондам ва ба ин тарз:

(Устод Бозор Собир дубайтии зеринро бо як оҳанги ҳазину ҷигарсӯзе месарояд).

***Бинол ай най, бидеҳ дармонии ман,***
***Бинол аз бесару сомонии ман.***
***Ба рӯи ҷода поям менависад,***
***Ҳикоятҳои саргардонии ман.***

Ҳамин тариқ дар ғурбат Сатторро гӯш мекардам, Одинаи Ҳошимро гӯш мекардам ва... худамро гӯш мекардам. (хандида бо кафи даст ашки чашмонашро мерӯбад).

**Ташаккури зиёд устоди гиромӣ, барои сӯҳбати самимӣ.**

**Тоҷикистон, 2005, 6 январ.**

# ХОКУ ХОКИСТАРИ ҶАНГ

***Коко Дастагирд дар ин қарияи вайрона ба ҷуз аз ҳамин набераи хурдсолаш дигар касе надорад. Аждаҳои ҷанги хонумонсӯз зану фарзандон, бародаронашро ҳамагӣ ба коми худ фурӯ бурдааст. Хонаву кошонааш, ки замоне бӯстонсароеро мемонду садои наздиконаш барояш чаҳ-чаҳи булбулонро ба хотир меовард, дигар ба вайронаманзил табдил ёфтааст. Коко Дастагирди зану фарзанду бародар аздастдода дигар умеду орзуро низ гум кардааст. Ягона ҳадафе, ки дорад, ҳарчи зудтар набераи кӯчакашро ба дасти писараш, ки солҳост ба ҳайси мардикор дар кони ангиште хеле дур аз зодгоҳаш кор мекунад, сиҳату саломат бисупорад. Бо ҳамин ният ба сафар мебарояд. Баъди ду рӯзи сафари пурмоҷарояш ниҳоят бо азияту машаққатҳои зиёде ба кони ангишт мерасад. Вале ҳайҳот… Дар ин ҷо низ ӯ хабари маргро мешунавад, хабари марги ягона фарзанди дилбандашро…***

***Ин аст сюжети асосии филми ҳунарии «Хоку хокистар». Баъди филми коргардони маъруфи афғон Сиддиқи Бармак «Усома», «Хоку хокистар» дуввумин филми пуровозаест, ки пас аз суқути режими толибон дар Афғонистон рӯи навор омадааст. «Хоку хокистар»-ро коргардони ҷавону боистеъдоди афғон Атиқи Раҳимӣ таҳия кардааст. Ӯ феълан дар Фаронса кору зиндагӣ мекунад. Охири моҳи ноябри соли гузашта дар шаҳри Нанти Фаронса бистушашумин ҷашнвораи филмҳои мамолики Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ баргузор гардид. Филми «Хоку хокистар» аз тарафи ҳаводорони синамо, ба хусус, мутахассисони ин соҳа баҳои баланд гирифт. Истифодаи муваффақонаи ҳунармандони ғайриҳирфаӣ дар ин филмро коршиносони синамоӣ бозёфти коргардони болаёқат Атиқи Раҳимӣ медонанд. Нақши тифли хурдсолро дар ин филм фарзанди яке аз***

***коргардонҳои шинохтаи афғон Ҳумоёни Пойиз Ҷавонмарди 8-сола бозидааст. Воқеан, Ҳумоюни Пойиз дар даврони муҳоҷират бо ҳамроҳии хонаводааш дар Тоҷикистон кору зиндагӣ кардааст. Ба ақидаи тамошобинон ва мутахассисони ин соҳа Ҷавонмард аз ӯҳдаи вазифаи худ хеле хуб баромадааст. Вале сухани мо имрӯз на дар бораи ӯст.***

***Коко Абдулғанӣ-мӯйсафеди 83-сола нақши дигари асосӣ дар филми «Хоку хокистар»-ро бозидааст. Агарчанде бобои Абдулғанӣ дар ҳеҷ мактабе касби ҳунари синамогарӣ накарда бошад ҳам, вале ин аввалин нақши ӯ нест, ки дар як филми ҳунарӣ иҷро мекунад. Бори нахуст ӯро коргардони машҳури эронӣ Мӯҳсини Махмалбоф даъват мекунад то дар як филми бадеии духтари ӯ Самиро яке аз нақшҳои асосиро бозӣ кунад.***

***Моҳи июни соли 2004 дар пойтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ фестивали шашуми синамогарони кишварҳои Осиё баргузор гардид, ки дар он бобои Абдулғанӣ барои филми «Хоку хокистар» сазовори ҷоизаи беҳтарин ҳунарпешаи синамоӣ дар ҷаҳони Шарқ дар соли 2004-ум дониста шуд. Мо бобои Абдулғаниро дар хонааш, дар канораи шаҳри Кобул пайдо кардем. Бо ӯ сӯҳбате доштем, ки мӯҳтавои онро манзури хонандагони гиромӣ мекунем.***

**- Чӣ боис гашт, ки шумо дар овони пиронсолӣ ҳунарманди синамо шудед?**

-Як писари ман дар Афғонфилм кор мекунад. Номаш Абдусалом аст. Рӯзе ӯ ба назди ман омаду гуфт, ки падарҷон, пеши мо як коргардони эронӣ омада ва туро мехоҳад, ки ҳамроҳашон кор кунӣ. Ма пазируфтум ва рафтум назди он мард, ки мара талабида буд. Ӯро Мӯҳсини Махмалбоф мегуфтанд. Чун ӯ мара дид ба оғӯш кашид ва гуфт: «Падарҷон, ман туро меҷустам». Ва мақсадашро ба ман айён сохт.

**-Баъд аз чӣ сар кардед?**

-Баъд муддати шаш рӯз годивони (фойтунсаворӣ)- ро ёд гирифтум. Ва дар филми «Соати панҷи аср»-и духтари Мӯҳсини Махмалбоф Самиро нақши асосиро бозӣ кадум. Номи ма дар ин филм исми худум, коко Ғанӣ буд. Баъди хатми банаворгирии филм онро бурданд Фаронса. Дар Фаронса дар фестивали ҷаҳонии синамо филм сазовори ҷоиза шуд.

**-Филми «Соати панҷи аср»-ро шумо чӣ гуна ва дар чӣ қадар вақт гирифтед?**

-Ду моҳ мо и филма гирифтем. Филма асосан дар Кобул гирифтем. Дар Доруламон, Деҳмазанг ва охири филма дар Деҳсавз гирифтем. Дар Деҳсавз шаб хунук буд, боз годира (фойтун) дар додум, давруш гаштем, то гарм шавем. Аз годӣ як асп монд.

Дар филми «Соати панҷи аср» нақши падара бозӣ кадум. Дар ин филм ма хонабадӯш ҳастум. Хонаву кӯчи мо ҳами годӣ ҳаст. Келину духтарум ва навасем низ ҳамроҳум ҳаст. Гоҳе дар як ҷо, гоҳе дар ҷои дигар. Пушти хона мегардему хона намеёбем. Охирин лаҳзаҳо дар ҳамон Деҳисавз мегузара, ки шаб аз хунукӣ годира дар метум. Наваса аз хунукира ҷон мета ва ӯра дар гӯр меандозаму филм тамом мешава.

**-Фоҷиаи як оила.**

-Бале, фоҷиаи як оила дар филм, вале дар асл фоҷиаи мардуми Афғонистон.

**-Атиқи Раҳимӣ шуморо чӣ гуна пайдо кард?**

-Дар Фаронса мутахассисон ва тамошобинон маро чун дар он филми «Соати панҷи аср» диданд, пурсиданд, ки он нафар дар куҷо аст? Гуфтанд: «Дар Афғонистон». Баъдан ба назди ман нависанда ва коргардони афғони муқими Фаронса Атиқи Раҳимӣ омад ва хоҳиш кард, ки дар як филми ӯ нақшеро бозӣ кунум. Ма розӣ шудум. Якҷо рафтем Пули Хумрӣ барои ба навор гирифтани филм. 25 рӯз дар Пули Лархав кор кардем. Дар ин филм низ нақши марказӣ - падара бозӣ кардум. Баъд аз Пули Лархав, маъдани Каркар рафтем. Чанд муддат дар он ҷо

будем. Аз он ҷо ба Замонхел рафтем ва наворгирӣ дар он ҷо ба охир расид. Атиқи Раҳимӣ чи коре, ки барои ма мегуфт аз рӯи сенориё, ма иҷро мекардум.

**-Мушкил набуд?**

-Барои ма мушкил набуд. Кори худа бомуваффақият пеш мебурдум. Филм ба охир расид. Коргардон рафт Фаронса ва аз он ҷо ба ма нома ирсол карданд, ки паспорт ҷӯр кунум то ба он ҷо биравум. Баҳори соли ҷорӣ (соли 1383ҳ.ш.) ман рафтум Фаронса. Мардуми Фаронса мара гарм пазироӣ карданд. Филми мо дар фестивали Канн иштирок намуд. Дар вақти намоиши филм дар фестивали Канн онро тахминан 4-4,5 ҳазор тамошочӣ тамошо кард. Филми мо аввал шуд дар он ҷо. Дар Фаронса журналистони зиёде бо ма мусоҳиба карданд. Аксҳоямро маҷаллаву рӯзномаҳои зиёде нашр карданд.

**-Баъд чӣ шуд?**

-Баъд аз бозгашт аз Фаронса чанд вақт пас мара рӯзе ба Афғонфилм даъват карданд. Чун он ҷо рафтам маҳфиле ороста буданд. Ширкаткунандагони он аз ҷой бархостанд ва мара табрик гуфтанд. Гуфтам: «Чаро табрик мегӯен?» Гуфтанд: «Ҷоиза ба номат баромада». Ба номи ма як ҷоиза баромада буд. Филмро низ барои намоиш оварда буданд. Барои тамошои филм аъзои ҳукумат, вазиронро низ даъват карда буданд. Дар ҳузури ҳама вазири иттилоот ва култур оғои Саид Махдуми Раҳин ҷоизаро дар як вазъияти гуворо ба ман эҳдо кард. Аксҳои маро гирифтанд. Ҷоиза феълан пеши ма ҳаст. Ҷоизаи аввал аст барои офариниши нақши мардона дар ҷаҳони Шарқ. Ма дар филм Дастагирд ном доштум. Як бачаяки дигаре низ нақши наберaи ма, Ёсинро бозӣ мекард. Мо ҳарду нақшҳоямонро хеле хуб бозӣ кардем. Мардуми ҷаҳон баъди тамошои филм ҳайрон шуд, ки чи тур ин як марди бесавод тавонистааст чунин нақшеро дар филми ҳунарӣ бо як маҳорати баланд иҷро кунад. Ма ҳангоми иҷрои нақш кадом хастагиеро эҳсос накардум. Чизе ки коргардон мегуфт ма иҷро мекардум.

**-Оё ягон лаҳзаи ба навор гирифтани филм дар ёди Шумо бештар нақш бастааст?**

**-**Чаро не? Як минтақае буд ба номи Замонхел. Дар адирои ҳамин Замонхел келини ма, ки дар филм Зайнаб ном дошт, тибқи сенориё бар асари бомбаборон фавт карда буд. Ма навасаи худа ба хотири бачема пайдо кардан гирифта мерафтум, ки бобокалони ира пайдо кунум. Қишлоқи онҳо рафтум пурсидум, ки куҷост? Гуфтанд, ки дар сари қабрҳост. Рафтум сари қабрҳо, дидум, ки сари қабри духтари худ нишаста. Ҳарчанд гуфтум: «Ҳамроҳ, Ҳамроҳ» ҳеҷ ҷавобе нагуфт. Дидум як занаки дигар он тарафтар қабр мекана. Зан гуфт, ки ӯро ғараз нагир, ки ҳуш надора. Асобаш хароб шуда, духтаруш мурда дар бомборд. Кати касе гап намезана.

Дидум, ки и занак як мурдаро оварда мехоҳа дар қабр гузора, Рафтум пешуш, кӯмакаш кунум. Дидум, ки ҷасади сиёҳсар аст, кафан надора. Ма чодари худро сари ази ҳавор кадум, гуфтум, ки бош, сиёҳсар аст. Ма ҳамуҷа гирифтум и ҷасада дар қабр тоҳ (поин) кадум. Билохира қабра хок пур кадему ҷасада пут кадем. Ҳаму лаҳза ба ёди шаҳидои ҷанг талх гиристум, бехабар гиристум, зор-зор гиристум.

**-Тибқи сенариё фарзанди шумо ёфт мешавад?**

-Тибқи сенариё фарзанди ман дар маъдани Каркар кор мекунад. Ман навасаи худа гирифта уҷа мерам. Раиси маъдан ба ма мега, ки писари ту дар дар дохили тунел кор мекуна. Ӯ изофакорӣ дора, то нисфи шава изофакорӣ мекуна. Агар аз изофакорӣ ҳарвақте, ки омад, боз ӯра ту дида метавонӣ. Ма, ки вақти зиёд надоштум, ба раиси маъдан қуттии носи худа додум ва гуфтум, ки бачам ҳами қуттии носи мара мешноса. Дар филм бачаи худа ма ҳеҷ намебинум. ва ҳамира фикр мекунум, ки бачаи ма шояд худкушӣ када, ба хотири он, ки зануш, модаруш, кокояш ва дигар ақрабояш аз байн рафта. дар филм аз ҳамон оила як ма мемонум, бо ҳамон наваса.

**-Дар вақти иҷрои нақши асосӣ дар филми «Хоку**

**хокистар» бо кадом проблемаҳое рӯ ба рӯ шудед?**

-Бояд гуфт, ки ма каме синатангӣ дорум. Баъзан нафасгир мешавум. Дар вақти иҷрои ин нақш баъзан ҳамин маризиам авҷ мегирифт. Поям дард мекард. Атиқи Раҳимӣ бисёр дар як ҳолати нигаронии шадид фаъолият мекард. Ӯ метарсид, ки бо ман кадом ҳодисае рух надиҳад ва филми мо нимкола хоҳад монд. Ма ҳамеша ба ӯ мегуфтум, ки не, ма то ки ҷон дорум, нақши худа то охир бозӣ хоҳам кард. То шумо ноумед аз ин ҷо наравен. Ягона ормони ма ҳамин буд, ки нақша дар филм то охир бозӣ кунум. Ма муваффақона то охир қатишо кор кардум. Аз пеши ман бисёр розӣ шуданд. Барои ма ҷоиза и соата доданд. Дигар тӯҳфаҳо доданд. Аз пеши ма хуш рафтанд. Ҳамин буд, ки мара ба Фаронса даъват карданд. Муддати 8 рӯз дар Канн будум.

**-Дар бораи зиндагиномаи худ чизе мегуфтед?**

-Ҷои ма ҳаст аз Лугар. Лугар дар самти ҷануби Афғонистон ҳаст. Ма дар як хонаи деҳқон таваллуд шудум. Мо як вақт деҳқон будем. Замину гову юғу испор, дигар чизҳо доштем. Тақдир ҳамин шуд, ки амволи мо аз даст рафт, ҳиҷрат кардем, омадем ба Кобул. Аз соли ду кам чили хуршедӣ (баробар бо соли 1959-мелодӣ. С.Ҳ.) ма қати ҷармано (олмониҳо) кор мекунум. Ма феълан дар корхонаи давосозии Пули Чархӣ кор мекунум, ба ҳайси рангмол. Чанд муддат аст, ки и корхона барои коргарош таътил эълон кард. Дар вақти таътил ма дар наворбардории ин филмҳо ширкат кардум.

**-Шумо чанд фарзанд доред?**

-Ма се писар дорум. Якеш ҳамин Абдусалом ҳаст. Дигараш Абдусаттор аст, ки чанде пеш аз Эрон омада, як писари дигарам маълул аст. Дар ҳамин ҷангҳо пояш қатъ шуда. Як пой надорад. Завҷаам низ дар ҳамин ҷангҳо аз як пой маҳрум шуда. Панҷ духтар низ дорум. Ҳазор бор шукри Худо, ки ҳамаашон соҳиби хонаву дар ҳастанд.

**-Шумо дар мактаб таҳсил кардаед?**

-Не, ма дар ягон мактаб таҳсил накардаам. Хату савод

ҳам надорам. Ба ҷуз аз Қуръони шариф китоберо нахондаам.

Атиқи Раҳимӣ сенариёро бари ман ба хона равон кард ва гуфт, ки сенариёро бухон. Ма гуфтум, ки сенариёро ма хонда наметавонум. Савод надорум. Гуфт дигар кас бахшут бухона. Ма гуфтум ба дардум намехӯра. Вале дар сари филм , вақти навор агар ду варақа баҳрум бихонӣ, дар ёд мегирум. Ҳар қадар диалуге, ки дошта бошӣ, ма гуфта метавонум. Дар саҳнаи филм ҳарчӣ, ки гуфтанд, ҷавобашон пас додам.

**-Шумо сабаби дар нақши падар чунин табиӣ бозӣ карданатонро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

-Пеш аз ҳама ин, ки Худованди бузург ба ма ҷуръат дод. Агар дар ниҳоди инсон ҷуръат набошад, касе кореро анҷом дода наметавонад. Барои мисол барои шахси беҷуръат хондани як порчаи шеъре дар назди чанд нафар чӣ мушкил аст! Аз сӯи дигар худро дар ҷои қаҳрамони филм эҳсос кардан, ба пуррагӣ дарк кардани мақсаду мароми коргардон низ ба ма кӯмак мекард, ки аз ӯҳдаи вазифаи ба ма супурдашуда бароям. Барои мани ғарибу азияткашида ва ҳазорон азобу кулфатдида он қадар душвор набуд, ки нақши шахсеро бозӣ кунам, ки дар зиндагӣ ҳама чизи худа аз даст дода буд. Ма ҳангоми иҷрои дархостҳои коргардон гӯё, ки нақши худа дар филм бозӣ мекардум. Аниқтараш ма нақш не, балки дар филм зиндагӣ мекардум. Бубинен, дар филми «Хоку хокистар» нақши писарам Муродро, онеро ки мани муйсафед дар ҷӯстуҷӯяш бо чи машаққатҳои ба маъдани Каркар меравам, писари худам Абдусалом бозӣ мекунад. Ин ҳолат низ ба ма кӯмак карда, ки нақшро табиӣ иҷро кунум. Як чизи дигари муҳимро бароятон бигӯям, ки ма бо ин нақши худ воқеиятҳои ҷанги Афғонистона нишон додум. Ма и қатлу куштор, и хонасӯзиву ҷилои ватан карданҳоро ма ба чашми сар дидум. ҳазорон фоҷиаҳои инсониро шоҳид будум, ма ҳақ надоштум, ки и чизҳора нишон натум. Масалан, боз як саҳнаеро аз ҳинни

филмгирӣ ба хотир меорум. Ҳамин Муродро, ягона фарзандамро ҳукуматдорон барои хизмати сарбозӣ даъват карданд. Баъди чанде ӯро ба ҷанг мебаранд. Дар вақти ҷанг ба ӯ амр мекунанд, ки аз силоҳи вазнин ба деҳаи худ оташ кушояд. Ӯ аз иҷрои амр сар метобад. Ӯра ба зиндон меандозанд. Мани бахтбаргашта аз и рӯзи сияҳ огаҳ шуда барои халосии ӯ меоям. Ва бо нолаву фиғону ашки равон мехоҳам дили сангини соҳибони маҳбасро нарм созам, то ӯра ба ман нишон диҳанд.

**-Чанд сухан дар бораи коргардонҳое, ки ҳамроҳи шумо филм сохтанд, мегуфтед?**

-Бисёр коргардони хубу моҳир аст, Самиро Махмалбоф. Нисбат ба Атиқи Раҳимӣ Самиро ба маънои хубаш як зарра тундрав буд. Лекин сари ма ягон эрод гирифта натавонист. Бегоҳӣ вақте фориғ аз кор мешудум, Мӯҳсини Махмалбоф меомад мара бағал мегирифт ва мегуфт: «падар, хуб кор кардӣ». Ма мегуфтум: «чӣ кор кардум? ма намедонум, ма чӣ кор кардум?». Ҳами гапа чанд бор гуфт. Билохира боре гуфтум: «Охир, ма чӣ кор кардум, ки шумо и қадар мара ситоиш мекунед?». Гуфт: «Падар, агар ма як нафарро дар Эрон ду сол, се сол тарбия кунум, мисли ту воре кор карда наметона. Ма и кората мегум. ту тавре кор мекунӣ, ки гӯё даҳсола собиқаи корӣ дар нақшофаринӣ дорӣ». Баъд аз ин суханҳо дар дили ма ҳам боз як ҷуръат ва шавқу рағбати бештаре пайдо мешуд ва кӯшиш мекардум, ки рӯзи дигар боз хубтар ҳунарнамоӣ кунам.

Атиқи Раҳимӣ, коргардони филми «Хоку хокистар» бисёр бачаи хуб, мулоим, меҳрубон аст. И қадар мара навозиш медод, и қадар аз ма хуш буд, ки то охира. Албатта кори дуруст мекардум. Агар кори дуруст накунӣ, корут хуш меоя? Кори ма дуруст буд. Кори ма муваффақона пеш мерафт, мара дӯст медошт.

**-Қаблан шумо ба филм ва тамошои он алоқа доштед?**

-Не, ма он қадар дӯстдори тамошои филм набудум. Ма дар ҷавонӣ филми «Аноргалӣ»-ро тамошо кардаам.

**-Чӣ филмаст «Аноргалӣ»?**

-«Аноргалӣ» як филми ҳиндӣ буд. Дар ёдам нест, ки дар нақшҳо киҳо бозӣ мекарданд.

**-Шумо баъд аз он, ки дар филм нақш офаридед, оё ба ин пеша алоқамандӣ пайдо кардед? Киҳоро ҳоло аз коргардонҳои машҳур, ҳунармандон мешиносед?**

-Аз коргардонҳо ва ҳунармандони хориҷӣ писанди ма Амитабҳ Баччан аст. Бисёр ҳунарманди олӣ ҳаст. Дҳарамендра низ ҳунарманди ҷолиб аст. Аз коргардонҳои афғонӣ ма ҳамара дӯст дорум. Вале беш аз дигарон Сиддиқи Бармакро дӯст дорум. Инженер Латиф ҳам одами хуб аст. Вале Сиддиқи Бармак бисёр машҳур одам аст. Филмҳои ӯро ҷаҳон хуб қадр карда. Филми «Усома» шӯҳрати синамои Афғонистонро боло бурд. Умуман дар ин авохир се филм: филми «Соати панҷи аср»-и Самиро Махмалбоф, филми «Усома»-и Сиддиқи Бармак ва филми «Хоку хокистар»-и Атиқи Раҳимӣ ба ҷаҳониён нишон дода, ки Афғонистон ба вуҷуди ҷангҳои хонумонсӯз ҳанӯз ҳам аз истеъдодҳо холӣ нест.

***P.S. Аз муаллиф. Баъди ба идораи « Тоҷикистон» супурдани матни ин мусоҳиба аз Афғонистон хабар расид , ки рӯзи душанбеи 10-январи соли 2005 Коко Абдулғанӣ, ҳунарманди хушсалиқаи синамои Афғонистон бар асари бемории нафастангӣ дар синнӣ 83- солагӣ ин ҷаҳони фониро видоъ гуфт. Марги ӯро ширкаткунандагони ҷашнвораи синамоии Сан Жён ду Лёз дар Фаронса, ки чанд рӯз пеш баргузор гардид, талафоти бузурге барои синамои Афғонистон донистанд.Ҷои зикр аст, ки дар ин ҷашнвора низ Коко Абдулғанӣ ба ҳайси беҳтарин ҳунарманди офарандаи нақши мардонаи филмҳои ба ин фестивал пешниҳодгардида дониста шуд.***

***Бале, дар ин маврид одатан мегӯянд: « Дарего, ки дер омаду зуд рафт». Илоҳо, ӯро ғариқаи раҳмат ва шоистаи ҷаннат бигардон. Омин.***

**Тоҷикистон, 2005, 19 январ.**

# ҶАВОНШЕРИ ҲАЙДАРӢ: *«АҲМАД ЗОҲИР-АЛМОСИ ШАРҚ»-РО АВВАЛ ТОҶИКИСТОНИЁН ХОҲАНД ДИД!»*

**-Агар Ҷавоншери Ҳайдарӣ бихоҳад, ки дӯстдорони фарҳанг ва ҳунар дар Тоҷикистон дар бораи ӯ маълумоте дошта бошанд, мухтасаран чи чизҳоро худи ӯ мехост аз зиндагиномаи хеш ба онҳо қисса кунад?**

-Банда, Ҷавоншери Хайдарӣ, коргардон ва ҳунарпешаи филми « Аҳмад Зоҳир –Алмоси Шарқ», феълан раиси Иттиҳодияи Синамогарони Афғонистон 52 сол кабл дар шаҳри Кӯҳнаи Кобул, дар кӯчаи Ҷавоншерон таваллуд шудам.Таҳсилоти худро дар лисаи Ҳабибия ва пуҳанзаи саёнс (факултаи илм) дар риштаи маъдан тамом кардам. Шавқу алоқа ба синамо ва театр маро водошт, ки дар ҷараёни таҳсили худ дар Пуҳантун (Донишгоҳ) рӯи стеж ( саҳна) бароям ва кор кунам дар театр. Чунончи яке аз қавитарин намоишномаҳои Молйер ба номи «Хасис» дар Кобул намоиш дода шуд. Ман дар ҳамон вақт тақрибан 23 сола будам ва нақши марказӣ, яъне Ҳорпогун ё худи « Хасис»,- ро ки 60- сола буд, бозӣ мекардам. Албатта грим мешудам, макияж мешудам ва ин намоишномаро устоди бузургвор Абдулқаюми Басит, ки аз театристони машҳури Афғонистон ҳастанд ва феълан ба ҳайси раиси намояндагии Иттиҳодияи Синамогарони Афғонистон дар Шибирғон бо мо ҳамкор ҳастанд, ба саҳна гузошта буданд, Баъд аз ин роҳи мо боз шуд ба родиюи вақт. Дар он вақт телевизиюн набуд. Ба ҳайси муммасили (тамсилгар, ҳунарпеша) родиюдромҳо, достонҳои родиюӣ дар пушти микрафони родию кор мекардам. Хидмати шумо арз кунам, ки ман аз кӯдакӣ дар таҳияи барномаҳои родиюӣ ширкат мекардам. Оҳиста-оҳиста, ки телевизиюни Афғонистон эҷод шуд. Ман ба сифати мудири дром ва диалоги дарии родию ва

телевизиюнӣ Афғонистон муқаррар шудам. Филмҳои телевизиюни эҷод кардам, драма ва намоишномаҳо навиштам. Аввалин филми синамоии худро тақрибан 20 сол қабл бо номи «Бобо» сохтам. Хушбахтона, филми «Бобо» ҳамон сол дар як озмун ҷоизаи аввалро гирифт, аз ҷумла, коргардонии филм низ сазовори ҷои аввал дониста шуд ва ба ҳамин тариқ роҳи ман зиёдтар боз шуд ба тарафи синамо. Баъд филме сохтам бо номи «Каҷроҳ», ки мутаассифона, ҳанӯз монтаж нашуда, ки ҷанг сар шуд. Агарчи ман тарафдори сиёсикунии филмҳо набудам, вале дар ҳамон вақт дар як тараф давлат буду дар як тараф муҷоҳиддин. Филм баёнгари сиёсати ҳамон давра ҳаст. Вале агар сохта шавад, имрӯз ҳам тамошогар пайдо хоҳад кард. Гунҷоиши намоишро дорад. Соли 1990 ман дар як анҷуман ба ҳайси раиси Иттиҳодияи Синамогарони Афғонистон интихоб шудам. Ман аз тарафи устоди шодравон Меҳрабон Назаров, ки ба Кобул омада филми «Бобо»-ро дида буданд, ба хотири таҳияи як филми муштарак ба Тоҷикистон даъват шудам аз тарафи «Фалакфилм»- и Тоҷикистон, ки оғои Гурминҷ Завқибеков роҳбарии онро мекард. Ҳамон вақт бо раиси ҷумҳури Тоҷикистон оғои Маҳкамов сӯҳбат кардам. Ман мехостум, ки равобити фарҳангии Афғонистонро бо Тоҷикистон сахт қоим бисозум, он вақт ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Афғонистон оромиш буд. Сенориёи филми муштаракро худи ман дар асоси навиштаҳои нависандаи маъруфи афғон Акрам Усмон, ки ҳамон вақт консули Афғонистон дар Тоҷикистон буд, навиштам. Сенориё ба ҳама хуш омад. Вале муттаассифона, ҷанг ҳама чизро барбод дод. Ҳамон вақтҳо дар Тоҷикистон музоҳирот шурӯъ шуд, майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» эҷод шуд. Дар Афғонистон низ бадбахтиҳо пеш омад. Дар натиҷаи ҷанг давлати доктор Наҷибуллоҳ соҳиб суқут кард ва ман дар Тоҷикистон мондам.

**-Ва албатта дар Тоҷикистон фикри сохтани филми ҳунарие дар бораи Аҳмад Зоҳири нотакрор пайдо шуд?**

-Бале дуруст гуфтед. Дар Тоҷикистон низ ором нанишастам. Ман дукондорӣ ва ё мағозадорӣ накардам. Дар он ҷо ҳам корҳои фарҳангии худро пеш бурдам. Маркази фарҳангие бо номи «Конуни фарҳангӣ – ҳунарии Аҳмад Зоҳир»-ро дар чавкоти Иттиҳодияи муҳоҷирини Афғонистон дар Тоҷикистон эҷод кардам. Ман аз муҳаббат ва самимияти халқи тоҷик, воқеан ҳамеша дар трибунҳо арзи сипос кардам, ки бисёр маро дастгирӣ карданд. Аз мақоми раёсати ҷумҳурӣ сар карда то мардум «Конуни фарҳангӣ – ҳунарии Аҳмад Зоҳир» - ро бисёр истиқбол мекарданд. Дар чавкоти ин созмон мо солгардҳои рӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳирро ҳамеша дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Хуҷанд таҷлил мекардем. Мақари кори ман дар Хуҷанди бостон буд. Дар ҳамин ҷараён аз ман даъват ба амал омад, ки як сенориё навишта кунам аз зиндагии шодравон Аҳмад Зоҳир, ҳунарманде, ки тоҷикистониҳо махсусан дӯсташ доранд. Ҳатто ман дар дараҳои Варзоб ва Ромит вақте мерафтам, овози Аҳмад Зоҳир дар ин ҷо танинандоз буд. Ба ҳар шакл ман пазируфтам ва ин сенориёро дар Тоҷикистон бо он мушкилоте, ки доштам, мушкилоти маблағӣ навишта кардам. Дар Тоҷикистон як дақиқа гуфтугӯи телефонӣ бо хориҷа ҳамон вақтҳо 4-доллар тамом мешуд. Ман бо ҳамин қиматӣ бо тамоми дӯстони Аҳмад Зоҳир, ки дар гӯшаҳои гуногуни дунё будаанд, тамос мегирифтам ва иттилоъ ҷамъ мекардам. Дар асоси мушоҳидаҳои худ ва он иттилоъе, ки гирд овардам, ман сенориёи як филми ҳунариро омода сохтам. Баъдан кори ба наворгириро дар Тоҷикистон шурӯъ кардам. Аз муҳаббат ва самимияти ҳайати раҳбарии «Тоҷикфилм», махсусан Сайидҷон Пиров, ки симмати муовинияти раёсати «Тоҷикфилм»-ро доштанд ва хонум Гуландом, ки он вақт раис буданд, арзи сипос мекунам, ки маро бисёр дастгирӣ карданд. Чизи ҷолибе, ки ҳамеша дар хотироти ман ҳаст, ин ҳаст, ки вақте мо дар бозорҳои шаҳри зебои Душанбе филмбардорӣ мекардем ва баъд ягон чиз харидanӣ

мешудем  дўкондорҳо ва мағозадорҳо баъзан аз мо пул намегирифтанд. «Ака, чӣ хел аз шумо пул бигирем, ки шумо филми Аҳмад Зоҳирро сохта истодаед». Бубинед, мардуми мўҳтарами тоҷик чӣ гуна зебописанд ва меҳрабон ҳастанд! Ба ҳар шакл ман аз тоҷикистониён, аз давлати Тоҷикистон, аз халқи тоҷик сипосгузорам. Ҳамон тавре, ки Худованд дар Тоҷикистон як оромишро овард, дасти оромиши Тоҷикистон ба болои Афғонистон кашида шуд. Дар Афғонистон ҳам имрўз ба фазли Худо оромиш шуд. Баъд аз соли 2000 мо ба филмбардорӣ шурўъ кардем. Тақрибан шаст фисади филмро ман дар Тоҷикистон ба навор гирифтам. Баъд аз он ман ба тарафи Воронижи Русия рафтам тасовири шаҳри Варонижи Русияро ба ман оварда буданд, шабоҳате ба Кобули собиқи мо дошт. Аз ҳамин рў мо онҷоро интихоб кардем ва чил фисади боқимондаи филмро дар онҷо ба навор гирифтем.

**-Кори ба наворгирии филм чӣ қадар вақт давом кард ва он оё ба поён расидааст?**

-Бояд бигўям, ки вақте, ки филмро шурўъ кардем, дўстоне, ки сармоягузорӣ мекарданд аз Амрико, барои мо як миқдор пул равон карданд барои шурўъи кор. Аммо дар нимаи кор моро танҳо гузоштанд. Онҳо чанд шарике, ки буданд, байни худ ҷўр наомаданд. Ва моро танҳо гузоштанд. Билохира дар Маскав ду соли мукаммал кори мо қатъ гардид. Баъдан бо кўмаки дўсти азизам оғои доктор Гўё ва Шамси Ибодӣ (доктор Гўё муассиси Конуни байналмилалии рушди ҳунари Афғонистон дар Маскав буд. Феълан ин вазифа ба ўҳдаи ман гузошта шудааст ва оғои Шамси Ибодӣ дар Олмон ҳастанд) ба наворгирии ин филмро мо ба охир расондем. Ва дубляж ва монтажи филмро дар Афғонистон, дар Кобул анҷом додем. Проблемаи умдаи ман ба ҳайси раиси Иттиҳодияи синамогарони Афғонистон ин аст, ки мўҳлати визаи ман дар Русия хатм шудааст ва ман натавонистам, ки визаи тоза бигирам то биравам ба Русия ва филми худро нашр кунам. Чанд бор ба вазорати иттилоот ва фарҳанги

Афғонистон мурочиат кардам, онҳо мактубе доданд ба вазорати хоричаи Афғонистон. Чун органи мо як иттиҳодияи ғайридавлатӣ ҳаст, вазорати хоричаи Афғонистон мегӯяд, ки чун шумо коргари давлат нестед, наметавонед аз пеши мо мактуб гиред. Дар ҳоле, ки синамогарони Афғонистон дар як интихобот бо 99 фисад раъй маро интихоб карданд. Умедвор ҳастам, ки дар оянда ин проблем ҳал мешавад.

**Мо низ боварӣ дорем. Вале ҳоло мехостам Шумо дар бораи интихоби ҳунарпешаҳои ин филм чанд сухан мегуфтед.**

Воқеан, дар санъати филмсозӣ муҳимтарин ҳарф аввал навиштани сенориёст ва дуввум костинг аст, яъне хоста гирифтан ва ё интихоби ҳунарпешагон аст. Ман хушбахт будам, ки дар Тоҷикистон мардум бисёр алоқаманди Аҳмад Зоҳир ҳастанд. Ду нафар аз актиёрҳои машҳури Афғонистон дар Тоҷикистон муҳоҷир буданд. Яке ба номи Валӣ Талош, ки дар филм нақши бобо Шува-ро кор кард, дуввум Ҳумоюни Пойиз, ки нақши Малангро дар ин филм бозидааст. Касе, ки нақши асосиро дар филм бозидааст, шахсест бо номи Ғулом Ҷелонии Ҷӯшон, ки аз Амрико омад ва шабоҳате ба Аҳмад Зоҳир дорад. Актрисаҳо бошанд қариб ҳамашон аз Тоҷикистон буданд. Маҳиначон, Дилоромҷон ва нақшеро ҳам Меҳриниссо бозӣ кардааст, нақши модарро. Онҳо бо Аҳмад Зоҳир шинос будаанд ва якҷо суруд хондаанд. Духтарашон Парвиначон низ нақш бозӣ кардаанд. Мунира Раҳимова наттоқи телевизиони Тоҷикистон нақши наттоқи телевизиони Афғонистонро бозидааст. Филмбардори ман ҳам Зикриё Исроилов бисёр зиёд одами пурҳавсала ва аз кораш бисёр розӣ ҳастам. Нурпардози ман оғои Фахриддин Камолов, ки вай ҳам дар қалби ман ҷой дорад. Ҳамаи персонали техникии мо аз Тоҷикистон буд. Мо комраи Алекс-3-ро аз «Тоҷикфилм» гирифтем. Чеҳраҳоеро, ки ман хостам аз мардуми Тоҷикистон, ки дар филм нақш бозӣ кунанд, бисёр ошиқона бозӣ карданд. Сайидҷон Пиров як нақшро бозӣ кард, нақши тадрисоти

вазорати маорифи давлати шоҳии Афғонистонро. Феълан Сайидҷон Пиров муовини раиси кумитаи радио ва телевизион аст. Бародарашон оғои Раҷабалӣ як нақш бозӣ карданд, нақши бобо Гулбоза, ки рафиқи Аҳмад Зоҳир буд. Дар Русия низ як қатор актрисаҳои русӣ дар ин филм нақш бозидаанд. Пули ман як зарра зиёд масраф шуд, ба хотири он ки сари онҳоро ҳар рӯз ранг мекарданд. Барои ин 50 доллар медодем. Чеҳраҳошонро тағйир медодем. Ба ҳар шакл ман аз ҳамкорӣ бо персонали «Тоҷикфилм» хело хурсанд ҳастам. Ҳамин қадар муҳаббат карданд, ки ман то охири умр фаромӯш карда наметавонам. Орзуманд ҳастам, ки вақте, ки филми Аҳмад Зоҳир омода шавад, яке аз корҳои муҳиме, ки ман мехоҳам бикунам, як гурӯҳи 10-12 нафараи синамогарони Афғонистон меравем ба шаҳри Душанбе филмро дар ҳамон ҷо ифтитоҳ мекунем. Ба хайр, халқи тоҷик бубинад, ки муҳаббате, ки ба Аҳмад Зоҳир доранд ва ба ҳайати филмбардорҳо доштанд, подоше дар пай доштааст.

**Филм чанд вақтро дар бар мегирад ва чанд сухане дар бораи сужаи он мегуфтед?**

То ҷое, ки мо монтаж кардем, филм ду соату шаш дақиқаро дар бар мегирад. Дар ин филм тақрибан бист оҳанги Аҳмад Зоҳир тавре меравад, ки мукаммал не. Баъзе оҳангҳо ду банди аввалаш меравад, баъзе оҳангҳо як банд ва панҷ-шаш оҳангаш мукаммал меравад. Тамоми мусиқии филм аз Аҳмад Зоҳир аст. Дар лобалои оҳангҳояш қиссаҳои Аҳмад Зоҳир меравад. Масалан вақте, ки таронаи «Бӯи ту хезад ҳанӯз, бӯи ту аз бистарам»-ро мехонад, дар тахайюл меравад, ки хонумаш аз ӯ чи гуна бо фарзандаш ҷудо мешаванд, мераванд. Вақте, ки Аҳмад Зоҳир аз зиндон озод мешавад, болои қабри модар меравад, ва таронаи «Ай Худо, модари ман боз ба ман деҳ» хонда мешавад. Баъдан оҳанги «Бинозам қалби покат модари ман»-ро дар саҳна мехонад. Ин лаҳза дар саҳнаи театри Аҳоруни Тоҷикистон, паҳлӯи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба навор гирифта шуд. Хонумҳои афғонӣ ва зиёдтар тоҷикӣ омада буданд барои

ширкат кардан дар наворгирии филм. Гиряҳоеро, ки шумо дар ин лаҳзаи филм аз сӯи занҳо мебинед, сохтагӣ набуд, тамсил набуд. Ҳамагӣ воқеан аз дили худ гиря мекарданд. Ва ман ба филмбардори худ мегуфтам: «Тезтар ҳамин хонума бигир, тезтар бигир». Баъд дигар тараф мерафтем. Дар ҳама кунҷи толор ҳама хонумҳо мегиристанд, ҳамин саҳна дар филм бисёр ҳаяҷоновар аст. Бояд бигӯям, ки ман ба ҳайси коргардон дар оғоз барои онҳо ташреҳ кардам, ки Аҳмад Зоҳир баъди чандин сол аз зиндон халос шуда, барои модаре, ки дар набудани ӯ вафот кардааст, суруд мехонад. Ҳамин чанд сухани ман хонумҳоро ба эҳсос овард. Вақте, ки лаҳзаи наворбардорӣ шурӯъ шуд, хонумҳо аксаран гиря мекарданд. Бо камраи синамо мушкил аст наворбардорӣ. Бо диҷитоли видеоӣ мумкин аст ин корро тез анҷом дод. Вале бо камераи синамоӣ ин корро ба тезӣ анҷом додан хеле мушкил аст. Ана дар ҳамин ҷо филмбардори ман бисёр чобукӣ кард ва чизҳоеро , ки ман мехостам, гирифт.

Ман тамоми қиссаҳои Аҳмад Зоҳирро ба филм нағунҷонидам зеро ин хеле мушкил аст. Агар ин корро мо бикунем, сериол сохта мешавад.

**-Оё Шумо Аҳмад Зоҳирро худатон шахсан мешинохтед?**

-Бале, ман Аҳмад Зоҳирро шахсан мешинохтам. Салому алейк доштем. Ман ва Аҳмад Зоҳир дар як мактаб дар лисаи Ҳабибия мехондем. Лекин онҳо панҷ сол пештар хатм карданд лисаро. Ман синфи ҳафт будам, ки онҳо синфи дувоздаҳро хатм карданд.

**Пас гуфтан мумкин аст, ки Шумо шоҳиди рӯи саҳнаи овозхонӣ омадани Аҳмад Зоҳир низ мебошед, чунки аввалин таронаҳояшро ӯ дар саҳнаи лисаи Ҳабибия хондааст.**

Бале, бале. Ман хушбахтона, ба хотир дорам, ки бачаи бисёр ҷавон будам, ҳудуди 13-14 сола будам, ки Аҳмад Зоҳир лисаи Ҳабибия дар рӯи стеж ба хотири рӯзи Сарамёш (Салиби Сурх) таронахонӣ кард. Ва мо он рӯз як намоиши кӯчаке тайёр карда будем, ки баъди

таронахонии Аҳмад Зоҳир онро дар ҳамон стеж намоиш додем. Баъдан дар радио ва телевизион якдигарро зиёд медидем. Аҳмад Зоҳир одами оддӣ набуд. Аввал як ҳунарманд буд, дуввум писари як Садри Аъзам буд, саввум дасти хайр дошт, мардумдор буд, ҳамеша мехост ба ниёзмандон кӯмак бикунад. Ҳамеша мехост дасти хайраш дароз бошад. Зиёдтари консертҳош фақат ба хотири манфиати омма буд. Консерт медод ба хотири саводомӯзӣ, ба нафъи саводомӯзон. Ҳатто ман дар филм ҳам овардаам, ки яке аз дӯстонаш эътироз мекунад, ки охир бояд ғами худашро бихӯрад, чаро ин қадар барои мардум консерт медиҳад. Ва билохира аз забони як мистарӣ мешунавад, ки мегӯяд: «Шумо Аҳмад Зоҳирро хуб нашинохтаед. Аҳмад Зоҳир ана ҳамин тавр дасти хайр дорад, ки Худо ба ӯ додааст. Яъне овози хуб дорад, бачаи Садри Аъзам аст, мардум дӯсташ доранд. Воқеан, ин дурӯғ нест. Аҳмад Зоҳир ҳамеша ба ниёзмандон пинҳонӣ кӯмак мекард. Қиссаҳое вуҷуд дорад, ки як хонум даво мехарид ва пул надошт ва дар давофурӯшӣ Аҳмад Зоҳир аз ҷайби худ пул бахраш медиҳад. Қиссаҳои дигар ҳам дар ин мавзӯъ вуҷуд доранд. Аҳмад Зоҳир як гуле буд, ки шукуфту дар ҷавонӣ пар-пар шуд. Ҳамеша ёдаш ва хотироташ дар тамоми дунё ҳаст.

**Аз наздикони Аҳмад Зоҳир аз фарзандон ва завҷаҳои ӯ касе вокунише нишон дод дар робита бо ба навор гирифтани ин филм?**

Аз шаҳри Воронеж телефон кардум ба хонаи Фахрия, худро муаррифӣ кардам. Онҳо лутф карданд ва гуфтанд, ки шуморо мешиносем. Ман ҳадафи худро ба онҳо гуфтам, ки тасмими сохтани як филмро дорам дар бораи Аҳмад Зоҳир. Дар аввал онҳо вархатои он шуданд, ки ҷузъиёти зиндагиномаи Аҳмад Зоҳирро пеш меорем. Барои ҳамин гуфтанд, ки писараш Рашодҷон 30 сола шудаст, духтараш Шабнам 21 сола шудаст. Падари худро фаромӯш карданд ва боз дубора азобҳои рӯҳӣ мекашанд. Ман барояшон гуфтам, хоҳарҷон, мо мехоҳем Аҳмад

Зоҳирро зинда бисозем. Мо дар масоили хонаводагӣ дахолат намекунем. Мо зиндагонии иҷтимоии Аҳмад Зоҳирро тасвир мекунем. Дар иҷтимоъ ӯ чӣ гуна одам буд. Сари шахсиятҳои бузурги таърихӣ филмҳо сохта мешавад. Ин вазифаи фарҳангиҳо ҳаст, ки ҳунарманди миллии худро ёдбуд бикунанд. Ё ба тасвир, ё ба симпозиюм, ё бо навишта, ё бо шеър, ё бо наср, ё бо театр. Шахсияти миллии худро бояд ёд бикунанд. Ва мо билохира масъулияти инро дорем, ки вазифаи худро иҷро намоем. Мо ба хотири бизнес ин корро намекунем. Вақте, ки ман хостам ин филмро бисозам, аз ман пурсиданд оғои Ҳайдарӣ, чанд ҳаққулзаҳма мехоҳӣ. Ман ба онҳо гуфтам, ки ба хотири Аҳмад Зоҳир ҳеҷ пул намехоҳам. Аслан пул намехоҳам, мехоҳам ба хотири Аҳмад Зоҳир ин хизматро бикунам. Маҳфиле, ки дирӯз дар ҳутали Интеркантинетал овозхони ҷавон Забеҳуллоҳи Ҷавонмард ташкил дод, ба хотири бизнес набуд. Ҳамагӣ пул масраф карданд, ба хотири Аҳмад Зоҳир. Бовар кунед, ки имрӯз дар ҳудуди болотар аз 200 ҳазор доллар масрафи мо шуда ба хотири ҳамин филм. Шояд ин филм оид бикунад ё накунад. Вале ман мехоҳам, ки ба хотири ғояҳои Аҳмад Зоҳир вақте, ки филмро ба тамошо мегузорем, даромади онро ба нафъи яке аз муассисаҳои ниёзманди кӯмак, масалан атфоли Ватанамон сарф намоем.

**Образҳое, ки дар филм оварда шудаанд, дар ҳаёт прототипҳои худро доранд? Масалан, оё Маланг гуфтанӣ шахсе буд, ки дар зиндагӣ бо Аҳмад Зоҳир мулоқотҳо доштааст?**

Бо номи Маланг не, вале як одами рӯҳонӣ дар зиндагӣ дӯсти Аҳмад Зоҳир буд. То ҷое, ки ман шунидаам, Аҳмад Зоҳир ба он одам бисёр ихлос доштааст. Вале ба хотири зебоии филм, зебоии кор, мо як малангеро, ки маланги самоъ ҳаст ва ошиқона овози Аҳмад Зоҳирро дӯст дорад, дар филм ҷой додем. Ва ин маланг аз ҳеҷ кас пул намегирад. Фақат Аҳмад Зоҳир дар ҳар ҷое, ки ин малангро бинад, ба ӯ пул медиҳад. Маланг даст мекашад сари Аҳмад Зоҳир ва дуо мекунад. Дар ҷайби маланг

ҳамеша як кассетаи Аҳмад Зоҳир аст. Ҳар ҷое, ки чашмаш дар бозор ба магнитафон меафтад, кассетро медиҳад, ки ҳаминро мон ва худаш дар рақси самоъ меафтад. Ва аввалин оҳанги Аҳмад Зоҳир, ки дар филм садо медиҳад таронаи «Ман ғуломи қамарам ғайри қамар ҳеҷ магӯ» мебошад. Маланг вақте, ки дар порки шаҳр ин таронаро мешунавад ба тарафи офтоб менигарад ва меравад ба рақси самоъ. Дар тӯли ҳамин оҳанг ҳамин маланг дар рақси самоъ ҳаст. Нақши Малангро ҳунарманди шинохтаи мо Ҳумоюни Пойиз хеле зебо ва муваффақона офаридааст. Инчунин дар зиндагии Аҳмад Зоҳир бобо Шова ном шахсе буд. Ӯ як умр барои калоншавандаҳои шаҳр панир мебурд. Барои Аҳмад Зоҳир бошад, танҳо шабҳои ҷумъа панир меовард. Аҳмад Зоҳир ин одамро бисёр дӯст медошт. Аҳмад Зоҳир дар зиндагӣ бисёр дӯстҳои наздик дошт, масалан Самади Дор-Дор, Абдуллоҳ, Довуд. Бо Довуд шӯхиҳои зиёде мекард, боз Ҳашматхон аз ҷумлаи дӯстони наздикаш буданд. Вале ман нахостам ҳамаи инҳоро дар филм ҷой бидиҳам. Танҳо чанд нафари онҳоро бо шумули навозандаҳош тасвир кардам. Агар одам бихоҳад, ки Аҳмад Зоҳирро мукаммал нишон бидиҳад, ҳаддиақал бояд як сериоли иборат аз 20 филми якунимсоатӣ ҷӯр кунад.

**Чаро номи қаблии филм «Офтоби беғуруб»- ро ба «Аҳмад Зоҳир-алмоси Шарқ» табдил додед?**

Дар ҳақиқат номи сенориёи худро дар аввал ман «Офтоби беғуруб» монда будам. Ва «Офтоби беғуруб» номи хубе ҳам ҳаст. Баъд машваратҳое расид барои ман аз дӯстон аз тариқи эмел, телефонӣ, ки Аҳмад Зоҳир лақаби алмоси Шаркро дар Эрон гирифта буд. Шоҳаншоҳи Эрон Ризо Паҳлавӣ дар он вақт гуфта буд, ки Аҳмад Зоҳир алмоси Шарқ аст. Биёед филмро «Аҳмад Зоҳир – алмоси Шарқ» ном гузорем. Баъд ман дидам, ки назариёти дӯстон ин қадар зиёд шуд, ки билохира розӣ шудам. Ҳақиқатан ҳам Аҳмад Зоҳир алмоси Шарқ аст!

**Зиндагӣ, 2005, 28 июл.**

# ҲОРУНИ РОЪУН:
# *«ФАРҲАНГИ МО НА МУШТАРАК, БАЛКИ ЯК АСТ!»*

---

***Ахиран дар ҳаёти фарҳангии кишварамон се рӯйдоди фараҳманде ба вуқӯъ пайвастааст, ки баргузории онҳо бо як ном - номи Ҳоруни Роъун шоири афғонистонии муқими пойтахти Тоҷикистон иртибот дорад. Аввалан бояд гуфт, ки маҷмӯаи тозаи ашъори дар ин солҳои охир навиштаи ӯ таҳти унвони «Обистани ғуруб» ба табъ расидааст. Сониян ӯ дар ҳамкорӣ бо шоири тавонои тоҷик устод Низом Қосим бо номи «Як сарзамин муҳаббат» намунаи ашъори 150 шоири сад соли охири Афғонистонро бо овардани акс ва шарҳи ҳолашон пешкаши мухлисони адабиёт кардааст. Саввум рӯйдоди фараҳафзои фарҳангӣ ин дастраси алоқамандони ҳунари мусиқӣ гардидани албоми тозаи Ҳунарманди шоистаи ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Фозилов «Набзи дил» мебошад, ки онро ҳамчун намунаи ҳамкории як овозхони тоҷик бо як шоири афғонистонӣ метавон арзёбӣ кард. Аз 12 таронае, ки дар ин албом сабт гардидааст, 8 таронаи он бар матни ашъори Ҳоруни Роъун эҷод шудаанд.***

***Инак Ҳоруни Роъун баъди 13 соли зиндагонӣ дар Тоҷикистон озими Канада ҳаст. Мехоҳад зиндагонии хешро он ҷо идома бидиҳад. Чаро ба Афғонистон, ба зодгоҳаш барнамегардад? Аз Тоҷикистон чӣ хотироте бо худ хоҳад дошт? Ва боз бисёр чизҳои дигари ҷолибро метавонед, шумо хонандаи азиз, аз мусоҳибаи Султони Ҳамад бо Ҳоруни Роъун, ки махсус барои «Зиндагӣ» омода кардааст, пайдо кунед.***

**-Ҳорунҷон, Роъун ном аст ё тахаллус ва чӣ маънӣ дорад?**

-Роъун тахаллуси шоирии ман аст, ки онро модарам ҳанӯз дар нӯҳсолагиам бароям додааст. Дар луғати Деҳхудо ин калимаи арабӣ ба ду маъно омадааст. Яке ба маънои «саркаш» ва дигаре ба маънои «шубон», аниқтараш ҷамъи ин калима, яъне шубонҳо. Фикр мекунам модарам маънои аввали ин калимаро бештар ба ҳисоб гирифта ин номро ба ман додааст.

**-Акнун, ки маънои Роъунро фаҳмидем, мехоҳам шарҳи ҳоли Роъунро аз забони худи ӯ бишнавем.**

-Ман дар 21 ҷавзои 1350-и хуршедӣ, ки баробар аст ба 10 июни соли 1972 дар Дарахти Шинги Кобул дида ба дунё кушодам. Таҳсилоти ибтидоӣ ва мутавасситаро дар зодгоҳам ба поён расондам. Баъди хатми мактаби мутавассита ба хизмати Ватан, ду сола ба сарбозӣ даъват шудам. Дар хатми хизмати аскарӣ будам, ки режими Наҷибуллоҳ ба дасти муҷоҳиддин суқут кард. Будани мо дар Афғонистон барои мо мушкил эҷод мекард, чун мо қишри рӯшан будем. Қишри рӯшани ҷомеаро оҳиста-оҳиста террор мекарданд. Падару модари ман ҳангоми табдили режим дар як сафари хизматӣ дар Душанбе-пойтахти Тоҷикистон буданд. Ман аз Кобул ба онҳо занг задам, ки дар Тоҷикистон бошанд ва ба Афғонистон барнагарданд. Падари ман ахиран раиси Афғонтул буд. Яъне раҳбари соҳаи мурғпарварӣ. Модарам мудири умумии кӯдакистонҳои Афғонистон. Ахиран дар Мазори Шариф дар мактаби Куди Барқ департаменти забони дариро раҳбарӣ мекард. Вақте ба Тоҷикистон омадам хеле орзу доштам, ки таҳсилро такмил бикунам. Вале мутаассифона, чун ягона писари хона будам (се хоҳар дорам) ногузир шудам, ки барои пайдо кардани ризқ ва рӯзӣ саргардон бошам. Як муддат дар ин ҷову он ҷо кор кардам. Ҳатто дар бозорҳо кор кардам, дар корҳое, ки барояшон қомилан сохта нашуда будам. Ва билохира як Анҷумани фарҳангиро дар Тоҷикистон, ки аввалин

Анҷумани афғонистониҳо дар ин кишвар буд, бо номи Анҷумани посдорони_фарҳанги Ориёно бо устод Зиёулҳақи Ҳофизӣ ва Исмоили Хуросонпур, ки яке аз шуарои хуби ҷавони мо дар кишвари Конода ҳаст, созмондиҳӣ кардем. Анҷуман як нашрия дошт бо номи «Фарҳанги «Ориёно». Дар ҳайати таҳририя, аз ҷумлаи олимони тоҷик устод Муҳаммадҷон Шукуров буданд. Ин нашрия таваҷҷӯҳи оламиёнро ба худ ҷалб кард. Анҷумани фарҳангии Ориёно ин як фарёди фарҳангӣ буд ба хотири хомӯш сохтани ҷанг дар ватани мо. Баъдан дар радиои «Салом, ҳамватан», ки барномаҳояш барои Афғонистон буд, кор кардам. Дар телевизиони «Пойтахт»-и Тоҷикистони низ дар як ҳафта як соат барнома доштем. Як нашрияи дигаре бо номи «Ҷавонон» доштам, ки аз сӯи як кумитаи норвежӣ маблағгузорӣ мешуд. Тақрибан 6-7 шумораи он ба табъ расид. Феълан дар телевизиони «Тулӯъ» кор мекунам. Раҳбари дафтари намояндагии ин телевизион дар Тоҷикистон ҳастам. Марзи мавҷуда миёни давлатҳои мо ин марзи сунъӣ аст. Фарҳанги мо марз надорад. Хуни мо марз надорад. Ҳадафи ман ҳамчун корманди телевизиони «Тулӯъ» ин аст, ки ҳарчи бештар якдигарро бишносем ва бишносонем.Фарҳанги мо на муштарак, балки як ҳаст.

**-Шумо ба ҳайси ходими телевизиони «Тулӯъ» дар 6-7 моҳе, ки дар Тоҷикистон фаъолият доред, чӣ корҳоро анҷом додед?**

-Дар қадами нахуст ба хотире, ки мо таваҷҷӯҳи мардуми Афғонистонро ба барномаҳои худ, ки яке «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва дигаре «Пардаҳои роз» ном доранд, ҷалб намоем, аввал аз муаррифии ҳунармандон шурӯъ кардем. Аз хонум Манижа, Аз Сироҷиддини Фозил, устод Ҷӯрабек Назриев.

**-Ин барномаҳо дар шакли мусоҳиба бо ин ҳунармандон мерафт?**

-Бале, ман бо эшон мусоҳиба мекардам. Таронаҳояшонро, ки дар DVD ё CD сабт шуда буданд,

мефиристодам ва он ҷо баъд онҳоро монтаж мекарданд. Дар рафти мусоҳиба таронаҳои онҳо садо медоданд.

Бояд бароятон бигӯям, ки Афғонистон хеле зери таъсири мусиқии Ҳиндустон буд ва ҳаст. Дар зарфи 6-7 моҳи фаъолият дар ин телевизион ман беш аз 15 нафар ҳунармандони маъруфи Тоҷикистонро барои тамошочиёни Афғонистон муаррифӣ кардам. Баъди ин намоишҳо таваҷҷӯҳи бинандагони телевизиони «Тулӯъ» ба хонандаҳои тоҷикистонӣ хеле зиёд шуд. Сабаб ин, ки мусиқии Тоҷикистон ин мусиқии мо ҳаст. Мусиқии Тоҷикистон реша дар асолати мо дорад. Баъдан ман сӯҳбати устод Аскар Ҳакимро нашр кардам. Сипас намоише дар бораи Мавлоно Яқуби Чархӣ, ки яке аз орифони бузурги қарни чордаҳ буда аз Лугари Афғонистон ҳасту мазораш дар ноҳияи Рӯдакии Тоҷикистон мебошад, таҳия кардам. Баъдан намоишҳое ҳам аз вилояти бостонии Суғд, аз Хуҷанд дар бораи шоирони маҳбуб Фарзона ва Толиби Озарахш, ҳунармандони мусиқии ин вилоят омода сохтам. То ҳол аз телевизиони «Тулӯъ» тақрибан чил барномаи мо рафта ва қариб 20 намоиши дигар омодаи пахш аст. Дар рӯзҳои наздик ният дорам, ки ба водии Зарафшон ба зодгоҳи Одамушшуарро устод Рӯдакӣ, Туғрали ширинсухан, шодравон Лоиқ Шералӣ сафар намуда аз он ҷо гузоришҳое таҳия намоям.

**-Мардуми Афғонистон ин гузоришҳои шуморо чи гуна қабул карданд?**

-Бояд бигӯям, ки вокунишҳо хеле гуногун буданд. Баъзеҳо баъди шунидани суханрониҳои шоирону ҳунармандони тоҷикӣ ҳатто бо тааҷҷуб мегуфтанд, ки чи аҷиб аст, ки тоҷикҳои Тоҷикистон ҳам мисли мо ҳарф мезананд. Идаъи дигар, ки каме зиёдтар иттилоъ доштанд, аз шеърхонии шоирон ва таронахонии овозхонҳои тоҷикистонӣ ба ваҷд меомаданд. Дар ин 6-7 моҳ ҳаводорон ва алоқамандони ҳунари мусиқии Тоҷикистон дар Афғонистон ба маротиб хеле афзуд.

**-Телевизиони «Тулӯъ» -ро тамоми мардуми Афғонистон тамошо мекунанд?**

-Барномаҳои ин телевизионро, ки дар як шабонарӯз 24 соат асосан бо забони дарӣ пахш мешаванд, тавассути антенаҳои моҳвораӣ метавон дар аксари нуқоти олам дарёфт намуд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон ҳам нафарҳои зиёде онро тамошо мекунанд.

**-Тибқи баъзе маълумотҳо шумо як сайти интернетие низ эҷод кардаед, ки ҳадафи он таблиғу тарғиби шоирони тоҷик аст. Оё ин ҳақиқат аст?**

-Бале. Ҳадафи ман ин аст, ки нишонаи арзи эҳтиром ба ин сарзамин то метавонам Тоҷикистонро ба дунё муаррифӣ бикунам. Чун дар Тоҷикистон расмулхати сирилик ҳаст ва китобҳо бо ин хат чоп мешаванд, барои форсизабонҳое, ки хориҷ аз Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, он чи, ки дар ин ҷо нашр мешавад, дастнорас мемонад. Махсусан, онҳо аз навигариҳои адабу фарҳанги Тоҷикистон бенасиб мемонанд. Бинобар ин ман дувуним сол пеш як сайти интернетие, ки адресаш www.shoiront.persian.blog.com. ҳаст, боз кардам. Дар хориҷ мардум аслан маводҳои хонданӣ ва шуниданиро бештар аз Интернет мегиранд. Аввалин бор ман чизеро, ки дар ин сайти интернетӣ мондам ин шеъри «Забони модарӣ»-и устод Мӯъмин Қаноат буд. Ба ман номаҳои зиёде омад, ки дар онҳо муаллифонашон аз ин кори мо изҳори миннатдорӣ мекарданд. Ҳамин тариқ ман шоирони тоҷикро яке паси дигаре барои онҳое, ки расмулхати форсиро медонанд ва дастрасӣ ба интернет доранд, муаррифӣ мекардам ва ин кор ҳанӯзам идома дорад.

**-Ва дар муаррифии шоирони афғонистонӣ барои ҳаводорони шеър дар Тоҷикистон низ саҳм гирифтаед?**

-Бале, чанде пеш китоберо бо номи «Як сарзамин муҳаббат», ки намунаи шеъри сад соли ахири Афғонистон аст, дар ҳамкорӣ бо шоири ширинкаломи тоҷик устод Низом Қосим ба нашр расондем. Дар ин тазкираи шуарои

Афғонистони муосир намунаи ашъори 150 шоир ҷамъоварӣ шудааст. Ҳаводорони шеър аз ин маҷмӯъа бори аввал ба эҷодиёти шоирони барояшон то ба ҳол номаълум шинос хоҳанд шуд.

**-Ва ҳам намунаи шеъри шоирони барояшон шинос, аз ҷумла Ҳоруни Роъун низ дар ин маҷмӯа дарҷ шудааст. Лутфан шумо дар бораи Ҳоруни Роъун ҳамчун шоир чизе мегуфтед, дар бораи ашъори худ?**

-Хизмати шумо бояд арз кунам, ки то имрӯз шаш маҷмӯаи ашъори ман ба нашр расидааст. Китоби аввал « Бебоғбон» ва маҷмӯаи дуввуми ман «Бирка дар оташ» ном доранд. Бирка ба маъно кӯл. Ин маҷмӯаҳо ҳам бо расмулхати форсӣ ва ҳам бо хати сирилик ба табъ расиданд. Устод Мӯъмин Қаноъат барои маҷмӯаи дуввуми ман сарсухани бисёр самимӣ навишта буданд. Маҷмӯаҳои саввум ва чорум баъди суқути ҳукумати Толибон дар Кобул чоп шуд. Яке бо номи «Қаламрави мӯҳраҳо» ва дигаре бо номи «Агар дубора наойӣ», ки ашъори ошиқонаи ман буд. «Қаламрави мӯҳраҳо» дар мавзӯи иҷтимоӣ баҳс мекунад. Маҷмӯаи панҷум зери номи «Муборакбод», ки дар он шеърҳои табрикии ман ҷо шудаанд, дар Тоҷикистон бо расмулхати сирилик ба чоп расид. Маҷмӯаи шашум, ки «Обистани ғуруб» ном дорад, бо кӯмаки овозхони маъруфи тоҷик Ҳунарманди шоистаи ҷумҳурӣ Сироҷиддин Фозилов, чанд рӯз пеш ба нашр расид.

**-Тибқи баъзе маълумотҳо шоирӣ барои Ҳоруни Роъун як навъ пешаи меросӣ ба шумор меравад. Ин фикр то кадом андоза саҳеҳ аст?**

-Дуруст аст. Мирзо Ато Муҳаммадхони Ҳасрат падаркалони падаркалонам, шоири хуб будааст. Фарзанди ӯ Муҳаммаднабии Мафтун низ чун шоири маъруф шинохта шудааст. Писари он кас Муҳаммад Исмоили Мулзим, ки падари модарам ҳаст, яъне бобои ман, низ шоири соҳибдевон ҳастанд. Модарам Карима Мулзими Пуркор низ шеър менависанд ва маҷмӯаи

шеърҳояш чанде пеш ба нашр расид. Бародари модарам Осифи Улфат, ки феълан дар Тахор зиндагӣ мекунад, шоири хеле хуб аст ва ин шеъраш хеле машҳур аст:

***Мо, хуб касеро, ки бувад, бад нанависем,***
***Болотар аз он чиз, ки бошад, нанависем.***
***Хармӯҳраи ноқобили ҳар бегуҳареро,***
***Фирӯзаву алмосу забарҷад нанависем.***
***Бозори сухан гарчи касод аст дар ин шаҳр,***
***Мо низ сухан баҳри даромад нанависем.***

**-Шумо ба ҳайси шоири таронасоро бо овозхонҳои тоҷикистонӣ ҳамкорӣ доред. Ин ҳамкориҳо кай шурӯъ шуданд? Нахустин бор кӣ аз овозхонҳо шеърҳои шуморо ба оҳанг даровард? Дар ин бора чанд сухан бигӯед?**

-Вақте, ки маҷмӯаи «Бирка дар оташ» чоп шуд, он дастраси баъзе овозхонҳои тоҷик гардид. Тахминан чор сол пеш бори аввал аз радио шунидам, ки овозхони болаёқат Садриддин Наҷмиддин як шеъри маро, «**Саҷда кунам ба поят, ҷону танам фидоят»**-ро бисёр хуб мехонад. Баъдан Садриддин шеъри дигарам **«Имшаб, ки лабат бо лаби ман лаб ба лаб уфтод»-** ро хонд. Ҳамин таронаро Сӯҳроби Маҳмуд бо оҳанги дигар хонд. Баъдан Зикри Аллоҳ шеъри «Нигорҷон»-ро ба оҳанг даровард. Пасонтар ӯ ба шеъри «Ранҷамро дар қалбам месозам зиндонӣ» оҳанг баст. Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Қурбоналӣ Раҳмонов чанд дубайтии маро дар қолаби оҳанге хондааст. Рустам Тиллоев як ҳунарманди ҷавон низ чанд шеъри маро ба оҳанг даровардa мехонад. Ҳамин тавр овозхонҳои зиёде таронаҳои маро мехонанд. Бо Манижа Давлатова низ ҳамкорӣ дорам. Шабнами Сурайё ду шеъри маро мехонад. Вале ҳамкории танго танги ман бо Сироҷиддин Фозил сурат гирифт.Ӯ 11 шеъри маро ҳамчун тарона мехонад. Албоми ахири Сироҷиддин Фозил «Набзи дил» аксаран таронаҳои маро дар бар мегирад. Сироҷиддин Фозил яке аз хубтарин ҳунарманди Тоҷикистон аст, ки ҳам болои саноеи ҳунарӣ ҳоким аст,

ҳам овози хубу форам,  ҳам зарофатҳои ҳунарӣ ва ҳам маърифати хуб дорад . Умед аст, ки дар албоми нави Садриддин Начмиддин  низ таронаҳои нави ман ҷо бигиранд.

**-Матни таронаи «Модар» -ро, чи тавре ки аз сӯҳбат бо Сироҷиддин Фозилов фаҳмидам, бо хоҳиши ӯ шумо навиштаед. Мехостам дар бораи чӣ гуна навишта шудани ин шеър бештар маълумот медодед?**

-Соли гузашта тахминан як ҳафта қабл аз Рӯзи байналмиллалии занон, Сироҷиддин Фозилов пеши ман омаду оҳангеро пешниҳод намуд ва хоҳиш кард, ки ба он матне нависам, ки дар васфи модар бошад. Зеро онҳо 7-8 нафар овозхонҳои шинохта тасмим гирифтаанд, ки таронаеро дар васфи модар дастаҷамъӣ то рӯзи иди занҳо омода созанд. Рости гап, ин пешниҳод бароям хуш омад. Ман ҳам модарамро, ки дар Олмон зиндагӣ мекунад, хеле ҳам ёд кардам ва бинобар ин он шеърро худи ҳамон шаб навиштам ва рӯзи дигар  ба Сироҷиддин додам. Хеле хушбахтам, ки ҳашт нафар овозхони варзидаи тоҷик ин таронаро бо як оҳанги хеле хуб, ки эҷоди худи Сироҷиддин аст, бо як меҳру муҳаббат ва самимияти баланд мехонанд.

**-Мехостам дар бораи як иборай як таронаи дигари Сироҷиддин, ки матни он ҳам моли шумост, маълумот бидиҳед. Таронаи «Таран  таран  таронӣ»? Ин ибора чӣ маънӣ дорад?**

-Дар Қуръони Маҷид омадааст. «**Лан – таронӣ»,** яъне диданро нафий мекунад. Дар ин ҷо маънои таран таран таронӣ, яъне маро бубинӣ мебошад.

**Ба ҳарими ҷон биёӣ, ки таран таран таронӣ.**

Яъне  шоир таъкид мекунад, ки вақте ба ҳарими ҷон омадӣ, маро ҳатман бубинӣ.

**-Аз овозхонҳои Афғонистон бо кӣ ҳамкорӣ доред?**

-Пеш аз ҳама бо Аҳмад Ҷаводҷони Каримӣ, ки ҳам оҳангсози хуб аст ва ҳам овозхон. Бо овозхонҳои ҷавони Афғонистон Нақиби Некон, Фариди Нола низ ҳамкорӣ

дорам. Шомаҳмуди Наврӯзӣ яке аз оҳангсозони хеле маъруфи Афғонистон боре ба ман гуфтанд, ки бештар аз 20 шеъри маро оҳанг бастанд.

**-Оё худи шумо овозхонӣ мекунед?**

-Ба назарам, ман ҳатто аз худи ҳунармандони овозхон мусиқиро, овозхониро бештар дӯст дорам. Аммо худам намехонам. Шояд овозам хуб нест.

**-Ҳорунҷон, тибқи баъзе хабарҳо ахирҳои моҳи феврали соли ҷорӣ шумо аз Тоҷикистон ба Ватан, яъне ба Афғонистон не, балки ба Канада барои иқомати доимӣ меравед. Оё ин дуруст аст?**

-Бале, дуруст аст.

**-Вале чаро охир ба Афғонистон не?**

-Бояд гуфт замоне, ки мо аз Афғонистон муҳоҷир шудем, хонаву дари хешро фурӯхта будем. Феълан дар он ҷо хона надорем. Дар Кобул имрӯз қиммати манзил хеле гарон аст. Ҳатто маблағи кирояи хонаҳо ва ҳавлиҳо хеле баланд аст, аз 400-500 доллар то 50 ҳазор доллар дар як моҳ. Хонаводаи мо чунин сармояро ҳеҷ вақте надошт ва гумон аст, ки бо он шуғле, ки ман дорам, ба ин наздикиҳо соҳиби чунин сармоя шавем. Аз ин рӯ ба пешниҳоди кишвари Конодо, ки омодааст, бархе аз афғонҳои муқими Тоҷикистонро ба ҳайси паноҳанда дар кишвари худ бипазирад ва бо манзилу ҷои кор ва ҳатто дар давоми як сол бо маводи ғизоӣ таъмин намояд, розӣ шудам. Чизи дигаре, ки маро барои рафтан ба Конодо моил кард, ин қонунҳои он кишвар аст, ки дар зарфи якчанд сол касб кардани мақоми шаҳрвандии он давлатро таъмин мекунад. Он кореро, ки бисёр мехостам дар Тоҷикистон нисбати ман ба вуқӯъ бипайвандад, вале мутаассифона, дар муддати 13-сол он амалӣ нагашт. Дар инҷо ҳам қонунҳои Тоҷикистон иҷозат медиҳанд, ки як табааи кишвари бегона баъди гузашти чанд соли иқомат ин ҷо ҳуқуқи гирифтани мақоми шаҳрвандии ин кишварро дарёфт кунад. Ба хусус агар ӯ мисли ман бо як шаҳрванди ин кишвар издивоҷ карда бошад. Ман дувоздаҳ сол

муқаддам бо як духтараке аз Душанбе расман издивоҷ кардам. Писари калонии мо Бежанҷон акнун дар синфи чор мехонад. Духтарчаамон Каришмаҷон 6 сол дорад. Дар ин муддат борҳо кӯшиш кардам, ки мақоми шаҳрванди Тоҷикистонро ба даст орам. Вале мутаассифона, ноком мондам. Тоҷироне, ки дар се-чор соли ахир аз Афғонистон омаданд, пул, ки доштанд, мақоми шаҳрванди Тоҷикистонро бо суҳулат касб карданд.

**-Пас гуфтан мумкин аст аз Тоҷикистон шумо бо як хотираи на чандон хуше озими Канада мешавед?**

-На, на, ҳаргиз, ҳаргиз. Тоҷикистон барои ман Ватани дуюм аст. Тоҷикистонро ман аз ҷонам бештар дӯст дорам. Меҳри Тоҷикистонро аз қалби ман ҳеҷ қуввае ва амале наметавонад берун кунад, ҳатто баъзе беинсофӣ ва хилофкориҳои мансабдорони алоҳидаи он низ. Дар куҷое, ки бошам алоқаамро аз Тоҷикистон канда нахоҳам кард. Муҳаббати хешро ба Тоҷикистони азиз ман дар як шеърам чунин баён кардаам:

***Тоҷикистон, дӯстат дорам,***
***Ай гулистон, булбулистон,***
***Ай дилистон, дӯстат дорам,***
***Мулки хуршедиву кӯҳистону об,***
***Равшан аз ишқӣ, дурахшон аз вафо.***
***Сарбаланду устувориву муқовим дар набард,***
***Софқалбиву зулоли иффатӣ.***
***Аз ҳавову оби ту сармасту саршорам,***
***Тоҷикистон, дӯстат дорам…***

**-Ташаккур барои ин сӯҳбати самимӣ. Ҳамеша дар зиндагӣ комёб бошед.**

-Ташаккур. Шумо ҳам.

**Зиндагӣ, 2006, 16-феврал**

# АБДУҶАББОР РАҲМОНОВ:
# *«БА МАҲАЛГАРОӢ ДАР МАОРИФ ХОТИМА ХОҲЕМ ГУЗОШТ»*

***Мусоҳибаи хабарнигори «Чархи гардун» Султони Ҳамад бо вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Абдуҷаббор Раҳмонов мавзӯи роҳҳои баланд бардоштани мартаба ва мавқеи муаллимони мактабҳои таҳсилоти ҳамагониро дар партави мулоқоти ахири Президенти кишвар мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов бо кормандони маориф ба баррасӣ гирифтааст.***

**- Аз мулоқоти ахири мӯҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов бо кормандони соҳаи маориф беш аз се моҳ гузашт. Яке аз дастурҳои роҳбари давлат ба масъулини соҳаи маориф ва ҳукумати кишвар ин буд, ки мақому манзалат ва обрӯю эътибореро, ки як вақтҳо муаллим дар ҷомеа дошт, барқарор ва ба пояи боз ҳам баландтар бардоштан зарур аст. Дар ин самти муҳими фаъолияти соҳаи маориф чӣ корҳое дар ин муддат анҷом пазируфтанд ва боз чӣ гуна корҳоро бояд анҷом дод?**

**-** Дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар (22.12.2006) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Э. Ш. Раҳмонов қайд намуданд, ки «Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯзӣ яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар яки моро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷӯҳи хоса ва масъулияти баланд муносибат намоем. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф вобаста мебошад». Иҷрои ин вазифаҳо пеш аз ҳама ба тайёрии касбии омӯзгорон, муносибати

онҳо бо хонанда ва мактаб вобастааст.

Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳавасманд гардонидани кормандони соҳаи омӯзгорӣ пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Муқаррар кардани имтиёзҳо барои омӯзгорону устодони муассисаҳои таълимӣ, кормандони мақомоти идораи давлатии маориф, 13 маротиба баланд бардоштани сатҳи маоши кормандони соҳаи маориф аз қабили онҳоанд.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли равон, таҳти рақами 1716 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани музди меҳнати ақкал, маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия» аз 1 апрели соли 2006 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф 40 фоиз баланд бардошта шуд. Ҳамзамон музди меҳнати мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ба музди меҳнати омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ баробар карда шуд. Бо пешниҳоди Вазорати маориф номутаносибӣ дар ҳаҷми маоши кормандони Академияи илмҳои педагогӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми маоши омӯзгорон ва маоши вазифавии директорони мактабҳо, мактаб-интернатҳо, литсею гимназияҳо, хонаҳои кӯдакон, роҳбарони муассисаҳои томактабӣ ва муовинони ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бартараф карда шуда 50 фоиз зиёд гардид.

Андозаи стипендияи Президентӣ, стипендияи аспирантҳо 40 фоиз ва стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ 50 фоиз зиёд карда шуд. Чунин ғамхорӣ кормандони соҳаи маорифро дилгарм ва муносибати онҳоро нисбат ба иҷрои вазифаи касбиашон дигар менамояд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони соҳаи маориф 5 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кадоме 2.0 ҳазор долларӣ таъсис дода шуда, бо он омӯзгорону устодони

муассисаҳои таълимӣ, олимони варзидаи соҳа, кормандони идора ва шӯъбаҳои маориф, ки дар панҷсоли охир комёбиҳои назаррас ба даст овардаанд, сарфароз гардонида мешаванд.

Аз номи аҳли маориф барои чунин иқдоми нек нисбат ба аҳли кормандони соҳаи маориф аз Президенти кишвар Э.Ш.Раҳмонов сипосгузорем.

Ҳоло боз як Лоиҳаи дигари қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳои иловагӣ ба мутахассисони ҷавони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои се сол» таҳия гардидааст. Қабули чунин қарор аз он бармеояд, ки мутахассисони ҷавон баъди хатми муассисаи олии касбӣ собиқаи корӣ ва дараҷаи тахассусӣ надошта ҳаҷми маоши ҳар моҳаи онҳо аз дигар омӯзгорон хело кам аст. Ба ғайр аз муқаррар намудани музди иловагӣ, боз ҷудо кардани қитъаи замин ва кредити имтиёзнок барои сохтмони манзил ва ташкили хоҷагии ёрирасон муайян шудааст. Чунин дастгирӣ имкон медиҳад, шумораи ҳозиршавии мутахассисони ҷавонро ба ҷои роххатгирифта зиёд намояд.

Хушбахтона, сарварони маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо нисбат ба донишҷӯён, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тибқи квотаи Президентӣ ва роҳхати Ҳукуматҳои маҳаллӣ таҳсил мекунанд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамоянд. Барои онҳо стипендияҳои иловагӣ муқаррар кардаанд. Оид ба беҳтар шудани шароити зисти онҳо ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Мо барои чунин иқдоми нек ба Раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои Рашт, Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ менамоем.

**- Чи тавре, ки дар ин мулоқот таъкид гардид, камбуди нарасидани муаллимони соҳибмаълумот дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ як мушкили соҳаи маориф аст. Дар айни замон бархе аз хатмкардагони мактабҳои олии педагогӣ аз рафтан ба мактабҳо ва кор дар он ҷо иҷтиноб**

**меварзанд. Барои ислоҳи ин вазъият чӣ гуна корҳое ба иҷро расиданд ва боз чӣ гуна корҳоро анҷом доданиед?**

- Оре, нарасидани омӯзгорон яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳаи маориф ба шумор меравад. Соли 1995 дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ 13.0 ҳазор нафар омӯзгорон намерасид. Зеро дар давоми солҳои 1992-1995 зиёда аз 20 ҳазор нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба аз ҷумҳурӣ кӯч бастанд. Қисми дигар ба душвориҳои иқтисодӣ тоб оварда натавониста, бозорнишиниро ихтиёр карданд.

Дар ин давра муассисаҳои миёна ва олии касбиро зиёда аз 100 ҳазор нафар мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ хатм кардаанд, аммо аз нисф зиёди онҳо ба ҷои роҳхатгирифта ҳозир нашуданд.

Сабаби ба ҷойи кор ҳозир нашудани мутахассисони ҷавонро дар сатҳи пасти маош, набудани шароити мусоиди кору истироҳат маънидод мекунанд. Бешубҳа, инҳо яке аз омилҳои ҳалталабанд. Ба андешаи мо гап дар дигар ҷой аст. Аз мулоқот бо донишҷӯён ва устодону омӯзгорони муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ пай бурдем, ки қисми зиёда онҳое, ки касби омӯзгориро интихоб кардаанд, шавқу рағбат, қобилияти педагогӣ надоранд. Танҳо барои аз хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳ халос хӯрдан ин касбро интихоб карданд. Сатҳи дониши онҳо хело ва хело паст аст. Аксари кулли онҳо шахсоне ҳастанд, ки мактаби таҳсилоти умумиро ба зӯр бо баҳои се хатм кардаанд. Аз ин рӯ Вазорати маориф тасмим гирифтааст сифати таълиму тарбия, сатҳи дониши донишомӯзонро дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ баланд бардорад. Ҳамаи 9 ҳазор нафар омӯзгорони маълумоти педагогӣ надоштаро ба муассисаҳои олии касбӣ ҷалб намояд. Дар муассисаҳои олии касбӣ мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ аз рӯи 2-3 фанни таълимӣ тайёр карда шаванд. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии олӣ дар асоси шартномаи се тарафа байни муқомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ-муассисаи

таълимӣ –донишҷӯ ба роҳ монда шавад.

Чунин тарзи тайёр кардани мутахассисон имкон медиҳад, мутахассисоне, ки аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ таҳсил кардаанд, ба ноҳияи худ баргарданд. Дар мавриди ба кор нарафтан, маблағи барои таҳсили ӯ сарфшуда баргардонида мешавад. Дигар ин ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» баъди дар ҷои роҳхат гирифта се сол аз рӯи ихтисос кор кардан ба мутахассисони ҷавон диплом дода мешавад.

**- Мавсими навбатии барои кор ба хориҷ аз кишвар рафтани муҳоҷирон ҳамин рӯзҳо дар марҳилаи авҷи худ қарор дорад. Тибқи баъзе хабарҳо дар байни ин гурӯҳ афроде низ ҳастанд, ки ихтисоси муаллимӣ доранд. Яъне мутахассисоне ҳастанд, ки худамон ба онҳо зарурат дорем. Чӣ бояд кард, ки на танҳо инҳоро аз даст надиҳем, балки он муаллимони соҳибмаълумотеро, ки солҳои пеш ба мардикорӣ рафтаанд, баргардонем?**

- Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ бо иқтидори пурраашон фаъолият доранд. Соли таҳсили ҷорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зиёда аз 9.0 ҳазор нафар омӯзгорон намерасад. Ба замми ин ҳар сол шумораи хонандагон 20-25 ҳазор нафар меафзояд, ки ин қариб ҳазор синфро ташкил медиҳад. То соли 2015 шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба 2 млн. 350 ҳазор нафар мерасад ва эҳтиёҷ ба омӯзгорон боз ҳам меафзояд. Оид ба ҷойҳои холӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳар сари вақт ба мақомотҳои маҳаллии Шуғли аҳолӣ маълумот пешниҳод карда мешавад ва дар ярмаркаи ҷойҳои холӣ ба шаҳрвандон маълумот дода мешавад. Мутаассифона, шумораи хоҳишмандон хело кам аст. Аз дигар тараф онҳое, ки чандин сол аз касби худ дур шудаанд, аз надонистани усулҳои нави таълим меҳаросанд. Мо тайёрем дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дониш, маҳорат ва малакаи онҳоро сайқал диҳем. Кошки баргарданд.

Ҳоло ба сардорони идора ва мудирони шӯъбаҳои

маориф, нашрияҳои омӯзгорӣ дастур дода шудааст, мутобиқи суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф (22.12.2005) корҳои ташвиқотӣ ва тарғиботиро вусъат диҳанд ва баҳри баргардонидани мутахассисони касби омӯзгорӣ карда чораҳои мушаххас андешанд. Ва ин аллакай натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

**- Дар замони шӯравӣ омиле, ки муаллимонро ба фаъолият дар мактабҳои деҳот ҷалб мекард, ин на танҳо маоши баланд, балки инчунин он имтиёзҳое буданд, ки дар ихтиёрашон мугузоштанд. Масалан озод кардан аз андози замин, барқпулӣ ва ғайра. Оё ин чиз риоя мешавад?**

- Муфовиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои худ соли 1995 барои ҳамаи кормандони соҳаи маориф имтиёзҳо (манзили истиқоматӣ, об, гармӣ, барқ маблағи иловагӣ барои хариди рӯзнома ва маҷаллаҳо, маводи методӣ, табобатпулӣ, рухсатии меҳнатии пулакӣ барои табобат) муқаррар намуд. Аз онҳо танҳо истифодаи қувваи барқ бардошта шудааст. Ба замми ин бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20.03.2005) муаллимони мактабҳои деҳот аз андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ озод карда шуданд.

**- Чуноне ки дар мулоқот низ таъкид шуд, яке аз сабабҳои аз кор рафтани кадрҳо ин риоя накардани адлу инсоф дар интихоб ва ҷобаҷогузории онҳо ва инчунин ба маҳалбозиву хешутаборчигӣ роҳ додани роҳбарони баъзе аз сохторҳои соҳаи маориф мебошад. Оё дар ин самт корҳое ба мақсади ислоҳи вазъият анҷом гирифтаанд ва оянда чӣ чораҳое амалӣ мегарданд?**

- Ба ҳамагон маълум аст, ки таи солҳои охир дар кулли ташкилоту идораҳо, муассисаю ташкилотҳо «команда»-ҳо аз ҳисоби намояндагони маҳаллаю хешутабор пурра карда шудаанд ва муассисаҳои таълимӣ ҳам аз ин истисно нестанд.

Дар як қатор идора ва шӯъбаҳои маориф танҳо намояндагони як минтақа фаъолият доранд. Корҳо дар ин самт оғоз ёфтаанд. Мо аллакай ба ҳамаи сарварони муассисаҳои тобеи Вазорат, таълимгоҳҳо дастур додаем. Аз моҳи апрели соли равон аттестатсияи омӯзгорон ва кормандони роҳбарикунандаи соҳаи маориф аз тарафи комиссияи Ҳукуматӣ оғоз мегардад. Он имконият медиҳад мо ба камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта хотима гузорем.

**- Пӯшида нест, ки қисми зиёди мутахассисони соҳаи маорифи кишвар, ба хусус муаллимон, мактабҳои олиро солҳои пеш аз Истиқлол хатм кардаанд. Даврони соҳибистиқлолӣ вижагиҳои худро дорад, аз ҷумла дар соҳаи маориф. Ин нукта ва боз он, ки соҳаи педагогика бо дарназардошти талаботи рӯз дар баъзе кишварҳои мутараққӣ рушд кардааст, зарурати такмили ихтисоси муаллимон масъалаи актуалӣ шудааст. Оё ба ин фикр мувофиқ ҳастед ва дар ин мавзӯъ чӣ метавонед бигӯед?**

**-** Бале, мутафаккире гуфтааст: «Омӯзгор то ҳамон вақт – омӯзгор аст, ки меомӯзад». Касби педагогӣ аз омӯзгору устод маҳорати баланди касбӣ, дониши мукаммали илмӣ-методиро талаб мекунад. Ӯ бояд дар синф чун дирижёр ва чун актёр фаъолият намояд. Барои аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаи душвор, вале фахрӣ баромадан омӯзгор бояд аз болои худ пайваста кор кунад. Чун қоида баъди ҳар як панҷ сол аз курсҳои баланд бардории такмили ихтисос гузорад. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ин масъала пурра ҳалли худро ёфта буд. Синфхона ва лабораторияҳои донишкадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва минтақавии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф дар давоми сол аз шунавандагон пур буданд. Заминаи пуриқтидори моддӣ-техникӣ ва кадрӣ доштанд.

Донишкадаи марказии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф шароитҳои хуби таълимӣ ва истироҳатӣ дошт. Аз рӯи график омӯзгорон дар вақташ ба курсҳо ҳозир мешуданд. Дар хобгоҳи замонавӣ истиқомат мекарданд. Ҳар сол аз рӯи меъёр 20 фоизи кормандони

омӯзгорӣ аз курсу семинарҳо мегузаштанд.

Мутаассифона, ҳоло мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ба курсҳо сафарбар кардани омӯзгорон маблағ ҷудо намекунанд. Донишкадаи марказии такмили ихтисоси кормандони соҳа хобгоҳ надорад. Чунин ҳолат дар Марказҳои такмили ихтисоси омӯзгорони вилоятҳо низ ҷой дорад.

Ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда Вазорати маориф ин масъалаи муҳимро аз мадди назар дур накардааст. Донишкадаҳои такмили ихтисос ва Марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба маҳалҳо рафта курсу семинарҳо мегузаронанд. Дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултаи баланд бардории ихтисоси устодони мактабҳои олӣ ва дар назди Донишгоҳи славянии Русия-Тоҷикистон курсҳои такмили ихтисоси муаллимони забони русии мактабҳои таҳсилоти умумӣ амал мекунад.

Барои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи информатсионӣ аз Марказҳои компютерии донишгоҳу донишкадаҳо, Литсей-интернатҳои муштараки тоҷикию туркӣ истифода бурда мешавад.

Ба замми ҳамаи ин тибқи Созишномаҳои байнидавлатӣ ҳар сол то 50 нафар омӯзгорону устодон ба курсҳои баландбардории ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ ба давлатҳои хориҷӣ фиристонида мешаванд.

Ҳоло мо масъалаи ба тобеъияти Вазорат баргардонидани бинои хобгоҳи Донишкадаи марказии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фароҳам овардани таҳсилу истироҳати шунавандагон ва ҷудо намудани маблағҳо барои сафарҳои хизматии шунавандагони курсҳоро баррасӣ карда истодаем. Ва ҳалли ин ва дигар масъалаҳо имконият фароҳам меоваранд, то ки мо сатҳи касбии омӯзгоронро баланд бардорем.

**Чархи гардун, 2006, 21 апрел.**

# МУНДАРИЧА

Ба ҷои сарсухан........................................................... 3

**1. Мавзӯъҳои сиёсӣ**

*Иброҳим Усмонов:* «Як тараф соҳиби сулҳ шуда наметавонад»................................................................ 8
Оташнишонҳои ҷанг........................................................ 24
*Амирқул Азимов:*«Ман супориши Президентро иҷро кардам!» ..........................................................29
*Давлати Усмон:*«Қиссаи Қуръони Елтсин, зиндони Дӯстум, сӯҳбати Мулло Умар бо мухолифин»................ 43
*Зафар Икромов:* «Гаравгонгирии Ризвон ва munoқиша бо Мирзо Зиёев»...............................................................78
*Муҳаммадалӣ Ҳаит:* «Иштибоҳоти Давлати Усмон, гурӯҳи сӯхторнишон ва шикаст додани ҳамлаи Маҳмуд»................................................................... 112
*Саид Абдуллоҳи Нурӣ:* «Рисолати зиёиён ҳифз кардани амонати ниёгон аст»...........................................................134
*Муҳиддин Кабирӣ:* «Бояд сабабҳои пайдоиши терроризмро аз байн бубарем»....................................... 147
*Рашид Ғанӣ Абдулло:* «Омилҳои сар задани ҷанги дохилӣ ва сабабҳои ба ҳалли мусолиматомез розӣ шудани ҷонибҳои даргир дар Тоҷикистон».................................. 156
Афзоиши фоҳишагарӣ дар байни ноболиғону наврасон..168
Аз Панҷшер то Париж....................................................175
Розҳои пирӯзӣ ва идомаи муқовимати Афғонистон.......184
*Муҳаммадюнуси Қонунӣ*: «Ҳадафи мо суқут додани низом нест»................................................................... 190
*Доктор Абдулло:* «Ман дарси сиёсатро аз Масъуд омӯхтам»................................................................199
*Масъуда Ҷалол:* «Зан низ метавонад раиси ҷумҳур шавад»................................................................204
*Олег Панфилов*: «Ман шиносномаи тоҷикӣ дорам».......209

## 2. Фарҳанг, ҳунар ва адабиёт

*Ҳамид Мир*: «Қалами журналист зӯртар аст
аз бомбаи террорист»........................................................216
*Чингиз Айтматов:* «Дуруд ба дӯстони тоҷикам»........... 222
*Кристоф де Понфили:*«Забони тоҷикӣ бароям наздику
ширин аст»..........................................................................228
Филмбардори Аҳмадшоҳи Масъуд - шуҷоътарин
филмбардори ҷаҳон.........................................................235
*Бозор Собир:* «Дар ғурбат таронаҳои Саттор, Одинаи
Ҳошим ва… худамро гӯш мекардам»............................244
Хоку хокистари ҷанг.........................................................252
*Ҷавоншери Ҳайдарӣ:* «Аҳмад Зоҳир-алмоси шарқ»-ро
аввал тоҷикистониён хоҳанд дид!»..................................261
*Ҳоруни Роъун:* «Фарҳанги мо на муштарак,
балки як аст!».................................................................. 271
*Абдуҷаббор Раҳмонов:* «Ба маҳалгароӣ дар маориф
хотима хоҳем гузошт»........................................................281

**Султони Ҳамад**

# ДАР СӮҲБАТИ СОҲИБДИЛОН

Тарроҳи компютер Фаридулло Исматулло

Ба матбаа 15.09.2007 супорида шуд. Ба чоп 20.09.2007
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 18,2. Адади нашр 700 нусха. Супориши № 135.

ҶДММ «Анҷумани Деваштич»
ш. Душанбе, х. «Дӯстии халқҳо», 47
Тел: 223-56-66, 227-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com

ISBN 978-99947-56-11-7
9 789994 756117





